Гулрухсор Сафиева Роман «Сакарот» Душанбн 2009 г.

Г У Л Р У Х С О Р

---

# С А К А Р О Т

*Р о м а н*

Душанбе
«Эр-граф»

2009

**ББК 84 тоҷик**
**Г-76**

***Романи «САКАРОТ» бо ҳиммати Неъмат Раҷаб, ҳамсари муаллиф ва ҳамдастии созмони «OPEN ASIA» ( Порис) ба чоп расидааст.***

**Гулрухсор. Сакарот.** Роман. Чопи аввал.
– Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – 398 саҳ.

Оқибат ба поёни асаре, ки 18 соли умрам сарфи навиштанаш шуд, се нуқта гузоштам. Кор гӯиё дар болои романи «Сакарот» ба поён расид, аммо андешаи онро офаридан оғозу анҷом надорад.

Заҳмати чандинсола дар иншо намудани ин асари мушкилэҷод исбот кард, ки дар ифшои асрори асорату озодӣ, муҳаббату нафрат, зиштиву зебоӣ, сиёҳу сафед, сеҳру эъҷоз, розу ниёз, ваҳшату даҳшат..., адабиёт аз зиндагӣ ба масофаи байни замину осмон дур афтодааст...

Наққош: *Азизи Раҷабиён*

Муҳаррир: *Анзурати Маликзод*

ISBN 978-99947-42-24-0

© Гулрухсор, 2009

***Рама чӯпонро интихоб намекунад.***

# 1

Дар табиат ҳеч чиз роҳу равиши азалии худро дигар накарда буд. Чун миллионҳо сол пеш аз ин шамсу қамар якдигарро иваз намуда, дар гардиши ҷовидона рӯз шабро, шаб рӯзро нерӯи офаридан дошт.

Ҳамчунон сайёра дар гирди меҳвари хеш давр зада, набзи гардишҳои дигарро қудрати тапиш мебахшид. Чашмасорон рӯдхонаҳоро меофариданд ва рӯдборон ҳамчунон таронахон ҷорӣ буданд. Бодҳо ҳамчунон гарду чангро ба ҳаво бардошта, гирди сари замин мечархиданд.

Гулҳо барои хазон шудан мешукуфтанд, сабзаҳо барои дубора хок шудан аз хок неш мезаданд, дарахтон сӯйи гардун гардан афрохта, месабзиданд, то ки оқибат рост истода бимиранд. Дар як ҷой борони сел мебориду рӯдборон маҷрояшро тарк мекард, дар ҷойи дигар замин аз ташнагӣ месӯхт.

Мурғакон бо шитоби як фасли кӯтоҳи парвоз таронаи мурғонаи хешро ба чӯҷаҳо меомӯзонданд, шоҳпаракҳо барои як лаҳза болу пари атласии хешро ба тамошо гузошта, арғуштравон ишқ меварзиданд.

Занон ҳамчунон тухми одамизодро нӯҳ моҳу нӯҳ рӯзу нӯҳ соату нӯҳ дақиқаву нӯҳ сония дар заҳдони зиндагиофарашон месабзониданду тифли озод меофариданд, то ки асираш созанд, хунашро бирезанд, ҷонашро бигиранд, зоду бунё-

дашро бисӯзонанд…

Табиат ҳамчунон бо қонунҳои азалияш чун миллион сол бар ҷой буд, ба истисnои мулке аҷоибулғароибу миллате нестандарҷаҳон. Дар ин ҷо зилзила – арғушти бахт, раъд – қаҳ-қаҳаи тифлон, барқ – оташи дидаи ошиқ, барф-гулхани сӯзон, хазон-баҳори гулафшон, асорат-озодӣ, пастӣ – баландӣ, аблаҳ-оқил, тарсу – таҳамтан, марг-зиндагӣ… ном дошт.

Дар ин сарзамин ҳама чиз баръакси офаридаҳои Офаридгор аст: Ҳаёту мамотро низ як ному як маънист. Парандагон ба номаш парвоз мекунанд, чарандагон ба номаш мечаранд, моҳиён исмаш дар забони безабонӣ рӯйи товаҳои тафсон бирён мешаванд… Ҳама ӯст! Нобиноёнро дидаи бино, маслуқонро пойи равон, лолҳоро забони гӯё, ношунавоёнро гӯши шунавост. МАЛИК !

Мардум бо номи ӯ хатти сарнавишти хешро ва табиатро таҳрир намуда, ба дарахти себ каду пайванд месозанд, рӯйи санги хоро пунба мекоранд, морро бо фил, булбулро бо ақраб, говро бо тимсоҳ васл месозанд, ҷеранҳоро ахта мекунанду боркаш, ба пушти оҳувон зин мезананд, аз шер рӯбоҳ, аз паланг шағол насл мегиранд…

Ин ҳама эҷоду эъҷоз маҳз барои хуш сохтани табъи латифи як нафар аст. Ҳамон як нафаре, ки мардум боре бо шухӣ ё ҷиддӣ, дар мастӣ ё ҳушёрӣ, балки дар ҳолати таб доштани мағзи сар

хоста-нохоста пешбару пешво, роҳбару роҳнамои хеш пазируфта, ҳаёту мамоташро ба ӯ бахшидааст.

Ӯро дар ҳар давру замону забон ҳар ному унвон аст: малик, шоҳ, подшоҳ, шаҳаншоҳ, султон, мир, амир, ҳоким, олимақом, олампаноҳ, оличаноб, пешво, пешбар, раҳнамо, аълоҳазрат, сар, саркарда, сарвар, раҳбар, раҳнамо...

Бо доштани ин ҳама номи фаровон номдори беном аст. Садҳо унвону нишон дорад, аммо ном надорад. Аз замоне, ки ба лӯъбатаки бозигари рӯйи тахтаи шоҳмоти сиёсат табдил ёфтааст, номи бо умед модар барояш интихоб кардаву фариштагон ба гӯшаш азон гуфтаро, гум кардааст.

На ном дорад, на забон. Забонашро баёни нигоҳ иваз кардааст. Нигоҳи муҳоботи қудрату часорати пуч, намоишгари неруи чоҳу гоҳу силоҳ. Бо нигоҳ дӯст медорад, бад мебинад, ҳукм мекунад. Бо мардуми лол бо забони нигоҳ гуфтугӯ мекунад. Айбу гуноҳи будаву набудаи халқро бо нигоҳ мебахшад ё намебахшад. Ҳусну қубҳи оммаро бо забони нигоҳ мебинад, намебинад. Дирӯзу фардои мардумро дар мушти оҳанини нигоҳ бераҳмона мефишорад. Ачаб лаззате дорад, дидани нигоҳи ҳақиронаи тӯдаи барои назиста зистан ба дунё омада...

Симову лиқояш низ дар ҳар давру замон ҳар ранг аст. Дар ҳар гӯшаи дунё, дар ҳар қарн, бо ҳар шаклу шамоил падидор мегардад. Ҳар аккосу наққош симову сураташро дар ҳар давру замон

ба тариқи худ, аз дидгоҳи хеш аккосиву тасвир мекунад.

Ҳар қадар мулкаш пасмондаву халқаш муфлису ҳақир бошад, ҳамон қадар сураташ сер, симояш мағрур, нигоҳаш осмонбӯс аст.

Дар як шабонарӯз бистучаҳор соат беист манаҳ мезанад, аммо гуфтаашро на худаш мефаҳмад, на дигарон, зеро аз вақти ба тахт нишастану тоҷ бар сар ниҳодан забони модарияшро низ гум кардааст.

Тахтутоҷбахшон аввал забонашро гирифтанд, сипас имону номӯсашро, то оқибат ҷонашро бигиранд, то ки дар дами сакароти мавт, лаҳзаи баробаршавии шоҳу гадо, натавонад аз зиндагии ҷазову умри барҳадараш бо нафаси вопасин ноlише сар бидиҳаду бимирад.

Дил надорад, дилдор дорад, осор надорад, озор дорад, ҷондору дастёру ёвари бешумор дорад, аммо ёру ғамгусору ғуссабарор надорад.

Ишқро нафс мефаҳмад, зеро ба ҷуз худ касеро дӯст намедорад.

Маҳбаси дидагонаш равзан надорад. Нуру зиё дилашро сиёҳ мекунад. Бардаву ғулом, ҷоҳилу қотилро мепарастад. Сояи шахсияти озодаву фозилро аз devори бешахсиятии хеш метарошад.

Мазори аъмолаш пур аз тобуту ҷанозаву гӯри шахсиятҳост.

Офаранда офаридаи хеш, ин лӯъбатаки аз ишқу умеди хеш офаридаро санамвор мепарастад, зеро дар симои ӯ зишту дурушт, макру риё,

пайкараи нобуд, гузаштаи бебозгашту оядаи наояндаи худро дӯст медорад. То беҳол шудану аз пой афтодан навозишу ниёишаш мекунад, то ки оқибат зери кафши даридаашон ба хок яксонаш созад.

Омма худро ихтиёрӣ ба барраи қурбонӣ табдил додааст, ба баррае, ки пайваста дар дами теғи тези ишқ қарор дорад. Ин барраи қурбонӣ барои гурги азизи хеш ҳар дам мемираду аз нав зинда мешавад, зеро хушбахтии худро дар ин азоби ширин дарёфтааст.

Дар мулки малики миллатофарида набояд дарду ҳасрат, пиру барҷомонда, ятиму бечора, дорову нодор, нестиву фано вуҷуд дошта бошад. Аз гӯристону мазористон, мақбараву обида низ нишоне набояд ҷуст, зеро халқи ҳашардӯст ҳамакаса бунёди таърихи худро ба хок яксон намуда, болои ҳафт қабат ҷумҷумаву устухони ниёгон барои як нафар қаср барпо кардааст.

Катҳои оростаи бемористонҳои ба фароғатгоҳ монанд низ ороставу холиянд. Дар сояи шаҳпари ҳумои бахт зиста, беҳадафу худсарона пажмурдану мурдан хиёнат аст. Ин ҷо мурдаҳо мурдаашонро аз зиндаҳо, зиндаҳо зиндаашонро аз мурдаҳо пинҳон медоранд.

Ин мулк як кӯча дорад: аз гили халқ то дили малик. Ҳангоми аз ин ҷода убур кардан зинҳор сӯйи похсадеворҳои фарсудаву валангор гардани кунҷковӣ маёзонед, зеро ҳар ҷо деворест, он ҷо асрорест.

Паси ин деворҳои баланди якрӯйя нақшунигору ороёфта хасу хошоки ҷамъият ниҳон аст, бо вазифаву масъулияти муҳим: бо зиштиву бадрӯйӣ ва муфлисиву бечорагии хеш ҷамоли ҷамъияти сарчинро хушҷило ҷилва додану азамату шукӯҳ бахшидан.

Онон низ ошиқанд. Ишқ аст, ки зиштии ин хасу хошокро ба зебоӣ табдил додааст. Гоҳе дар авҷи зуҳури ишқ зиштии дидахароши хешро ба тамошо мегузоранд.

Дар чунин маврид ба фарқашон мушти ҳушёркунанда мекӯбанд, то киву чӣ буданашонро фаромӯш накунанд. Ҷоизаи эшон аз ишқи сӯзон ҳамин мушти сангин хоҳад буд.

Халқ аз офаридаи худ тарсиданро дӯст медорад, тарсу ҳаросро хуш дорад, зеро зиндагии бидуни биму ҳарос барояш маънӣ надорад.

Аз малики маликон тарсиданро бо ҷону ҷигараш хостгор аст. Хоса, аз муҳоботу салоботаш, ки худ атояш кардаанд, сахт тарсиданро дӯст медорад ва ин ҳароси таҳқиркунандаро ишқ меномад.

Маъниву мантиқи ҳастии тӯдаҳо дар чашидани заҳри тарсида зистан, тарсида дӯст доштану тарсида мурдан аст.

Омма эҷодкор аст, эҷодкори хастагинопазир, офаридгори золиму қотили худ, эҷодкори аз қудрати ободгариву харобкории офаридаи хеш бехабар.

Пайваста эҷод мекунад, то хароб созад, то ха-

робаш созанд:монанди барқе, ки дарахтони сабзро ба оташ кашида, кундаҳои сиёҳро дар ҷангали сӯхта ба пайкараҳои беназири зангӣ табдил медиҳад.

Монанди тӯфоне, ки дар соҳил барои як лаҳза, қасри регӣ бунёд мекунад, то ҳамоно харобаш созад.

Монанди бороне, ки оҳанги софӣ, савти покиву растохезро дар пардаҳои асбоби ношиноси мусиқӣ меофарад...

Ӯро оқибат офаридааш, чунон ки худ офаридаашро, бе ҳич гуна афсӯсу дареғ маҳв хоҳад кард.Офаридгоре, ки аз дасти офаридааш ба фано мерасад, аз худ гилае дораду аз ёр надорад.

Омма ба касе, ки монанди худаш хоксору сода аст, нафрат дорад.Маликро барои тарсондани хеш, барои як умр тарсону ларзон дар паноҳи сояи хӯсаи худофаридааш зиста назистан офаридааст, зеро бидуни офаридаи ноқиси худ комил буданро намедонад.

Мабодо ба ангушти оличаноб хоре халад, дар ҷону дилу чашми худ неши найзаву наштарро эҳсос намуда, ҳамоно аз ширинии дард гурӯҳ-гурӯҳ хоҳанд мурд.

Агар Мункару Накир дар он дунё эшонро пурсанд, ки аз кадом дарди қотил олами равшанро чунин хонахезу шитобзадаву бачабардӯш тарк кардаанд, ҳич кас дарди қотили худ, гузашта аз он сабаби ҳалокаташро надонаду натавонад гуфт.

Ин халқ зиндагии гузаронашро зери чархи даввор бо ишқи худсохт аст сипарӣ намуда, шукронаи бахти набуда дар лаб оламро тарк хоҳад кард.

Барои қурбониёни ишқ касе нахоҳад гирист, зеро ҳама қурбониянд. Қурбониён намегирянд, зеро шарти адаб хомӯшона қурбон шудан аст.

Шумораи қурбониён низ бешумор аст, зеро зинҳор нафаре аз миллион дар шумор набуду нест.

Ишқ ишқ аст, шарҳу баён надорад. Хоса, ишқи як миллат ба як нафар.

Ин халқ аз он худу зоту бунёдашро ихтиёран ба таҳқир додааст, ки ягона ганҷи дар замири дил ниҳон, ишқи чун офтоб сӯзони худро, на ба падару модар, на ба зоту бунёд, на ба ояндаи наоянда, танҳо ба як лӯъбатаки барои дилхушии худ сохтаву бар фарқи сар нишондааш, омиёнаву хушбахтона нисор бикунад.

Пеши рӯҳияи бегазанди ин мардум марг кайҳо ба маргаш розист. Бечораи Худо намедонад худро ба дори гардани баланди кадоме аз ин мардуми хушбахт биовезад.

***Содагии фарде хандаовар,***
***содалавҳии миллате фоҷиабор аст.***

***2***

Дар остонаи ҷашн ихтироъкориву лӯъбатакбозии ҷашнсоз ба авҷи аъло расид. Уммати дар маркази таҷрибаҳо қарор ёфта, ки якумр дастёри беминнаташ буд, бо ҳунарнамоии худ ҳунари коргардонро тобишу ҷилои тоза медод. Макру фиреб мастона даф мезад, фирефтагон аз нӯги панҷа то фарқи сар зери ин садои хунро батаҳрик оварандаву майнаро гиҷкунанда ларзидаву рақсида, ҳунарнамоӣ мекарданд.

Дар ҳич куҷо ба рӯзгори фиребо чунин эътиқоду самимияти хуниву ҷонӣ зоҳир намекарданд. Дар ҳич ҷойи олам чун дар ин фиребистон ба мартабаи дурӯғ ин гуна арҷу эҳтиром намегузоштанд.

Дар ҳич давру замон чун дар ин мулк макру риёву хушомаду чоплусиро чунин устокорона ба манфиати сохтору салтанат корбаст накардаанд. Дар ҳич давру замон илми ҷоду ва чашмбандии сиёсӣ дар пакару лол кардани инсонҳо чунин пурасару корагар набудааст...

Бурди ин мардум дар он буд, ки аз мавҷудияти бахти дигаре огоҳ набуданд, зиндагии дигареро намедонистанд ва донистан низ намехостанд.

Ҷашне, ки Дастгоҳ барои ба намоиш гузоштани қудрати бешикасти худ созмон дода буд, аза-

мату маҳорати мулкдории як сохтори нестандарҷаҳонро ба намоиш гузошта, чун намунаи пучиву пӯсидагии салтанату салтанатдорӣ бо номи як пиракии барҷомонда дарвозаи қарни навро ҳарифона ангушт мезад.

Дастгоҳ ним қарн пештар ба ҷашнорои кунунӣ низ ҳамчун ба пешгузаштагонаш асорати озодиро ато намуда, вазну қимати ин сарҳӯйиро бо мизони заррасанҷ чен мекард.

Ба ӯ низ дар ҳалқаи оҳанини низом мавҷудияти тӯлонии фаъолияти будани набуданро иҷозат фармуда хато накард. Никоҳи сиёсии коргару корфармо самарабахшу мустаҳкаму дарозумр шуд.

* * *

Ба унвони соҳибҷашн барқияҳову номаҳои бешумор мерасид, бо як маъниву мазмун – ишқ. Ин ҳама пайғомҳои оташин, ки ҳарораташон барфро месӯзонд, танҳо як нафар хонанда дошт. Ҳамон як нафаре, ки гӯё пеш аз Одаму Ҳавво ба сайёра роҳхат гирифта буд, то ки пиндору гуфтору рафтори башарро довар бошад.

Ӯро низ дар ҳар забону замон ҳар ном аст, аммо бо як маънӣ: ҷони давлат, набзи салтанат, ойинадори сиёсат, калиди сохтор, такядори шукӯҳу шаҳомат, офаридгору зиндадори тахту тоҷ, бозигар бо сари тӯдаҳо, зодгори шоҳу гадо, дасти гоҳ – Дастгоҳ!

Ӯро наметавон дид, зеро чашми сиёҳи сиёсаташ

ҳамаро пеш аз ҳама, дар ҳама ҷо мебинаду месанҷад. Шаклу симо надорад. Ӯро дар симое наметавон шинохт, зеро сурату симои давру замон, зояндаву қотили дигарон аст. Дар ҳама ҷо ҳастияшро метавон эҳсос кард, ҳатто дар мазор. Дар мазоре, ки аз қурбониёни бегуноҳи аъмолаш пур аст…

Дастгоҳ ҳич гоҳ чунин пуркор набуд. Халқ менавишт, ӯ нахонда мехонд. Хондани номаҳои ҳич кас нанавиштаро бештар хуш дошт. Аз пушта – пушта номаҳо маҳз номаи ҳич кас нанавиштаро интихоб мекард, зеро муаллифу унвону нишону ҳадафи мактуби худаш, барои ӯ қимату асари дигар дошт.

Онҳое низ, ки шабро паси дарҳои махсус сибирона рӯз карда, дар навбати худ ба соҳибҷашн барқияву номаҳои содаву самимии хешро ирсол мекарданд, кам набуданд. Ҳар як сидқан бар он буд, ки соҳибҷашн пеш аз ҳама паёми ӯро дастрас намуда, ишқномаи ӯро аз минбари баланд қироат хоҳад кард.

Сафороёни навбати худро интизор панду ҳикмат ва шиорҳои аз садову симо ба гӯши ҳушашон рехтаро дар дафтари хотираву кафи дасту нӯги панҷаву майна, дар остину доман.., бафурҷа сабт мекарданд, то ки идомаи ин ишқномаро худ эҷод бикунанд.

Паёму пайғомҳои оташини халқ ба малик ниёиши маъшуқ, муноҷоти ишқро мемонд. Ишқ миллатро ба шоиру нависанда, мамлакатро ба

иттиҳодияи нависандагон мубаддал месохт.

Халқ барои қуттии ахлоти бойгонии сиёсат самимонаву ошиқона изҳори ишқ мекард. Дастгоҳи тамошосозу тамошобин ҳоли ошиқонро назоракунон ба ҳоли зору ишқи содаашон тайи дил хандида, аз ҳунари мардумбозиву мардумфиребияш ғолибона менозид.

Ҷашнорову соҳибҷашну тӯда хушбахт буданд. Чун ҳама чиз ҳадд дорад, ҳадду сарҳади хушбахтиву қаноатмандии эшон низ ҳадду андоза дошт. Ин сарҳадро танҳо Дастгоҳ дидаву мушоҳида карда метавонист.

Ҳадду андоза дар ҳама ҷо риоя мешуд, дар рафтору гуфтору нигоҳу ҳаракати мардум. Дар мағз-мағзи матни хараи номаҳои ошиқонаи ҷашнӣ. Мабодо байни сатрҳо шикояте чун курмаке дар хирмани шолӣ менамуд, ҳамоно ба устурлоби заррабини чашми низом бармехӯрд. Фарди ношукрро фаврӣ пайдо намуда, ба ҳафт пушташ қалам ба даст гирифтану шиква карданро тавба мефармуд.

Бозгашти қосидон аз пайғомгоҳ назди хонаводаву хешу табор баргаштани қаҳрамони ғолиб аз сангари доғро мемонд. Пайғомфиристодагон воқеан ғолиб буданд. Оне, ки номаашро намояндаи салтанат пазируфта, ба унвони малик мефиристод, ғолиб ҳисоб мешуд.

Ғолибони бахтхандидаро дар ҳар гӯшаву канори мамлакат аҳли байту хешу табор, ҳамсояву ёру дӯст бо оғӯши бозу иззату эҳтироми хос пеш-

воз гирифта, ба ифтихорашон базми ҷамшедӣ меоростанд. Аҳли базмро низ низом интихоб мекард.

Маъракаи истиқболи қосидон дар ҳама ҷо якранг буда, нусхаи кӯчаки ҷашни бузургро мемонд. Онҳое, ки ба нони дастархони ҷашни бузург дастрасӣ надоштанд, дар маъракаи қосидон хумори ширро бо моҳтоб мешикастанд.

Сухани нахустинро пири маъърака – дастёри низом, оғоз мекард. Ӯ ба дафтарчаи хотирааш, ки китоби қисмати ҳозиронро мемонд, дуру дароз нигариста, бо нигоҳи нусхагир сарубари қосиду ҳозиронро чен намуда, бафурҷа ба дилаш, аниқтар ба дилҳо забон мебахшид:

– Шукри беҳад малики маликонро, ки моро ба зодрӯзи муборaки хеш зиндаву саломат оварда расонданд! Чӣ қадар ошиқони ноком бо ишқи ин рӯзи муборак дунёро падруд гуфтанд. Ёдашон ба хайр, рӯҳашон шод бод! – пири маъракa миёни сухани хешро шикаста дар ҷояш шах шуд.

Ҷамоат бо ёди шаҳидони ишқи малик тирвор аз ҷой ҷаста мехест. Ҳозирон низ ҳамоно ҷойҳои нимгармашонро нимсард карда, сари пой рост мешуданд:

– Шукри беҳад маликро!-нидо сар медод нотиқ

– Ҳазорон шукри малики маликон! – такрор мекарданд ҳозирон бо як овоз.

– Ташаккур! Шинед! – мегуфт суханоро бо шаст ба ҷояш нишаста. Дигарон ба курсӣ поён шуда, сӯяш чашм медӯхтанд:

– Чашми миллат равшан, чашми душман кӯр! – аз дигар мехурӯшид сухангӯи низом. – Ба малик, ба сояи Худо дар замин, мо бандаҳои хокӣ сари таъзим фуруд меорем!

– Сари мо хоки пойи малики маликон бод!

Вақте ки ҷамъияти шиормаст ба чӣ кор гирд омаданашро фаромӯш карда, қосиди фаррухпайро аз ёд мебурд, масъули низом ҷамъиятро аз нав сари ҳол оварда, сӯйи қосид рӯйи ниёз оварда мегуфт:

– Дар байни ҳазорон қосид ғолиб омадани шумо мӯъҷиза аст! Мӯъҷиза муборак бод! Дар ҷойи шумо каси дигар мебуд, бо шунидани ин хушхабар шодикаф мешуд. Ҳо, аз хурсандӣ намурдан осон нест!

– Албатта, осон нест, сухани пирро об медоданд ҳозирон кафи дастҳоро оташ додаву худ оташ гирифта. Қосид даст рӯйи дил таърифи корнамоии худро шунида, аз ифтихору ғурур сурху сафед мешуд.

Ҳарчанд мазмуни паёми ирсолшуда чун даҳ панҷа маълум буд, меҳмонон ҳамдигарро навбат надода, мизбонро суолборон мекарданд:

– Вақте ки ба номи аълоҳазрати ҳумоюн нома менавиштед, дастакатон наларзид?!

– Ҳаҳ, дастакам наларзид-а? Ҳар тори мӯямро ларза гирифт, қасам ба номи малик!

– Худо худакатону дастакатона дар сояи давлати малик нигоҳ дорад!

– Омин!

– Вақте ки барқияро мефиристодед, ҳушакатон нарафт?!

– Ҳушам он тараф истад, чанд дафъа қариб ҷонам барояд!

– Э войеее! Қудрати худовандро бинед, ки боз зинда мондед. Агар махфӣ набошад, ба аълоҳазрат чӣ навиштед?!

– Ин сирри давлатист, қосидро наҷот дода, ба миён медаромад пири маърака.

– Аммо, охир, оё.., оё барқияро худакатон бо ду дасти адаб фиристодед ё.., суолро дар барги табассум печонида, тақдим намекард пурсанда аз ҳаяҷон дам кардаву ба таркидан наздик расида.

Пири маърака маънодор дар мушт месулфид. Ҳозирон гӯшу ҳуш шуда, ҷавоби қосидро бо даҳони бозу чашмони нимроғ шунидан мехостанд.

Суоли суол аз ҷавоби он барояшон муҳимтар буд;

– Ҳаҳ! Чунин кори муҳими давлатиро ба ҳар кас бовар карда мешавад?! – бо виқори хоксорона ҷавобу суолро дар ҳам оварда, посух медод қосид ва якбора симову лиқояш чунон ҷиддӣ мешуд, ки мӯйи бадани ҳозирон сих мезад:

– Бовар кунед, вақте ки номи худро ҳамчун ғолиб аз забони намояндаи миллат шунидам, дилам ба кафи поям часпид. Такрор ҳам шавад, мегӯям, чашмони маргро бо чашмони худ дидам, мехурӯшид қосид.

– Аҳсант, ба дилу ҷигарат!– сано мегуфт ҳозирин.

– Дар ишқи малик мурдан зиндагии зиндагист! Ман зиндагӣ кардан мехоҳам!

– Уyyyy! – зиндаи қосиди дар роҳи ишқ намурдаро овоз андохта, гиря мекарданд ҳозирон.

Маъракаороро вақти зиёд зарур мешуд, ки гирёнҳоро сари ҳол оварда, аз дигар маъракаро ҷамъу гир созад:

– Зинда бод қосиди ба марг ғолиби мо!

Кафзании тӯлонӣ оташи дилҳоро нишонда, масъулро ба идомаи масъулият водор мекард:

– Малики маликон, албатта, барқияи шуморо қадр хоҳанд кард! – риши буда ё набуда, сиёҳ ё сафедашро қабза ё шона кардаву ба нуқтае нигариста, файласуфона нуқтаи назари миллатро аз номи худ баён мекард, пири маърака:

– Хушбахтона, қосиди шумо, яке аз аввалинҳо шуда меваи сабри ғолибиятро чашид!

– Ҳай, ҳай, чӣ меваи ширине! – Тфу, тфу, аз чашми бад ҳазар, тфу! – ба рӯйи ҳозирон оби даҳанашро пош дода, суолашро идома мебахшид соил :-Кай ба шунидани паёми муборaки шумо мушарраф хоҳем шуд?

– Аз рӯйи баъзе маълумот, барқияи мо бояд аввал аз минбар қироъат шавад! – худу дигаронро шодикаф мекард, соҳиби нома.

Аз ин хабари кӯҳна-нав дасту пойи ҳозирон шитала, тану ҷонашон бемадор мешуд.

Қосиди аз майи ифтихор сархуш мағруру пу-

расрор то даме табассумашро ғоз медод, ки тоқати ҳозирон тоқ шуда, имдодхоҳ сӯйи пири маърака назар медӯханд;

– Худовандо, ҳама бандагонро ба муроду мақсадашон бирасонад! Дар қатори дигарон моро ҳам аз дари боргоҳаш ноумеду бенасиб нагардонад.

– Омин! – аз номи ҳама, ба ҷойи ҳама дасти росташро ба дуо, дасти чапашро бо ҷоми пур аз шароб бардошта, орзуву ормони ҳозиронро хулоса мекард пир – мири маърака.– Медонед, ки калимаи омин дар забони башар аввалин аст? Омину шукронагӯиро аз ёд набаноред!

– Шукр! Омин! – тӯтивор такрор мекард ҷамоат ба даҳони пир– мир шогирдона нигариста.

Базми бошукӯҳи нома ё барқияи навишта ё нонавишта, ирсол шуда ё нашуда, ба номи соҳибҷашну анҷумани таърихӣ оғоз мешуд, то чанд шабу чанд рӯз поён наёбад. Дар саросари мамлакат ҳол чунин буд.

Халқ беист менавишт. Таҳхонаву анборҳо аз ишқномаҳои миллат пур мешуд. Шавқи омма валвалаву масъала эҷод мекард.

Ҷунуни ишқи халоиқ, ки дар илми мардумшиносӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, ба авҷи аъло мерасид.

Вақте нотиқон аз пойтахт тавассути садову симо бо садои мутантан қироати ишқномаҳоро оғоз мекарданд, дами миллат ҳамоно ширину

ҷонрабо ба дарун меафтод.

Хурду калон пайкаравор дар ҷойи худ шах шуда, аз ҳаракату рафтору гуфтор мемонд. Касеро ба маъниву мантиқи нома коре набуд.

Ҳама хоҳишманди донистани номи номанавис, яъне, интизори шунидани исми мубораки хеш буданд.

Бо шунидани матни номаву донистани номи муаллиф дили бенасибон аз нокомӣ монанди анор фишурда шуда, ҷамоати чанде пеш хандону хушбахт якбора бидуни ихтиёр ба ду гурӯҳ, хушбахтону бахтбаргаштагон тақсим мешуд.

Муфтбахтёрон бо шунидани номи худу ошноӣ бо матни номаи нонавиштаву нафиристодаашон чӯпону шоир, деҳқону раққоса, олиму омӣ… тирвор аз ҷой ҷаста, бехудона хушнудиву кафкӯбӣ мекарданд.

Каси як лаҳза хонаву шаҳру шаҳраки худро ба қасди қосидӣ тарк накардаву номае ба ҳич кучо ирсол нанамуда, низ суоли ҳайрат бар забон надошт.

Бадбахтонро ноаён бар зидди хушбахтон шӯр медоданд. Тарафайн ба рӯву мӯйи ҳам чанги хусумат зада, гиребони якдигарро пора мекарданд.

Барномарез дар чунин ҳолатҳо аз ҳунармандии худ меболид. Ҷангу пархоши лӯъбатакҳоро тамошогар, барои тез кардани оташи ғазабашон ба гулхани сӯзон рӯғани низоъ мепошид.

Дар давлатдорӣ ҳар гуна воситаи бар тахта-

пушти омма зин зада савор шудан коршоям хоҳад буд.

Тамошои ҷунуни миллат дар остонаи ҷашн коргардонро хушоянд буд. Маҳз ҳамин ҳолу ҳолати ҷамъиятро тибқи барномаи тарҳрезикардааш дидану тамошо кардан мехост.

Дере нагузашта, ҷунуни ишқи омма хаста, шӯру қиём, роҳу равиши селзои мардум нигаронаш кард.

Аз ҷӯшу хурӯши эҳсоси ҷилавгурехтаву занҷирталаби онҳое, ки сатре нанавишта, даъвии номдорӣ мекарданд, хоса аз рафтору гуфтори онҳое, ки ҳич гуна номаву барқия ба ҳич куҷо ирсол накарда, бештар аз дигарон шавқманди аз садову симо шунидани ному нишони худро доштанд, ҳайрон шуд.

***Аз ҳич то ба ҳеч куҷо рафта, баргаштан,***
***мантиқи бемантиқии роҳи бероҳист.***

**3**

Хурду бузург пеш аз тулӯи офтоб болину бистарро сарду манзилҳоро тарк намуда, рақсону таронахон ба кӯчаву хиёбонҳо мерехт. Коргаре корхонаеро, кишоварзе киштзореро ёд намекард, аммо дар саросари кишвар хушхабари ғалабаҳои меҳнатӣ ҳамвора аз садову симо ба гӯш мерасид. Коргоҳу киштзорро ба дарёфти ошиқони малик, аз ёд бурдани эшон зинҳор маънии бекор ниша-

станашонро надошт. Ҳар кадомро дар шарҳу баёни ин масъалаи муҳим санади қатъие буд, ишқ!

Барои шефтагони оличаноб ишқ зинҳор хусусӣ буда наметавонист, хоса ишқи як миллат ба як нафар.

Ишқи фарҳодонаи миллат сангинтарин сангари заҳмат буд. Ишқ миллатро девона мекард, миллат ишқро. Саф-саф номи ошиқ дар забон аз пой меафтоданд, то дигар барнахезанд. Барои миллат зиндагӣ малик ном дошт, малик зиндагӣ...

Тасвирҳои ҷавону хандони ҷашноро парчамҳои рангоранги абрешимиро, ки тори сарҳо парафшон буд, зиннат бахшидаву ошиқони бехуду беёдро бод дода, гӯё аз олами руъё сӯйи дунёи ашё раҳнамоӣ мекарданд.

Халқ бо умеди дидани дидори муборак гардан ёзонидаву пеши пойи худро надида, селвор ба пеш ҳаракат мекард, аммо оне, ки мебоист дар хиёбони ба номи худ, дар пояи пайкараи осмонбӯсаш рӯбарӯи ин сели дамон офтобвор рух намуда, табассуми яхкардаашро ба рӯйи муштоқон мепошид, нопайдо буд.

Ӯ нопайдо буд, аммо ҳар фарди ҷамъияти бешумор нигоҳи гарданшикан ҷониби зуҳургоҳ дӯхта, ба тулӯъи офтоби толеъи худ заррае шубҳа намекард. Ҳар як сидқан бар он буд, ки малик нахуст аз байни ҳазорон ӯро дидаву шинохтаву дастафшонда, офтоби табассумашро танҳо барои ӯ нисор хоҳад кард.

Ишқи миллат, ин ишқи сиёсӣ ба малики худ, на ҳамеша бетамаъ буд. Дар офтоби ҳиммату саховати ҷашноро нарм кардани рагу пайванди ҳирсу тамаъ дилсупурдагонро одате буд деринаву озмуда. Беш аз дигарон аз ин фурсат аҳли илму

адабу фарҳангу сиёсат босамар истифода бурданро хуб омӯхта буданд. Адибон дар ин ҷабҳа сангаргирони варзидаву ғолибу шинохта ба шумор мерафтанд. Чунин буд, ки нахустин васфномаҳои кӯҳнамаъниву навчопи хешро маҳз аввалин шуда чун нони гарм ба дастархони ифтихори ҷашн гузоштанд.

Моли арзони шеърбофону таронасозону суханбозону ҳикматфурӯшон пурхаридор шуд. Чунин бахти дар назари аввал осону арзон насиби ҳама набуд. Бархе аз адибон, аз ҷумлаи ҳаҷвнигорону латифагӯён, дар тантанаи миллат ширкат надоштанд. Бечораҳои худо на танҳо ба кӯчаву хиёбонҳои идона намебаромаданд, балки мушвор ба шикофиҳо хазида, ба ҷойи ҷоиза ҷазо, балки нафрату ҳақорати мардумро чашмдору интизор буданд.

Канораҷӯйии ин турфа қаламкашон сабаб дошт. Дар ин мамлакат танзу ҳаҷвнигорӣ, латифагӯиву латифашунавӣ ҳамчун падидаи хатарноки ҷамъиятӣ қонунан манъ буд.

Онҳое, ки аз нодонӣ, ё шахсарӣ боре ин қонунро вайрон мекарданд, на танҳо аз рӯзи равшан, балки аз дидани аҳли байту чароғу фароғ як умр маҳрум мегаштанд. Ин қонунро хурду бузурги мулк чун савганди ҳарбӣ аз бар карда буданд.« Сухане, ки оқилонро ба аҷлкостагон мубаддал месозад, омада буд дар қонун, сухане, ки ҳазоронро якбора ба хандидану гиристан маҷбур мекунад, хатарноктар аз силоҳи зарравист.

Ҳаҷвнигор мухотаби худ, ҳаҷвшавандаро бо сухан, бо ин силоҳи зарравӣ ноаён маҷбур месозад, ки бидуни ихтиёр ба ҳоли худу дигарон девонавор бихандад. Як ҳаҷвнигор метавонад дар симои як нафар як миллатро таҳқир созад.

Таҳқири миллат, таҳқири малику мамлакат хоҳад буд. Мавҷудияти чунин силоҳ миллату мулкро ба хатар рӯ барӯ намуда, боиси аз байн рафтани давлат хоҳад шуд...»

Ҳаҷвнигорон низ, ки пештар аз дигарон ҳар банди ин қонунро аз бар медонистанд, аз хатти кашидаи қонунсоз берун рафтанӣ набуданд. Аммо гоҳе бехабар андарзи «забони сурх сари сабзро ба бод хоҳад дод»-ро аз ёд бурда, онеро ҳаҷву масхара мекарданд, ки барои миллату мамлакат намунаи ифтихору обрӯ буд.

Ваъдаи қонунии малик оид ба ихтироъи қарибулвуқӯъи асбоби андешахон эшонро аз пештара бечораву бадбахттар кард. Аз захираи масрафнашудаи андешаи мазоҳгарашон дар анбори мағзи сари хеш ба ҳарос афтоданд. Ин бори гарон ба мағзи сарашон фишор оварда, довталабона берун рафтан мехост. Соҳибандешагони музтар имкони холӣ кардани ин бори сангинро надоштанд. Дар сурати кашф гардидани ин асбоби андешахон ғору таҳхонаҳо низ ҳаҷвнигоронро аз ҷазо пинҳон карда наметавонист. Аз дур ба бахти шоирони мадҳиясаро ҳасад бурда, зудтар ба поён расидани ин ҷашни ҳақиқаткуши дурӯғпарварро орзу мекарданд.

Сохтор ба ҳаҷву танзу латифа ҷанг эълон намуда, кулли лутфу эҳсонашро ба хушомадгӯёну чоплусон арзонӣ медошт. Фурсати мувофиқи худнамоии нозимон фароҳам омада буд. Шоирони маддоҳ гирди қандили ҷашн рақсидаву чархида, барои ба даст овардани ҷоизаи беҳунарӣ ҳамдигарро тела додаву аз пой афтонидаву пеш гузашта, худнамоиву шаҳситоӣ мекарданд.

Дар ин сабқат на танҳо ашъори ҳамзамонони худро, беибо медуздиданд, балки фарозтар даст ёзонида, махзани сухансароёни мозиро, ки вақту

замон ғорат карда натавонист, рӯйрост ғорат мекарданд.

Ҳар гулгашту хиёбон, кӯчаву тангкӯча, ноҳияву шаҳристон, шаҳраку деҳкада, пойтахту мамлакат шоири маддоҳи ғоратгар, таронаи дуздида, шоири дузду дӯстдоштаву шиорзани худро дошт:

– Малик, Худо дар замин! – фарёд мезад ҷунунавзое аз мавҷгираки садо ва миллат ҳамоно дар саросари мулк сари овози ӯро гирифта, то беҳол шудану афтодан шиорро такрор мекард. На танҳо шоирони маддоҳу нависандагони пургӯйи ҷоизахоҳ, балки ҳар шаҳрванд барномаи адабии хешро дошт. Ҳар як бо намоишномаи аҷиби хеш соҳибҷашни ягонаро сарфароз, меҳмонони ҷашнро ҳайрон кардан мехост. Бо ҳама назму низоми олии маърака гоҳе хатти кашидаи низом вайрон карда мешуд. Ворисι ягонаи маҳали аз заминларза ба хок яксонгашта, ки дар сафи охир навбати худро интизор буд, ногоҳ сафро шикаста « Бо шиори марг ба зилзила! Зинда бод малик!« аз хоки бенишонӣ рух намуд. Зуҳури ғайричашмдошти ин суробӣ хоколуд шӯру қиёми дигар барпо кард. Зуҳуру шиорзании оне, ки бояст алъон бо аҳли рустои хеш зери хок мехобид, оби дидагонро аз чашмаи чашмон ҷафидаву бурун кашид:

– Зинда бод зиндаи яккаву ягона! – хурӯшид миллат.

– Марг, ба марг! Поянда бод, малики маликон!-ошиқи хоколуд аз номи сокинони водии хомӯшон дар саросари мулк овоз андохт:

– Моро офати табиат таги хок кард, аммо ишқи малики маликонро дар диламон куштa натавонист. Мо ба зилзилаи бераҳму табиати номард таслим намешавем. Мо сокинони таги хок

маргро мутеъи худ мекунем. Мо малики маликонро.., намояндаи зилзилакуштагон суханашро ба охир расонда натавониста, вопасин нафаси сӯзонашро дарун кашидаву сар надода, чун дарахти барқзада ба замин афтод.

Ҷасади ошиқи хоколудро ҳамоно намояндаи деҳкадаи барқсӯхта бо чархакҳои аробачааш пахш карда, пеш гузашт ва бо шавқу шӯри оташин шиор сар дод:

– Моро барқ сӯхта, хокистар кард, аммо меҳри оличанобро сӯхта натавонист! Марг ба барқ! Зинда бод малик!

Намояндаи сиёҳ-сурхи маҳали барқсӯхта соҳиби ҷоизаи ишқи миллат гардид. Инсофан ин ҷоизаи нотиқи пешина буд, аммо бахташ мадад накард. Ҷоизаеро, ки вакили зилзилакуштагон бояст соҳиб мешуд, намояндаи деҳаи барқсӯхта соҳиб гашт. Ҳотамиву қадршиносии ҷашнороён ҳамаро эҷодгару суханвар кард. Лабу рухсори мардуми лол низ аз сӯзи сухани ишқ оташ гирифт. Лоле аз номи ҳамтоёнаш сухан талабид. Дер гоҳ бо панҷаву чашму абрӯву лабу манаҳ арзи ишқ бинмуда, дар охир даҳ панҷаашро ба фурҷа бӯсидаву бӯсаи паҷаҳояшро пуф карда, гирён шуд. Гиряааш оби дидаи миллатро шашқатор кард.

Навбат ба тӯдаи ношунаво расид. Онҳо низ чунон зӯр задаву ноф равондаву пардаи гӯшҳоро даронда изҳори ишқ намуданд, ки хавфи таркидани баландгӯякҳои бешумор, балки аз бунёд ва афтодани иморатҳои азим пеш омад.

Халқ нафас рост накардаву дам ҳот нанамуда, навбати бачаҳо расид. Зуҳури ишқи ин тоифаи самимии шаховоз хурӯши дарёи кӯҳиро мемонд, ҳангоми обхезии баҳорӣ. Бачаҳо на танҳо аз ҷониби худ, балки аз тарафи волидайн низ таро-

наи меҳру вафо дар лаб доштанд:

– Малик, эй падар, эй падар, эй падар! – раги гарданҳои борикашонро хезонда, хурӯшиданд, бо як овоз бачаҳои мулкдор.

– Туӣ тоҷи сар, тоҷи сар, тоҷи сар! – сари овозашонро ҳамоно дар саросари мамлакат гирифтаву ба меҳрномаашон ифтихорномаи хешро илова карданд, миллионҳо. Шиори кӯдакон ба ҷоизаи соҳибҷашн сазовор дониста шуд. Ин ҷоизаи ягона довталаб надошт. Ин ҳадяи падарона моли ҳаққу ҳалоли бачаҳо буд. Моли ҳаққу ҳалоли кӯдаконе, ки бидуни ҳич шакку шубҳа, ҳар як худро вориси ҳақиқиву фарзанди яккаву ягонаи падари ягона медонистанд. Дар ин мамлакат кӯдакеро, ки ҳар рӯз чанд дафъа модаравшро дар шоҳидии падар ва миллат ба малик никоҳ накунад, пайдо кардан амри муҳол буд.

***Сиёсат падару модар надорад,***
***аммо ҳаромзодҳояш бешуморанд.***

## 4

Ғолибони озмун, навзоёни хушбахт чандин озмоишу озмоишгоҳро паси сар гузошта, ба ҷашн роҳхат гирифта, ҳамболи мусиқии шодиофар ба пойтахт меомаданд. Ҷодаи ғолибони озмуни меҳр то ба даргоҳи бахт расидан осону ҳамвор набуд. Онон то ба муродгоҳ расидан чандин озмоишу озмоишгоҳро паси сар гузошта, нақши офаридгории хешрову қимати аслии фарзандашонро хуб медонистанд. Мояи ифтихору сарафрозии эшон андак набуд. Дар зодрӯзи падари

миллат, ба дунё овардани писари миллат корнамоие буд, занона ва дар замона беназир. Аз ин рӯ ҳар зани ҳомила дар чашми миллат ба қаҳрамони меҳан баробар буд.

Ҳар як ҳомила сидқан бар он буд, ки ҷашни зодрӯзи малик маҳз аз хушхабари ба дунё омадани ҳумоюнписари ӯ оғоз хоҳад шуд. Ин буд, ки ҳар зан бо шарми базебу сабри ширин бо шиками дамидааш, гӯё сайёраро, дудаста оғӯш намуда, интизори фарорасии вақти офаридгорӣ дар ҳуҷраҳои зебо, дар ҳузури табибони олимартаба пеши худ дақиқашуморӣ мекарданд.

Модарони оянда гуноҳи рақибаҳояшонро, ки шояд чанд шаб пештар бо шавҳарон ё ношавҳарон ҳамхоба шуда, имкони фарорасии бахташон пештар аст, дар дил набахшида, сафари тифлони дар батнашон хоби бедорро бо дуову ниёиш ва ҳиллаву найранг тезонидан мехостанд.

Агар медонистанд, ки ҳалли ин масъалаи муҳими давлатӣ дигар ба ширкати онон эҳтиёҷ надошта, ҳадяписар кайҳо аз ташрифаш муждагонӣ додааст, шояд бори гарони ишками хешро чунин қимату азиз намедоштанд. Бахти эшон дар бехабарияшон буд.

Меваи сабр талх аст ва на ҳар кас меваи талхро мехоҳад. Дар зодхонаи салтанатӣ, дар авҷи ширинии интизорӣ, дар лаҳзаҳои фарорасии бахти деринтизор навзои шӯҳратпарасте гуноҳе содир кард, дар ин мулк гӯшношуниду нобахшиданӣ.

Оне, ки то остонаи бахт расиданаш соате чанд

боқӣ намонда буд, талхии меваи сабрро таҳаммул карда натавониста ҳангоми пинҳон ба шиками дамидаи хеш задани сӯзандоруи ҳамловар аз ҷониби афсарони низом ба даст афтод. Забони зан дар баёни ҳолаш гапногир буд. Дар ҷавоби суоли духтурон лаб газида, хомӯш буду ашки шашқатораш гувоҳи ҳолаш. Пайкараш бедвор меларзид.

Ҳомилаи шӯҳратдуздро, ки воқеан дарди ҳамл миёнашро чанг мезад ва аз дарди ҷонкоҳ чун мӯй дар оташ мепечид, чаҳор марди таҳамтан аз дасту пояш доштаву намоишкорона ҷисмашро алвонҷ дода, аз дари таваллудхона берун баровper, чун ҷуволи пури реги тар байни хиёбон дангала карданд.

Хабари хиёнати навзо ҳамоно дар саросари кишвар овоза шуд. Халқ фаврӣ бар алайҳи қонуншикан тири забону аъмолро корбаст сохт. Кӯшиши нобарори шӯҳратбемор на танҳо ӯро, балки тифлаки ҳанӯз ба дунё наомадаашро бадному талхком кард.

Шавҳари навзои шарманда хиёнати гӯшношуниди завҷаашро таҳаммул карда натавониста, худро ба дасти рости ба пеш ёзонидаи пайкараи малик овехт.

Вакилони анҷуман, меҳмонони ҷашн, деҳотиёну шаҳриён, наворбардорону рӯзноманигорони дохиливу хориҷӣ якдигарро тела додаву афтонда дар сари навзои хиёбоннишин рост шуданд.

Мухбири Дастгоҳ, ки худро аз номи низом бештар аз дигарон таҳқиршуда меҳисобид, доварона пеш баромад ва дар муқобили зан довталабона сангар гирифт. Мухбир гӯё додхоҳ буду зани ҳомила муттаҳам.

Суолу ҷавоби мухбиру навзо дар хиёбони бузург мурофиаро мемонд:

***Мухбир:***

– Кӣ шуморо ба чунин хиёнати мудҳиш водор кард?

***Навзо:***

– Ҳич кас!

***Мухбир:***

– Дурӯғ нагӯй, миллат бояд ҳақиқатро бидонад.

***Навзо:***

– Рост мегӯям, ман ҳич гуна хиёнат содир накардаам!

***Мухбир:***

– Ҷони писари ояндаи маликро ба хатар андохтан, ба шиками худ сӯзандоруи дарди ҳамловаранда задан, магар хиёнат нест?

***Навзо:***

– Неъ, хиёнат нест!

***Мухбир:***

– Навбати худро интизор нашудан, аз дигар занони бузург пеш гузаштан, даъвои ғайриқонунии ғолибӣ кардан оё хиёнат нест?!

***Навзо:***

– Неъ, хиёнат нест. Нӯҳ моҳу нӯҳ рӯзу нӯҳ со-

ату нӯҳ дақиқаву нӯҳ сония тифлро дар батнам нигоҳ доштам. Меваи пухта навдаи дарахтро тарк мекунад, кӯдак мева асту модар дарахт.

***Мухбир:***

– Рост ҷавоб те, дарахта бадном накун!

Ҷавоби мантиқии навзоро бархе мантиқӣ ёфтанд:

– Рост мегӯяд! Ҳайф! Бо ҳамин ақлу фаросат чунин кори аблаҳона карданашро бинед! Одам.-да, шири хом хӯрда!

Чанд тан рӯйрост ба нодонии чунин зани доно, ки аз қазо ба иштибоҳи нобахшиданӣ роҳ дода, худро шарманда ва миллатро аз писари олиҷаноб бенасиб гардонидааст, дар дил афсӯс хӯрданд.

Барои дар симои ӯ беҳтарин модари маликписарро гум карданашон ноаён оби дида рехтанд. Бархи дигар дар симои зан бадтарин бадхоҳи мулку маликро дида ҳамоно санги маломату ҳақорат сӯяш афканданд:

– Ҳайфи ту барин модар!

– Мурданат беҳ, хоини ношукр!

Мухбири низом, ки чанде ҷилави баёни ҳодисаро аз даст дода буд, аз дигар омирона садо кард:

– Миллат ҳақ аст. Ту аз дигар навзоёни шарафманди Ватан чӣ беҳтарӣ доштӣ, ки ҳамаро пас гузоштанӣ шудӣ?

***Навзо:***

– Ман аз ҳич кас беҳтар нестам!

***Мухбир:***

Медонем, ту на танҳо аз ҳич кас беҳтар нестӣ, балки аз ҳама бадтарӣ, зеро хоинӣ. Хоин сазовори бадтарин ҷазост!

Мардум ҳукми мухбирро бо кафкӯбиву нидоҳо тасдиқ кард. Занро ин ҳукмномаи даҳшатнок гирён кард. Ӯ гирён гуфт:.

***Навзо:***

– Инсоф кунед, ҳарчанд гуноҳ надорам, маро бубахшед!

***Мардум:***

– Ту баринҳоро бахшидан гуноҳ аст!

Навзои аз лутфи ҳозирон ноумед, беовоз гириста, ҷавоб надод. Хомӯшии зан ҷамъиятро нафорид, нидоҳо сангдор шуд:

– Хоин! Шарманда!

– Радди маърака! Гумон кардӣ мулк соҳиб надорад?!

***Мухбир:***

– Хомӯш, дӯстон, хомӯш! Ман аз номи шумо ба ин хоин гап дорам, бовар кунед! – издиҳомро ба низом даъват кард ӯ.

***Мардум:***

– Бовар мекунем!

***Мухбир:***

– Сӯзандоруи ҳамловарандаро пинҳон ба шикам заданат хиёнат нест?

***Навзо:***

– Сӯзандоруро барои овардани ҳамл не, барои камтар кардани дард истифода кардам. Ман навзоям. Дарди навзо тоқатфарсост. Марде боре як

сари ангушт бача мезоид, он гоҳ чӣ будани дарди зоишро мефаҳмид.

***Мардум:***

– Дурӯғ! Мехостӣ пешгузару ангуштнамо бошӣ?!

–Бигузор шармандагии ту ба дигарон дарс шавад!

Шӯру мағал хиёбонро фаро гирифт.

***Мухбир**:*

– Хомӯш, хомӯш! Чаро аз табибон мадад нахостӣ?

***Навзо:***

– Худам табибам. Табибе, ки ба дарди худ даво намеёбад, табиб нест.

***Мухбир:***

– Чаро ба табибони салтанатӣ муроҷиат накардӣ?

***Навзо:***

– Ба табибони салтанатӣ боварӣ надорам!

***Издиҳом:***

– Оҳ! Шунидед чӣ гуфт?

***– Овозҳо:***

Ба малик боварӣ надорад-е, гуфт!

***Мухбир:***

– Ба кӣ бовар надорӣ?-чашм ало кард мухбир. Ба малики маликон?!

***Навзо:***

– Хоса, ба табибони салтанатӣ ҳич боварӣ надорам.

***Мухбир:.***

– Ин гапи душманонаро кӣ ба ту омӯхт?

Издиҳом сӯйи зани ҳақгӯй монанди мори ба хашмомада фишшас зад:

***Мухбир:***

– Ба ҳич кас боварӣ надорӣ?

***Навзо:***

– Не, боварӣ надорам!.

Суолдиҳанда туфи дар гулӯяш дармондаро бо азоб фурӯ бурдаву гулӯ афшонда, бозарда пурсид:

– Ба малики маликон ҳам боварӣ надорӣ?

Навзо:

– Ин гапро аз забони шумо шунидам!

***Мухбир:***

– Шунидед! – ба издиҳом мурочиат кард саргуму гаранг. Шунидед ӯ маро бӯҳтон зад?

***Навзо:***

– Ман не, шумо ба ман бӯҳтон задед!

***Мухбир:***

– Инро чӣ гуна исбот мекунӣ?

***Навзо:***

–Исбот карда наметавонам! Зӯр ҳамеша ҳақ аст. Ҳамин лаҳза, дар ҳамин хиёбон, пиразани садсолае бо дархости миллат сегоникписар зояд, ҳайрон намешавам.

Издиҳом пуфи дар шикаму гулӯ будаашро шунаво сар дод. Шербачаҳои низом пурмаъно гиребони чомаҳои хешро боло карданд::

***Мухбир:***

– Яъне, гуноҳатонро дар назди малику миллат

ба гардан намегиред?

Навзо ашкашро бо мушт пок кардаву ҷамъиятро сарду пармагар аз назар гузаронида, гуфт:

– На худро гунаҳгор ҳисоб мекунам, на гуноҳамро ба гардан мегирам!

– Садқаи номи зан шав, беномӯс!

Тухми палағдае, ки аз байни издиҳом ба навзо эҳдо шуд, дар пешонаи арақшори ӯ доғи чиркине гузошт. Зан пешонаашро бо каф пок карда, суханашро давом дод:

– Моро ба ин ҷо барои ба тамошо гузоштан овардаанд. Шоҳписари ҷашноро кайҳо ба дунё омадаасту мо содаҳои худо беҳуда худро бо орзуҳои ширин фиреб медиҳем.

– Бӯҳтон!

Ҷамъияти ба муқобили як зани дардпечи танҳо сангар гирифта, тунд ба ҳуҷум гузашт. Аз чаҳор тараф тири таҳқиру таҳдид сӯяш равона шуд. Нидоҳои ғазаболуду ниқорталаб авҷ гирифт:

– Террорист!

– Душман!

– Марг ба террорист!

– Марг ба душман!

– Душмани малик душмани худост!

– Марг ба зани номард!

– Ҳе, бар падари зоду бунёдат лаънат! – нафрати миллатро ба рухсораи тафсидаи зан бо силии кироие миннат кард пиразани сиёҳҷурдаи лоғарандоме.

– Мо шарафи мулку маликро шабу рӯз аз ту баринҳо ҳимоят хоҳем кард!

– Оре, ҳимоят мекунем!– садо баланд кард издиҳоми занона бар алайҳи навзои қонуншикан.

Навзои дар чанги дарду ҳарос ғунча шуда, рӯяшро бо дастонаш пӯшида, чорқад шуд.

Достони аъмоли навзоро дар тахтаи калоне бо ҳарфҳои сиёҳи дурушт ва айбномаи «хоин!» навишта, ба гарданаш овехтанд.

Хурду калон аз назди ҳомилаи нафратзада гузашта ба замин туф мекарданд.

Дафтари матбуоти кишвар ин гуноҳи нобахшиданиро ҳамроҳ бо миллат-аз хоркаш, то гардуннавард қотеъона маҳкум кард.

Дастгоҳ аъмоли навзоро ҳамчун кирдори душман, кӯшиши садама задани қувваҳои сиёҳ ба назми олии анҷумани таърихӣ ва дағалона вайрон кардани ҳуқуқи инсон арзёбӣ намуд.

Садову симо ва расонаҳои хабарӣ бо обу ранги хотирмон қиссаи номардии зани навзоро шарҳу эзоҳ доданд. Акси зани хоинро ҳамоно ба девори ҳоҷатхонаву анборҳо, зиндонҳову боғи ҳайвонот, шишаи мошинаҳову пешгоҳи ибодатхонаҳову таваллудхонаҳо… часпонданд.

Оташи қаҳру ғазаби мардум дуд мекард. Сафи сангандозону маҳкумкунандагони хоини миллат дамодам меафзуд.

Як зани ношинос дере нагузашта, чунон

маъруф шуд, ки дар сафи машҳуртарин шахсиятҳои даврон ҷой гирифт.

Навзои бахтбаргашта чанде зарбаҳои ҷонкоҳи таҳқирро таҳаммул намуд. Оқибат косаи сабраш лабрез шуд, ки бар алайҳи миллату мулку малик ҳақорати гӯётару сангинтаре ба намоиш гузошт. Дар байни хиёбон, шалворашро поён карда, бо як зӯрзании қаҳролуд ба ҷойи як писари ваъдагӣ якбора ду духтар зоид.

Духтараконӣ ба ҳифзи модари танҳояшон расида, мошинаҳои машҳури озмоиш, олимону озмоишгарони маъруфи ватаниву хориҷиро бадтар аз зодгори худ шармандаву беобрӯ карда, байни хиёбони пойтахт бо инга-ингаи тӯлонӣ, аз зуҳури худ оламу одамро хабардор карданд.

Гуноҳи аввали зояндаи бахтбаргашта чунон нобахшиданиву дорои аҳамияти сиёсӣ буд, ки гуноҳи дуввуми зан – писар не, ду духтарча зоиданашро дидаву дониста нодида гирифтанд.

Навзои ноком бо ду тифлаки пистонҷӯй байни замину осмон дар зери тири нафрату ҳақорат гургвор уллос мекашиду мегирист.

***Чашми сиёсат дар паси сар,***
***чашми омма дар кафи пойи ӯст.***

5

Мавҷи мардуми рақсону таронахон аз гардиши тангкӯчаҳо дар як он ба шоҳроҳи хиёбони

марказӣ гузашта ба дарёи хурӯшони ҷашн мепайваст. Дар оғоз ҳама меҳмононро як нуқтаи ист буд, остонаи дарвозаҳои шаҳр аз чаҳор ҷониб. Наврасидагон дар паси дарвозаҳои азими пойтахт бо ҳаяҷону сабри ширин фарорасии навбати хешро интизор буданд.

Ҳамин ки аз гардиши роҳи калон корвони парчамафшони мошинаҳо бо меҳмонони нав намоён мешуд, мизбонон ҳамоно баландово нидои шодбошии гӯшкаркунанда сар медоданд. Садои мусиқии мутантани асбобҳои нафасӣ бо шӯру қиёми шаҳриён пайваста осмоншикоф мешуд.

Гурӯҳе собирона навбати худро интизор ба ношикебоии наврасидагон боҳайрат менигарстанд. Аксари онон бори нахуст ба пойтахт омада, ҳарчи зудтар ҳусну азамати шаҳри ҷашниро дидану тамошо кардан мехостанд. Оқибат навбати онҳое, ки бо шарму ҳаёи рустоёна навбати худро интизор буданд, фаро расид. Сафи ором ба ҷунбиш даромада, чанд қадам ба пеш гузошт. Патаки биниҳо шукуфт, нӯги биниҳоро арақ зер кард, абрувон омодаи парвоз шуд.

Бо ҳаяҷони рӯсурхкунандаву дилларзаи беҳолкунанда ба остонаи дарвозаи шаҳр қадам гузоштанд. Дар он тарафи дарвоза эшонро тантанаи ҷашнӣ ва истиқболи мизбонон интизор буд.

Ба истиқболи меҳмонони рустоӣ садои асбобҳои нафасӣ гӯшхарошу ҳаяҷоновар баланд

шуд. Рухсораи мизбонон гул кард, табассум дар лабонашон ғунча шуд. Кафи дастҳоро нам гирифт.

Шаҳр даҳчашма ба тамошои русто омода гашт.

Вакилони рустоӣ, ки аксар бонувон буданд, то ба остонаи мақсуд расидан ҷодаи каҷмокаҷи муродро тай намуда, дар чеҳраву мижгону либос чангу ғубори подаву киштзору боғистонҳоро ба пойтахт оварда буданд. Ин буд, ки бонувон бафурҷа кафшҳояшонро дар хиёбони обзадаву рӯфта кашидаву ба замин кӯфта, пӯшида, остину сарбандашонро низ гаштаву баргашта афшонда, ба дидорбинии деринтизор омода шуданд.

Оқибат дарвозаи интизорӣ ба рӯйи муштоқон боз шуд ва деҳотиён, ин такядорони беминнату устувори ҳар сохтор, ин барраҳои қурбонии ҳама гуна қудрату салтанат, мағрури хоксор, дамдору шастдор ба пойтахти мамлакати ҷашнӣ шоду бардам ворид шуданд.

Садову симо, ки беисту ботантана хабари ба ҷашн ташриф овардани меҳмонони таҳҷоиву бурунмарзиро эълон мекард, садои хушнудияшро аз пештара чанд парда боло гирифт:

– Диққат! Диққат! – дар мавҷи ҳаво ларзида, таркид садои нотиқ. Диққат, миллати хуштолеъ, диққат!

Миллат бо шунидани садои ларзони ошно дар саросари мамлакат дар ҷой шах шуда, аз ҳаракату рафтору гуфтор монд, зеро одатан чу-

нин хитобу ҳушдории ларзабунёд одатан халқро аз рух додани воқеаи ҷиддиву муҳиме огоҳ мекард:

– Диққат! Диққат! – ҳамчунон борамз нидо кард нотиқ, аз дигар рӯдаҳоро печ додаву талхаи мардумро ба кафидан наздик оварда.

Мардум гумонбари хабари шуме,аз марги нобаҳангоми соҳибҷашн то оғози ҷанги севуми ҷаҳон дам фурӯ бурда, сар додани нафасро фаромӯш карданд:

– Ба пойтахт намояндагони шарифи миллати русто, бонувони хушхироми деҳ ворид мешаванд, оқибат хабари ниҳонашро рӯшод кард нотиқ.

– Уф! Хайрияте! …

Мардум бо нидоҳои сабукибахш дами кашидаашонро берун сар додаву кафкӯбӣ карда, ба шунидани давоми хабари муҳими давлатӣ омода гашт:

– Мизбонони меҳрубон, шаҳриёни қаҳрамон, ба истиқболи мардуми ҳимматбаланду паҳлавон оғӯши меҳр бикушоед! Шаҳро, пойтахто, муборак бод хушбахтӣ!, Русто меояд, русто!

Шаҳриён оғӯши чун тӯпи дамбаромада холияшонро ҳамоно ба истиқболи русто боз карданд:

– Марҳабо, нозанинони рустоӣ, офаридгорони бузургони миллат! Марҳабо, русто, пушту паноҳи шаҳр!

Хабари ба ҷашни малики маликон омадани занони деҳотиро шаҳриён чунон бо шӯру валвала истиқбол гирифтанд, ки гӯё ҷашни мазкурро маҳз

ба хотири ташрифи эшон ороста буданд.

Вакилони деҳотӣ, воқеан бо истиснои чанд марди дастёру ёвари ин гурӯҳи нозпарвар аксар ҷавонзанону духтарони зебо буданд. Чунин тарзи интихоб ҳикмати худро дошта, ишора бар он буд, ки дар ин мулк пиру барҷомонда, зишту солхӯрда вуҷуд надорад. Бигузор меҳмонони нобовари хориҷӣ, ки шояд ҳама чизро бо дидаи шакку шубҳа мебинанд, намояндагони нозанини ин миллати бефанои нестандарҷаҳонро дидаву тамошо бикунанд. Чунин буд ҳадаф аз даъвати занони рустоӣ ба ҷашни таърихӣ. Вакилони деҳ, барои Дастгоҳ низ иззату қимати гарон доштанд.

– Марҳабо, селаи хушхону хушхироми кабкони дарӣ, нозанинони рустоӣ! – хуни шаҳриёнро аз дигар оташ дод нотиқ:

*– Равоқи манзари чашми ман ошёнаи туст,*
*Карам намову фуруд о, ки хона хонаи туст!..*

Занони рустоӣ бебокона аз равоқи чашми шаҳриён ворид шуданд.

– Ба пойтахти Ватан хуш омадед, меҳмонони олиқадр, эшонро хушбошӣ кард намояндаи шаҳрдорӣ.

– Зинда бод русто! – хурӯшиданд шаҳриён.

– Урра, деҳа, урра, занони нозанин! – овои хушбошӣ сар доданд аз долонҳои пасту баланди худ масту мадҳуш. Нидоҳои мастонаи шаҳриён занонро сахт тарсонд, ки ҳаросон сар боло карда, сӯйи долонҳои баланди биноҳои бисёрошёна нигаристанд. Ҳамоно аз ҳар долону айвон, аз ҳар

мӯриву равзан, ҳар кӣ дар бисот ҳар чӣ дошт, бар сари меҳмонони тарсхӯрдаву пошид. Меҳмонони чунин меҳрубонии тезу тундро ночашмдорро рухсораҳо сурху лабҳо каж шуд. Гиря гулӯгирашон кард. Ҳароси аз айвонҳои баланд сарозер афтодани шаҳриён деҳотиёнро сахт тарсонд. Роҳбалад, ки аз ҷунуни ишқи баландовои шаҳриёна беш аз дигарон тарсида буд, бо нимовову кӯмаки панҷаҳои ларзонаш ба занони даҳшатзада хитоб кард.

– Натарсед, духтарҳо, натарсед! Ин бечораҳои худо ҳам одаманд!

Мизбонон чашмони пурсуолу ҳаросони меҳмононро дида, эҳсоси тезу тундашонро андаке лаҷом зада, ононро ба сӯйи пеш хонданд.

Бонувон ҳаракат карданд, аммо ҳодисаи дигаре сафи бо азоб ба ҳамомадаро аз нав пароканда сохт.

Тухми палағдае нохост ба пешонии роҳбаладизанон бархӯрда, нуқтаи зарду безебе боқӣ гузошт.

Ҳамоно марди хушсурату хушлибосе аз ҷайби сари синааш дастмоли ширвор сафедеро гирифта бомеҳр, пешонаи доғдоршудаи бонуи деҳотиро пок кард ва дастмоли касифшударо ҳамчун ёдгории бебаҳо аз нав ба ҷайб гузошт.

Занон дилсӯзона гирди роҳбаладибегуноҳ ҳадафи тири таҳқиршударо печонданд. Бонуи тарсхӯрдаву таҳқиршуда бо зарда гуфт:

– Ғами маро нахӯред! Деҳаро шарманда накунед! Душман душманияшро дар ҳама ҷо мекунад!

Тоқаааттт!

Бонувони дар шахсияти роҳбаладашон таҳқиршуда ба ҷойи ба пеш ҳаракат кардан, якбора ба қафо гашта, сафи аз паяшон расидаро аз пой афтонданд ва худ зеркунда шуданд:

– Ҳой, ба ман нигоҳ кунед! – овози амркунанда оҳанг дошт. Занон аз хоки бечорагӣ якпаҳлӯ гардан кач карда, ошуфтаҳол ба роҳбаладашон нигаристанд:

– Хезед, зуд, хезед, мардум нигоҳ доранд, айб аст!

Афтодагон такядори якдигар боазоб сари по рост шуданд:

– Шармандаҳо! Хонасӯхтаҳо! Ана ин хел шавед, монанди худам!

Роҳбалад абрӯвони дурушташро кӯргиреҳ андохта, талхаи ҳамроҳонашро дам дод. Бонувон дар ҷавоб абрӯвонашонро парвоз дода, бо суоли « боз чӣ кор кунем?» ба ӯ чашм дӯхтанд.

Шаҳриён, ин саҳнаи хандаоварро намоишномаи идонаи деҳотиён пиндошта, каф мезаданду механдиданд. Ҷони бозигарони ночор ба лаб расида буд:

– Ранги худам шавед! Ана ин хел, абрӯвонашро болову поён карда, фармон дод раҳнамо аз ҷунбуҷӯли беҳудаи ҳамроҳонаш дилгир.

Дарси абрӯгиреҳкунӣ тӯл кашид. Мизбонон шитоби меҳмононро хоҳон шуданд. Занон ба шаҳриёни хушҳол музтар нигариста, майли рафтан надоштанд:

– Пойтахти Ватан пешкаш! – меҳмононро аз дигар ба пеш раҳнамоӣ кард, намояндаи шаҳрдорӣ. Лутфи мизбон обилаи дили меҳмононро, ки ба куҷо рафтану чӣ кор карданро намедонистанд, кафонд. Яке баландово хандид. Дигаре бо гиря сари овозашро гирифт:

– Э дамат гираде! Басе, мардума талхакаф кардӣ! – тунгӣ зад ҳамроҳашро гунаҳкорона табассум карда, роҳбалад.

Соҳиби ханда ҳамоно лаб газида хомӯш шуд, аммо садои гиряи дигаре баланд гашт:

– Басе! Бас! Аз кӣ пурсида мегирйӣ?

Роҳбалад зани ҷавонеро, ки бо каф рӯяшро нимпӯш карда, аз таҳти дил мегирист, сахт пучид. Зан ногоҳ қаҳ – қаҳ хандида, ҳозиронро сахт тарсонд. Роҳнамои даступо гумкарда, аз русто буданашро ёд овардаву дар куҷо буданашро фаромӯш карда, овозашро ба хиёбони пуродами шаҳр сар дод:

– Ҳой, хонасӯхтаҳо, маслиҳат чӣ буд? Нагуфтам, ки аз пеши худ гап назанед, бемаслиҳат нахандеду нагирйед?!

Бонувон оқибат ба худ омада, ба ҳамроҳашон, ки шарти аввалини меҳмониро вайрон карда буд, бо нигоҳи маломату мазаммат нигаристанд. Зан гуноҳи азим содир карданашро дарк намуда, лабгазон, итоаткорона сар хам кард. Роҳбалад бо ғазаб гуфт;

– Касе қоидаро вайрон мекунад, касе аз ман напурсида механдад ё мегиряд, ба ҷойи омадааш

бар мегардад. Кӣ нафаҳмид?!

Ҳама бо аломати тасдиқ сар ҷунбонданд:

– Ҳей, нозукадо, оби бинии ту чӣ шашқатор шуд? Ку ин тараф биё! Зуд, зудтар!

Занон сӯйи бечораи тири маломатхӯрда, бо нигоҳи шафқат нигаристанд. Роҳбалад, ки бешубҳа, дастёри Дастгоҳи маҳаллӣ буд, сӯйи духтарак шитофт.

– Чӣ дорӣ? Ба ман те!

Духтарак чизеро дудаста сахт ба синааш зер кард;

– Те, мегӯям! – амр кард роҳнамо. Ҳама ба воситаи сарзаниш чашм дӯхтанд:

– Духтар не, парӣ!

– Аз парӣ ҳам зеботар!

– Ба кӣ монанд аст?

– Э, ба худи малики маликон монанд асте!

– Як себи ду тақсим!..

Сухани гӯяндаро ангушти «хомӯш!» бар лаб сарҷунбон тасдиқ карда, сӯйи оне, ки шабоҳати ҳайратовараш ба соҳибҷашн басе суоли беҷавоб дошт, нигаристанд. Соҳиби ганҷ ганҷашро дудаста ба сандуқи синааш пахш карда, ба касе додан намехост;

– Ин ҷо те, мегӯям. Те, ё аз куҷое омадӣ ба ҳамон ҷо бармегардӣ!

Духтарак бо ашки шашқатор, ноилоҷ як гӯшаи ҳадяи беназиреро, ки фоҳишае ноаён ба бағалаш андохта буд, намоён кард. Сурату симои зан якбора тағйир ёфт. Ӯ аввал аксро, сипас духтаракро

гарм бӯсида, ҳақро ба ҳақдор баргардонд ва бо табассуми пур аз узр, аммо омирона гуфт:

– Ба дигарон ҳам нишон те. Дигаронро аз дидори аълоҳазрат бенасиб нагардон! Дигар гиря накун! Фақат биханд, фаҳмидӣ?!

– Фаҳмидам! – гирён ҷавоб дод духтарак, шердил шудаву қадаме ба пеш ниҳода.

Ӯ бо ифтихор акси маликро ба намоиш гузошта, шодиву ҳаяҷони ҳамроҳонашро аз дидани дидори муборак бо ғурури наврасона тамошо мекарду хандида мегирист. Роҳбалад ӯро меҳрубонона насиҳат кард:

–Дигар гиря накун! Фақат биханд! Биханд! Ту хушбахтӣ, хушбахтон намегирянд.

– Ман нагиристам! Ман хандидам! Аҳ-аҳ-аҳ! – қаҳ-қаҳа зад ғунчаи гирён ва ҳамоно ба азизи ҳамагон табдил ёфт:

– Минбаъд пурсида биханд! Мо ҳам бо ту механдем! – гуфт роҳбаладӣ чун мум нармшуда. Аммо масъулияташро ба ёд оварда, ба занони назмро шикаста омирона хитоб кард:

– Ҳӯй, духтарҳо, тартибро риоя кунед! Аз ман чашм наканед. Худам мегӯям, кай гирйеду кай хандед! – Ку, ба саф даро! Ба сафи аз ҳама пеш! Ҳе, бале, офарин!

Навраси сафшикаста гирёну хандон оҳувор ба саф баргашт. Дили кӯчакаш аз шодиву ифтихору ҳузн қафаси танги синаашро шикофта, роҳи бароҳмад меҷуст. Оне, ки ба акси даврони ҷавонии малик воқеан чун як себи ду тақсим монанд буд,

аз пардаи ашк duздида ба роҳнамо менигарист ва барои худу оламу одам ширин табассум мекард.

Дигар бонувон низ ба маънии бигирем ё бихандем, аз ҳукмраво чашм намеканданд. Роҳбалад нигоҳашро болои сари занон пош дода, як парда паст амр кард:

– Ана, акнун ҳама табассум кунед! Бихандед! Мо нахандем, кӣ механдад?! Ҳа, ҳа, аҳсант! Аҳсант! Як, ду, се! Ҳа, духтарҳо, ҳа, ҳама баробар механдем! Аҳ, аҳ, аҳ!!!

Занҳои рустоӣ ба роҳбаладии хунуковозашон пайравӣ намуда, яке зуд, дигаре дер, овои ваҳмангезу шодирези хандаи худро, ба рӯйи шаҳру шаҳриён сар доданд.

*Қурбониёни ихтиёрӣ ҳар дам*
*пешопеши худ ба қатлгоҳ меравand.*

## 6

Дастгоҳи аз қонундониву ҳудшиносии сокинони шаҳр огоҳ дар мушкилтарин ва қисматсозтарин рӯзҳои фаъолияти хеш ба аҳолии деҳот такя карданашро айни муддао дарёфт. Дастгоҳ ба шаҳриён этиқоду эътимод надошт. Ба дарёфташ «онҳое, ки замоне, бо кадом ҷурму гуноҳ ё аз рӯйи ночорӣ макони аслии худро тарк карда, ба ин як пора замин омадаву онро ба деҳ

муқобил гузошта, шаҳр номидаанд, дар асл ба якдигар бегонаанд. Шаҳриён якдигарро намешиносанд, зоту бунёд, пешаву андешаи ҳамдигарро намедонанд. Эшон бегонахешанд, бегонахеши монанди ангушти шашум, буриданаш дардовар асту буданаш боиси азият.

Рустоиён дигаранд. Ҳамзоту ҳамбунёданд, аксар аз як реша рӯида, ҳамқавму хешу таборанд. Пеш аз он, ки ба амале даст бизананд, оқибати онро меандешанд. Аз хешу табору ҳаққу ҳамсоя шарм медоранд, андешаи имрӯзу фардои фарзанду пайвандашонро мекунанд. Дар зарурати раъй ба даст овардан, ё ҳуҷҷатҳои муҳимро тасдиқ кардан низ хизмату ҳиммати деҳотиён аз шаҳриёни қонунпараст бештар аст.

Деҳотиён ҳангоми раъй додан зинҳор ба ному амали раъйхоҳ нигоҳ намекунанд, варақаи раъйдиҳиро нахонда, ба қуттӣ партофта, аз пайи кору бори худ мешаванд. Онҳо якумр шитоб доранду вақти кам, зеро вақту бахташон аз обу ҳаво, вазидани боду боридани борону офтобу боз ҳазору як чизи дигар вобаста аст…

Рустоӣ, бо ҳама хоксориву шикастанафсӣ дар асл мағруру сарбаланд аст. Бо аҳли хонавода ва бачаву качааш аз гуруснагӣ бимирад ҳам, дасти тамаъ аз остини ҳақирӣ берун намекунад, талбандагиву гадоиро зинҳор ба ҳафт пушти худ иҷозат намедиҳад.

Кафи дасти лухти тамаъу тамаллуқи деҳқонро ҳич кас надидааст. Деҳа гадову фоҳишаву

бекорхӯҷа надорад. Деҳотиён ин турфаи шармандаро ё монанди худ заҳматкашу пуркор месозанд, ё ба дунбааш як лагад зада, бо ҷилду пӯстакаш аз деҳа меронанд. Занони пуркору серфарзанди деҳотӣ аз беҳудагардиву фоҳишагиву танфурӯшӣ огоҳ нестанд...

Чунин буд хулосаи низом аз мавҷудияти шаҳру деҳот ва нақши сиёсиву иҷтимоии деҳотиву шаҳрӣ.

Дастгоҳ пешакӣ рӯйхати вакилони шаҳриву деҳотиро пеши худ гузошта, ҳолномаи шаҳру деҳаро бафурҷа тагурӯ кард. Қадру қимати ҳар вакили рустоӣ бо сад вакили шаҳрӣ баробар буд…

Мизбонон меҳмонони деҳотиро бо шӯру валвала ва гулдастаҳо хайрамақдам гуфта, ҳамоно фаромӯш карданд ва пуштгардон омодаи пазироии наврасидагон шуданд. Ҳадяи шаҳриён таги каш бонувон димоғсӯхта сӯйи пеш ҳаракат карданд. Раҳораҳ гулдастаҳои зарпечакнаморо таҳти назари таҳқиқ қарор дода, аввал ба нохунҳои кунди хеш, сипас ба якдигар ранҷидахотир нигаристанд. Маънии нигоҳашон хоно буд. Аксар пеш аз сафар аз боғчаҳои худ ба гулҳои ҳадягӣ монанд гиёҳеро хишова кардаву сӯхта буданд, то ки тухмаш нест шаваду дигар насабзад.

Ҳадяи ноарзандаи шаҳриён димоғи вакилони арзандаи болоназарро сахт сӯзонд. Меҳмонони иззатталаб аз мизбонони бемеҳр зинҳор чунин беҳурмативу беҳимматиро чашмдор набуданд.

Бо ҳама содагии хоҳишу дархост меҳмонони наврасида беш аз дигарон масъалаву валвала эҷод мекарданд. Онҳо дар ҳар қадам рустоӣ буданашонро ба намоиш гузошта, бори хотири шаҳриён мешуданд.

Ба пойтахт ворид гашта, ҳамоно дастархони ҷашнии шаҳриёнро бо ҷорӯби иштиҳо покиза рӯфтанд ва ҷавобхоҳи ҳоҷати фавриву ногузири худ саросема паси гулбуттаҳо, дӯконҳо, ходаҳои барқу кӯзаҳои пургул шалворҳояшонро поён карданд.

Хатари ба ахлотҷой табдил ёфтани кӯчаву хиёбонҳои ороста пеш омад. Барои ҳалли фаврии ин масъалаи бадбӯй ҷаласаи фавқулодда даъват карданд. Пас аз баҳсу андешаҳои мувофиқу муқобил ба хулосае омаданд, ки минбаъд ба меҳмонон ба ҷойи се бор якуним маротиба хӯрок дода шавад.

Вобаста ба дигар шудани барнома рӯйхати таомҳо низ дигар шуд. Рӯйи миз нони сиёҳ, мормоҳии хушку шӯр ва наъви гуногуни обсабзишҳоро гузоштанд. Ҷойи чойи сабзу сиёҳро, ки деҳотиён бештар аз шаҳриён масраф мекунанд, шарбати пӯсти анор гирифт.

Масъалаи ҳоҷатхонаҳо ба шаҳрдорон зарурати гармобаву дастшӯйҳоро ёдрас кард. Дере нагузашта, биноҳои гармобаву ҳоҷатхонаҳои занонаву мардона чун замбӯруғи баъди борон рӯйиданд. Рӯйи деворҳои сафеду дарҳои кабуд ба кадом ҷинс тааллуқ доштани биноҳоро бо

ҳарфҳои калону ранга навиштанд.

Аммо ҳич кас ба ҳарфҳои «М» ва «З» эътибор намедод. Занон ба ҳоҷатхонаи мардона сар мехалонданду мардон ба ҳоҷатхонаи занона медаромаданд ва пас аз баровардани ҳоҷат, ба куҷо афтоданашонро фаҳмида, сӯйи берун дав мегирифтанд, то ки аз нав иштибоҳи худро такрор бикунанд…

* * *

Духтараки наврас кулворашро рӯйи дил зер карда, дар сафи пеши занони димоғсӯхта хушбахту хушнуд қадам мезад. Баръакси занони димоғсӯхта ӯ болидаву сари ҳол буд, хушбахтона табассум мекард.

Бори нахуст ба пойтахти мамлакат омада буд ва дар ин шаҳри калон ҳама чиз барояш азизу азиму аҷиб менамуд. Ба аксҳои бешумору гуногунсоли малик, ки шаҳри ҷашниро пур карда буданд, бо меҳр менигарист. Аксҳо яке аз дигаре ҷаззобу боҳашамат буд. Пайванди ношиноси соҳибҷашн ноаён акси кӯҳнаи ёдгории модарбузургаш додаро ба ин тасвирҳои муҳташам муқоиса намуда, аз ҳаяҷону ифтихор гунаҳояш гулгун мешуд.

Духтарак маликро аз пеш боре надида буд, аммо аз холи кунҷи лаб (ӯро низ чунин хол буд) то абрӯвони парвозӣ нишонаҳои ошноро дар чашму дил дошт.

Чанде пеш ӯ низ чун ҳамагон мулкдорро дӯст медошту мепарастид, акнун ба назараш касе монанди ӯ ба олимақом наздику ҳақдор набуд.

Дар рӯбарӯйи акси азими соҳибчашн беихтиёр лифофаро аз кӯлвор берун овард ва акси фарсударо бӯсаборон кард. Ӯ хушбахт буд. Хушбахтон ҳамаро дӯст медоранд. Ӯ низ ҳамаро дӯст медошт: роҳбаладии номеҳрубонро, дастагулҳои пажмурдаи зарпечакнаморо, ҳамсафони ношиносашро, ки дар тӯли сафар гоҳе бидуни ихтиёр нигоҳашонро дар чеҳрааш ба маънии «туро дар куҷое дидаам» ист дода, ҳамчунон фаромӯшаш мекарданд...

Духтарак супориш дошт, супориши махфӣ. Кай, дар куҷо, бо кӣ кашф намудани асрорро медонист. Гоҳе мехост бо овози баланд кӣ будани худро ба ҳама арз бикунад, аммо ба чунин амал иҷозат надоштанашро ба ёд оварда, розашро дар лаб мегазид:

– Аз чашми бад ҳазар! Чашми бад санга кафондаст! Маро чашми бад гирифт, оҳ чашми баде!... – дар гӯшаш садо медод, овози ларзону гиряолуди модарбузургаш.

Духтарак ба маънии биму ҳароси модарбузургаш намерасид, аммо аз ҳаяҷону ларзиши овозаш асрори ногуфтаниеро дарк мекард.

– Киву чӣ буданатро, ту дону Худо, ба касе нагӯ! Э худое, моро ҳам дар қатори дигар бандаҳоят ба муроду мақсадамон бирасон! Омин!

– Омин!

Вориси аз чашми бад ҳаросон на танҳо ҳамсафарони номеҳрубонашро, балки тамоми гунаҳгорони оламро бахшида, эҳсоси ширинашро аз тамошои акси зардшуда дар табассуми ғунчасони наврасона, ки аз чашмонаш дамида, чеҳраи садбаргияшро фаро гирифта буд, гунҷоиш дод. Бори дигар акси азизро бӯсидаву ба чашм молида, аз нав ба лифофае, ки аз рӯяш малики хандон сӯяш менигарист, гузошт.

Духтарак аз оламу одам бехабар дидаву шунидаашро дар ойинаи назару хотир гунҷонда сӯйи мақсуд мешитофт. Мавҷи хурӯшони издиҳом гоҳ як сӯй, гоҳ сӯйи дигар телааш медод. Эҳсоси поку нозуки наврасонаашро мехост бо байтеву таронае баён созад. Ӯ дар ҳолате буд, ки шоирон илҳомаш меноманд. Сururу фараҳ дили кӯчакашро болу пар мебахшид, парвоз кардан мехост, аммо ҳамроҳони абрӯгиреҳу димоғсӯхтааш ӯро дар хок нигоҳ медоштанд.

Ба куҷо рафтанро намедонист, аммо як чиз барояш равшан буд: ҷамоат танҳо як роҳ дошт, роҳ сӯйи Кохи Миллат, роҳ сӯйи дидани дидори муборaки ҷашноро…

«Мо дар чӣ хаёл, фалаки мо дар чӣ хаёл», гуфтаанд онҳое, ки гул кишта хор чидаанд. Духтарак орзуи дидори маликро дошт, низоми оҳанин ҳадафи худро.

Шабоҳати духтараки деҳотӣ ба малики маликон як саф олимони маъруфи мамлакатро ба гирди мизи андеша гирд овард. Хулосаи олимон

куҳаннав буд:

– Миллат ба малики худ монанд аст! Кайҳо исбот шудааст, ки зани ҳомила ба ҳар касеву чизе сидқан таваҷҷуҳ зоҳир бикунаду дӯст дорад, тифлаш ба он монанд хоҳад шуд. Бесабаб нест, ки баъзе халқҳо барои занони ҳомила баъзе хӯрданиҳоро тавсия намекунанд, аз ҷумла, гӯшти моҳиро. Гӯё даҳони тифл ба даҳони моҳӣ монанд мешудааст. Яъне, ки ҳомила ба гул бингарад тифли гулгуна, ба ғук бингарад тифли ғукнамо хоҳад зод.

Ба малик монанд будани духтараки деҳотӣ низ ҳич аҷабе надорад. Беш аз ним аср аст, ки миллат рӯйи ишқу суҷуд сӯйи малики худ дорад. Беш аз ним аср аст, ки дар ҷиҳози арӯсон акси маликро мегузоранд.

Ҳомилаи рустоӣ низ офтобу моҳтобу ситораҳоро на, гулу булбулу гулистону бӯстонро на, акси малики маликонро рӯбарӯ гузоштаву тамошо карда, ба мурод расидааст. Оре, Миллат ба малики худ монанд аст. Малик асл аст, миллат нусхаи муборакии ӯ. Асл миллион нусха метавонад дошт…»

Чунин буд хулосаи қатъии олимон аз шабоҳати навраси рустоӣ бо малики мамлакат.

Натиҷаву хулосаи таҳқиқи олимони маъруф айни муддао буд. Дастгоҳ вуҷуди ҳич гуна вориси навбаромади малики барҷомондаро таҳаммул надошт. Мавҷудияти маликаи нимҷону писари сардҷонаш барои дарди сари низом кифоя буд.

* * *

Сафи бонувони рустоиро нозимони тартибот дар гардиши чорроҳа сӯйи бинои навсохте, ки аз он бӯйи ранг меомад, гардонданд. Занон бидуни ихтиёру интизор худро дар остонаи ҳаммоми занона, ки зиёраташ ба гӯшаи хаёли касе наомада буд, дарёфта, бо нигоҳи ҳайрат ба якдигар нигаристанд:

– Ииии, мо дар ҳаммом чӣ кор мекунем?! – лаб каж кард бонуи гандумгуне.

– Дар ҳаммом туро шуста сафед мекунем! – шӯхӣ кард ҳамроҳи сафедакаш. Аммо худо медонад, туро ҳаммоми шаҳр ҳам сафед кунад. Кадом зангӣ ба шустан сафед шудааст?!

– Худат зангӣ! – ҷавоб гардонд аввалӣ бо ғазаб ба гиребони ҳамроҳаш чанг заданӣ шуда.

– Ором, беваҳо, ором! – ҳамроҳони худро омирона ба тамкин даъват кард роҳбалад чанги ҷангхоҳро аз гиребони дугонааш канда.

– О, мо дар ҳаммом чӣ кор мекунем? – норозӣ пурсид гандумгуни таҳқиршуда.

– Ором, гуфтам, нашунидӣ? – песонд суолдиҳандаро раҳнамо.

Таъкиди оҳангдори роҳнамо ба ёди бонувон мамнӯъ будани пурсишу таҳкобиро овард, ки лаб фурӯ баста, хомӯшона нигоҳҳои пур аз суолашонро ба тахтаи рангкардаи дари пурасрор мехкӯб намуданд.

Интизорӣ тӯл кашид. Меҳмонон бетоқат шуданд. Оқибат бонувони деҳотиро ба даруни бино даъват карданд. Занони шалпару роҳкӯфта дар остонаи ҳаммоми занона бо як марди тару лухт, ки пешопеши нозирони тартибот аз дари ҳаммоми занона шитобон берун мерафт, бархӯрда, ҳамагон бо каф пеши дидагони худро бастанд. Марди тари ҳаячонзадае дар як даст либос, дар дасти дигар миёнбанд кӯшиши пӯшонидани урёнии шармоварашро дошт, аммо аз ҳаячону изтироб муваффақ намешуд.

Нозимони тартибот, ки дар байнашон зани мардакмонанде низ буд, марди бечораро бо танбеҳи ногуфтаниву ношуниданӣ аз ҳаммоми занона берун намуд.

Ин манзараи безеб табъи хираи бонувони деҳотиро хиратар кард. Хитоби ҳаммомбону пардаи гӯшашонро харошид:

– Марҳамат, ба дунёи хушнакҳати ҳаммом! – занонро аз паси худ ба дарунтари иморат хонд, Ҳаммом-бону.

***Худпарастӣ ҷурм, худхоҳӣ гуноҳ, суратпарастӣ ҷаҳолат аст.***

**7**

Либоси бонувони деҳотиро дар гӯшае чун дарзаи ҳезум рӯйи ҳам тал зада, ба ҳар кадом ҷомаи якрангу якдӯхти идона ҳадя карданд. Бонувон аз либосҳои хушранги худ дили ноҳоҳам ҷудо шуда, ба ҷомаҳои ҳаммомии сафеди кафанмонанд, пур-

маъно нигаристанд. Яке оҳиста ба ҳамсояаш гуфт:

– Намурда кафандор шудем!

– Бахудо рост мегӯӣ.

Дигарон низ забони нигоҳашонро баён доданӣ шуданд, аммо нигоҳи пурмаъноии роҳбаладии садчашма шасти баёнашонро гардонд. Ноилоҷ либосҳои нави нодилхоҳ рӯйи шохаи бозувон овезон интизори фармону дархости нав дар рӯбарӯйи духтурон қарор гирифтанд.

Духтурон набзу фишори ҳар якро бафурҷа санҷидаву бемориҳои будаву набудаи ҳафт пушташонро ба ёдашон оварда, барои шустушӯй иҷозат фармуданд.

Ҳамин вақт рӯйи мизи табибон хатчае пайдо шуд, бо хабари дорои аҳамияти давлатӣ. Хати мустаор сохторро аз мавҷудияти хоине дар сафи бонувони деҳотӣ огоҳ мекард. Ба назари хатнавис дар ҳоҷатхонаи занона ҳангоми бод сар додан, ғурриши шикаме сахт шубҳанок тофтааст, ки ба таркиши норинҷак монанд будааст. Аҷаб нест, ин норинҷаки дар шиками занак пинҳон, ки бо сабабҳои номаълум аз диди таҳқиқи навтарин асбобҳо дур мондааст, ихтироъи тозаи душман бошад. Дар муддати кӯтоҳ ин севумин ҳушдори бадфол буд. Дар шиками зане ниҳон будани асбоби тарканда имкон доштааст, зеро душман ба ҳар кор қодир аст. Ҷустуҷӯйи норинҷаки хатарнок фаврӣ оғоз шуд. Занони ҳайрону музтар аз дигар саф оростанд. Асбобҳои озмоиш аз дигар ба кор

даромад. Онҳое, ки чанде пештар аз чашми сӯзани санҷиш гузашта буданд, аз нав воситаи санҷишу озмоиш қарор гирифтанд. Боз аз фарқи сар то ба қадамашонро диданду озмуданду санҷиданд.

Табибон аз нақшу нигори пурасрори асбобҳои озмоиш чашм наканда, ҳалли муамморо ба тӯтаи гӯшҳои худ ҳавола мекарданд. Гӯшҳоро дар пайвастагӣ бо ҳушҳо ба шиками занон ҷафс намуда, садои рӯдаҳои ғафсу борикро бо диққат мешуниданд.

Диққати табибонро деҳбонуе ҷалб намуд, ки дудаста шикамашро дошта гӯё чизеро пинҳон кардан мехост. Дастони болои шиками зан ҳазору як тахмин ба бор овард. Аз норинҷак доштан, то ҳомила буданаш. Озмоиш аз дигар оғоз шуд. Аз духтараки наврас сар карда, то роҳбаладии бонувон, ки соҳиби набераву абера буд, ҳамаро гаштаву баргашта аз ҳаллоҷии таҳқиқ гузаронданд. Маълум шуд, ки зан дар батнаш тифли сеҳафтаина доштааст. Зан ба ҳафт пушташ қасам хӯрд, ки аз ҳомила буданаш бехабар аст. Бовар накарданд. Кашфи ҳамил зани ҳамлашро аз миллат пинҳон карда ҳадафи пештара, пайдо кардани маводи таркандаро аз байн бурд. Барои низом ин хатар аз мавҷудияти норинҷак камтар набуд. Дар ин амал ба дарёфти низом ҳадафи хатарноке пинҳон буд. Ҳомилаи пинҳонкорро ҳамоно аз сафи вакилони арзанда берун кашида, барои пурсуҷӯйи ҷиддӣ фиристоданд.

Аз печи рӯдаеву халтаи шикаме норинҷаки хунсонашударо пайдо накардаву садои шунидаи хатнависро нашунида, оқибат бонувони ҳайрону музтарро иҷозати ҳаммом кардан фармуданд.

Ин воқеа на танҳо шубҳаи низомро, балки нобоварии вакилони русторо, ки аз маҳалҳои гуногун буда, ҳамдигарро хуб намешинохтанд, дар нисбати якдигар бедор кард. Дарди шикамравӣ ҷиддӣ гирифта шуд. Нигоҳи онҳое, ки чанде пеш лутфу марҳаматашонро дар салому алейк ва таърифи зевару либоси ҳамдигар баён медоштанд, ҷониби якдигар озмояндаву сарду нобовар гашт. Ба ин гурӯҳи нобовару эродгир духтараки наврас гӯё иштибоҳан ҳамроҳ буд. Дилаш дар сураташ аксандозӣ мекард. Чашмонаш барқ мезад, табассуми нозанин гунаҳояшро тарк намекард. Як дунё пурсишу суол дошт, аммо мувофиқи дастури аз модарбузургаш гирифта, нахуст шуда, лаб ба сухан боз намекард:

– Напурсанд аз пеши худат гап назан, пурсанд, фикр карда, ҷавоб те. Аз касе чизе напурс. Кабк аз даҳонаш тир хӯрдааст, гаштаву баргашта таъкид кард оне, ки дар шир сӯхта дӯғро пуф мекард. Зинҳор, аксро ба касе нишон нате. Мисли гавҳараки чашм ягона аст, гум шавад хонумонамон месӯзад. Бахтат хандад, аксро ба дасти худи соҳибаш те. Ёдгории худро албатта мешиносанд. Ин ду себи сурхро ҳам ба дасташон те. Себҳоро, ки диданд, чӣ будани гапро бегап мефаҳманд... Пиразан нигоҳи ҳайрати абераашро сӯяш дида,

мушкилӣ ва печидагии масъаларо бештар дарк кард, ки овозаш ларзид:

– Дар ин дунё ҳич кас монданӣ нест. Ман ҳам осмонро ба сарам набардоштаам, рӯзе пеши духтару набераам меравам, аммо ту бояд соҳибу соҳибдарак дошта бошӣ. Фаромӯш накун, овозашро дуздида таъкид кард ӯ, ту яккаву ягона нишонаву ёдгории олимақомӣ, ки худо ба мо ато кардааст. Ин сирро ҳамин қадар сол ба сояи танам нагуфтам. Ҳатто аз бибият, духтари ҷавонмаргам, аз модарат, ки умраш аз умри модараш ҳам кӯтоҳтар будааст, ниҳон доштам.

– Кадом сирро? – ҳайрон суол кард абера.

Модарбузург дар ҷавоб лаб газида, хомӯш шуд, зеро аз духтарча ҷони гапро пинҳон медошт. Забонаш намегашт, бигӯяд, ки ӯ, ҳамин пиразани барҷомондаи шалпару афтода, давре нури дидаву дурри ягонаи малики оянда буд ва агар қисмат бераҳмӣ намекард, алъон ӯ маликаи мамлакат буд. Ишқи аввалу охираш, номзади бевафояш он гоҳ сахт номардӣ кард. Дидаву дониста, аз баҳри ӯву тифли ҳанӯз ба дунё наомадааш гузашта, пирдухтари зишт, ҷоҳу ҷалол ва ганҷу сарваташро интихоб намуд. Аз шарму ноумедӣ даст ба худкушӣ зад, аммо ҷон ширинӣ кард, ё меҳри тифли дар батнаш буда нагузошт, ки ҳалқаи тангшударо бо панҷаҳои чангакшудааш барканд ва зиндагиро бар алайҳи марг пазируфт. Духтари таҳқиршудаи аз оламу одам дилмондаву канораҷӯ худро ба соҳили рӯдбори шӯхоб зада,

рӯзро дар танҳоиву гиря шом мекард ва бо фарорасии шаб сархаму бечора ба хобгоҳ бармегашт. Он рӯз, вақте ки чашмони аз ашк варамидаашро мешусту хомӯшона дарду ғами нокомияшро ба оби равон қисса мекард, зарбае сахту ногаҳонӣ ба шонаҳои нозукаш расид ва чапасар ба рӯдбор афтод.

Кӯшиши аз об баромаданро кард, аммо зарбаи дигар ӯро ба ҷӯши амвоҷ тела дод. Вақте ки даступо задаву обхӯрда сар боло кард, дар пардаи торикӣ суроберо дид, ки шитобон аз соҳил дур мешуд.

Беҳуда нагуфтаанд, ки «оне, ки бояд дар об ғарқ шавад, дар оташ намесӯзад». Он гоҳ рӯдбор вуболи зани ҳомиларо бар дӯш нагирифт, дар тангное ӯро мавҷ ба соҳил партофт. Аз чанги аҷал раҳида, покашону камаршал ба деҳае расид. Деҳаи дурдасти кӯҳистон духтари таҳқиршудаи нокомро аз маломату маззамати мардум пинҳон кард.

Ятими аз лутфу марҳамати модар бенасиб худ модар шуд ва кулли меҳру муҳаббаташро ба фарзанди ишқаш ато кард. Набудани ғизои кофӣ, камари зарбхӯрда оқибат аз пару пойи равон маҳрумаш сохт. Дар хона бачаҳои деҳаро сабақ меомӯхт.

Зинда буд бо ёди ишқи аввали худ. Як лаҳза фаромӯшаш намекард. Якумр дӯсташ медошт. Дар тӯли солҳо тулӯъи ахтари дурахшони ёри бевафояшро дида, хушнуд мешуд, шодӣ мекард, ме-

гирист. Духтари наврасашро бо умеди дастёре барвақт ба шавҳар дод. Ҷигарбандаш рӯйи тифлакашро надида, сари хишт рафт. Тифлро бо шири буз парвард.

Тақдир пайваста ҷазояш медод. Наберааш низ сарнавишти худашро ворис шуд. Шавҳари ӯ низ аз паси зани сарватманде рафта, ҳамсару фарзандашро фаромӯш кард. Зани бадбахт тифли ширхораашро дар бағали модарбузурги маслуқаш гузошта, ба ҷустуҷӯи шавҳари гурезааш рафту дар садама ҳалок шуд... Чунин талху сода буд сарнавишти кӯтоҳу бешафқати ин зани аз парубол мондаву бахтбаргашта, ки бо ҳама сахтиву бераҳмии тақдир ҳанӯз аз оламу одам ноумед набуд. Бахти ба худашу духтару наберааш насиб накардаро ба абераи бесоҳибаш таманно мекард.

Вақте ҳамдеҳагон абераашро бо шӯхиву ҷиддӣ духтари малик ном мебурданд, аз ин қиёси ҳақиқатосор дар дил нозидаву болида ноаён ашки сӯзони чашмони фурӯрафтаашро пок мекард.

Ҳатто вақте ки гуларӯсашро ба маркази ноҳия бурданд ва зери акси даврони ҷавонии малик аксбардорӣ намуда, бо зернависи «миллат ба малики худ монанд аст», ба намоиш гузоштанд, ифшо кардани ин розро ба худ иҷозат надод. Биму ҳароси пиразани аз пару по монда бесабаб набуд. Оқилона дарк мекард, ки хабари пас аз ним қарн, дар деҳи дурдасте рӯ задани меросхӯри наврӯиде ба гӯши малик нарасида, решаи ниҳолакашро хушк хоҳад кард. Шояд пиразани

мулоҳизакор минбаъд низ дар ифшои ин роз шитоб намекард, аммо беҳуда нагуфтаанд, ки «ҳар тақдирро тақдирҷунбонест». Тақдири абераашро ба ҷашни малик вакил интихоб шуданаш, ҷунбонд. Духтарак ин шарафро ба хотири шабеҳи соҳибҷашн буданаш соҳиб гашта буд. Зани барҷомонда пеш аз ифшо намудани ин хабари ғамхуш аз ҳаяҷону ҳароси гуноҳи нокарда дар худ печидаву ғунча шуд, аъзои баданашро табларза фаро гирифт. Борҳо ними шаб акси зардшудаи худу малики ояндаро аз зери болинаш берун кардаву дар рӯшании шамъ дуру дароз нигариста гирист, то оқибат ба қарори қатъӣ омад, ки ин сирро бо худ ба гӯр бурданаш гуноҳ аст ва минбаъд пеш омадани чунин имкони мувофиқ дар гумон хоҳад буд. Оқибат рози нимқарнаро тарсидаву ларзида, ба абераи ифшо кард...

Ба дасти ҳар зан як собуни хушбӯй, ки аз ҷилди зарҳалияш акси хандони малик сӯяшон ошиқона менигарист, дода, ононро барои шустушӯ даъват карданд. Селаи лухту урёни занон бодвор ба толори бузург ворид шуда ҳамоно дар ҷой шах шуд ва аз рафтору гуфтор монд. Нидои ҳайрату ҳарос дар лабон таркид. Занон гӯё пешакӣ маслиҳат карда бошанд, нолише аз димоғ сар дода, рӯйи фарши сангини намгирифта фурӯ шуданд.

Сабаби якбора худро ба замин афкандану рӯй бар фарши сангин пинҳон кардани меҳмонон кироӣ буд. Аз девори ҳаммоми занона сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи кишвар бо

савлату ҳашамати шоҳона ва табассуми пурасрор рост ба ҷойҳои мастури бонувони деҳотӣ менигарист. Ҳаммомдор фаршбӯсии меҳмонони худро таъзиму суҷуд ба акси деворгири малик дарёфта, хушҳолу ботантана эшонро хушбошӣ кард:

– Хуш омадед, бонувони нозанин, ба ҳаммоми занонаи мо. Нури дида! Мо ҳама дар хизмати шумоем. Қавл медиҳем, ки барои хушрӯй ва хушнакҳат шудани шумо ҳеч чизро дареғ нахоҳем дошт! Марҳамат, шустушӯй кунед, хушнакҳату хушрӯй шавед.

Дар ҷавоби лутфи ӯ занони фаршбӯси пакар аз худ ҳич нишонае нанамуданд. Гӯё дар муқобили худ даҳони вози аждаҳоро дида бошад, ақибнокӣ, чорғов ба кунҷи толори бузург хазиданд. Ҳар қадом мекӯшид ҷойҳои касмабинашро бо кафи даст, соқи пой ё шаршараи гесувон бипӯшонад, аммо аз силоҳи нигоҳи малик ҷойи гурез надоштанд. Ин силоҳ дар ҳар гӯша ҷойҳои касмабини бечораҳои урёнро ба нишон мегирифт.

Бо умеди наҷот бонувони лухт гаваккашон ба кунҷи дигар хазиданд, аммо он ҷо низ наштари назари ҷашнороро андар бадани арақшори хеш эҳсос намуда, аз шарму бечораҳолӣ гирён шуданд. Бечораҳо ашки шарму ҳаросро, ки ҳар ду бари рӯяшонро мешуст, бо каф поккунон худро ба куҷо заданашонро намедонистанд. Оқибат роҳбаладі занон нишонаи зинда будану бо ҳамроҳон ҳамдил буданашро дар гиряи шонаҳояш ба намоиш гузошта, бо ҳунгасте аз худ

дарак дод. Дар ҷавоб чанде шонаҳо баланду паст шуданду чашмон шаршара. Ҳайрату аламу таҳқир ба ҳам омехта, оқибат сабру тамкинро барбод дод:

– Вой, дод! – пешу қафо фиғон сар доданд бонувони урёни деҳотӣ аз фарш, рӯбарӯйи сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи мамлакат.

– Аз ин рӯз мурданамон беҳтар аст! – бо азоб сар бардоштаву ба якдигар аз пардаи ашк нигаристанд. – Мемирем! Шармандагӣ, ваҳшат, даҳшат! – пасту баланд нолиданд сари овози якдигарро гирифта, занони бечора. Ҳаммом ба лонаи занбӯр монанд шуд, ҳаммомбону ба асалпарвари оругазида.

– Эй, ҳей, аз барои худо, ором шавед! Ором шаведеее!

Касе на аз барои худ, на аз барои худо ором шудан намехост, ба ҷуз духтараки наврас, ки лифофаи ошноро аз даст сар надода ба шӯру мағали ҳамроҳонаш музтару ноилоҷ хомӯшона менигарист.

Онеро, ки барои ба даргоҳи мурод расидан бештар аз дигарон ҳақ дошт, пеш омадани чунин воқеаи ғайриинтизору нохуш сахт ғамгин кард. Садои эътирозашро сахт дар лаб газида хомӯш буд, зеро дар ҳаммоми занона, дар рӯбарӯйи акси деворгири малик низ овози модарбузургаш дар пеши гӯшаш шунаво садо дода, ба сабру тамкин даъваташ мекард:

– Бар фарқи сарат санги осиёб гардонанд,

тоқат кун! Бо қисмат шухӣ накун! Қисмат бозихунук аст. Ташнаро дар лаби об, гушнаро дар сари дастархон мекушад. Мо ҳам гушнаем, ҳам ташна...

***Ҷаҳл санги хороест, ки***
***дар сари фазл хоҳад шикаст.***

**8**

Дар бинои нави хушнакҳат хомӯшии тазйиқоваре ҳукмфармо буд. Соати деворӣ бо забонаки дақиқашумори аксималикдораш бонувони болои фарш ба пайкараи сангин табдилёфтаро гӯё аз кам будани вақти барояшон муайяншуда баландово хотиррасон мекард. Сукути намкашидав дилбазан шуд. Мизбонбону нахустин шуда бо лаҳҷаи сулҳхоҳ сукути ногуворро барҳам зад:

– Бори дигар хуш омадед, меҳмонони гаронқадр, ба манзили поку покизагон. Марҳамат ба ҳаммоми гарму хушбӯй. Мо ҳама дар хизмати шумоем.

Меҳмонони тару музтар лутфи мизбони меҳрубонро беҷавоб гузоштанд. Ӯ бо ишора ононро ба хонаи дарун хонд, аммо касе аз ҷой наҷунбид. Байни абрӯвони масъули покизагии миллат хатти амиқе ҷӯй кашид:

– Хоҳишмандем, вақтро зоеъ, миллатро маътал накунед! – боадабона гуфт мизбон. Ин даъвати ватанхоҳона низ меҳмононро такон надод. Тоқати лутфбону тоқ шуд:

– Ҳой, бонувони хушрӯй, о, меҷунбед ё не?! –

суолу ҷавобро бо ҳам омехта хитоб кард ӯ. Канӣ, зудтар, зудтар ҷунбед!

– Худат зудтар ҷунб! Мо саросема нестем, садо кард яке.

– Шумо саросема набошед, дигарон вақт надоранд. Вақти дигаронро эҳтиром бояд кард.

Боз ҳам раге аз пайванди ҳозирон наҷунбид. Таъкидкунанда безобита шуд. Лаҳҷааш дурушт, садояш як парда болотар шуд. Ба соати деворӣ ишоракунон таъкид кард:

– Вақт надорем, мефаҳмед ё намефаҳмед?!

Тарзи гуфтори мизбон бонувонро ранҷонд. Пурмаъно ба якдигар нигаристанд, аммо дар ҷавоб лабе во нашуд:

– Мову шумо танҳо нестем, ҷаҳон, башар ба ҷашни ҷашнҳо ташриф овардааст, чаро намефаҳмед?

– Ин фатираки сӯхтаи лахчабод чӣ гуфт? – пурсид яке дигареро. Он дигар бо зарда ҷавоб дод:

– Ин фатираки сӯхтаи лахчабод мегӯяд?

– Одами бадрӯя гапаш ҳам мисли худаш хунук аст.

«Фатири сӯхта» таҳқири рӯйрости деҳотиёнаро шунид, аммо ба хотири ҳадафи болотаре онро таҳаммул намуда, сулҳхоҳона гуфт:

– Кӯҳ каланд накунед, ҳаммом кунед, мегӯям.

– Моро аз кор натарсонед. Даркор шавад кӯҳро ҳам каланд мекунем! – гуфт намояндаи занон ба ҷойи ҳама.

– Ҳо, даркор шавад, кӯҳро ҳам каланд мекунему даштро ҳам, яково ҷавоб доданд бонувон.

– Ташаккур, ташаккур. Кӯҳ намегурезад, ҳоло аз шумо хоҳиш мекунем, ҳаммом кунед, хушрӯй

шавед!

Занон ҳамоно тири нигоҳи норозияшонро сӯйи ҳамдигар равона карданд:

– Оҳе, ҳолӣ мо бадрӯйем?

– Хушрӯйед, хушрӯйед! – саросема шуд аз гуфта пӯшаймон. Албатта хушрӯйед! Дар ҳаммоми мо шустушӯ кунед, хушрӯйтар мешавед! Марҳамат!

Занон ба роҳбаладии худ пурмаъно нигаристанд. Роҳнамои шармсор, ки дар гӯшае хазидаву дасти гапзанашро рӯйи ҷойи маҳрамаш тапак карда буд, бо дасти озодаш омиронаву баландово посух дод;

– Мо худамон хушрӯйем! На ҳаммом мекунем, на хушрӯй мешавем.

– Не, ҳо, ҳаммом намекунем, тамом! – шӯриданд занон. Мо ҳам обу собун дорем!

– Обу собуни мо аз обу собуни шумо фарқ мекунад! Ҷунбед, шумо танҳо нестед!

– Ба ҷашн, ба пойтахти мамлакат барои сарутаншӯйӣ наомадем. Аз ин ҳол мурданамон беҳ!

– Мурданамон беҳ! – ҳукми роҳбаладии худро такрор карданд бонувон.

– Барои кадом гуноҳамон моро дар пеши чашми малики маликон шармандаи ин дунёву бозори қиёмат кардед? – ба ҳаммомбону муроҷиат кард роҳбаладии занон. Ҷавоб диҳед!

Ҷуръати роҳнамо ба ҳамроҳонаш сахт таъсир кард. Чунон ҳамакаса ғулғула бардоштанд, ки ба қавле дар ҳаммом зиғербирён шуд:

– Ин дунёву он дунёмон сӯхт! Э войеее! Ууууу!..

– Ин кори душман аст!

– Хонаи душман сӯзад!

– Бачаи душман мурад!

– Либосҳоямонро баргардонед! – қатъӣ талаб кард роҳбалад:

– Ҳой, ҳей, ҳуй! – забони масъули покии миллат гирифт. Ба хотири осоиши миллат, барои амнияти мамлакат, ба эҳтироми соҳибҷашни олимақом, хоҳишмандам ҳаммом кунед!

Нутқи сиёсии мизбон низ ба занони хаставу таҳқиршуда ҳамчунон беасар монд. Аз дигар бо як овоз либосҳояшонро талаб карданд. Ҷони мизбонбону ба ҳалқаш расид:

– Бо обу собун қаҳрӣ будани шумо деҳотиёнро медонем, бо вуҷуди ин бояд ҳаммом кард. Ҳаммом кардан яке аз шартҳои муҳими ҷашни миллӣ – таърихист. Тозагии миллат низ сиёсат аст! Аҳ, шумо сиёсатро аз куҷо мефаҳмед! – даст афшонд мизбони сиёсатмаоб.

Беэҳтиромии маҳзи шаҳриёна нисбат ба деҳу деҳотиён, бо бесаводии сиёсӣ айбдор кардани эшон вакилони русторо ба шӯр овард. Зӯрашон ба шаҳру шаҳрдорӣ нарасид, ки ба таҳқиркунанда ҳуҷум карданд:

– Аввал дар як ҳавзча мезида, афти худатро бин, кадом обу собун туро шуставу покиза мекунад?!

– Ҳо, бахудо, як ба афту башараи худат нигоҳ кун! – ҷон доданд суханони роҳбаладро дигарон.

Ҳаммомбону дар рӯбарӯйи як гурӯҳ занони тазоҳуротхоҳ оқибат симои аслии худро гирифт, симои онеро, ки барои аҳли таҷриба, аз як нигоҳ

хидматгори кадом хоча буданаш маълум буд:

– Маълум мешавад, ки шумо малики маликонро дӯст намедоред!

– Мо маликро дӯст медорем, на ҳаммомро! – ҷавоб гуфтанд бонувон.

– Миллат барои малик мемираду шумо як лутфи ҳаммомиро аз олампаноҳ дареғ медоред. – Хоҳед нахоҳед ҳаммом мекунед! Барои шумо барномаи ҷашниро низ дигар намекунем. Ҳаммом кардан ё накардан дар рӯзҳои муқаррарӣ ихтиёрист, аммо дар рӯзҳои ҷашн, мо супориш дорем, супориш, мефаҳмед?! Вакили тозагӣ калимаи супоришро чунон бо задаи мантиқии ҳаяҷонангез ба забон овард, ки рӯяш ранги сурхи ҷигариро гирифт.

Дигар шудани ранги рӯйи мизбон, хоса калимаи супориш ба бонувон бетаъсир намонд, ки якбора хомӯш шуда, аввал ба акси барқади малик, сипас, ба роҳбаладі урён пурсуолу имдодхоҳ нигаристанд. Ӯ хомӯш буд.

Оқибат як зани миёнсоле, ки на танҳо аз нигоҳи нусхагири малик, балки аз ҳамроҳонаш низ мекӯшид, пистонҳои пучалаашро ниҳон созад, беҷуръат, аммо маслиҳатомез арз кард:

– Шумо, хоҳари ҳаммомдор, бояд моро фаҳмед. То ба идораи шумо расидан чандин маслиҳату насиҳат шунидем, дастур гирифтаем, аммо, аммо, аммо, войеее, аммо.., ба худо, ҳафтоду ҳафт пуштамон ин гуноҳамонро намебахшад. Моро, ҳолӣ шавҳаронамон лучи соф надидаанд! Моро худи

малик луч диданд. Войеее! Хок бар сарамонеее!

– Хок бар сари душман! – бо як овоз дуои бади занро ба худаш ҳавола карданд, ҳамроҳонаш.

Ҳаммомбонуи дар сангар танҳо монда ноилоҷ суханашро нармӣ бахшида, гуфт:

– Ҳай, ҳай! О, шумо малики маликонро кай ва дар куҷо дидед, ки мо надидем?!

– Мо малики маликонро дар ҳама ҷо мебинем! – ҷавоб дод яке ба ҷойи ҳама.

– Аз гаҳвора то тобут малик ҳамроҳи мост, посух дод дигаре аз селаи тари урён:

– Кӣ тобут гуфт? – бонг зад низомбону сурху кабуд шуда. Ҷавобе нашунида таъкид кард:

– Оне, ки чунин суханро ба худ иҷоза дод, ба мо маълум аст. Барои чунин густохӣ ӯ бо ҳафт пушташ дар назди қонун ҷавоб хоҳад дод. Акнун, ба зани гирён мурочиат кард ӯ, шумо маликро дар куҷо дидед?!

– Магар ҳамин кас оличаноб нестанд? – чашм аз фарш наканда, бо хами абрӯ ба девор ишора кард зан пакарнамо. Бонувони фаршбӯс сар боло карда, бечуръату шармгин ба акси боҳашамати малик, ки дар девори ҳаммоми занона худро хушбахту барҷо ҳис мекард, аз шиғи мижаҳо гунаҳгор нигаристанд.

Малик ҳамчунон аз ҷойҳои махрамонаи занон чашм нагирифта, пурасрору бовиқор табассум мекард ва гӯё ин баҳси тӯлонии собунолудро дар ҳаммоми занона танҳо худи ӯ аз девор фаромада, ҳал карда метавонист:

– Аз акс шарм кардан хандаовар аст. Кадом акс дидааст, ки… ҳаммомбону сари вақт лаб газиду хомӯш шуд. Меҳмонони чанде пеш музтар аз фурсат истифода намуда, ба ҳуҷум гузаштанд:

– Шумо дидаи бинои моро нобино гуфтед? – Ҳай, ҳай! Аз шумо, намояндаи давлат чунин кирдори зиштро интизор набудем. Ба қавли шумо чашми миллат –малик дида наметавонад?

Ин гуноҳи азимро бо кадом об мешӯед? –

Нозири тартибот аз чунин зарбаи ногаҳониву бераҳмона беҳолу бемадор гашт, даҳонаш хушк шуд. Лабҳои хушкашро бо оби набудаи даҳонаш нам карда канда-канда аз номи шахси севум гуфт:

– Худо шоҳид, ман чунин гапро ба забонам наовардам!

– Ба забонат наоварда бошӣ, мо аз кучо шунидем!– ба ӯ ҳамакаса ҳуҷум карданд занон. Мо ин гапи хунукро аз забони шумо шунидем.

– Маликро аксаш низ аз ҳама биност. Ӯ албатта, вақти дидани моро надорад, аммо худи мо магар кӯрем?!

Урёнҳои намкашида ва боисрор либосҳои худро талаб карданд:

– Либосҳоямонро диҳед!

– Либосҳоятонро фаромӯш кунед! Ҳама як навъ либос дорем, идона, ба қабои худ бо ифтихор ишора кард, мизбон. – Бе чунин либоси наву идона ва гувоҳномаи мо на танҳо ба ҷашн, балки ба пойтахти кишвар низ касе иҷозати ворид шудан надорад.

– Мо ворид мешавем!– қатъӣ эълон кард зане аз гурӯҳи саркаш.

– Шумо магар аз сайёраи дигар омадаед!

-Мо аз деҳаи Сайлон омадаем!– Сайлонро медонӣ?!– хитобу суолро ба ҳам омехт роҳбалад.

Мизбонбону сухани ӯро беҷавоб гузошта гуфт:

– Аз саросари олам ба меҳмонӣ омадаанд. Яке дӯст бошад, ҳазорони дигар душмананд. Мо набояд ба дасти душманон об резем!

– Худи шумо ба дасти душман об мерезед! – ҳукми сиёсатбонуро ба худаш ҳавола карданд меҳмонон. Ҳаммомбону зарбаи сахт хӯрд, аммо бар ҷой монда гуфт;

– Ё ҳаммом мекунед, ё ба ҷойи омадаатон бармегардед!

Дастёри низом аз рустоиёни якрав ҷавоби мусбатро интизор буд, аммо баръакс шуд:

– Бар мегардем! – қотеона амр кард, роҳбари исёнгарони луч рӯбарӯи акси малик рост шуда ва ҳамоно лағжида, рӯйи фарш афтод. Сахт зарб хӯрд, ки чанде садо балан накард. Оқибат бо азоб чорғов шуд ва ба ҳамроҳон бо овози гирядор муроҷиат кард:

– Меравем, беваҳо!

– Меравем!– хитоб карданд деҳотиёни таҳқиршуда бо як овоз.

– Меравем! Малики маликонро ҳаммом накарда, дӯст медорем.

– Нарафтагӣ зани номард!

Занони ба шӯр омада, собунҳои лағжонаки аксималикдорро бӯсидаву аз каф чун қурбоқа ба

фарши сангӣ сар дода, ҳаракат оғоз карданд.

Низомбону музтар монда лаҳзае чӣ гуфтану чӣ кор карданашро надониста, нигоҳашро ба дари сиёҳи баста мехкӯб кард. Дар ноаён нимроғ шуд. Ӯ ба маънии ба худаш аён садояшро нармии маслиҳатомез бахшида гуфт:

– Иштибоҳ мекунед! Шумо аз ҷумлаи хушбахтонед, ки тавассути ҷашни таърихии малики маликон дар таърихи башар номатон сабт хоҳад шуд.

Бонувони деҳотӣ аз маърӯзаи ҳаммомӣ чизе нафаҳмида, суолдор ба роҳбаладашон нигаристанд. Ӯ аввал ба занони моҷароҷӯй, сипас ба духтараки наврас, ки сари по рост шуда майли ҳаракатро дошт, пурмаъно нигариста гуфт:

– Ҳазорон, балки миллионҳо одамон алъон мехоҳанд ба ҷойи шумо бошанд, аммо сарнавишт ин бахти бузургро ба шумо раво дидааст. Ношукрӣ накунед!

– Ҳазор бош шукр! – гиребони набударо ғунча карданд дар ҷавоб занони урён.

– Бахти худро пеши по назанед!

– Худо нигоҳ дорад! Аммо мо меравем!

– Неее! Наравед! Бе шумо чӣ кор мекунем?– зора кард мизбони аз афти занони шилқин безор, аммо вазифадор.

Нармии ночори нозири низоми оҳанин беҳуда набуд. Аз як тараф саркашии як гурӯҳ занони сода, ки гӯё барои тазоҳурот кардан ба пойтахт омада буданд, метавонист ба назми олии маъракаи таърихӣ халал ворид созад. Ошӯбгарон як – ду нафар на, балки гурӯҳи чашмгири занони деҳотӣ буданд, ки на танҳо ҳич гуна маслиҳату насиҳатро гӯшу ҳуши шунидан надоштанд, балки ҳар нуктаро чун макру фиреби шаҳриён сари найза пешвоз мегирифтанд.

Ҳар вакилро борҳо аз даму нафаси низом гузаронида, сипас, ба пойтахт роҳхат медоданд. Саркашии ин гурӯҳи гапногир сустии фаъолияти сиёсии низомро дар музофот медод.

Муносибати шаҳру деҳа дар ҳаммоми занона вайрон мешуд. Хавфи тазоҳуроти урён меафзуд. Наврасидагонро пушти дар нозирони тартибот бар алайҳи гурӯҳи ошӯбгар мешӯронданд, ки бетоқатона мушт бар дар мезаданд.

Дар сафи саркаш ҳузур доштани оне, ки барои ҷашноро қимати хосае дошт, дасти ҷазодиҳандаро кӯтоҳ медошт.

Дастгоҳ ҳолати байни хобиву бедории соҳибҷашни пири айёшро барҳам задани шуда, ба ҷашнорои нимҷону афсурда нусхаи ӯ, зангӯлаи хун, балки соати аз хоб бедоркунии ҳисси сарду хуфтаашро пешкаш кардан мехост.

Навкарбонуи ҳаммом супориш дошт. Ин моҷароро бидуни машварати ҷиддӣ аз пеши худ ҳал карда наметавонист.

Оне, ки чашми сиёҳи тамаъ сӯяш менигарист, аз оламу одам бехабар, зудтар поён ёфтани баҳси дилгиркунандаи ҳаммомиро интизор, дар зери тири нигоҳи урёни малик дар ҷояш ғунча мешуд. Аз пардаи ашк сӯйи ҳамроҳони исёнгараш гиламанд менигарист. Зинҳор пеш омадани чунин ҳолати дилсиёҳкунандаро чашмдор набуд.

Дар дил саҳнаи пазироии бофараҳу ботантанаро пеши назар оварда, рухсорааш гул мекард. Боварӣ дошт, ки рӯзи аввал ба дидори пайванди

бузургвораш мушарраф хоҳад шуд. Ҳамчунон шуд, аммо на дар Қасри Миллат, балки дар кунҷи ҳаммоми занона. Пеши худ, бо мадади ақли ҳанӯз норасидааш илоҷи ҳалли мусбати масъаларо меҷуст.

Духтарак, ки дергоҳ бо нигоҳи озмоиш толорро аз назар мегузаронд, оқибат оҳиста аз ҷой боло шуд ва бафурҷа чанд курсиро болои ҳам чида, сӯйи ҳамроҳони ҳайрону музтараш нигариста, нарм табассум кард. Ҳамроҳонаш табассумашро бо абрӯвони гиреҳбаставу лабони фишурда ҷавогӯ шуданд.

Ҳаракоти боназми парии кӯчак аз назари ҳаммомбону ва дастёрони ноаёнаш, ки даҳчашма ӯро назора мекарданд, дур намонд. Ҳамроҳони хаставу музтараш низ оқибат дар фаъолияти пурасрори пайкараи урёни нозанин маъниеро дарк карданд, ки суолдору ҳайратӣ ба ӯ чашм дӯхтанд.

Духтарак пеши нигоҳи урёни малики маликонро бо парчами Ватан, ки як гӯшаи толорро ҳусну шаҳомат мебахшид, назарбанд намуда, сипас, намоишкорона пеш баромада, табассуми пурасрори наврасона дар лаб бонувони афсурдаву чорғоврo бо ишораи базеб аз пояш ба буғхона даъват кард.

Занони ранҷидаву хастаи деҳотӣ чуқур нафас кашидаву сабук ба тахтапушти якдигар пуф карда чанде ба парчами Ватан, ки нигоҳи бепаноҳи аълоҳазратро мепӯшид, сипас, ба духтараки урён, ки пайкараи аз санги мармари сафед тарошидаро

мемонд, бо ҳайрату ҳавас нигариста, бидуни ихтиёр як-як ҳаракат оғоз карданд.

Бонувон шояд дар ин амали наврасона вуҷуд доштани асрори муҳими давлатиро пай бурданд, ки аз сангфарш як-як боло шуда, қад афрохтаву саф ороста, хомӯшона аз дунболи оне, ки инсофан имкон дошт, беруни ҳаммом низ бо чунин пайкара урён бошад, равон шуданд.

***Сарвару раҳбарпарастӣ***
***бемории қадимаву рӯҳии тӯдаҳост.***

**9**

Ишқ даҳпанҷа дари дилу эҳсоси миллатро мекӯфт. Низом набзи ишқу эҳсоси ба таҳрикомадаи бандаҳои маликофарро месанҷид, ҳолати рӯҳиву ҷисмонии ҷамъияти ишқбеморро чен мекард.

Ҳар қадар зодрӯзи тиллоии малик наздик мешуд, оммаро бештар эҳсоси ғуруру ифтихори худнамоӣ фаро мегирифт. Хурду калон, пиёдаву савора аз гӯшаву канори кишвар таронахону шиорзанон ба пойтахти мамлакат мерехт. Дар назари аввал гӯё ин мавҷи дамандаро ҷилавдоре набуд, аммо дар асл ҳар кадомеро дар ин маъракаи сиёсӣ вазифаеву масъулиятеву ҳадафе буд.

Матоъи абрешимини шиорҳо нав буду маъниву мантиқи хитобҳо кӯҳна. Зебу зиннати шиорҳо, мантиқи шуурҳо, маънии ҳастии шиорзанҳову шиоршунавҳо танҳо як нафар буд, малик:

– Миллат кист?! – фарёд мезад шиорзан.

– Гадои малик! – посух медод миллат.

– Оламро сарвар кист?

– Малик! – мехурӯшид омма.

– Зиндагӣ чист?

– Малик! Барои малик мемирем!

– Марги нозанин муборак бод! – намурдаҳо якдигарро бо марги дарпешистодаи зебояшон муборакбод мегуфтанд.

– Кӣ барои малики маликон омодаи мурдан нест?! Магар чунин афрод дар байни мо ҳаст?!

– Нест! – наъра мезаданд мурдаҳои зинда.

Онҳое, ки омодаи мурдан набуданд, худро ба замин афканда, ҳамоно мемурданд, то ки ширинии марги дигаронро набинанду насӯзанд. Ҳаваси мурдан барои малик раиятро аз зиндагӣ ширинтар буд.

– Малик! – наъра сар медод миллат ва дар авҷи ҷӯшу хурӯши хуни сӯзони ишқ гӯё ба асли худ, ба худо, мерасид, то ки асрори ба як фард ошиқи шайдо гаштани миллионҳоро пардакушоӣ бикунад...

Гӯё то арзи вуҷуд намудани они бо нони сари остини як деҳбонуи муфлис ба воя расида сайёраи шоҳпарвари гадокуш вуҷуд надошт. Гӯиё то ӯро зодани зояндаи гумноме дар олам нареву модае бо ҳам ҳамхоба нашуда буд…

* * *

Ба истиқболи ҷашни ҷашнҳо миллат кайҳо

омодагӣ мегирифт, аммо дар асл рӯзи худоро миннат карда, чашм кушодани соҳибҷашн на танҳо ба халқаш, балки ба модари раҳматияш низ маълум набуд. Деҳотиён одатан зодрӯзи худро ҷашн намегиранд. Мабодо, ба сари кадоме хаёли ҷашн гирифтани зодрӯзи падару модар, холаву амма, амаку тағову бачу качаш биёяд, мабодо дар ҳар хона даҳ – дувоздаҳ сар хӯранда хабари ба ҷаҳон омадани худро бо як пиёла ширчой таҷлил созад, деҳотӣ бечораву бехонумон хоҳад шуд. Шояд аз ин сабаб деҳотиён зодрӯзи худу зоту бунёдашонро донистан намехоҳанд. Соҳибҷашни деҳзода низ рӯзи ба дунё омаданашро намедонист. На танҳо ӯ, зодгору зодгоҳаш низ ин рӯзи муборакро ёд надошт.

Вақти гузарнома гирифтанаш масъалаи муайян намудани зодрӯзи малики оянда ба миён омад. Он вақт аз дафтари қонун тирвор сӯйи кулбаи фақиронаашон давид ва чун ҳамеша модари заҳматкашашро дар сари кор пайдо кард:

– Ман кадом рӯз, кадом сол, дар куҷо ба дунё омадам?! – модарро суолборон кард писар.

Модар тапакро бо шаст ба девори говхона часпондаву даҳ ангушташро бошаст ба рӯйи писар афшонда, қатъӣ ҷавоб дод:

– Ҳамон рӯзе, ки калбузи ҳамсоя се бузғола, як нару ду мода, сегоник зоид, ман ҳам туро дар таги пойгаҳ зоидам.

– Кадом солу кадом моҳу кадом рӯз буд сегоник зоидани калбузи ҳамсоя?!

– Эҳҳа, аҷаб гапе, он солу моҳу рӯзро худо надонад, бандааш аз куҷо медонад?!

– Модар надонад, кӣ медонад?! – ранҷида гуфт писар.

– Медонам, чаро намедонистаам? – қиёфаи файласуфона гирифта, гуфт модар. – Вақте чордард қавсам кард, ҳамин хел тапак мекардам. Офтоб як найза баромада буд. Мардум гову молаша ба пода ҳай мекард. Ҳамон вақт ногоҳ калбузи ҳамсоя дар қади раҳ зоид. Буз ҳам зоид, ман ҳам. Ҳамаш мода буд, маълумот дод модар.

– Якеш нар буд! – бо зарда гуфт писар.

– Ту аз куҷо медонӣ? – ҳайрон пурсид модар.

– Худат гуфтӣ. Э росте,момодояи худораҳматӣ, номаша фаромӯш, кардам гуфта буд:

– Дар соли модкин, ту ки нар зоидӣ, номашро Таккабой мемонем.

– Кадом рӯзу кадом солу кадом моҳ буд, мани Таккабойро зоиданат? – суолу ҷавобро бо ҳам омехта, бо исрор пурсид писар.

– Гуфтам ку, соли модкин буд. Занҳои дуҷон ҳама духтар зоиданду ман писар. Парвардигор ба ман туро дод, аммо падаратро гирифт.

– Падарамро худо кай гирифт?

– Вақте, ки вақту соаташ расид!

– Рӯзи таваллудам вақту соати падарам расид?

– Э неее! Бечораи худо баъд мурд. Сиҳату саломат буд, гӯсфанд метарошид, якбора рангаш канд, сарчархак рафт, дилаш печид, як сӯйи гаҳвора нигоҳ карду чашм пӯшид. Туро бо нони

талбида калон кардам!– бо доман оби чашмашро рӯфт бечора.

Маълумоти аввалину охирини модари малик ба дунё оварда, барои таърих беш набуд. Зодрӯзи малики ояндаро он замон корманди ҳуҷҷатсупор худ муайян намуда, рақами нахустини ба хотираш расидаро ба гузарномааш ҳамчун рӯзи ба дунё омаданаш сабт кард.

* * *

Барои маъракаороён рӯзу моҳу соли таваллуди соҳибҷашн аҳамият нахоҳад дошт, зеро ҳадафи эшон аз рӯзу моҳу соли соҳибҷашн болотару муҳимтар аст.

Алъон низ низом дар таҷлили ҷашни як лӯъбатаки беҳолу рангпаридаи кайҳо аз пару по монда, қудрату шаҳомат, балки таҷрибаи сиёсии бардасозиву инсонбозии хешро намоиш додан мехост.

Барномаи ҷашнӣ мағзу ҳуши миллионҳоро фаро гирифта барои нигаҳдории ҷони ба лаб омадаи сиёсату сохтори як мулки таҷрибавӣ, дар симои хӯсаи барҷомондае тарҳрезӣ шуда, фурсати намоиш додани ишқи раияту раиятпарвар, ва худнамоии коргардони шоҳугадоофар фаро расида буд.

Дастгоҳ ним қарн пештар як шабаҳи корношоямро пеш аз аҷал ба фано расондаву аз зини тахт ботантана ба гӯристон раҳнамоӣ намуда, дастпарвару дастёри дигареро ба ҷояш нишонд.

Ин тахторои навдавлат беш аз ҳама ба бемории табобатнопазири савлатхоҳиву худнамоӣ гирифтор буд. Ҳарчанд аз чунин афрод сохтани лӯъбатаки ҳадафгир заҳмати зиёде намехост, то ром кардану ба пушташ гузоштани зини давлат ӯро низ дергоҳ мавриди озмоиш қарор дод.

Дар сара кардани ин тавсани шӯҳратмаст дастёри беминнате дошт, зишту оқила – малика.

Одатан барои рӯйпӯш сохтани муфлисии халқу кишвар оростани ҷашнҳои боҳашамати мардумфиреб яке аз воситаҳои қадимиву озмудаи давлатдориву салтанатронист. Дар чунин тантанаҳо одатан коргардон якеро лӯъбатаки ҷашнорову ҳадафнамо интихоб намуда, кулли барномаву намоишномаашро дар гирди ӯву бо номи ӯ чарх медиҳад.

Дастгоҳ лӯъбатаки худсохтаи дастпарварашро то ба ҷашни тиллоӣ раҳнамоӣ намуда, ба роҳи тайгаштаи сиёсату салтанатдории хеш назари таҷрибаву ибрат дӯхт. Барномарез мебоист хушнуду қаноатманд мебуд, аммо ӯ дар ин боб андешаву барномаи ниҳонии хешро дошт. Дар назари ҳамабинаш рахнаи танҳо барои ӯ аёне дар булӯри низоми мулку салтанат ба назар мерасид.

Дар таваллудхонаи салтанатӣ, дар шоҳидии оламу одам хиёнат содир намудани навзо, дар ҳаммоми занона тазоҳурот барпо кардани занони содаи деҳотӣ, ки аз байнашон хоине кашф шуд, ҳушдоре буд, кироӣ. Қонуншикании чанд нафар, метавонист боиси аз роҳи қонун убур кардани

мардум гардад.

Дар ҷамъияти яктану якҷон мавҷуд будани мору морбачаҳои вақту соати заҳр задани худро интизор Дастгоҳро бар сари андешаи амиқ қарор дод.

Сари вақт кафшер кардани рахнаи низом шарту зарур буд, зеро ҳама тазоҳуроти хурду бузург аз чизҳои кӯчаку назарногир сарчашма гирифтаанд.

Дастгоҳро, ки неруи худро дар санҷида тавонистани набзи раият, назми олии мулкдорӣ ва ҳамбастагии беқиёси дастпарварони хурду бузурги худ медид, ногоҳ ба самимияту ҷонфидоии дастпарварону дастёронаш шубҳааш бедор шуд.

Ба дарёфти Дастгоҳ бӯйи хиёнат дар рӯзҳои ҷашн аз дохили Кохи мамлакат берун гашт.

Аз ҷониби малика пинҳон доштани бемории қотилу шармовари маликзода намунаи ин хиёнат буд.

Низом аз ёвари дасти рости хеш, малика, зинҳор чунин хиёнатро чашмдор набуд.

Малика набояд фаромӯш кунад, ки ӯ афсар аст, афсар сиҳату бемор, мурдаву зинда набояд роҳи масъулиятро убур созад.

Дастгоҳ дар тӯли ним қарн ба афсари бовафои худ, малика бовар кард, сидқу вафову хидматашро қадр намуд, соҳиби қаср, соҳиби сухану мақому мартабааш сохт. Дар байни Дастгоҳу маликаи мамлакат, мувофиқи шартномаи нонавишта набояд асрори хурду бузурге вуҷуд медошт. Ду

ҷониб, ҳамеша, аз шаробхориву занбозии малик, то ба мулк ворид шудани навтарин силоҳи қатли ом огоҳӣ доштанд.

Малика марги шармовари фарзанди ягонаашро на танҳо аз малик, балки аз низом низ кӯшиши пинҳон карданро дошт, аммо муваффақ нашуд.

Магар аз низоме, ки туро зодааст, то ки рӯзе хунсардона ба қатлат бирасонад, метавон розеро ниҳон дошт?

***Бо фоҳишаву масту девона бо***
***забони худашон гуфтугӯ бояд кард.***

## 10

Дастгоҳ пас аз ҳодисаи дар таваллудгоҳ ва ҳаммоми занона рухдода, чашми назорату озмоишашро ба вазъи ҷомеа самти биниши дигар дод. Ҳарчанд гӯши ҳушаш ҳамеша чир буд, алъон чашму гӯши бинотару шунавотаре мебоист, ки нодиданиҳоро бубинад, ношуниданиҳоро бишунавад, ногуфтаҳоро сабт бисозад, зеро бадхоҳони салтанат маҳз дар чунин рӯзҳо нияти нопоки хешро бароварда, ва симои воқеии худро ба намоиш хоҳанд гузошт.

Фоҳишаву гадоён низ, ки бо ҳама пинҳонкориву ноаёнӣ хори чашм буданд, дар ин саф қарор доштанд.. Дар мамлакати мӯъҷизаҳо вуҷуд доштани ин тӯдаи шармовар қобили таҳаммул набуд.

Ин тоифаи айёр дар нозуктарин вазъи сиёсии мамлакат ногоҳ аз хоки бенишонӣ рух намуда, ҷомаҳои сӯфиёна дар бар байни ҷамъият ҳакимонаву роҳибона чеҳранамоӣ мекарданд. Алъон низ чунин шуд. Гурӯҳ – гурӯҳ фоҳишаҳои нару мода пешопеши гадоёну талабандагон дар кӯчаву хиёбонҳои идона боғурур қадам зада, ошиқи ҷонфидои ҷашноро будани хешро ба намоиш мегузоштанд.

Ҷуръати беҳаёияшон сазовори бадтарин ҷазо, аммо барои дастгир кардану сабақи адаб омӯхтанашон фурсат номувофиқ буд.

Дастгоҳ ин зотро хуб мешинохт, онон низ. Ҳар ду аз як реша, ҳадафашон фиреб додан, бо макру риё ба ҳадаф расидан буд.

Барои шабоҳати пешаашон ба пешаи худ ононро чашми дидан надошт. Асл мавҷудияти нусхаро таҳаммул намекард. Нусха якумр хоҳиши инкор кардани аслро дошт…

Ҳарбу зарбаш бо ин тоифаи хеш қадима буд. Фоҳишаҳо низ роҳу равиши ҳампешаи хешро хуб омӯхта буданд. Дар ҳифзи шуғли қадимаашон аз ҳич гуна рафтору кирдору эҷодкорӣ рӯй наметофтанд. Ин ду неруи ҳамсони аз ҳамдигар фирорӣ, якумр дар рӯбарӯйи ҳам қарор дошт.

Фоҳишаву гадоён якумр чашми сиёҳу ҳамабини низомро дар ҳар узви худ эҳсос намуда, ҷову беҷои баданашонро хоридаву молида, фиребгариву ихтироъкорӣ мекарданд. Гоҳе чунон содиқонаву самимона ба тоату ибодат ва

муноҷоту ниёиши мулку малик мепардохтанд, ки худ низ ба пешаи қадимаи ҳафтоду ҳафт пушташон шак меоварданд.

Низом зуҳури пурнуфузу фаъолияти пурсамари танфурӯшонро дар тантанаи миллӣ ҷиддӣ гирифт, зеро пешакӣ аз барномаи муфассали онон огоҳӣ дошт. Ин тоифа дар корсозиву кордонӣ низ ҳунарманд баромад. Онон нахустин шуда барномаи худро ба роҳ андохта, ҳамоно дар саросари мамлакат масъала эҷод карданд.

Мувофиқи барномаашон мебоист намояндагони арзандаи фоҳишаҳои нару мода дар остонаи ҷашн аз саросари кишвар ба пойтахт омада, ҷаласа меоростанд. Ҳамчунон ҳам шуд.

Дар саросари мулк якбора камёфт, балки нопадид гардидани акси соҳибҷашн миллатро аз дидани дидори муборак бенасиб сохт.

Барои маълумотномаи ҷашниву расонаҳои хабарӣ ин хушхабар хушҳолкунанда буд, аммо барои низом гуноҳи нобахшиданӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамтоёни назарногираш дар макру ҳиял ин дафъа низ аз ӯ фарсаххо айёрона пеш гузашта буданд.

Рӯйхати фоҳишаҳои ҷавону солор, зебову зишт, марду занро аз нав тартиб доданд. Ҳар фоҳиша таҳти рақами муайян сабт гардида, мавриди назорати ҷиддиву низомӣ қарор гирифт.

Ҳар фоҳиша як нафар нозир дошт. Чун шумораи шербачаҳои низому фоҳишаҳо баробар шуд, косибони қадимакасб, ҳамоно ҳузури панҷоҳ бар

панҷоҳи ҳамтоёни хешро дарк карда, ниқорхоҳ барномаи калидии махфии хешро аз остини макру риё берун кашиданд. Ҳамоно дар саросари кишвар сари ҳар қадам мағозаҳои фурӯши акси малик дарҳоро ба рӯйи мухлисону муштоқони соҳибҷашн боз намуданд.

Дере нагузашта, дӯкону мағозаҳо ба ҷойи писандидаи мардум табдил ёфт. Миллат соатҳо паси дари дӯконҳои фоҳишаҳо собирона навбат поида, акси азизи дилашро, ки дирӯз муфту фаровон дастрас месохт, бо нархи гарон харидорӣ мекард.

Намоиши макру риёву кайфу сафои танфурӯшон ҳамто надошт. Гоҳе дар авҷи ҷунуни ишқи харидорон нохост ба дари мағозаву дӯконҳо қуфл зада, акси малик зеби сари сина, парчами Ватан дар даст, сӯйи хиёбони маркази ҷашнӣ бовиқор роҳ мегирифтанд.

Акси малик дар сари синаи тарафи чап, рамзи маликзодагӣ ва шаҳрванди ифтихориро дошта, соҳибони чунин нишонаҳо дар ҳама ҷо соҳибэҳтирому пешгузар буданд.

Чопхонаҳо шабонарӯз ба чоп кардани акси ҷашноро машғул буданд, аммо камбудии ин матоъи гаронбаҳои бозоргир дар саросари кишвар эҳсос мешуд. Ҳар қадар мардум хостгору талабгори акси малик мешуд, ҳамон қадар қимати моли фоҳишагон болотар мерафт.

Дере нагузашта, исми чанд руспии доро дар рӯйхати сарватмандтарин мардуми олам сабт

гардид.

Танфурӯшон ҳич гоҳ чунин пуркору хушбахт набуданд. Расонаҳои хабарии дохиливу хориҷӣ ин тоифаро намунаи беҳтарини миллат дарёфтаву пазируфта маҳз бо эшон мусоҳиба меоростанд. Саҳифаҳои аввали рӯзномаву маҷаллаҳои рангаи ҷилодорро симои хандону хушбахти онон оро медод.

Воқеан ҳамсоя аз ҳамсоя панд мегирифтаасту харбуза аз харбуза ранг. Ҳунарнамоии фоҳишагон дар саҳнаи сиёсат дигар гурӯҳҳои бадному нокомро низ шерак сохт. Ҳамҷинсбозон низ монанди кӯрмуш аз хоки бенишонӣ сар бардошта, ишқи беҷинси худро беҳаёву бепарда ба намоиш гузоштанд.

Рухнамоии ин тоифаи мӯйдарози эзоркӯтоҳи лабсурху мӯйсабз ба ҳусни маъракаи сохтаву дилгир ҳусни тоза бахшид.

Онон нахуст аз зуҳури хеш хабарнигоронро огоҳ карданд. Худнамоӣ, панду андарз, гуфтугӯ, сӯҳбат, посуху хитобашон саршор аз ифтихори ҷинси беҷинсашон буд:

– Шумо намояндаи кадом табақаед? – мепурсиданд хабарнигорон.

Ҳамҷинсбозон бо як овоз ҷавоб медоданд:

– Мо намояндагони табақаи малики маликонем!

– Аз касбу кори худ қисса кунед!

– Мо ҳамкасбу ҳамкори малики маликонем!

– Ҷинси шумо? – ба доманҳои фароху

марҷонҳои гуногунранги гардани борику ғафси ҳамҷинсбозон ишора карда, мепурсиданд.

– Мо ҳамҷинси малики маликонем! – бо ифтихор ҷавоб медоданд онон.

– Мо ошиқем, ошиқи малики маликон! – дили саршори муҳаббат дар кафи урён ҳамоно сари овози ҳамдигарро гирифта, аз ному бо номи ишқ тарона оғоз мекарданд, чанд тори риши дар манаҳашон аз иштибоҳ рӯидаро молидаву хоридаву канда.

Раққосиву таронахонии ҳамҷинсбозон барои ҷамъияти одатпараст чизи наве буд, ғайри қобили қабул, аммо касе бар алайҳи эшон сухане бар забон намеовард. Магар инсонҳоро барои ошиқ буданашон, хоса ба малики маликон метавон маломату мазаммат кард?

Дастгоҳ ин турфаи шумрӯйро низ таҳти назар қарор дода буд, аммо мавҷудияти бехатарашонро ба инобат гирифта, аз буданашон эҳсоси хатар намекард. Ин буд, ки эшонро ба ҳоли худашон гузошта, тири рамзу ниқор ҷониби фоҳишагону гадоён равона дошт.

Набардаш бо сафи бешарму афзояндаи фоҳиша ва гадоён ҳамешагиву хастакунанда буд.

Дастгоҳ аз он гадоёнро дар як саф бо фоҳишагон мегузошт, ки байни ин ду фарқияти ҷиддие намедид. Мавҷудияти ин тӯдаи танбалу коргурези тамаъкор дар мамлакати тиллоӣ чеҳраи коҳидаи муфлисиву бенавоиро, ки зери ҳазор парда пиҳон буд, рӯйрост урён месохт.

Гадоёну фоҳишагонро аз вакилону меҳмонони воқеӣ фарқ кардан коре буд мушкил, зеро ин тоифа роҳҳои нав ба нави оммафиребиро дар зарурат ҳамоно корбаст мекард.

Вақте ки низом гадову муфлис меҷуст, онон беҳтарин ҷомаву қабо дар бар намудаву гарданбанди мӯди охиринро ба гардан баста ба сайри шаҳри идона мебаромаданд ва чун вакилони арзанда дар сафи пеш ҷой мегирифтанд.

Алҳақ, дили одат карда хун гириста, хулқи бо хун омада, бо ҷон мерафтааст. Агар чунин намебуд, дар авҷи рақсидану сурудану кафзаниву сарафшонӣ ногоҳ дасти тамаъи фарди сарватманднамое аз остин берун шуда, бо арзи фақру нодорӣ, бо ашки шашқатору гардани каҷ аз меҳмонон пайса наметалабид.

Пешгирии кирдори шармовару айёронаи гадоён гоҳе боиси иштибоҳу шармсории навкарони низом мегардид, зеро аксар ба ҷойи онон мардуми бегуноҳро дастгир намудаву мушту лагадкӯб мекарданд.

Аксар шоирону наққошон, олимону ҳунармандони асил, ки ҳунари маддоҳиву чоплусӣ надоштанд ва дар нодориву бечорагӣ воқеан ба гадову талбанда монанд буданд, дар рӯзҳои ҷашн ба маънии « аз бало ҳазар! « кулбаҳои фақиронаи хешро тарк намекарданд.

Нафаре, ки мабодо, барои ҳоҷати муҳиме аз

хона берун мерафт, ҳамоно ба даст меафтод.

Дар рӯзҳои ҷашн хабари бераҳмона латукӯб шудани роҳибаҳои муқаддас аз даҳон ба даҳон гузашта, дар гӯши хотирҳо дар монд. Роҳибаҳо бодияи касмагузари ишқро моҳҳо пиёда тай намуда, дар остонаи мақсуд ба азоби алим гирифтор шуданд. Ҷурм либосҳои кӯҳнаву кафшҳои даридаи раҳнавардони ҷодаи ишқ будааст.

Пас аз пурсуҷӯй ва ба таги масъала расидану собит намудани бегуноҳии духтарони худой низ симои гадоёнаи эшонро набахшиданд. Дафтари аъмоли ҳафтоду ҳафт пушти бечораҳои роҳи ишқро пуштурӯ карда, барои ба гадову муфлис шабоҳат доштанашон аз эшон ҷарима ситониданд.

***Инсон вақте мемирад, ки орзуву умеди худкуштаашро дар дилаш гӯр карда бошад.***

## 11

Сартабибу ёвараш дар вақти муайяншуда ба ҳуҷра ворид шуданд. Аз дидани сӯзандору бори анд дили бемор чун анори фишурда шуд. Ӯ аз дард метарсид, аз зоҳир кардани нотавонияш дар ҳузури дастнигарон бештар ҳарос дошт. Малика саломи наврасидагонро бо ишораи сар ҷавоб гуфта, аз назди тиреза бо дили нохоҳам дур шуд.

Малика ба ҷуз ин чанд масъули дарду дармонаш ёвару дамсозе надошт. Сартабиб, инро хуб медонист, аз ин рӯ ҳар гоҳ аз дари ҳуҷраи бемор ворисона ворид мешуд.

Ташрифи масъулонаи дармонбахши салтанатӣ ва ёваронаш андаке дардашро кам мекард.

Бемор бафурҷа дунбаи пӯстлохмонанди аз зарби сӯзандору ғирболгаштаашро урён кардаву ба ихтиёри сӯзандору гузошта, бемадор чашм пӯшид.

Бадани афгори бемор моеъи дарднишонро чакондаву резонда, фурӯ кашид. Чун ҳарвақта дар оғоз дарди ҷонкоҳ тундтар, сипас кунд шуд. Малика чашмонашро нимроғ карда, аз пардаи ашк миннатдор ба табиб нигарист. Вақте ки ёвар хонаро тарк кард, малика бо нигоҳи ранҷиш сартабибро аз назар гузаронида, беҳол, аммо зарбадору зардадор пурсид:

– Тинҷист?

– Тинҷӣ!

– Дунё чапа шавад шуморо ғаме нест.

– Худо нигоҳ дорад, дунё дар ҷояш!

– Дунё дар ҷояш, аммо шумо вазифаву масъулияти давлатии худро аз ёд бурдаед!

– Малика дуруст фармуданд, ман гунаҳгорам! – аз чашмони обрави зан чашм наканда, ҷавоб дод сартабиб.

– Ба маликаи мамлакат муносибат чунин бошад, ҳоли мардум чӣ гуна аст?!

Суоли исёноҳанги ин зани ҳамеша низомиву тартибпараст мухотабро ҳайрон кард. Ба ӯ имкони ҷавоб гуфтанро надода, илова намуд:

– Ман аз дарди дард ҳар лаҳза мемираму зинда мешавам, аммо шумо парвое надоред. Магар маликаи мамлакат сазовори чунин бераҳмист?!

Малика бори аввал дар ҳузури дастнигари хеш ашки хориву зорияшро нигоҳ дошта натавонист. Ӯ беҳол ба ҳамсӯҳбаташ пушт гардонида, оби дидаашро бо мушт пок кард:

– Ҳазор маротиба узр, бубахшед, малика, ан-

даке дер кардем.

– Андаке не, хеле дер кардед! – соати девориро ба шоҳидӣ хонда, гуфт бемор. Ё маро зинда гӯр кардан мехоҳед?

– Худо нигоҳ дорад! Андаке маътал шудем, дер монданамон сабаб дорад!

– Оё аз бемории малика магар сабаби ҷиддитаре доштед?

– Андаке ҳоли аълоҳазрат…

– Ба аълоҳазрат чӣ ҳодиса рух дод? – ҳамоно гӯӣ ҳоли табоҳи худ, бемориву бечорагияшро аз ёд бурда сартабибро суолборон кард малика.

– Тинҷӣ! Тинҷӣ!– тӯтивор такрор кард сартабиб.

Аз маликаи мамлакат чиро пинҳон доред?

– Ҳич чизи пинҳонӣ нест! Гуфтам –ку, андаке… забон хоида, нимғурма гуфт сартабиб.

–Малик чӣ ҳол дорад? Чаро ду қадам интарафтар аз бемории малик бехабарам? –суолборон кард ӯро.

Сартабиб борҳо ҳоли табоҳи маликро аз малика пинҳон дошта буду ин дафъа низ метавонист бо дурӯғе вазъиятро барҳам бизанад:

– Малик сиҳату саломатанд, оқибат имкон ёфта, сардово гуфт сартабиб. Шаб андаке Малик дер баргаштанд.

– Ҳарду бари рӯят сиёҳ! – дар дил ҳақорат кард дурӯғгӯйро малика. Малик баъди нисфирӯзӣ ба қаср баргашт ва то субҳ базми айшу тараб дошт.

Малика рост ба чашмони ҳамсӯҳбати фиребгараш нигариста, талх лабханд зад. Сартабиб маънии лабханди ӯро дарк кард, аммо худро ба нодонӣ зада, гуфт:

– – Худатон медонед, ҷашн, меҳмонон… Хайрият ҳама кор ба хайр анҷомид.

– Дар синну соли малик меъёрро риоя накар-

дан хуб нест. Гуноҳ аз шумо гузаштааст.

– Ҳақ аз шумост, малика!– гунаҳгорона гуфт сартабиб.

– Гунаҳгорам. Бояд назорат мекардам.

Онон, ки солҳои тӯлонӣ якдигарро мешинохтанд, на танҳо суханони сари забон омадаро, балки нагуфтаи якдигарро низ мефаҳмиданд:

– Ман гунаҳгорам. Бояд аз назди олимақом дур намешудам, аммо чӣ илоҷ, худи ҷанобашон маро аз наздашон меронанд.

Ба рафтору кирдори малик эрод гирифтану эътироз кардани сартабиб ҷуръате буд ношунидани. Аз афташ корди сабру тамкин ба устухони ин марди собир расида буд:

– На танҳо ба ҷойи худ, балки аз ҷониби мо низ бояд аз аҳволи малик бохабар бошед. Маҳз дар ҳамин рӯзҳо.

Сартабиб гуфт:

– Малика, ба номи худо, гӯё шумо не, миллат бемор шудааст. Набудани шумо ҳар дам эҳсос мешавад! Зудтар шифо ёбед, миллат бе шумо ятиму бепарастор аст!

Малика аз ин меҳрубонии содалавҳонаи дӯсти деринааш сахт мутаассир гашта, ашки ба гулӯяш расидаро бо азоб фурӯ бурд ва маслиҳатомез гуфт:

–Маликро чун гавҳараки чашм бояд эҳтиёт кард! Мо бешуморем, малик ягона аст!

– Бешак! Шумо ҳамеша ҷони гапро мегӯед.

Сартабиб дасти сиёҳу хушку сарди беморро бӯсида рафт.

* * *

Садои ба ҳаракат омадани корвони мошинаҳо ба гӯши малика расид. Ин садои падруддор аз дигар маликаро сӯйи дидгоҳаш ронд. Аз тирезаи кушода берун нигарист. Дар саҳни қаср корвони

мошинаҳо саф кашида, омодаи рафтан буд.

Малика аз дур маликро дид, ки бори тани сангинашро боазоб ба мошинаи сиёҳи тирногузари тобутмонанд ҷой мекард.

Бо дидани азизи дилаш рӯйи бемор ранги зиндагӣ гирифт. Боумеди он, ки шояд малик сӯяш нигоҳе хоҳад кард, худро ба рафакӣ ҷафс кард.

Ёвар дари мошинаи тобутмонандро пӯшид. Дили ноумеди бемор сих зад. Ҳасраташ ба забон омад:

– Меравад! Боз як рӯзи дароз ӯро намебинам. Як бор сӯйи тирезаи ман нигоҳ кун, мани интизорро бубин! Аз барои худо, бо нигоҳ як лаҳза умрамро дароз бикун!..

Андешаи зан гӯё ба гӯши малик расид, ки беҳавсала аз тирезаи мошинаи дарҳаракат сӯйи шабаҳи меҳринтизор нигарист. Малика дастони хушкашро дар ҳаво алвонҷ дода, дуруд фиристод, аммо дар ҷавоби меҳрубонӣ аз он сӯй аксуламале нашуд.

Оқибат малик ба маликаи бемору интизор нимнигоҳе хайр кард. Лаҳзае нигоҳҳои сарду беишқ баҳам омаданд, то хомӯшона аз бегонагиву хешии ду инсони ба ҳамдигар наздику чун замину осмон дур қисса кунанд, аммо ҳамоно ғози нигоҳҳо зери чархҳо монд.

Вақте ки мошинаи сиёҳ, ки аз дур тобутро мемонд, ҳаракат оғоз кард, дили занро ҳисси бадфоле фаро гирифт. Аз паси корвони мошинаҳо нигариста, чунонаш намуд, ки тобути сиёҳи маликро бурданд ва ӯро зинҳор дигар нахоҳад дид.

Бо дидагони намгирифта хаёлан симои азизи бемеҳру беинсофашро, ки аз мавҷудияти зани бемор, на танҳо дар як гӯшаи қаср, гӯё дар олам хабар надошт, ба маънии «алвидоъ» бӯсид.

Сиришки камчини пирона аз қаъри дили дард-

мандаш ҷӯшидаву сар рафта, ҳар ду бари рухсораи хушкашро шуст.

* * *

Малик аз малика фирор мекард, аммо зан ба ин ҳақиқати талху кушанда бовар кардан намехост. Гоҳе дар ҷойи нишасташ аз бесамарии роҳпойӣ хобаш мебурд ва аз баргаштани соҳиби қаср бехабар мемонд.

Чашм кушода, вақти аз даст рафтаро эҳсос мекард ва чун шогирди аз дарс дер монда, ҳаросон ба соат менигарист. Ба таги мантиқи «вақт рафт, бахт рафт» расида, чашмонашро ашк месӯзонд, дилаш дар чанги номуродӣ фишурда мешуд.

Малик ҳарчанд мекӯшид роҳи байни истиқоматгоҳи худу маликаро микроз занад, ҳанӯз маликаи мамлакат будани бемори нимҷонро ёд дошт. Аз рӯйи раҳму шафқат на, аз рӯйи масъулият шитобзада ҳолашро пурсон мешуд.

Дар дидорбиниҳои кам-каму саросемааш мекӯшид ба рӯй, балки чашмони ҳамсари бечорааш нигоҳ накунад, ки бесабаб набуд. Зан дили шавҳарашро бехато аз чашмонаш мехонд. Дар дили малик хоҳиши ҳарчӣ зудтар аз ин шабаҳи нимҷон халос шудан ба авҷ мерасид.

Дар панҷаи пурозори хиёнат, дар гӯшаи танҳоӣ, дар шарҳу баёни зиндагии барҳадаррафтааш малика ҷуз пешаи пешинааш ёру мададгоре надошт.

Ҳар гоҳ дар кӯйи интизорӣ, хоби бедор, ширеши мижгони камчинашро канда, ба олами гулпӯши пушти тиреза менигарист, ҳамоно дар ботинаш яки ӯ ду шуда, баҳсу талоши худӣ оғоз мекард:

– Агар подоши ҷонфидоиву сидқу вафои мард

ба зани бемору барҷомонда чунин бошад, дар дунё на ишқ ҳаст, на адл вуҷуд дорад, на адолат ҳасту на ҳақиқат, мегуфт дар дил якеи ӯ.

– Ба гуфтан осон аст, эрод мегирифт они дигар. Зиндагӣ ид нест, ки ҳар рӯз рақсу таронахонӣ кунӣ. Зиндагӣ кардан, ба қавли маъруф, хуни дил хӯрдан асту зери девори орзу мурдан.

– Агар чунин аст, чаро одамон дидаву дониста умри фониро сарфи хонадор шудан, фарзанд ба дунё овардану тарбия кардан, хона обод намудан… мекунанд?

– Шояд шарт набошад, аммо илоҷи дигаре надорад одамӣ. Як чизи муҳимро набояд аз ёд бурд, дар ин худсозиву худкушӣ нақши ишқро.

Зиндагиро офаридгор танҳо ба хотири ишқ ва барои ишқ сохтааст. Ҳама чиз дар ҳаёт мутеъи ишқ асту барои ишқ хидмат мекунад.

Тавлид шудан, дар ғаму шодӣ бузург шудан, хона обод кардан, фарзанд ба дунё овардан, тарбия карда, ба камол расонидан, оқибат пир шудану мурдан... ин ҳама ишқанд. Дар ин роҳи кӯтоҳ – тӯлонӣ офаридгор ба марду зан бо номи ишқ ва барои ишқ нерӯи созандагиву офаридгорӣ ато кардааст. Мутаассифона, на ҳама аз ӯҳдаи ин супориши инсонсоз мебароянд…

– Об, ба қавле, аз боло лой будааст. Ҳама нусхаи Одаму Ҳаввоянд.

– Шояд.

– Одаму Ҳавво зану шавҳар на, ошиқу маъшуқ буданд, Шумо чӣ?! На зану шавҳариятон маълум аст, на инсониятон. Миллатро бо зиндагии сохтаву сарди худ фиреб дода, саргум мекунед!

Малика эроди бераҳмонаи якеи хешро маҳзунона дар дил тасдиқ карда, дер гоҳ хомӯш менишаст, то даме, ки якеи дигараш мунозираро оғоз мекарду они дигарро ба баҳс мекашид:

– Зану шавҳар аксар ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Гурӯҳи аввал – Бегона. Гурӯҳи дувум – Хеш.

Ба гурӯҳи Бегона– онҳое шомиланд, ки дар нимароҳ ё поёни умр хатои зиндагии бемаъниву бемантиқи боҳаму беҳам будани худро дарк карда, гуноҳи кулли бадбахтиву нокомияшонро бар дӯши якдигар меафкананд ва шабу рӯз, пинҳону аён марги якдигарро мехоҳанд.

Чун аҷал барои бурданашон дерӣ мекунад, кулли банду занҷирро пора мекунанд ва минбаъд на танҳо дар як хона, балки дар дунё бо ҳам намегунҷанд. Дар зиндагӣ ин тоифаи бадбахт бештаранд...

Малика худу маликро зӯракӣ ба гурӯҳи дувум шомил мекард:

– Гурӯҳи дувум, гурӯҳи хеш, қисмати умрбод боҳамдигар хушбахтона зистан, роҳи пурпечутоби умрро бо ҳам тай карданро чун ҳадяи беназири офаридгор пазируфта, то дами вопасин бо ҳам хоҳанд зист. Ин тоифаи хушбахт айёми пирӣ ба ҳамдигар бештар ошиқ, меҳрубон, ҳамдаму ҳамроз хоҳанд шуд.

Аз дигарон канораҷӯйӣ карда, бо ҳамдигар буданро бештар аз пештар хуш хоҳанд дошт. Маргу ҷудоӣ аз ҳамдигарро ҳич тоқату таҳаммул нахоҳанд кард. Чун яке дунёи физиро тарк созад, дигаре шитобон ӯро дунболагир хоҳад шуд…

Ин ҳама меҳру сидқу вафо, ки ду фарди барҷомондаи ба якдигар маҳбубу мақбулро дар дами пирӣ кафшер мекунад, алҳақ, ишқ аст. Ишқ самари ниҳоли ҷавонист. Пирон неруи сабзи ҷавониро, ҷавонон таҷрибаву ақлу хиради пириро меписанданд. Ишқи пирон ба ҷавонон хатар дорад. Пирошиқро расвоиву хандасорӣ, дар оғӯши маъшуқаи ҷавон нотавону шарманда мур-

дан дунболагир аст…

Малика табиист, ки ишқи пиронро ба ҷавонон эрод гирифта, дар симои ошиқи пир шавҳари айёши худро дар назар дошт:

– Ишқи пирӣ, худро насиҳат мекард носеҳи бечораи кунҷи қасри салтанатӣ, аз ишқи ҷавонӣ бо бешармии гунаҳолудаш фарқ дорад.

Бархе аз солорон гоҳе алами нокомии ҷавонии бадбахт сипаришуда ва умри барбодрафтаашонро дар лаҳзаҳои охирини умр аз зиндагӣ ситонидан мехоҳанд.

Барои ба мурод расидан ҷавонони бетаҷрибаро ҳадафи худ қарор медиҳанд, ки аз гумроҳист. Онҳое, ки мегӯянд, ишқ синну солро намешиносад, иштибоҳ мекунанд.

Инсон низ чун ҳама офаридаҳои офаридгор ва ҷузъи табиат чаҳор фасл дорад. Пирӣ фасли зимистони умр аст. Дар зери барф гул намешукуфад. Агар аз хато бишукуфад ҳам ҳамоно хазон мешавад.

Ишқ осори фасли гулшукуф, фасли оташ гирифтани хун, фасли қудрату неруи ҷавонист.

Ишқи ҷавонӣ сӯзу соз дорад. Ҷавони ошиқ дунёи торикро равшан, ҳавои бороннро офтобӣ, зиндагиро беғашу нозанин мебинад.

Ишқ дар фасли хеш зебост. Ишқи ҷавонӣ ҳанӯз аз самари дарахти умр – набераву абера хабар надорад.

Лайливу Маҷнун, Ромеову Ҷуллетаро дар ҳалқаи навасаву ҳаваса тасаввур кардан мушкил аст…

Пирони гурӯҳи хеш ба ақидаи собиқ омӯзгори фанни мантиқ ҳамдигарро маҳз дар сурати фарзанду набераву абера дӯст медоранд...

Ба гурӯҳи хеш шомил будани худу маликро

ҳакимаи бемор пеш аз ҳама барои тасаллои дил таъкид мекард, зеро дилаш, хунаш, устухонаш ба ҳоли гурӯҳи аввал – гурӯҳи худ месӯхту дуд мекард.

Гоҳе ба фиреб додани худ муваффақ мешуд, аммо чун ба тазйиқи ростихоҳии имону виҷдонаш зӯраш намерасид ва ба тақдир тан медод, аз дарки воқеии зиндагии барҳадар сипаришудааш рӯзи сиёҳаш сиёҳтар мешуд.

Он, ки ба ҳама воқеаву ҳодисаи зиндагӣ нуқтаи назари мантиқии худро дошт, дар поёни умри бемантиқаш намедонист, мардеро, ки беш аз ним қарн дӯст медошт, минбаъд низ чӣ гуна интизор нашаваду дӯст надорад.

***Ҳама чизро аввалу охир аст:***
***афсонаву афсонасозу афсонашунавро низ.***

**12**

Аз як гӯшаи Қаср ба гӯшаи дигар барқияе расид, аз номи малика ба унвони малик. Барқия ҷиддӣ, балки таҳдидомез буд. Аз он садои оҳанини муаллимаи фанни мантиқ ба гӯш мерасид. Ин садо ба гӯши шогирди собиқ, чун садои мурдаи садсолае аз гӯри фаромӯшӣ расида, ӯро хандонд.

Малик барқияро мастомаст ҳиҷо кардаву хонда, дер гоҳ қоҳ-қоҳзанон хандид. Оби чашмашро поккунон матнро баландово канда-канда қироат мекарду беист механдид. Аз малика ҳич гоҳ но-

мае дар даст надошт, лаҳзае аз зани ҳукфармояш ҷудо назиста буд. Бемории малика боис шуд, ки малик ба озодии мутлақ бирасад ва онро, ки ҳамеша чун соя дар бараш буд, ҳамчун колои нозарур барои як рӯзи мабодо ба бойгонии фаромӯшӣ бисупорад.

Маликаи мулк инак аз мавҷудияти хеш соҳибонаву қотеъона дарак медод. Малик маънии ба масофаи чанд қадам барояш ирсол гардидани барқияро аз ҷониби малика тариқи худ дарк бинмуд, ки хурӯши хандохандаш боло гирифт. Ӯ мехонду китфонаш аз ханда болову поён мешуд.

«Кайҳост, шумо аз мани бемору барҷомонда бо ҳар баҳона роҳи гурез мекобед, менавишт малика. Мехоҳам бидонам, ки шумо аз маликаи мамлакат то куҷо ва то ба кӣ фирор хоҳед кард? Мехоҳед ё не, ман ҳанӯз зиндааму соҳибхонаи мулк. На камтар аз шумо ба ҳар чизе, ки дар ин хок мавҷуд аст, ҳақрасу ҳақдорам. Инро фаромӯш накунед, қонуну қоида ва расму оини хонадориро, ки мамлакатдорӣ низ ҳаст, маликона риоя кунед. Чун ҳамеша шавҳари намунаву падари ягона буданатонро барои миллату мулк содиқонаву самимона ба намоиш бигузоред. Ҳама чиз ҳад дорад, меҳру эҳтирому сабру тоқат низ. Ман ба беэҳтиромиву сангдилии он, ки аз арш ба фарш расонидаам зинҳор сазовор нестам!.. Дуогӯи шумо: Маликаи мамлакат».

– Маликаи мамлакат! – ха-ха! Арвоҳи мамла-

кат! Мурдаи садсолаи мамлакат! Ха-ха!.. Вой бар ҳоли мамлакат, агар маликааш ту бошӣ! Мамлакат малик дорад, на малика!

Малик дер гоҳ барқияро дар даст бозӣ дорондаву баланду паст барои худ хонда, аз таҳти дил ба содагӣ, балки ба ҳоли зани бемори фаромӯшкардааш хандид. Хандааш сарду заҳролуд буд. Қадаҳе чанд барои саломатии худу марги фаврии малика ба сар кашида, чанде ба нуқтае нигарист. Ногоҳ ҷойи хандаро қаҳру ғазаб фаро гирифт. Варақаро бо қаҳр пора карда, ба рӯйи мизи пур аз шаробу кабоб пош дод. Оташи ғазабаш аланга зада, деги ғазабаш сар рафт. Бо мадори миз аз ҷой боло шуда, сӯйи гӯшаи дигари қаср пойҳои гапногирашро кашола кард.

Дар даст шишаи шароб, дар пой кафшҳои сарипоӣ ба ҳуҷраи бемор ворид шуд. Ташрифи малик ин дафъа маликаро хушнуд насохт. Ӯ хомӯшона ба меҳмони дермондаву сармаст нигарист. Малик бо чашмони қирмизии махмур чанде ба соҳиби барқияи таҳқиромез нигариста, оқибат он чиро, ки дар дил дошт, дар мастӣ, чун ростӣ бар забон овард:

– Барқияи муборакбодиятро гирифтам, ташаккур!

– Намеарзад, хаста, аммо бозарда ҷавоб гардонд малика.

– Акнун ҷавоби барқияатро гӯш кун.

– Гӯшам ба шумо!

– Ҳой, фарёд кашид малик, гӯё мораш газида бошад, ҳой, мори сиёҳи обӣ, ҳой арвоҳи садсола, о, кай мемурӣ, ки худат ҳам халос шавӣ мо ҳам?!

Суоли беҷавобмонда тори асаби соилро тангтар кард:

– Кай мемурӣ охир, кай?!!!

– Бераҳм! Беимон! – ношунаво нолид малика, аз карда пушаймон.

– Ними мамлакатро ба гӯр бурдем, ту ҳич мемурӣ ё не? Ҷавоб те, ту кай мемурӣ!

Малика ҷавоб надод. Малик қадаҳро аз шароб лабрез карда, ба таги бинии зан оварда, гуфт:

– Менӯшем! Барои бадбахтон, барои фиребхӯрдагон, барои зиндагии дурӯғини мо, менӯшем!

– Ба ҷойи ман, ба ҷойи ҳама, худат бинӯш! Шояд ташнагият шиканад, шояд мастомаст сари инсоф биёӣ ва ба ёд биёрӣ, ки ҳарчӣ дорӣ моли худат нест!

Малик ба фалсафаи занаш аҳамият надод. Ӯ масъулияти муҳимтаре дошт, нӯшидану соҳиби барқияро ба ҳамқадаҳӣ хондан:

– Бинӯш! Чанди дигарат мондаст, ки наменӯшӣ? Бинӯш!

–Наменӯшам!

– Нанӯш! Худам барои худам менӯшам! Бадбахтии ту дар ҳушёрии туст! Ту ҳамеша ҳушёрӣ, ҳушёр зиста, ҳушёр мемурӣ.. Ҳушёрӣ хатар дорад, хатар! Ҳамеша маст бояд буд! Масти ҳама чиз! Масти шаробу кабоб, масти ҳуру фаришта,

масти давлатдориву салтанатронӣ, масти шукӯҳи тоҷу тахт, масти нигоҳи ошиқонаи пур азбиму ҳароси раъият, масти марги душман, масти ҳама чизи дунёи дурӯза!..

Малика бо ҳайрат сӯйи малики оташгирифта менигарист. Чунонаш менамуд, ки нутқи масту аласт охир надорад:

– Зиндагии аҳмақонаат кайҳо ба охир расидааасту ҳанӯз ҳушёр будан мехоҳӣ? О, ақаллан мастона бимир!

– Бас! Кифоя! – чун пештара садои омиронаашро, ки маликро ба худ меовард сар доданӣ шуд малика, аммо овозаш дар гулӯяш гиреҳ зад:

– Дунёе, ки ту баринҳо дар он зиндагӣ мекунанд, магар кирои ҳушёр буданро дорад? Барои озодӣ, барои халосӣ аз ту ва ту баринҳо менӯшам!

Малик аз гардани шиша маҳкам дошта, то дамгир шудан ба ҳалқаш шароб рехт, сипас шишаро ба бағали бемор чун кӯдаки парпеч дангала карда, дастафшону бонгаккашону попечон хонаро тарк кард.

Малика дар ҷои нишасташ шах шуд. Зинҳор чунин ранг гирифтани ҳодисаро чашмдор набуд. Бо гиллаву шикваи хеш аз малик меҳру муҳаббат ва раҳму шафқат мехост, на таҳқиру таҳдиду ҳақорат.

* * *

Баъд аз он гуфтугӯи рӯйрости камаршикан де-

вори бегонагӣ дар байни ин ду хеши бегона қад кашида, болотар мешуд.

Бемеҳриву беэҳтиромии малик нисбат ба малика ба аҳли дарбор низ беасар намонд. Ин тӯдаи чоплус низ вобаста ба роҳу равиши малик нисбат ба мулкбонуи аз дил рондаву аз даҳон монда роҳу равишашонро дигар карданд.

Мулкбонуро чунон менамуд, ки аҳли дарбор мазоҳаш мекунанд, ба ҳолаш пинҳону аён механданд. Бо ҳасрат ёд меовард, ки чӣ гуна солҳои тӯлонӣ бо тоби дил нахи зиндагии дарборро сари ангушти хеш мечархонд.

Ҳар парраи чархи дастгоҳи сиёсату мамлакатро бо сози худ тоб медод, набзи малику мулкро зери панҷаи озмоиш дошт.

Муносибати бераҳмонаву беэҳтиромонаи малику аҳли дарбор зоҳиру ботини ӯро дигар кард. Зишт буд, зишттар шуд. Ба шабаҳ табдил ёфт. Ин шабаҳи бесоҳиб ҳанӯз маликаи мамлакат ба ҳисоб мерафт…

* * *

Соат баландово занг зада, аз фаро расидани таоми шом паём дод. Малика бемадор дастаи курсиро оғӯш намуда, ба нуқтае нигоҳи берӯҳашро дӯхт. Хидматгорони сардтабассум барояш дастархон оростанд, дастархони танҳоӣ. Ашк гулӯгираш кард. Оби талхи даҳонашро бо чанд қатра шароби қирмизӣ батадриҷ фурӯ бурд. Танҳоияш лаззати паёме надошт.

Сартабиб пеш аз ба хонаи хоб гуселонидани бемор иҷозати аёдаташро хост. Ин дафъа аз ташрифи муқаррарии дармонбахши хеш рӯшод хурсанд шуд. Лаълии хӯрокро беҳолона тела дода, вақтро пурсид, ҳарчанд ақрабаки дақиқашумори соати деворӣ рӯбарӯяш бо шитобаш бераҳмона пардаи гӯшашро мехарошид. Сартабиб бо табассуми ҳамеша гирди лабони фишурдаву тунукаш навбатдор вақти дақиқро арз кард:

– Кай омадед? – суол кард ба рӯйи ҳамсӯҳбаташ нигоҳ накарда.

– Андаке пештар, дурӯғ гуфт сартабиб, ки одатан бегоҳ дар қаср пайдо шуданаш маънии баргаштани соҳибмулкро дошт.

– Андакаш чанд соат аст? – бо зарда пурсид малика.

Сартабиб ҷавоб надод, зеро малика хуб медонист, ки малик кайҳо ба Қаср баргашта, ҳамагӣ чанд қадам дуртар аз ӯ бо иттифоқи ҷому сабӯ наворҳои зуҳури худро назди миллат ошиқона тамошо дорад. Чун аз тамошои дидори муборaки хеш сер гашт, дидори париеро хостгор хоҳад шуд.

– Одам як бор дар дунё зиндагӣ мекунад! – шиори айёшонаи малик дар бехи гӯши малика садо дод. Ӯ беҳолона чашм пӯшид. Дунёи рӯшани дилашро шаби сиёҳ фаро гирифт. Шаби шабеҳи шабаҳи сарнавишташ, шабе, ки аз шабони дигар ҳич фарқе надошт.

Ашки алам чашмонашро сӯхта, ба рухсораи пажмурдааш шорид. Фиғони бар лаб расидаро талх фурӯ бурда, хира – нури нигоҳи берӯҳашро беҳавсала сӯйи дунёи сиёҳи беруни тиреза пош дод.

Дунё холӣ буд, холитар аз зиндагии берангу

бори ин бечораи дар танҳоӣ зиставу дар танҳоӣ миранда.

Садои ғамгини мурғи шабовез аз холиҷойи шаби сиёҳ ба гӯш мерасид. Зан ва паранда ҳар ду ташна буданд, ташнаи оби талху ширини зиндагӣ.

Малика дасти сартабибро, ки фишорашро месанҷид бо панҷаҳои шахшудааш беҳолона фишурд. Мард панҷаҳои сарди беморро дар каф ҷамъ кардаву фишурда оҳиста бӯсид. Малика сари сахту бесоҳибашро беҳолона бар дӯши меҳрубонаш гузошт. Панҷаҳои сардаш дар кафи ҷони зиндае лаҳзае гарм шуд.

Ӯро хоҳиши шароб нӯшидан пайдо шуд, хоҳиши нӯшидану дунёи сиёҳу сурху зардро фаромӯш кардан. Хоҳишаш наву ноошно буд. Сартабиб ҳамоно хоҳиши ӯро ба ҷой овард:

Малика ба қадаҳи холии рӯйи миз, ки одатан барои малик мегузоштанд, ба маънии «барои худат низ шароб рез» ишора кард. Сартабиб қадаҳ дар даст суолдор ба малика нигарист. Мулкбону ҷоми саршорро боло карда, хастаҳол ҳамсӯҳбаташро пурсид:

– Барои чӣ менӯшем?

– Барои зиндагӣ, ҷавоб гардонд сартабиб.

– Барои кадом зиндагӣ? – пурсид бемор.

– Барои зиндагие, ки одамӣ дар ҳич синну солу ҳолу аҳвол аз он серӣ надорад, гуфт табиб.

– Зиндаҳо барои зиндагӣ менӯшанд! – гуфт малика. Мо барои чӣ менӯшем?

– Ман танҳо барои шумо менӯшам, маликаам! Барои шумо, малика, барои зиндагӣ! – ноумедии беморро барҳам заданӣ шуда, қадаҳ боло кард табиб, ки зудтар аз ин қасру бемору шаробу кабобаш ба ҷойи пой сарашро гирифта, гурехтан мехост.

– Шумо, ҳақ доред барои зиндагӣ бинӯшед, зеро зиндаед, канда-канда гуфт бемор.

– Зиндагии мо шумо будед? – овози сартабиб ларзид.

– Ман магар нестам?!

– Шумо ҳастед, мо нестем! – дасти маликаро дудаста фишурдаву бӯсида, худро ислоҳ карданӣ шуд, сартабиб.

– Ман барои марг менӯшам!

– Магар марг кирои қадаҳбардорӣ дорад? – пурсид сартабиб ноҳинҷор.

– Дорад! Барои марг менӯшам!Барои марге, ки аз зиндагӣ мардтар аст.

– Мо, табибон, ҳич мардии маргро надидем! Шабу рӯз бо марг дарнабардем, аммо…
– Аммо марг ҳамеша дастболост, ҳамин тур не?

– Бале, ҳамин тур!

– Марг, танҳо марг, инсонро аз таҳқири зиндагиву зиндаҳо, аз азоби алими зиста назистан наҷот мебахшад!

– Барои зиндагӣ! – қадаҳашро ба қадаҳи малика ҷанг андохта, хитоб кард сартабиб, ки дар дил ба суханони бемор мувофиқ буд.

– Барои марг!

Малика шаробро то қатраи охирин нӯшида, беҳолона чашм пӯшид.

Соат бераҳмона дақиқаҳои умри ба ғурубрасидаи инсонеро мешумурд, ки на мурда буд, на зинда.

***Мушкилтарин фирор фирор аз худ аст. Фирории аз хешро на роҳи гурез ҳаст, на ҷойи гурез.***

## 13

Малик ба дафтари корияш, ба хонаи равшану дилкушо ворид шуда, гӯё мақсади ниҳоияш ба берун нигаристан бошад, ҳамоно аз тирезаи кушода ба боғ нигарист. Боғ гулафшон буду орувону мурғон пуркор. Чанде нигоҳи берӯҳашро ба саҳнаи гулшан бефараҳ пош дода, ба маънии танҳо ба худаш аён абрӯ дарҳам кашид. Дар он гӯшаи Қаср шабаҳи маликаро дид, маликаи чӣ, суроби дар ҷояш шах шудаеро дид, ки бафурҷа ҷониби дафтари кории малик менигарист.

Пас аз мунокишаи ҳушёр-масти он шаба ба қавли маъруф аз байни ин ду ошнои бегона гурбаи сиёҳ гузашта, хати сиёҳи ҷудоиро забон бахшида буд. Малика аз дур ӯро дид, аммо чун пештара суробаш ба ҷунбиш наомад, сӯяш дастафшонӣ накард. Малик чунон вонамуд кард, ки ӯро надидааст. Ӯ ҳамчунон ба тамошои боғи салтанатӣ машғул шуд, аммо ба дилаш ҳеҷ чиз

намегунҷид. Ҳусни дилрабои боғи ҷаннатнамо низ хаёли парешонашро ҷамъ, дили ғамгинашро шод накард. Аз дидгоҳи назараш гиреҳабрӯ дур шуд. Ба дафтари корияш барои кадом ҳадаф ворид шуданашро аз ёд бурда, бо худ дар танҳоӣ чӣ кор кардан, худро ба куҷо заданашро намедонист.

Дар чунин ҳолатҳо, ки вақтҳои ахир зуд-зуд бо ӯ рух медод, одате дошт, озмуда – аз ҳеч то ба ҳич куҷо қадам задану қадам шуморидан. Ин дафъа низ аз рӯйи одат қадамзаниву қадамшумории беҳадафу бемантиқашро болои қолиҳои гаронбаҳо оғоз кард, аммо зуд ин шуғл барояш дилбазан шуд.

Малик ин субҳ дар ниҳояти ғамгиниву ошуфтагӣ аз хоб бедор шуд. Гӯё ҳама шаб кӯҳи азимеро каланд карда бошад, хаставу афсурда менамуд. Хоби дидааш бо хурдтарин ҷузъиёт дар лавҳи хотираш сабт гашта, дар бедорӣ низ дамодам аз навори назараш мегузашт. Шаб, ӯ худи худашро дар хоб дид, бо турфа ҳоле: пиру афсурда, бемору бемадор, бечораву барҷомонда, танҳои ду дунё. Ҷомаи даридаи ҷуволмонанде дар бар, савори аспи сиёҳи лоғару бе зину бе афзор як пой дар рикоб, пойи дигар дар теғаи ҷар. Зӯр зада, худро ба ақиб афкандан мехост, аммо асп сӯйи ҷарӣ ҳаракат дошт.

Дар лаҳзаи ба авҷ расидани ҳарбу зарби саворану асп ногоҳ замин бошиддат ларзид. Кӯҳпоя дукафон шуда, ҳамоно аспу савораро ба комаш

фурӯ бурд.

Аз хоби даҳшатноки бомдод, ки одатан рост мебарояд, тарсону ларзон бедор шуд. Аъзои баданаш, болину бистараш аз арақ тар буд. Ҳарисона об нӯшида, ҷумакро кушода ва ба оби равон хоби даҳшатнокашро бо овози баланд се маротиба нақл кард. Ба сару рӯйи худ чанд панҷа оби хунук пошид. Бо умеди ғанаб сар ба болин гузошт, аммо нимхобу нимбедор аз нав хоби даҳшатнокашро чун навори такрорӣ дид. То субҳ мижа таҳ карда натавонист.

Андешаманд ба шифт менигаристу таъбири аёни хобашро аз нигоҳи андешаву хаёл аёнтар медид. Ин дафъа барои донистани таъбири хобаш фолкушоёну ситорашиносонро ба кӯмак даъват накард, зеро аён ҳоҷати баён надошт...

Хонаи бузургу барҳаво барояш дамодам тангу нафасгир мешуд. Гарданбандаш гулӯяшро буғӣ мекард. Ӯро дар ин хонаи барои мулку миллат қисматсоз гӯё ҳич кори муҳиме набуд, ба ҷуз оҳ кашидан, худхӯрдан, қадамзаниву қадамшумории бемаъниву бидуни мантиқ.

Соати қадимаи барқад оҳанги аз сар рафтани боз як соати зиндагиро бо оҳанги нарму маҳзуне ифшо кард. Малик ба соат нигарист. То оғози ҷаласа ҳанӯз вақт буд. Оқибати ба чӣ кор ба идорааш ворид шуданашро гӯё ба ёд овард, ки ҷониби мизи дарозрӯяро кашида, беҳавсалаву норозӣ ба хараи қоғазҳои ҳукм ё лутфи ӯро интизор нигарист.

Нигоҳаш аз фармонҳои имзоталаб лағзида, ба лифофаҳои махсуси сурхранги тамғаи фавридор афтод. Малик ин лифофаҳои ҷилодори ошноро, ки воқеан сабаби пеш аз оғози ҷаласаи ҷашнӣ ба дафтари корияш ворид гаштанаш буданд, бехато мешинохт.

Матне, ки даҳҳо нафар, аз номи малик, барои малик эҷод мекарданд, омода буд, ҳар кадом дар лифофаи худ. Ҳамон матне, ки оличаноб аз номи худ, гузашта аз он чун намунаи беназири фазлу хиради хеш аз минбари миллат доварона қироат мекард, то ки сипас бо ному унвонаш бешумор интишор бикунад, маҳз дар ниҳоди ҳамин лифофаҳо ҷой гирифта буд: се матн, дар се лифофа, бо се сабку равиши хоса, ҳама барои як нафар.

Малик бояд аз ин се матн якеро интихоб мекард. Ин интихоб бояд ба шӯрои олӣ, ки барои муҳокимаи матни писандидааш, тараддуди гирд омадан дошт, пешниҳод мешуд. Дар интихоби матни маърӯзаи калидӣ шитоб надоштани соҳибҷашн бесабаб набуд, зеро ӯ пешакӣ хуб медонист, кадом мушовир, бо ҳамтоёнаш, дар кадом мавзӯъ, чӣ гуна хираду ҳунар ба харҷ дода, чӣ вожаву калимотро дар рӯйи варақи ҳамабардор аз номи ҷанобашон ҳукми зистану фармонравоӣ додааст.

Воқеан одамон, ҳама ҳунарпешаанд, ҳунарпешаи саҳнаи зиндагӣ. Аз ин ҳунар сиёсатмадорон бештар бархурдоранд. Соҳибҷашн низ

дар саҳнаи тамошогоҳи миллат худнамоиву фазлфурӯширо зиёд хуш дошт, миллат калимаҳоиву сухансароии ӯро аз ҷон дӯст медошт. Суханронии маликро миллат ба монанди базми шеър пазмон мешуд. Ҳарчанд суханвари сухансанҷ зуд-зуд аз рӯдбори ҳамеша ҷории гуфтори хеш шабонарӯз ошиқонашро шодоб медошт, бо вуҷуд ташнагияшон ҳич намешикаст. Тӯда омода буд, малики худро соатҳо, дар зарурат, рӯзҳо дар минбар нигоҳ дошта, аз самараи ақлу хирадаш серӣ бархурдор гарданд. Малик дар ҳар шаклу шамоиле, ки дар дидаи ошиқонаш зуҳур мекард, қобили қабулу дӯстдорӣ буд. Мардум зуҳурашро дар сари минбар хуш доштанд. Сидқан ошиқи ҳангоми маърӯзахонӣ якбора се–чаҳор маротиба бо шаст атса заданаш буданд. Аз баландии мақоми хеш, сари минбар, бо нигоҳи танбеҳу ҳайрат толорро аз назар гузаронда, дар нозарурӣ ҳозиронро ба кафзанӣ водор карданашро, пазмон мешуданд. Маънии ҳар нигоҳу ҳаракати малики худро дарк мекарданд.

Малик аз анҷумани бефаҳм, ки дар матн кафзанӣ омада бошаду эшон аз худ асари эҳсосу хурӯш зоҳир накунанд, сахт меранҷид...

Ӯ одатан ба қавли маъруфт ҷонашро ғам додани ҷонашро дӯст намедошт, ин буд, ки дар ҳич кор заҳмат ба харҷ намедод. Кулли барору нобарории кору рӯзгори хешро ба қаламкаш ҳавола мекард. Сарнавишт барояш хидматгори беминнат буд. Имкон медошт ба ташнову ҳаммом раф-

танашро низ ба тақдир ҳавола мекард. Аз даму нафасу илму амали муллову фолбину ситорашиносон низ баҳра бардоштанро низ хилофи қонуни давлатдорӣ намедонист, зеро мақоли зарур бошад, раво бошадро қабул дошт.

Пеш аз ҳар ҷаласа се гурӯҳ, таҳти роҳбарии мушовиронаш барояш се маърӯза омода месохтанд. Аз се матни омода, бо тарзи озмудаву писандида, якеро интихоб мекарду меписандид.

То кашф кардани ин рози сарбаста – интихоби маърӯза мушовирон, хоса муаллифони воқеии матни аз ҷониби мулкдор радшуда, ғамбемор мешуданд. Пас аз ҳар ҷаласа, соҳибони матни нозарур, ҳайрону ошуфта аз заҳмати барҳадаррафтаи хеш дилсӯхта, дер гоҳ ҷурми ҳунару хатои сиёсии хешро меҷустанд, то даме ки ғайричашмдошту безаҳмат даричаи асрор боз гашта, оқибат мушкили эшонро осон кард.

Малик дар ҳузури яке аз мушовиронаш пуштгардон маърӯзаеро бо ангуштону дунбааш интихоб намуда, рӯзи дигар онро аз минбари воло бо ҷӯшу хурӯш қироат кард ва худ бехабар аз рӯйи яке аз печдарпечтарин асрори давлатӣ парда бардошт.

Минбаъд пеш аз ҳар ҷаласаи хурду бузург мушовирону ёварони сиёсатофару салобатбаёнаш хоҳони барори кор остонаи фолбину ҷодугаронро охурча мекарданд. Дар чунин рӯзҳо чашми хайру саховаташон чунон бино мешуд, ки сояи муфлису бенаворо дар рӯйи офтоб низ дида-

ву шинохта, бар сари сахту бепаноҳашон, хайру саховат меафшонанд.

Малики кӯҳнапарасту одатдӯстдор мушовиронашро дар тӯли солҳо дигар намекард. Онҳое, ки солиёни тӯлонӣ даст бар набзи давлату мулк доштанд, ҳама монанди худаш кӯҳнапарасту пасмонда буданд. Дар ин мулк, навтарин падида хоби дишаб дидаи малик буд, ки ӯро зӯри аз пой даровардан дошт.

Ӯ ангуштонашро чангак сохт, монанди моҳигир, барои ба шаст овардани сайд, пуштгардон аз се матни рӯйи миз якеро бо чашми ангуштон интихоб карда, ба гӯшае гузошт. Хондани матне, ки пешакӣ маънияш чун даҳ ангушташ маълум буд, ҳавсала мехост. Ӯ чунин ҳавсала надошт. Болои миз зиёда фармонҳои ҷашнӣ имзои муборакашро интизор буд. Коғазеро нахонда, ба зераш имзо гузоштан, ҳотамона тақсим кардани ҷоизаву унвону нишонҳои ҷашнӣ заҳмат намехост. Ин буд, ки малик аз рӯйи мизи дароз чанд варақро коҳилона ба даст гирифта, чапаву роста карда, беҳавсала сӯйи зарқалами дар такяи рангдон истода даст ёзонд, аммо ногаҳон аз фикраш гашт.

Кафҳояшро асабӣ ба ҳам молиш додаву оҳашро дар мушт пуф карда, ба акси деворгири худ, ки сиву ду дандонашро ба намоиш гузошта, сӯяш хушбахту ғолиб механдид, нигарист. Нигоҳи пур аз кибру ғурури акс ба тадриҷ ғамгину ошуфта шуда, овои хастагӣ баровард:

– Саховатманд бош. Миллатро аз худ розӣ кун! Ин ҷашни охирини туст!

– Номаъқул кардӣ! – баландово маломат кард нусхаи худро. Аммо ба нигоҳи бепардаи акси ҷавонии худ, ки аз қоби тиллоӣ пойтосарашро наззораи санҷиш дошт, тоб наоварда, ба қолии гаронбаҳои зери қадамаш нигарист ва ҳамоно гӯё мораш газида бошад, попеч ба қафо ҷаст. Садои дар зери пошнааш кафидани гавҳараки чашмонашро шунида, пеши дидагонашро сиёҳӣ фаро гирифт. Хонаи равшан дар назараш торикистон шуд.

Малик болои гавҳараки чашмони хеш, ки аз қолӣ сӯяш менигаристанд, по гузошта буд. Аз фаршу шифт, аз дару тирезаву девор, аз нақшу нигори қолиҳо нигоҳи сиёҳи чашмони кафидаву бегавҳараш дунболагираш шуд. Аз нав хоби сиёҳфол навори назарашро фаро гирифт. Аз дигар худро савори аспи сиёҳи безину афзор чапасар сарозер дид.

Табларза аъзои баданашро фаро гирифт. Барои раҳидан аз ин ҳолати даҳшатнок аз шароб мадад хост. Бо дастони ларзон қадаҳро лабрези шароб карда, саросема ба лаб бурд. Ногаҳон зарбаи сангине ба банди бозуяш расид. Қадаҳи саршори шароб аз дасташ ба пояш афтода шикаст. Малик ҳаросон ба чаҳор сӯй нигарист. Дар ойинаҳои аксандози барқади дафтари корияш ба ҷуз ҷисми халтамонанду симои рангкандаи худ ҳеҷ касеву ҳеҷ чизеро надида, сарчархону пойпе-

чон сӯйи дари баромад давид.

***Хотири хотира аз худи хотира қавитар аст.***

## 14

Оғози дарси нави соли нави хониш буду донишҷӯён чашм сӯйи дар дӯхта. Ҷавонӣ ҳамеша интизори мӯъҷиза аст. Ҳар донишҷӯй роҳбари нави синфро ба тариқи худ тасаввур мекард, аммо ҳамаро як хоҳиши ниҳон буд: роҳбари синф бояд ба муаллимаи собиқ, ки нохост аз Ватан кӯч баста, дар димоғи шогирдон бӯйи атри арзону ёди табассуми пур аз ҳузнашро гузошта рафта буд, монанд бошад. Муаллима ба синф ворид шуд. На танҳо мӯъҷизае рух надод, балки аз омадани омӯзгори нав аксар донишҷӯён бехабар монданд.

Он рӯз малики оянда, ки донишҷӯйи табиатан камхону камдону танбале буд, маликаи худ, муаллимаи навро бори аввал дида, аз ин фанни ноошнову омӯзгор чун дигар ҳамсабақон ҳамоно дилмонда шуд. Чун дигарон зинҳор бо майли хеш хоҳиши дубора дидани муаллимаи навро надошт. Аммо, алҳақ, хуни эҳсос пешгӯйест ҳақгӯй ва ҳақнамо. Ҳампартаи нозанинаш, аниқтар, арӯсшавандаи ҳамсабақаш, ҳамоно сӯйи муаллимаи зиштрӯй парандаи хандаи пур аз истеҳзояшро сар дода, баландово хитоб кард:

– Одамӣ ҳам пеш аз он к-одам шавад, бӯзина

буд!

Донишҷӯйи дигаре аз қафо байтро пурра кард:

*Ҳеч шакле беҳаюло қобили сурат нашуд!*

*Одамӣ ҳам пеш аз он к- одам шавад, бӯзина буд!*

Ҷавон ҳарчанд дар дил ба нотиқон мувофиқ буд, эътироз кард:

– Оҳиста, мешунавад!

– Хушрӯйро хушрӯй, бадрӯйро бадрӯй мегӯянд, хандарез гуфт духтари бераҳм, ки воқеан дар муқоиса бо мухотабаш садбарги шабнамзадаро мемонд.

Донишҷӯён хандаро дар мушт сулфида, яке ба шифт, дигаре аз тиреза ба берун нигаристанд. Муаллима воқеан зишт буду донишҷӯёни дар фасли гул қарор дошта зебопараст.

Хитоби пур аз истеҳзои духтари донишҷӯйро ӯ пеш аз ҳама шунид. Зарба сахту бераҳмона буд. Дар баданаш сардии таболуде дамид. Чунин таҳқир, чунин зарбаи ҷонкоҳро аз нахуст ошноӣ бо шогирдон чашмдор набуд. Гӯё лаҳзае пеш ӯро на, санги роҳро шатта зада бошанд, худро ба нодонӣ зада, бепарвонамуд сӯйи минбар рафт ва бафурҷа чанд китоби бо худ овардаашро болои рафча гузошт. Чанде нигоҳашро аз болои сарҳо парвоз додаву нафаси гиреҳзадаашро дар мушт сулфида, ба шогирдон дуруд фиристод. Донишӯён ҷавоб доданд:

– Воалейк, маймун!

Муаллима ин дафъа низ мазоҳи лабони хандарези духтарро бехато хонда, рақиби ояндаашро бо эҳсоси занонааш шинохт. Ӯ аз одамони худиву бегона, барои зиштияш пинҳону рӯшод зиёд таҳқир дида, ба сафи бахшандагони гуноҳи накардааш ворид намешуд. На танҳо инсонҳоро,

балки гуноҳи табиатро низ, ки ӯро чунин оқила, аммо зишту бадсурат офарида буд, намебахшид. Онҳое, ки сӯяш тири таҳқиру маломат мезаданд, барояш дар ҳошияи ҳамин табиати бешафқат вуҷуд доштанд.

Байни ӯ ва синф ҳанӯз тамоси аҳлона сурат мегирифт. Ин пайванд қувва мехост. Ӯ хастагии беҳолкунандае эҳсос намуда, бидуни ихтиёр, аммо киначӯ ба духтари бешафқат нигарист. Духтарак бо табассуми пурноз, сипас бо нигоҳи пур аз суол ба ҳампартааш чашм дӯхт. Ҷавон панҷаҳои гарму нарми ӯро дар каф фишурд.

– Баъди кӯчида рафтани роҳбари синфи шумо ин масъулият бар дӯши ман афтод, аз ду кабӯтари ошиқ чашм нагирифта, гуфт муаллимаи нав.

– Эй кош, ба ҷойи он хуб худат кӯчида мерафтӣ, –гузашт аз дилеву дилҳое. Ин нияти бади ба забон наомадаро низ гӯё шунид, ки абрӯ чин намуда, илова кард:

– Акнун шинос мешавем!

Донишҷӯён нафас ба дарун кашида, нигоҳи афсӯс сӯйи якдигар парвоз доданд. Маънии оҳи ниҳонашон аён буд. Мебоист то хатм кардани донишгоҳ ҳузури нодилхоҳи ин зиштбонуро, ки муаллимаи дӯстдораму нозанини пешинро ҷойгузин буд, маҷбур таҳаммул мекарданд. Муаллима ба ҳозиру ғоиби донишҷӯён пардохт. Дамодам хатти байни абрӯвонаш амиқтар мешуд. Садояш хаставу дупӯста буд. Нохост аз рӯйи дафтари синф сар бардошта, рост ба чашмони хандону бозигари духтараки бераҳм нигарист. Парандаи нигоҳаш ба сурати ӯ нишаста, пари-

данро фаромӯш кард.

Нозанини шӯх аввал бепарво, сипас ноҳинҷор нигоҳи часпаки муаллимаро дар чашму рӯйи худ дарёфт. Нигоҳҳо ба ҳам вохӯрданд. Оҳани нигоҳи зани таҳқиршуда дар курраи дилаш гудохта буд:

– Таҳқиратро то мурдан фаромӯш нахоҳам кард!

Нозбонуи чанде пеш хандону беғам безобита шуд. Чанде бемаъниву пурноз табассум кард. Зебоии табиияшро табассуми сохтааш дуздид. Ин тағйиротро на танҳо таҳқиршуда, балки ҳампартаи ӯ низ эҳсос намуда, сард сӯяш нигарист. Духтарак сар хам кард.

– Номи шумо?! – суолу хитобро зери дандонҳо фишурда пурсид сарубари духтаракро бо нигоҳ чен кардаву бурида муаллимаи нав:

– Илоҳаи Ятим, ҷавоб дод мухотаб, ки садояш мисли пештара зангӯладору шастдор набуд.

– Оҳҳо! Илоҳа! – такрор кард муаллима. Сазовори чунин ном будан, балки бори чунин номро бардоштан осон набудагист. Илоҳаи Ятим? Чаро ятим?

– Падару модараш мурдаанд, ятим аст, ба ҷойи ҳампартааш ҷавоб дод ҷавон. Муаллима ба маънии ба худаш аён сар ҷунбонда, гӯё дар омади гап изҳор кард:

– Ятимон чанд хел мешаванд: Бараҳм, бошафқат, дилсӯз, ҳамдарди дигарон, бархе бетарбия, бераҳм, дилсахт, бадрафтор, бархи ди-

гарро сират аз сурат хеле фарқ дорад.

Зарбаи санги сӯйи духтар афкандаи муаллимаро ҷавон низ эҳсос кард, ки пурмаъно сӯяш нигарист. Муаллима мавҷудияти духтараки чанде пеш хандарезу акнун димоғсӯхтаро гӯё фаромӯш карда, ҳамоно номи ҷавонро пурсид:

– Номи ман? Номи ман? – забон хоид ҷавон. Номи ман, номи ман..., дармонд он, ки чун дигар ҳамсолонаш чанд тахаллус дошту номи ҳуҷҷатияшро камтар ба забон меоварл.

– Шинед, ҳамин ки номатон ба ёдатон расид, ба мо хабар диҳед! Хандаи донишҷӯён баланд шуд.

Муаллима табассум кард. Аҷаб табассуме буд, табассуми ӯ. Дар сурати зишт чунин табассуми зебо.

Монанди барқ дар ҳавои гирифтаву сиёҳабр. На танҳо ӯ, дигар донишҷӯён низ ҳусни табассуми ин зани зиштро хуш кардаву писандиданд. Донишҷӯён низ аслу насаби муаллимаро донистан мехостанд. Ӯ дилхон буд:

– Исми ман Малика, Маликаи Муҳаббат! – худро шинос кард муаллима. Табассум лабони донишҷӯёнро фаро гирифт. Барояшон ба малика, гузашта аз он, ба маликаи муҳаббат будани он, ки рӯбарӯяшон қарор дошт, бовар карданашон сахт мушкил буд.

Абрӯ чин карда, нигоҳашро ба рӯйи духтар аз дигар мехкӯб кард. Нигоҳ тӯл кашид. Ҷавону духтар пурсуол ба якдигар нигаристанд. Дар ин нигоҳ ӯ асрореро дарёфт, ки маънияш ишқ буд. Дарёфт, ки маҳз ҷавони хушсурат такядори ғурур, балки ҷойи ҷони нозанини бешафқат аст… Агар медонист, ки на танҳо арӯсаки бешафқатро, балки худро низ ба ҷазои якумрӣ гирифтор хоҳад кард, шояд он гоҳ қасдситонӣ намекард. Нигоҳи

пур аз тирашро аз рӯйи духтар канда, ба ҳампартаи ӯ муроҷиат намуд:

– Ин кас Илоҳа бошад, шумо Яздон будагистед?

Донишҷӯй ба маънии суол сарфаҳм нарафт, ки ҷавоб нагуфт. Суолдиҳанда шарҳ дод:

– Бо Илоҳа танҳо Яздон метавонад ҳампаҳлӯ бошад!

– Ман Малики Ғафлат.

– Хайрияте номатонро ба ёд овардед!

Донишҷӯён хандиданд, муаллима низ. Ҷавон ноҳинҷор панҷаҳояшро фишурдаву лаб лесида, ба куҷо дӯхтани нигоҳашро намедонист. Духтараки ҳампаҳлӯяш дигар мисли пешина пешпару густох набуд. Донишҷӯён лаҳзае озодии амалро эҳсос карда, ба ҳамдигар пурмаъно гаппаронӣ мекарданд:

– Малика!

– Малик!

– Чаро на?! – гузашт аз дили зан. Воқеан, чаро на? Муаллима андешаманд ба ҷавон, ки ҳанӯз сари по рост буд, чанде пурмаъно нигарист. Ба назараш лаҳзае чунон намуд, ки ин сурати зебо ва пайкари қавиро пештар низ дидааст. Аммо кай, дар куҷо? Хаёле ӯро такон дода, ба худ овард. Дар рӯбарӯяш пайкараи орзуяш меистод, ҳамон пайкарае, ки зани зишт дар хаёли зебопарасташ дар тӯли солҳои танҳоияш сохтаву афрохта буд. Худ зишт буд, зишти зебопараст. Ба зиштон меҳр надошт. Зебоиро дӯст медошт. Яке аз сабабҳои танҳоии пирдухтари зишт кофтану ёфтани он,

буд, ки дили зебопарасташ офарида буд. Инак, ин пайкараи зебои орзуяшро дар рӯбарӯйи хеш медид. Ҳолаташ тағйир ёфт. Чанде дар куҷо буданашро фаромӯш кард:

– Малик фаҳмо, аммо чаро Ғафлат?

– Ғафлат номи модари ман аст, падарамро ёд надорам.

– Маликаи Муҳаббат ном аст ё лақаб? – бо ноз суол кард духтараки ҳампаҳлӯяш.

– Магар Малика, хоса Маликаи Муҳаббат лақаб буда метавонад?! – пурмаъно гуфт ӯ аз ҷавон чашм наканда.

Ҷавон нигоҳи муаллимаро дар хуну пӯсташ эҳсос карда, рост ба чашмонаш нигарист. Нигоҳҳо ба ҳам омаданд, монанди обу оташ. Муаллима нигоҳи ҷавонро чун ташна обро дам кашид. Ҷавон ба маънии ташнагии ин бонуи обурӯяш парида расидан мехост. Садои занг занҷири нигаҳҳоро гусаст. Донишҷӯён худро аз дари синф ба берун заданд.

– Шумо Малики Ғафлат як лаҳза истед. Ҳамчун сарвари синф ба ман кӯмак кунед!

Ҷавон истод. Духтарак низ.

– Шумо равед! – бо ишора дарро нишон дод муаллима. Духтар бо дили нохоҳам рафт. Муаллимаву донишҷӯй дар синф танҳо монданд. Дарси омӯзиши ҳамдигар оғоз шуд, ба дарозии ним қарн…

* * *

Шаб хобаш набурд. Симои ҷавон аз пеши чашмаш дур намешуд. Субҳ ғанаб кард ва ҳамоно, ҷавонро дар хоб дид, ӯро интизор. Хобҳои рангаву хаёли ранга ба зиндагии берангу беорзуяш зебоие ворид сохтанд, ки якумр хостгор буд. Худро сазовори номи худ дарёфт, Малика!

– Бояд инсон ба номаш монанд бошад, дар акси ҳол номҳои зебову пурэъҷоз ба чӣ кор ояд? Ба номи хеш бояд монанд буд! Монанд бош!– фармон дод худро.

Он, ки якумр аз ойина мегурехт, ба ин воситаи худбинӣ меҳр пайдо кард.

Муаллима ба синф ворид шуда, аз байни ҳама аввал ӯро дид. Ӯро диду ҳамоно гармии ҳаловатбахшу сӯзандае аъзои баданашро фаро гирифт. Чунин ҳолати мадҳушкунандаро пирдухтари кайҳо бо шодиву хурсандӣ ноошно бори аввал гуворо дар дилу ҷон эҳсос кард.

Ӯро диду нигаҳҳои нусхагири дигаронро сарфи назар кард. Ӯро дид, то ки дигар ҳич касро набинаду сӯйи ҳич кас нанигарад:

– Худоё, то ин дам ту дар куҷо будӣ?!

Суоли нигоҳи оташгирифтаи муаллимаи нав зангӯладору шунаво буд. Дар дидаи зиштии зан зебоие худнамоӣ оғоз кард. Паропари нигоҳҳои тарафайн аён шуд. Донишҷӯён кабӯтару зоғи нигоҳашонро дунболагир шуданд. Арӯсшавандааш ӯро тунгӣ зада, мазоҳ кард:

– Эеее, ҳой, эҳтиёт шав, Лайлӣ ҳам зишт буд,

аммо беҳтарин мардро маҷнун кард!

Ин мазоҳи ҳушдории духтаракро низ зан ҳамоно шунид, бо гӯши ҳуш.

– Кадом Маҷнун? – ҳайрон ба духтар нигарист ҷавон, ки ҳушаш сӯйи муаллима буд.

– Маҷнун Қайсов! – бо зарда ҷавоб дод духтар.

Гуфтание дошт, аммо нигоҳи муаллимаро сӯйи худ дида, хомӯш шуд.

Ӯ курсиро чарх дода, ба маънии танҳо барои худаш аён ба ҳампартаи ҷавон чашм дӯхт. Нигоҳи ғурури духтар аз рӯйи ҷавон ғелида, ба замин афтод. Минбаъд духтар дар бадтарин ҳолатҳо ин нигоҳи маҳкумкунандаро медиду гӯё аз ин нигоҳи беҳарф, аммо ҳазорово ҷойи гурез надошт.

Муаллима ба синф мавзӯи озодро пешниҳод намуда, интихобро ба худи донишҷӯён ҳавола кард. Ин пешниҳоди ғайричашмдошт донишҷӯёнро хушҳол кард. Оғози дарси ба назарашон мушкил осон тофт. Омӯзгори нав дигар ба назарашон зишт наменамуд. Ӯ аз ҳамтоёнаш фарқ дошт. Одатан омӯзгорон ба донишҷӯён имкони пештозиву гапгузаронӣ надода, нуқтаи назари хешро талқин мекарданд, ӯ баръакс донишҷӯёнро ба ҳамсафӣ мехонд. Аҳли синф ҳамоно вазъиятро ба манфиати хеш истифода карда, якбора чандин мавзӯъро пешниҳод намудаву ҳамоно рад кард. Синф ба занбӯрхона табдил ёфт, аммо муаллима як нуқтаи нигоҳ дошт, ҷавон. Ҷуз ӯ касеро намедид. Чанд бор ба соат нигарист. Ӯ барномаи хеш-

ро дошт, берун аз синфу бинои донишгоҳ, балки берун аз олам.

Аз оламу одам гурехтан мехост, бо ӯ. Хиёбонҳои пур аз гули шаҳр дигар барояш якранг наметофтанд. Аз дирӯз, аз гоҳи ба дидори орзуи худ расидан, шаҳру шаҳриён, донишгоҳу шогирдону устодонашро, ки чашми дидан надошт, дӯст дошт.

– Мо кистем ва аз куҷо омадаем? – магар ин мавзӯъ аҷиб нест? – пурсид донишҷӯе.

Муаллима ӯро нашунид. Донишҷӯе ҷавоб гуфт:

– Магар кӣ будану аз куҷо омаданатро намедонӣ? Ман медонам, ту аз ошхонаи бемаззаи донишгоҳ омадаӣ!

– То мавзӯъ пешниҳод накунед, танаффус намекунем! – гуфт он, ки худ пештар аз дигарон ин чаҳордевори сафедро тарк кардан мехост, бо ӯ. Чашмони ҷавонро медид, пур аз суол, ҳавас, нафс ва тамаъ. Аз он, ки нохост дар рӯбарӯяш зуҳур намудаву зиндагии ба ҷаҳаннам шабеҳашро якбора ба биҳишт табдил додааст, ба ҷуз будани ӯ дар таги ин чарх дигар ҳич талаб надошт.

Барномаи муфассал дошт, дар нисбати ин ҷавон. Дидани кулли мағозаҳо, сайру саёҳати мавзеъи хушманзари дунё, тарабхонаҳои гаронбаҳои хоса, буду шуди волидайни дороящро ба пойи ӯ рехтану якумр дар хидматаш будан…

– Фирори Одаму Ҳавво аз биҳишт ба назари ман бемантиқ аст, шумо чӣ ақида доред? – пурсид донишҷӯе ӯро аз олами андеша ба дунёи пурмағали синф баргардонда.

Суол хушаш омад, зеро ба ҳолати ҳолаш бармехӯрд:

– Ин суол, ки ба масал оғозу анҷоми башарро дар худ дорад, он қадар сода нест, ки бо ду ҳарф ҷавобашро бигӯем. Воқеан чаро Одаму Ҳавво аз баҳри фирдавси барин гузашта майли сафари замини ноошнову пур аз хавфу хатар карданд? Барои кадом ҳадаф аз боло поёнро пазируфта, худро сарсону саргардону гирифтори дарду ғам сохтанд? Чаро ҳастиро қурбони нестӣ, яъне зиндагиро таслими марг сохтанд?! Чаро?! – ба суоли донишҷӯ суоли хешро илова карда, ҷавобашро ба толор ҳавола кард.

Ҷавоби ин суолро пеш аз ҳама аз забони ҷавони дар рӯбарӯяш чун пайкара шах шуда, шунидан мехост. Аммо ӯ хомӯш буд:

– Чаро?! – такрор кард муаллима бо симои ҷиддӣ ҷиддияти суолро афзуда.

– Ба Худо намедонам! – китф дарҳам кашид суолдиҳанда. – Медонистам, намепурсидам.

Донишҷӯён ҳамоно симои ҷиддӣ гирифтанд. Яке нобовар гуфт:

– Фирори Одаму Ҳавво ихтиёрӣ набуд. Онҳоро аз биҳишт ронданд.

– Нафси бад балои ҷон! – илова кард яке.

– Ин асрорро ҳар кас ҳар гуна шарҳу эзоҳ медиҳад, шумо чӣ андеша доред, муроҷиат кард ба камоли орзуяш. Ҳамсабақон ба ҷавону ҳампартааш пурмаъно нигаристанд:

– Барои зан! – посух дод касе аз курсии қафо.

– Барои мард! – илова кард духтаре.

– Иблис онҳоро аз роҳ зад. Гандумро намечашиданд, ҷойи гармашон сард намешуд, ҷавоб дод ҷавон. Ҳама бадбахтии Одаму Ҳавворо аз иблис медонам, ҳакимона гуфт сардори синф.

Ҷавобаш ба муаллима хуш наомад. Ӯ ҷавоби дигареро хоҳон буд:

– Ишқ! – боиси ронда шудани Одаму Ҳавво аз биҳишт шуд! – изҳор кард арӯсшавандааш.

Касе каф зад, дигарон тасдиқ карданд:

– Чаро ин суханро аз забони ту нашунидам?! – ба ҷавон нигариста, аз дил гузаронд ӯ ҷавоби духтаракро баландово тасдиқ карда:

– Оре! – ишқ боис гардид, ки ин ду тан ҷазоро чун ҷоиза бипазиранд. Танҳо ишқ ба чунин қурбонӣ қодир аст.

– Васвасаи шайтон чӣ? – пурсид соҳибақида.

– Ин ақида низ аз назар дур нест, аммо аҷаб нест, нақшаи осмонро тарк кардани онон хеле пештар аз васвасаи шайтон омода будааст. Гандум баҳонае буд барои ба ҳадаф расидани онон...

– Эҳҳей, об аз боло лой будааст-ку, эътироз кард донишҷӯе.

– Мантиқи марду занро барои якдигар офаридани офаридгор, фалсафаи ба ҳам омадани ҷинсҳо беназир аст, шарҳ дод омӯзгор. Яздон ин ду танро чунон комилу ноқис офаридааст, ки дар ҳайрат мемонед. Шумо боре ба чашмони худ дар ойина нигаристед?! – ногоҳ аз мавзӯъ ба масофаи байни замину осмон дур рафта, пурсид донишҷӯёнро мантиқбону.

– Кӣ нигаристааст? Кӣ? Даст боло кунед!

Касе даст боло накард:

– Дар ойина беш аз чанд сония ба чашми худ нигариста наметавонед. Аз ойина дам ба дам ба

ҷойи шумо, ба рӯй ва сӯятон каси дигар менигарад. Як таҷриба кунеду бинед, аҷиб аст.

– Одаму Ҳавво аз пайи ёфтани ойинаи дилнамо, ки дар он сурати ишқ ҳувайдост, ҷаннатро тарк карданд. Онҳо бо худ ба замин асрори бешумор оварданд…Инсонҳо гӯё барои кашф кардани асрори фирори волидайн арзи ҳастӣ мекунанд.

Танҳо барои Ӯ сухан мегуфт, қисса мебофт, ривоят эҷод мекард, аммо нигоҳашро аз нигоҳаш дареғ медошт. Беэътибории устод ба шогирд бетаъсир намонд. Хушсурати ба нигоҳҳои мухлису нусхагир одат дошта, аз белутфии он, ки нахуст мурғи нигоҳашро сӯйи боғи дилаш сар додаву дошта гирифтанашро фаромӯш кард, нороҳат шуд.

Нигоҳашро аз сӯяш ҷамъ кардан хост, аммо натавонист.

Ҳар қадар мехост ба зиштбонуи гармсухан нанигарад, ҳамон қадар саққои нигоҳаш ба сӯйи ӯ тунд ҷар мешуд. Оқибат он, ки қисса барояш шифоҳӣ эҷод мешуд, аз назди духтараки ҳампартааш парвоз карда, ба сафи аввал нишаст ва чашмони шарарборашро ба рӯйи соҳибсухан дӯхт:

– Ноқисии одамизод дар ҳама кораш ҳувайдост, аммо камолаш нодиданист, зеро ба камол расидан, ба офаридгор расидан аст. Ба худо расидан маънии маҳв шуданро дорад, ки ин мавзӯъи баҳси дигар аст…

Мантиқбонуи зишт бо ақли расову забони гӯёи хеш тадриҷан дар назари донишҷӯён ба маликаи ҳусну ҷамол мубаддал мешуд:

– Ба мантиқи фирори зодгорамон бар мегардем. Одаму Ҳавво гӯё сари гуноҳи азиме дастгир шуда, ҳукми тарк кардани ҷаннатро ногузир ёфтанд.

– Аз сайёраи худ ба сайёраи дигар, ё худ аз само ба замин раҳ гирифта, дар нимаи роҳ байни замину осмон гум шуданд…

Муаллима аз биҳишт рондаву дар байни замину осмон гум шудани марду занро бори дигар таъкид карда, якбора хомӯш шуд ва пурмаъно ба ҷавон, ки акнун дар масофаи нафасрас ҳарфи ӯро мешунид, бо меҳр нигарист.

Дили донишҷӯён ба ҳоли ду бечораи Худо, ки ба хотири ишқ биҳиштро тарк карда, дар сайёраи бегона ҳамдигарро гум карданд, сӯхт:

– Як саду бист сол ҳамдигарро ҷустанд…

– Воҳ, садо баланд шуд аз чаҳор гӯшаи синф.

– Сабру тоқатро бинед!

– Ана, инро ишқ мегӯянд!

– Ту ишқро аз куҷо медонӣ? Ишқу самари онро аз сардори синф пурс!

Ба ҷойи сардори синф ҳампартааш сурх шуд. Донишҷӯён мағал бардоштанд:

– Гуфтам, ку, нафси бад балои ҷон. На танҳо гандум, об ҳам хӯрдӣ ҷавобашро додан даркор. Онҳо дигар илоҷ надоштанд. Ё бояд якдигарро кофта меёфтанд, ё ба осмон баргашта аз нав

гуноҳ мекарданд, ҷиддӣ гуфт донишҷӯе мавзӯъро ҷамъбаст карданӣ шуда.

– Шумо чӣ гуфтанӣ доред? – якбора ба духтар муроҷиат кард муаллима. Мухотаб аз ҷой боло шуд, аммо чизе нагуфт:

– Ин кас дар ин масъала кайҳо суханашонро гуфтанд! – шухӣ кард яке.

Хандаи ҷавононро садои занги танаффус пахш кард, аммо касе аз ҷой наҷунбид. Муаллима дар ҷамъбасти мавзӯъ илова кард:

– Одаму Ҳавво дар сайёраи бегонаи пур аз хавфу хатар лухту урён, гушнаву ташна, чунон ки гуфтем, як саду бист сол якдигарро ҷустуҷӯ карданд, зеро мантиқи аз осмон ба замин омаданашон дар машаққати ба ҳам омадан, ба висоли якдигар расидан, бидуни якдигар назистан буд. Ин ҳама ба хотири ишқ буд. Ишқ! Ҳамон ишқе, ки боиси аз биҳишт рондани Одаму Ҳавво гашт, ҳамон ишқе, ки восита ва василаи дар ҷаҳон будан ё набудани башар, эҷодгардидани шеъру мусиқиву таронаву ҳоказо аст!

– Шумо чӣ будани ишқро хубтар медонед, зеро ҷавонед. Фасли ҷавонӣ фасли ишқ асту ишқ маънии ҳастии оламу одам.

Ба вожаи ишқ муаллима чунон задаи мантиқӣ гузошт, ки ба тану ҷони синф гармӣ дамида, гӯӣ ҳар дили шайдо ҳамово такрор кард:

– Ишқ! Ишқ!

– Ишқ! Ишқ! – такрор кард зиштбонуи нозанин кабӯтари ишқро ба синфхона парвоз дода.

Дарс кайҳо поён ёфта буд, аммо касе ҷойи худро тарк кардан намехост. Оқибат синф холӣ шуд. Онҳо ҳампаҳлӯ аз донишкада берун шуданд. Хомӯшона борхалтаи пур аз китоби муаллимаро

аз дасташ гирифт. Аз ӯ як дам дур будан намехост.

Воқеан роҳ ба сӯйи дили мардон аз роҳи меъда аст. Ин ҳикматро зиштбону зуд дарк кард, ки минбаъд бидуни шогирди хушсурати ҳамеша гуруснаааш таом намехӯрд. Ошноӣ бо муаллимаи оқилаву сарватманд ва аз меҳру ҳамёни ӯ бархӯрдор будан барои як ҷавони деҳотии муфлис, ки солҳо остонаи донишгоҳро охурча карда, оқибат ба мақсад расидан ҷоизае буд, осмонӣ.

Арӯсаш дар оташи рашку алам месӯхт. Ӯ хонаи бахт сохтан мехост, аммо домод дар ин сохтмони дилхоҳ хоҳиши ширкат кардан надошт. Гоҳе пархошу даъво ба дастугиребонгирӣ поён меёфт.

Муаллима боре шоҳиди ҷанҷоли онҳо шуд. Арӯс домодро сарзаниш мекард, зиштии пирдухтарро рангу бори зишттар медод. Маъшуқи аз-худрафтаашро ба муфтхӯрӣ айбдор мекард, ба ҳафт пушти дорову сарватманди рақиби бадрӯй дашном мефиристод:

– Ту ӯро на, ҳамёнашро писандидаӣ! Мани бесоҳибро шарманда накун! Чӣ қадари дигар интизор шудан мумкин. Охир ман…

– Барои хонадоршавӣ миёни бақувват даркор. Ман чунин имкон надорам.

– Пештар чунин намегуфтӣ.

– Хона обод кардан қанд хӯрдан нест.

– Дигар сабр карда наметавонам! Аз ту дар батнам кӯдак дорам, ту инро хуб медонӣ. Мани ятимакро шармандаи ду дунё накун. Ба ғайр аз ту каси дигар надорам!

Аъзои баданашро араќи сард пахш кард. Дух-

тари дар батнаш фарзанд дошта, бештар аз ӯ ба ҷавон ҳақдор буд, аммо дар баҳои ҷону имон низ азизи дилашро ба касе додан намехост. Якбора дар хаёлаш нақшаи дигаре тарҳрезӣ шуд, бераҳмона.

Аз сари роҳи бахти деринтизораш ноаён дур сохтани рақибаи бечораву бесоҳиб барои зани дорову оқила ҳич мушкилие надошт.

***Занон бо дил мебинанд,***
***Бо пӯст мешунаванд,***
***Бо хун эҳсос мекунанд,***
***Бо чашм дӯст медоранд...***

**15**

Сабру тамкини омӯзгор дар тарбияи моддии шогирд корагар шуд. Яке ба моликияти хусусӣ табдил ёфту дигаре ба соҳиби мол. Ҳамеша ҳамроҳ буданд. Муаллима андаке пештар аз шогирд роҳ мепаймуд. Гардани сиёҳи борикашро ҷониби тавсани зудромгашта ёзондаву суханро дар барги табассуму фалсафаву ҳикмат печонида, барояш ҳадя мекард. Аз оғоз ҳикматгуфтории зан ҷавонро мефорид, чун ҳамаро ченаку андозаест, зуд аз асалгуфториву часпакбаёнияш сер шуд, аммо гуруснаи ганҷи фаровони ӯ буд.

Муаллима дар борхалтаи сангини пур аз китоб ҳамеша барои шогирди шикампарвари хушхӯр чизаке бомаза пасандоз дошт, монанди модарбузург барои набераи нозпарвараш, чун соҳиби гурба барои гурбаи дӯстдоштааш. Бидуни якдигар хӯрок намехӯрданд. Худ кам мехӯрд, аммо донишҷӯи камбизоати ҳамеша нимгуруснаро бо беҳтарин ғизои танпарвар зиёфат мекард. Ҳусн, чунон ки мегӯянд, воқеан аз даҳон медаромадааст. Тарбияи бомаззаву ғизодор ба сурату симои донишҷӯ беасар намонд. Рухсораҳояш шодоб, ранги рӯяш равшан шуд.

На танҳо пирдухтари танҳо, балки духтаракони

нозпарвари сафи аввали донишгоҳ низ рӯшод харидораш шуданд. Бо дигаргун шудани хӯроку пӯшок ва рангу рӯй, роҳу равишаш низ дигар шуд. На танҳо арӯсаки умедворро, балки роҳи деҳаву модари пирашро низ зуд фаромӯш кард. Аз шарикдарсон ва ошноёни камбизоат фарсаххо масоҳат мегирифт.

Гулхани рашки арӯсаки дар ними роҳ афканда, аз сӯхтани хонаи ишқаш дуд мекард ва дар ин оташ бечораи дар ними роҳ ҳайрону музтар танҳо месӯхт. Соявор аз дунболаи падари фарзанди оякдааш мегашт, аммо ба гарди пояш намерасид.

Асари офаридааш рафта-рафта бозоргир мешуд. Офаранда меболид. Аз ғалабаи осонаш бар ҷавони нодори деҳотӣ хурсанд буд. Шогирд аз бахти безаҳматаш, ки ҳалвои аз осмон расидаро мемонд, хушнуду қаноатманд дар сояи ғафси зани зишташ фароғат дошт.

Дар ба ҳам омадани шабу рӯзу сиёҳу сафед нақши ҳирсу тамаъ назаррас буд. Агар пирдухтари зишти аз оламу одам ноумедро охирин воситаи аз домони дунё доштан – ишқ, дар чодаи қисмат раҳнамо бошад, ҷавони деҳотиро сарвату симу зари меросхори ягона ба дом афканда буд.

Зан барномаи дурнамову қисматсозе дошт. Рӯйи об баромадани ин нақшаи ниҳон аз ӯ ҳам сабру тамкин мехост ҳам вақту соати мувофиқ. Ӯ ҳунари сабр кардан ва аз ғӯраи сабр ҳалво сохтанро дошт.

То донишгоҳро хатм кардани шогирд вақти зиёд намонда буд. Аз ӯ тамаъи висол кардан ба назараш ҳанӯз барвақт менамуд. Медонист, мардон метавонанд маҷбур аз занон ком бардоранд, аммо бонувон ин масъалаи ҷиддиро дар тӯли миллионсолаҳо ҳанӯз ба фоидаи худ ҳал карда натавонистаанд.

Аз ӯ як лаҳза ҷудоӣ ба назараш як аср метофт, аммо шитоб намекард, аз рамидани сайди осон ба дом овардааш ҳарос дошт.

Ҷавон баръакси ӯ саросемаву шитобзада буд. Зудтар ба ҷоҳу гоҳи пушти девори баланди орзу пинҳон, расидан мехост. Онҳо якдигарро бесухан мефаҳмиданд. Ҷавон роҳи чӣ гуна зудтар ба мақсад расиданро кофта, оқибат осон дарёфт. Боре рӯйирост бо баҳонаи ночизе муаллимаву борхалтаи сангини пуразкитобашро ба худаш ҳавола карда, бидуни хайрбод рафт. Зан музтар монд. Хаёлаш ба ҳазору як кӯчаву тангкӯча кӯчид. Оқибат ба таги исёни азизи дилаш расид. Ҷавони нозпарвар ҳамоно хобгоҳи донишҷӯёнро тарк намуда, ба хонаи оростае, ки дар хоби шаб низ орзуяшро надида буд, кӯчид.

Пирдухтари чун харбузаи охири полиз пухтаву расида, ҷавонро, чун Зулайхои мисрӣ Юсуфи Канъониро бо ҳама вуҷудаш дӯст медошту мепарастид. Он, ки якумр дар ишқу ошиқӣ пастуфтоду ноком буд, ин ҳадяи беназиру охирини сарнавиштро чун гавҳараки дида азизу гаронбаҳо медошт.

Нобаробарии синну сол ва сурату симои худу маҳбубро медонист. Нигаҳҳои ҳасуду маломатгарро аз чаҳор тараф медид. Бахташ иморатеро мемонд, ки мебоист бунёдашро аз хишти ишқу орзуву сабру тамкин мегузошт.

Ӯ ғизоли бахташро бо занҷири андешаву амал баста, тавелаашро гоҳе суст, гоҳ таранг мекард. Гоҳе худро бовар кунонидан мехост, ки ҷавон пирдухтариву бадрӯии ӯро намебинад. Гоҳе сидқан нобиноии ӯро дар дил орзу мекард.

– Ишқ зебоиофар аст. Ишқу зиштӣ ба ҳам намесозанд. Ошиқон зебоянд. Ноошиқонанд, ки зиштиро дар худ тарбияву ба дигарон тавсия мекунанд, меандешид пеши худ.

Ишқ бар дилу манзили ӯ нур овард. Ба андова кардани ҷурмҳояш пардохта, то ҷое муваффақ ҳам шуд. Бонуе, ки аз чашми ҳақгӯйи ойина замоне фирор дошт, дигар зуд-зуд назди ин воситаи худнамоӣ рост шуда, худро тамошо мекард. Худро дар ойинаи қаднамо аз сурат то қадам нигариста, дармеёфт, ки ҳич гоҳ зишту бадрӯй набудааст.

– Ошиқ набуд, бадрӯй буд. Ҳама зишту бадрӯён бояд фаврӣ ошиқ шаванд!

Зиштбонуи дар ақлу хирад ангуштнамо дигар хостгори оқиливу хирадмандӣ на, дӯстдори зебоиву нозанинӣ буд. Камоли ишқу орзу сабру тамкин, мубориза дарёфти ҳадаф ғалаба мехост. Дар ин ҷода эҷодкориву ҷонгудозияш ҳайратангез буд.

Гоҳе барои санҷидани ишқу самимияти азизи дилаш, балки барои дар додани оташи иштиёқи ӯ якбора аз шаҳр фирор мекард, аммо дере нагузашта, дилсӯхтаву беқарор чапасар худро ба дару деворҳои донишгоҳ мезад. Бо нигоҳ, бо оҳу воҳ, бо панҷаҳои ларзон дар ҳама ҷо, аз ҳама кас, ӯро меҷуст. Чун пайдояш мекард, аз дигар ботамкину камгуфтору андешапарвар мешуд.

Гоҳе худро бемор вонамуд месохт. Ҳангоми дидорбинӣ чашмони пур аз суоли ҷавонро дида, ашки хушбахтии аз дил ба роҳи нафас расидаро талх-ширин фурӯ мебурд.

Дар роҳи ба даст овардани дили ҷавон ҳама гуна роҳу равишу таҷрибаи дастрасро корбаст намуда, «аз роҳи меъда тасхир кардани дили мардон»-ро барҷову бамавридтар дарёфт.

Бо вуҷуди ром гаштани оҳуи ҳадафаш таҷрибакорияш оғозу анҷом надошт. Гоҳе ҷавони бетоқатро паси деворҳои баланди ҳавлии боҳашаматашон гузошта, дарвозаи оҳанини ҳалқабандро ба рӯяш мепӯшиду ба дар такя мекард. Нафаси сӯзони ӯро аз паси деворҳои сангин дар хуни худ эҳсос намуда, ашк ҳарду бари рухсораашро мешуст. Паси дар аз надидани даруни хонаву ҳавлии боҳашамат ва бӯйи хуши баррабирён ҷигари ҷавон низ сахт сӯзок мекард.

Дар худ мепечиду мевиреҷид, аммо барномаи ба камоли бахт расиданашро таҳрир намекард. Ба ишқи ҷавон боварӣ надошт. Медонист, ки пайванд кардани садбаргу каду ғайриимкон аст.

Медонист, ки бидуни ишқ, ё худ ақаллан эҳтиром на танҳо хона обод кардан, балки дар як кӯча зистан амри маҳол аст. Дар дил аз интихобкардаи худ андаке иззату эҳтиромеро, ки сутуну бунёди аксар хонаводаҳо болои он қарор дорад, интизор буд. Ҳар чизро ҳаддесту андоза. Занро дигар тоқату тамкини идома додани таҷрибаҳои талху хастакунанда намонд.

Чандин дафъа ғайб зад, аммо ҷавон ба ҷустуҷӯяш нарафт, балки маоши аз ӯ рабудаашро бо дӯстони кӯчагияш сарф карда, гӯё ҳич ҳодисае рух надода бошад, бо кафи бози тамаъ дар рӯбарӯяш пайдо шуд. Ӯро ҷазо додан хост. Аз маоши айш маҳрумаш кард. Дар бало монд. Ин дафъа ҷавон ғайб зад. Гӯё осмон ба сараш парӯ шуд. Фироқ, биму ҳароси аз нав танҳо мондан ҷону танашро сӯхт. Кӣ буданашро фаромӯш кард, танҳо зан, зани ошиқ буданашро ёд овард. Худро маломаткунон он қадар дар остин гиристу нолид, ки аз пой афтод. Вақте ки табибон ошиқи аз пойдарафтодаро ба занбар бор мекарданд, ногоҳ ҷавони ғайбзада аз куҷое зуҳур намуд, масту аласт, хоколуд, ришрасида, касиф. Ба тани хушкаш ҷон даромад. Аз дигар зинда шуд ва пеши худ қавл дод, ки зинҳор ба чунин таҷрибаҳои харобкунанда даст нахоҳад зад. Ӯ ба поёни барномаву таҷрибаҳои худ нуқта гузошта, худ бехабар ба воситаи таҷриба табдил ёфт.

* * *

Оқибат он рӯз, ки ҷавони ҳавасхоҳ сахт интизор буд, фаро расид. Оқибат устод шогирдро бо даъватномаи махсус, ки ҳукми ҳуҷҷати қонуниро дошт, ба меҳмонии якумр мизбон будан даъват кард. Истиқболи мизбонон меҳмони нодидаву нохӯрдаро мот кард. Он ҷӣ андаруни дарвозаи баланди ҳалқабанд пеши назараш ҷилвагар шуд, хобе буд дар бедорӣ. На танҳо ворисн ягонаву волидони пири сарватмандаш, балки ошпазу пешхизматҳо, растаҳои об зада, мурғони хушхони қафас, фаввораву гулгашту гулзор ҳама омодаи пазироӣ буданд. Баробари ба ҳавлӣ ворид шудан дар қадамаш чунон гулафшонӣ карданд, ки маънии домодро гоҳе поччо, яъне, подшоҳ гуфтани мардум барояш аён шуд.

Аз остонаи дарвоза то сари мизи шоҳона пойандози махмалин густурда, волидайни арӯс шоҳмарди деринтизорро бо ҷомаи зарбофту шаҳкулоҳи пӯсти барра хайра мақдам гуфтанд.

Ӯ ин ҳама неъмати аз осмон бар сараш рехтаро медиду ба бахти муфти худ бовар намекард. Вақте ки шароб хунашро гарм карду шерак шуд, дарёфт, ки ҷуз ӯ дар ин хона каси дигаре нест, ҳақдору миннатгузори ин ҳама зиёфату меҳру муҳаббат. Шикамсериву чашмсерӣ аз нозу неъмати фаровон тановул карда, сипас намоишкорона ба тамошо ва омӯзиши ҷиҳози гаронбаҳои хонаи боҳашамати арӯси зишт пардохт. Ҳамаро аз чашми сӯзани озмоиш гузаронда, як-як хуш кард. Хушҳол шуд. Барои хешони ояндааш чанд лати-

фаи бемаънӣ нақл карда, бечораҳои худоро маҷбуран хандонд. Ҳама чиз хуб буд, ба ҷуз ду чиз. Зиштии пирдухтару синну соли волидайнаш.

Масъалаи аввал нав набуд. Дар зеҳн ҳамеша роҳи ҳалли онро меҷуст. Волидайни арӯс, ки ба назараш ҷанозаи мумиёкардаи шоҳони мисриро ёдрасаш мекарданд, ҳанӯз дар рафтору гуфтор хеле чолоку шастдор менамуданд. Дар ҳамин шаклу ҳолат имкон доштанд, на камтар аз даҳсоли дигар озори чашмаш шаванд. Андеша ба забон расид. Меҳмон буданашро фаромӯш кард. Бепарда ба унвони пириву барҷомондагӣ чанд сухани нешдор фиристод. Волидайни бечора сӯйи духтари музтарашон нигоҳи пурмаъное афканда, шитобон сари по шуданд ва меҳмони камлутфашонро тарк карданд. Мизи шоҳонаву арӯси зишт монду ӯ.

Меҳмони хушбахт дере нагузашта, масту аласт шуд, суруди бемаъниеро зери лаб замзамакунон сарашро рӯйи лаълие гузошту хобаш бурд. Арӯси зишт, ки худро хушбахттарин зани олам эҳсос мекард, ҷуволи ҷисми хоҷаи худро, сари дӯш афканда, сӯйи хонаи хоб равона шуд.

Субҳ бедор шуда, худро дар олами дигар дарёфт, дар олами сарвату зиштиву зебоӣ, дар дунёи ҳаваси парафшони қафас.

То кунун гоҳе ба назараш чунон менамояд, ки аз он пазироии нахустин, балки аз он хоби фоҷиа – мазҳака то ҳанӯз бедор нашудааст.

Ҷавони деҳотӣ, ки якумр орзуманди чунин

зиндагӣ буд, сарвату азамати меросхори ягонаро дида, зиштии пирдухтару нозанинии арӯси худ, духтараки шарикдарсашро, ки дар батн аз ӯ фарзанд дошт, фаромӯш кард. Якеро, дар канори худ, балки худро дар канори ӯ, зистани ба тадриҷ мурданро ато намуда, боиси фоҷиаи дигаре шуд.

Дере нагузашта, арӯси таҳқиршуда беному нишон гашт. Хабар расид, ки гӯё духтараки бадноми ними роҳ монда, худро ба дарё афкандааст.

Барои марги духтари ҳомила шарикдарсон ҷавони булҳаваси бевафоро ба додгоҳ кашиданд. Ба додгоҳ ҳамроҳи муттаҳамшаванда муаллимаи фанни мантиқ ҳозир гашт.

Тақдир дар ивази ҳусну латофати занона, барояш ақлу хиради мардонаро фаровон ато карда буд. Ақлро, беҳуда доноён пешбарандаи давлат намегуфтаанд. Ӯ аз даъвогарон санаду ҳуҷҷатҳоеро дархост кард, ки дар марги шарикдарсаш бевосита гунаҳгор будани шавҳари ӯро собит созанд. Чунин ҳуҷҷат дастрас нашуд. Чун мурдани духтаракро касе надида буду шоҳиде шаҳодати асли ҳодисаро намедод, зан бошуҷоъат дар рӯбарӯйи ҳомиёни қонун рост шуд.

Рост ба чашми қонун нигариста, дар ҳимояи худу ҳамсараш сухан оғоз кард. Бо нутқи мантиқии хеш, ки аз давлатдории Рими қадим то кунунро қонунгузорияш дар бар мегирифт, на танҳо даъвогаронро, балки зимомдорони қонунро низ ба зону нишонид.

Бо санаду ҳуҷҷатҳое, ки дарёфт карданашон ба

ёди даъвогарону додгоҳ намерасид, бегуноҳ ба тӯҳмат гирифтор шудани худу шавҳарашро қотеона арз намуд ва барои худу гунаҳгоршаванда, ҷазо на, ҷоизаи узру маъзарат талаб кард.

Ӯ чунон боварибахшу қотеона аз ҷониби донишҷӯён бегуноҳ таҳқир шудани худу ҳамсарашро собит кард, ки аҳли қонун ҷуз ба тӯҳматгарон парвандаи ҷиноятӣ боз намудан илоҷи дигаре надоштанд.

Дигар барои хушбахт будани ин ду инсони ба масал обу оташ, гӯё ҳич чиз дар зери чарх халал намедод.

Ҷавони аз гадоӣ якбора ба подшоҳӣ расида, ба роҳати ҷоҳу ҷалолу молу ҳоли муфт зуд одат кард.

Дигар худро заҳмат дода, остонаи донишгоҳро зер намекард. Дар мавридҳои барои домоди нозпарвар қисматсоз зиштбону ҳамоно рух менамуду кулли масъала ҳал мешуд.

Арӯсеро низ, ки дар вартаи бадномиву бечорагиву фано афканда буд, зуд фаромӯш кард. На дар мастӣ, на дар ҳушёрӣ боре назди виҷдонаш гуноҳи афвнопазири номардияшро ба гардан нагирифт.

Аз нозанине гусастану бо зиштсурате якумр пайвастанашро ба тақдиру хости худо ҳавола карда, дар тасаллои худ санаде низ дошт:

*«Агар теги олам биҷунбад зи ҷой,*
*Набурад раге, гар нахоҳад худой!»*

Аммо кайфу сафо ва роҳату лаззати зиндагии пурнозу неъмат, хушбахтии бахти дар ивази бадбахтии дигаре ба даст омада, дер давом накард. Ногоҳ хоби шаб ба таҳқири бедорияш расид.

Шабе арӯсшавандаи собиқашро, ки кайҳо дар лавҳи хотир барояш гӯри чуқуре канда буд, хоб дид. Ӯ мисли пешин ҳамчунон зебову дилрабо буд. Зулфони парешон, ҳатто рухсораи доғ зер кардааш ба ҳуснаш ҳусн меафзуд. Дар бар либоси сафед дошт. Пироҳани оҳарии арӯсӣ ишками дамидаву пистонҳои тарангашро аёнтар карда буд.

Арӯси дучон ҳамоно худро ба чогаҳ, байни зану шавҳар афканда, ононро таги борони мушту лагаду таҳқир гирифт. Мардро ба тамошои аъмолаш гузошта, чанг зада, ду бари рухсори рақибаашро хуншор, ҷомаи хобро дар тани рақибааш пора кард.

Ӯ нафрату адоваташро ба шавҳаршавандаи бевафояш на, ба ҳамсари ӯ раво медид. Оқибат ҷисми рақибаашро чун ҷуволи холӣ аз бистар бардошта, пайкараи гӯё аз мум сохтаи ӯро ба девор рост карда, бадани хушки мисли кундаи сӯхта сиёҳи зану бадани монанди ширмоҳӣ сафеди худро ба намоиш гузошт ва гирди рақиби урёнаш арғушти мазоҳ оғоз кард.

Тамошобин ёри бевафояш буд.

Ҳар ду баробар ҳаросон аз хоб бедор шуданд. Дер гоҳ хомӯшу пуштгардон рӯйи бистар нишастанд:

– Хоби бад дидам, гуфт оқибат бо нимово зан.

– Ман ҳам! – нимғурма ҷавоб дод мард.

– Монанди гурба ба ман дарафтоде.

– Дидам! Монанди гурба ба муши хонагӣ.

– Чӣ? – суолашро кашиш дода, пурсид зан сӯйи мард рӯй гардонда.

Ҳайратзада ба якдигар нигаристанд, аммо касе ҳолати ҳоли хешро шарҳ дода натавонист.

– Ӯ ҳанӯз ҳам зебост.

Зан гӯё гапи шавҳарро нашунида бошад, аз кӯзачаи нуқрагини рӯйи миз ба ду қадаҳи булӯрин шарбат рехта, якеро ба мизчаи шавҳараш гузошт. Чанд қатра нӯшида, рӯй турш карда гуфт:

– Аҷаб шарбати талхе!

– Шарбат не, зиндагӣ талх аст, посух дод мард.

– Ӯ ҳаёти ширини моро заҳр хоҳад кард. – Ӯ дигар моро ором нахоҳад гузошт!

– Ҳич гоҳ чунин ҷоҳили зебо набуд. Парӣ!

Таъриф ба зан хуш наомад. Абрӯ чин карда пурсид:

– Парӣ чӣ пӯшида буд?!

– Либосеро ки якумр дар бедорӣ орзу мекард, либоси малика!.

Зан чизе нагуфта ноаён ашки дидагонашро пок карда, оҳ кашид. Ин баҳси дилгиркунандаро дигар давом додан намехост:

– Пироҳани ӯро, ки дар бедорӣ ту пӯшидӣ, маҷбур шуд дар хоб онро ба бар дошта бошад, неш зад ӯро, лоиқи чунин либоси зебо набуданашро ёдрас намуда.

– Ман либоси худамро пӯшидам, на аз они кадом як бадноми шикамдамидаро! –ҷавоб дод зан.

– Шикамдамидаи зебову дилхоҳу нозанин!

Зан кинояи мардро нодида гирифта, гуфт:

– Дидӣ, чӣ гуна ӯ ба ман дарафтод? Монанди даранда!

– Дидам, дидам. Дар муқобилаш бечораҳоливу ларзиданатро ҳам дидам. Аз барои худо, дигар лухту урён ба назарам нанамо! – худро ба бистар афканда, пуштгардон гуфт шавҳар.

Зан ашки ба гулӯяш расидаро фурӯ бурда, якпаҳлӯ худро ба ҷогаҳ зад. Хомӯшии ногуворое ба миён омад, хомӯшии тарканда. Ногоҳ ҳар ду баробар аз ҷогаҳ ҷаста, бо нигоҳи пур аз суолу ҳарос ба якдигар нигаристанд. Ба ҳақиқате, ки алъон ҳар ду дар бораи як нафар гап мезананд ва ҳар ду як хобро дидаанд, бовар карданашон мушкил буд.

– Ӯ зиндааст? – пурсид занашро.

– Мурдаҳо танҳо дар хоб зиндаанд, ҷавоб дод оне, ки ноаён меларзид.

– Наход зинда бошад?

– Э нее!

– Зинда бошад, чӣ?

– Зинда монданаш имкон надорад. Аз дарёи кӯҳӣ кӣ зинда берун омадааст! Хоб хоб аст, дигар ҳеч чиз!– худу мардро тасалло дод зан, ҳарчанд бидуни ихтиёру интизор дарк кард, ки минбаъд дар дилу манзили ӯ ҷойи амну салоҳро биму ҳарос хоҳад гирифт.

Субҳ медамид, хонаи хоб нимторик буд. Сояи ҳароси хоби баробар дидаашон дар саросари хона аксандозӣ дошт. Зан мададхоҳ худро ба оғӯши шавҳараш партофт. Мард занро аз оғӯшаш дағалона тела дода, пушт сӯяш гардонд. Минбаъд он хоб-кобус бо хурдтарин ҷузъиёт такрор меёфт. Арӯси дуҷон зуд-зуд ба хобаш меомад, то чанги алам ба гиребонаш бипечонаду сар надиҳад. Ҳар қадар мекӯшид панҷаҳои симворашро аз гиребонаш канда наметавонист. Арӯси бовафо марди булҳавасро гӯё то охири умр ба ҷазо маҳкум карда буд. Хотираи талх дар панҷаи фӯлодинаш бераҳмона фишораш медод. Азоби хотира оқибат ба авҷи аъло расида, зиндагияшро тоқатфарсо сохт.

* * *

Арӯси ноком бидуни интизор якбора рӯбарӯйи малики мамлакат бидуни пурсишу хоҳиш рух намуда, ӯро ҳамоно ҳадафи тири нигоҳи нафрату ҳақорат қарор медод. Имкон медошт охирин навъи силоҳи мулкро барои дар ҳаво доштани ин тири наҳсу таҳқиркунанда сафарбар мекард. Аз чанги хотира гурезон худро бо сар ба хуми шароб мезад, аммо андар таги ҷому сабӯй низ нигоҳи ин чашмҳо интизораш буд. Ҳар қадар хотираро аз лавҳи хотир рондан мехост, ҳамон қадар гиребону доманаш андар чанголи он маҳкаму печон буд.

Тазйиқи хотира тоқатфарсо мешуд. Намедонист худро ба кадом гӯшаву канори мулки беса-

рубар бизанад. Хобу роҳату фароғатро фаромӯш кард, хотирабемор шуд, беморияш даво надошт. Ҳазорпойи хотира ӯро дар ҳама ҷой дарёб намуда, ба гӯши осоишаш медаромаду ҳолашро табоҳ мекард.

Дар умри тӯлонияш хатову гуноҳи зиёде содир кард, аммо ҳич кадом чун он гуноҳ, балки номардии дар ҳаққи арӯси ояндааш содир кардааш гиребонгиру дунболагираш набуд. Медонист, ки хатоҳо чанд навъ мешаванд: хатои надониста содир карда, хатои аз иштибоҳи дигарон сар зада, хатои дидаву дониста барои манфиати худ содир карда.Ҳама хатоҳо, ҷуз хатои охир бо тавбаву узр афвпазиранд. Ӯ дидаву дониста, духтараки дуҷонро ба шармандагиву нокомӣ ҳукм кард. Медонист, ки гуноҳаш афвнопазир, хатояш нобахшиданист. Дарки ин ҳақиқат пас аз сипарӣ шудани солҳои тӯлонӣ барояш ҷонкоҳ буд.

Дар нозуктарин лаҳзаҳои зиндагӣ тазйиқи хотира ба суроғаш меомад, рӯзи сафедашро сиёҳ, шаҳдро дар даҳонаш заҳр месохт. Аз ҷазои дамбадаму маҳкумкунандаи иштибоҳи гузашта ба ҷон расида буд.

Дар ҳама ҷо, дар анҷуманҳои бузург, дар болину бистар, дар таги қадаҳи пуру холӣ, дар ҳар саҳифаву ҳар ҳарфи маърӯза, дар тугмаи хилъати хоб..., дар ҳама ҷо ин нигоҳи пармагар ӯро хафа мекард.

Рафта – рафта азоби хотираи хусусӣ ба масъалаи муҳими давлатӣ, ба ҷузъи дардманди зинда-

гии ӯ табдил ёфт.

Боре ҳангоми суханронии муҳиме дар минбари дунёӣ арӯси ноком бо тифли парпечу гирёнаш дар рӯбарӯяш пайдо шуда, аз ҳарвақта бештар ба таҳқиру тазйиқаш пардохт. Нотиқ-малик якбора аз забон монд. Чун пайкара шахшуда ба нуқтае ҳаросон нигариста, хомӯш шуд. Аҳли толор суолдор ба якдигар нигаристанд. Тарҷумонҳо ҳайрону пурмаъно сулфиданд Дар толор хомӯшии сангине ба амал омад. Дар оғози кори ҷаласаи муҳими ҷаҳонӣ ночор танаффус эълон шуд...

Малик аввал пинҳонӣ, сипас рӯшод хурӯҷи ҳароси хобҳояшро, ки ба дарди хотира зам гашта буданд, бо оби оташин мешустагӣ шуд. Мастомаст номи арӯси аз хато гумкардаашро ба забон оварда, узрхоҳу гирён сар ба девор мекӯфт, шеър мегирист, суруд мехонд, аз димоғ бо ҳавои дарди амиқаш бонгаки рӯякие сар медод. Садои дупӯстаи бонгак ба фиғон мубаддал мегашт.

Бо чарх дастбагиребон мешуд, сояи фалак дар замин. Ҳолати ҳолаш ба ақлкостагӣ ишора мекард.

Зани оқила, ки барои ҳама гуна дард дармону ҳама гуна ҳолу ҳолат панду насиҳати мантиқӣ омода дошт, дар илоҷи дарди азизи дилаш чанде саргуму бечора шуд.

Рӯзе рӯйи мизи марди бетобу рангканда китобе пайдо шуд, гӯйӣ об дар биёбон, барои ташна. Равоншиноси маъруф ба таҷрибаи гузаштагону

ҳамзамонон такя намуда, бо маводу санади боварибахш таҳрир сохтани китоби хатои зиндагии инсониро пешниҳод мекард.

***Мантиқи ҳастӣ дар бемантиқии нестист.***

## 16

Бонуи дилбину рӯҳшинос пурасрортарин саҳифаҳои китоби дилу нияту хаёли шавҳарашро пештар аз худи ӯ варақгардон намуда мехонд, то мувофиқи нафсу ҳавасаш тарҳрезиву амал бикунад.

Чун медид, ки аз таҷрибаҳои ӯ шаҳвати шавҳараш на танҳо бедор намешавад, балки зинда нашуда мурданист, рӯйи тирезаҳоро бо ҳафт қабат парда пӯшида, чароғро хомӯш мекард ва ба нақли қиссаҳои ҳавасангези Шаҳрзод, бо иловаи эҷоди худ мепардохт.

Ин ду инсони дар таги як бом аз иштибоҳи хеш ё сарнавишт ба ҳам омада, бо хишти фиребу найранг иморати бахт месохтанду аз дурӯғи хеш хушнуду қаноатманд буданд.

Дигаронро хушбахт кардан хеле осонтар аст, аммо худро бо фиреб бахт ато намудан алҳақ, азобест талхи ширин. Зан ин ҳақиқатро дар хуну пӯсти хеш ҳамвора таҷриба мекард.

Зинҳор як ҷомаи хобро ду дафъа ба бар намекард. Атрро низ вобаста ба ранги қабои хоб интихоб менамуд. Як дастархонро дубора болои миз паҳн намекард. Кӯзаи шароби гаронбаҳоро бидуни шамъи фурӯзону шохаи хушнакҳату гулафшони ёсу райҳон рӯйи миз намегузошт.

Ҳамранги шароб мино, ҳамранги мино ҷом интихоб мекард.

Меҳрбонуи шайдо дар дифои ишқи худ аз чашми баду дилу нияти бади ҳасудон сарбози ҷоннисори сангари ҳаёту мамотро мемонд.

Мардро оқибат таҷрибаҳои пардадори зан корагар шуд, ки дигар аз фаро расидани шаб намеҳаросид ва ҷогаҳи хоб барояш минбаъд тобутро ёдрас намекард. Дигар меҳрубониҳои зани нодилхоҳ барояш ба азоби алим табдил намеёфт.

Чашм пӯшидаву хаёлан худро байни зани зишташу маҳбубаи нозанинаш тасаввур карда, бо ёди ширини яке аз дигаре ком бардоштанро омӯхта буд.

Онҳое, ки нақши занро дар ободсозии оилаву тарбияи мард ба чашми кам мебинанд, аз инсоф дуранд. Агар инсон будан ҳунар бошад, инсони зан будан ҳунарест оламсозу одамофар, мардсозу мардафкан. Ӯ аз ҳама ҷурму гуноҳи шавҳари хушсураташ огоҳ буд. Ин марди булҳаваси айёши хушсуратро бо ҳама ҷурму гуноҳаш дӯст медошт, мепарастид.

Ӯро ба волотарин қуллаи мансабу мартаба раҳнамоӣ намуда, худ ба хоки бенишонӣ менишаст, то зинҳор бар нахезад. Дар ин ҷодаи офариниши якеву гум кардани хеш як лаҳза орому роҳат надошт.

Онҳо дар оғози хонадорӣ ҳамроҳ ба базму маъракаҳо мерафтанд, аммо ҳар дафъа хаставу дилшикаста ба хона бар мегаштанд. Одамон зо-

тан берaҳму беинсофанд. Агар чунин намебуд, шиносу ношинос пинҳону аён ба сӯйи ин ҷуфти зишту зебо тири нигоҳи ҳайрату маломат равона намекард. Тири нигоҳи эшон ҳамоно ба нишон мерасид. Ҳамоно бо баҳонаи ночизе ночор маъракаро тарк мекарданд.

Оқилабонуи аз ҳусну ҷамол бенасиб хулқу рафтори ҳич касро эрод намегирифт, ба ҳоли касе намехандид, аммо зинҳор ангуштнамову хандасори дигарон низ буданро иҷоза намедод. Худ сари вақт ба даҳани бадгӯёну айбҷӯён мӯҳри маҳкам зад. Минбаъд бо ҳамсари назаррабояш, бо ин моли бозор, хандасору хори чашми ҳасудон намешуд. Ҳамроҳ бо ӯ дигар ба маҳфилҳои пуродаму маъракаҳои боҳашамат намерафт.

Аз анҷумaну маҳфилҳо дур буд, аммо аз ҳама гапу кор огоҳӣ дошт ва маҳфиле набуд, ки барои худнамоӣ шоҳаки оростаи хешро нафиристонад. Ӯро ба маъракаҳои сернуфуз мефиристод ва ҳамоно аз пасаш ҷосусеро равона мекард.

Ҳарчанд маълумоти ба дастовардааш аз рафтору гуфтору кирдори хоҷааш ҷӯйи ашкашро равон месохт, аммо ӯ аз ҷумлаи онҳое набуд, ки барои як кайк пӯстинашро оташ бизанад. Зиштбонуи оқила бо ақлу фаросати худодод ба табиати ӯро чунин зишту оқила офарида дар остин гириста, хандиданро хуб омӯхта буд. Ба шавҳари суратпарасташ боварӣ надошт. Аз пояш равона кардани ҷосус ба ҳамин хотир буд. Занро оқилаш ҳам зан асту содааш ҳам. Агар чунин намебуд,

магар бидуни ҳич гуна зарурат ба гуноҳи азими хеш қоил намешуд:

– Ҳар қадами хоҷаамро таҳти назар дорам!

– Аз паси ман ҷосус мефиристонӣ? – хандида гуфт шавҳар.

– Мефиристонам! На як нафару ду нафар! Ба ту бовар кардан душвор аст!

– Аблаҳ! – дашном дод ӯ, ки маълум набуд мухотаби дашномаш худ аст ё ҳамсараш.

Зан нохост гуноҳи азим содир карданашро дарк карда, лаб газида, чашм ба гӯшаи миз дӯхт. Мард қадаҳро аз шароб лабрез карда, бодиққат ба рӯйи аз шарму ҳаяҷон арғавонии занаш нигарист:

– Барои ҳақиқати талхе, ки аз дил ба забон овардӣ, менӯшем! – қадаҳро ба сар кашида, гуфт мард. – Ишқ нест, бахт нест, боварӣ ҳам набошад, мурданамон беҳ!

– Шухӣ кардам! – гириста-хандида, ҷавоб дод зани пӯшаймон.

– Шӯхият ҳам мисли худат хунук аст! – гуфт мард ранҷида.

– Маро бубахш! – зорӣ кард зан ва ҳамон замон барои сулҳи тарафайн пешниҳоди судманде кард. Минбаъд зану шавҳар ҳеч чиз, на бад, на некро набояд аз якдигар пинҳон мекарданд. Савганд ёд кардаву қадаҳ ҷанг андохта, ҳуҷҷати сулҳро тасдиқ карданд.

Шавҳар чанд бор пинҳонӣ ба занаш хиёнат карданӣ шуд, аммо дар нозуктарин лаҳза ба даст

афтод. Вақте ки шикаста шудани ҷоми паймонро аз ҷониби шавҳараш бо гӯши худ шунид, вақте ки косаи сабру тамкинаш аз хиёнату таҳқири шавҳараш лабрез шуд, савганди ӯро ба ёдаш овард. Доду фиғон накард, рӯву мӯяшро наканд, шоҳидонро ба хиёнатгоҳ нахонд, гунаҳгорро ба таҳқир надод, хоинро ба саҳнаи шармандагӣ нақашид, балки аз он ҳам бадтар кард. Ҷазоеро барои паймоншикан раво дид, ки ба мурданаш баробар буд. Якбора аз ношукри аҳдшикан ҳама давлату савлаташро рабуда, ӯро ба саисхона, ки як тахтакати шикаставу як болини мушхӯрда дошт, ронд ва шабонгоҳ хушгилтарин ҷавонро ба бӯстонсарояш даъват карда, дар саҳни гулзор, дар муқобили тирезаи мехкӯбкардаи шавҳари хиёнаткор базми айшу ишрат ороcт.

Вақте ки боғи гулпӯшро бӯйи хуши кабоб фаро гирифт, вақте ки ромишгарон таронаи ишқро оғоз карданд, хизматгор як коса оби хунуку як пора нони хушкро назди шоҳ-гадо гузошта, дарро қуфл карда рафт. Гадои аз шоҳӣ боз ҳам ба гадоӣ расида, аз чунин зиндагӣ маргро алвотар дониста, намоишкорона ба худкушӣ даст зад.

Зан, ки дар дил аз оқибати ин таҷрибаи тунд эҳсоси хатар дошт, сари вақт ҳалқабандро аз гардани гунаҳгори тавбаталаб бо панҷаҳои сарду ларзон кушод. Минбаъд марди мағлубшуда домани макру фиребро сар дода, ҳаёту мамоташро ба ихтиёри зани бадрӯйи ҳамабину ҳамадонаш ҳавола кард.

Зиштбонуи бомулоҳиза бераҳм набуд. Шавҳарашро ҷазо дода, зинҳор марги мардиву зафари номардияшро намехост. Гоҳе бидуни ихтиёру интизори шавҳар, хоса дар рӯзҳои ғамгиниву дилшикастагияш ноаён гули нозеро ба наздаш мехонд ва худ ноаён хонаро тарк мекард.

Гоҳе бо кӯмаки шароб аз ҳадяи холисона – лутфи гунаҳолуди занаш баҳра мебардошт, барои як дафъа ва ба фосилаи хеле кӯтоҳ.

Омӯзгор шогирди дастомӯзашро, дилбастагии ӯро ба одати бад хуб медонист. Ин буд, ки зинҳор ду маротиба бо ҳам будану сари сӯҳбат доштанро бо бонуе иҷоза намедод.

Ба ақидааш занеро як дафъа навозиш кардану дӯст доштани марде хиёнат нест. Пеш омадани чунин ҳолат дар зиндагӣ имкон дорад, зеро барои ташна оби кӯлмак ҳам ошомиданист. Аммо ду маротиба, мабодо, се дафъа ба ҳам омадани марду зани бегонаро хиёнати нобахшиданӣ меҳисобид. Барои шавҳари айёшаш имкони аз зиндагӣ баҳра бардоштанро фароҳам оварда, ҳамзамон аз чаҳор сӯяш роҳи фирор карданро баст.

* * *

Оқилаи зишт он гоҳ ба мурод расида буд, ба мақсад не. Дар ҷашни арӯсиашон ҳузур надоштани хушдомани рӯйнодидаш як кунҷи дилашро торик нигоҳ медошт. Ба дидори оне, ки барояш бахти ду дунёро муфт ато карда буд, ҳанӯз нарасида буд. Ӯро дидан мехост.

Модар шуду орзуи ҳарчи зудтар ба дидори модаршӯяш расиданро дар дилаш оташ дод. Оне, ки дар муддати ошноӣ ва хонадорӣ бо ӯ на танҳо роҳи деҳаро фаромӯш кард, балки мавҷудияти офаридгори бечораи худро низ аз ёд бурд, бо ҳар

баҳона рӯзи ин мулоқоти дилхоҳро ба қафо мепартофт.

Зан ҳар гоҳ аз модари танҳо, ки мебоист дар канори писари ягонаву арӯсу наберааш давлати пирӣ биронад, ҳарф мезад, шавҳар ҳамоно гӯши суханро сӯйи дигар тоб медод. Пириву одамгурезии модар, шаҳру шаҳриёнро хуш надоштани аҳли деҳот баҳонае буд, ки ӯ ҳар бор пеш меовард.

Барои зани оқила баҳонаи шавҳараш ночиз буд. Хуб медонист ҷони гап дар куҷост. Дарк мекард, ки оне, ки якбора аз гадоӣ ба шоҳаншоҳӣ расидааст, аз гузашта, аз кулбаи фақиронааш шарм медорад. Аз ҷониби дигар шояд ба модаре, ки ӯро чунин хушсурат офаридааст, арӯси зиштрӯйи худро муаррифӣ карданро намехоҳад. Аммо ба назараш ҳич гуна баҳона модарро аз дидори писару арӯсу набера набояд маҳрум мекард.

Зан оқибат фосилаи ин ҷудоии бераҳмонаро микроз заданӣ шуд ва шавҳарашро огоҳ кард, ки фалон рӯз ҳамроҳ ба деҳа, ба аёдати модар хоҳанд рафт. Барои қатъӣ будани қарори хеш тӯҳфаҳои харидаашро, аз мисвоки дандон, барои модари бедандонаш, то истгоҳи кӯчаки барқӣ барои говхона ҳамаро ба намоиш гузошт.

Шавҳарро ин хабар шод накард. Ӯ занашро хуб мешинохт. Медонист, ки сухани гуфтааш бидуни амал нахоҳад буд, гӯё розӣ шуд, аммо худ низ ба ин нақша хатти гирое илова карда гуфт:

– Аз рафтани се нафар ба деҳа, беҳтар аст модарро ба шаҳр даъват бикунем. Ӯ низ барои хушбахт будан ҳақ дорад. Зан ҳамоно пешниҳоди шавҳарашро пазируфт. Ба деҳа қосиду мошин фиристоданд.

Пиразани бечора аз ин хабари хуш аз ҳуш рафт. Чун ба худ омад қосиди ҳайрону музтарро болои сари худ дид, ки ба шифту болори дудахӯрда нигариста, дар кадом қарн ҳузур доштанашро ба ёд овардан мехост.

Лаҳзаи дидорбинии деринтизор фаро мерасид. Ҳарчанд худро хушнуд вонамуд мекард, писар аз дидорбинӣ бо модари худ хушнуд набуд.

Арӯс баръакс барои ҳарчи хуштар истиқбол намудани меҳмони азиз омодагӣ мегирифт. Барои пиразан ҳуҷраи алоҳида ороста, аз либоси хобу кафши хонагӣ сар карда, то хурдтарин чизҳои зарурро омода сохт.

Сидқан модаршӯяшро дидан мехост, ғоибона ӯро дӯст медошт. Чӣ гуна сурат гирифтани ин мулоқотро хаёлан пеши назар оварда, шоди ғамгин мешуд. Расидан ба дидори оне, ки пайванди хуниву ҷонияш зиндагии ғамгину берангашро гулгуну пурмаънӣ сохт, боиси хушҳолияш буд.

Аз чӣ бошад, ки як кунҷи дилаш торику ойинаи хотираш ғубор дошт. Дар дил аз ин мулоқот мерамид. Ҳаросаш беҷо набуд. Медонист, нақши ин дидорбинӣ ба пойдории имороти осоишу саодати ӯ ва хонаводааш беасар нахоҳад монд.

Дили модари пир бо ёди дидори писари гурезпойи фаромӯшхотираш гум мезад. Аз мулоқоти дар пеш истода шодиву фараҳ умедвор буд. Ёди дидорбинии дар пеш истода рухсораи пажмурдаашро ранг мебахшид. Оне, ки ба қавли маъруф як пора гӯштро бо нони талабида одам карда, соҳиби ному нишон гардонда буд, аз намурда ба ин рӯзи нек расидан гиребони шукрона қабза мекард. Ташнаи дидори фарзанду арӯсу наберааш буд. Пиразани заҳматкашу орзупарвари деҳотӣ, ки дар умри сар як рӯзи некро надида буд, чеҳраи нозанинеро, ки бо ҳусну ҷамол шоҳписари ӯро мафтуну шайдо кардааст, бӯсидан, дар сояи давлати фарзанди ягонааш, дар ҳалқаи як села набераву абера давлати пирӣ рондану умр ба сар бурдан мехост.

Ин буд, ки он рӯз хандону гирён, попечу шитобон бо ҳамдеҳагон видоъ карда, ба дари кулбаи фақиронааш қуфли зангзадаеро овехта, роҳи шаҳри азимро пеш гирифт:

– Дидор дар қиёмат! – хитоб кард бо овози ларзони гирядор остинашро аз тирезаи мошин парчамвор сӯйи ҳамдеҳагонаш алвонҷ дода. Мурдаамро бегонахок накунед! – шитобон супориш дод ҳамаро.

Вақте ки мошин дар паси дарвозаи баланди иморати боҳашамати шаҳрӣ қарор гирифт ва ронанда ба манзил расиданашонро арз кард, дили пиразан сахту бенизом паропар оғоз кард. Тарсид, ки баччаву арӯсу набераашро надида ҷон

медиҳад.

Дам ба дарун кашидаву оҳ аз димоғ сар дода, маргро фаромӯш намуда, дасти дуо сӯйи осмонҳо бардошт. Ниёишаш ба поён нарасида, ду табақи дарвоза боз шуд. Дар рӯбарӯяш шоҳписараш зуҳур кард, бо чеҳраи арғавонӣ, чашмони хумор, дар бар ҷомаи зарбофт, дар лаб табассуми пур аз ғуруру савлат. Зодгораш ӯро нашинохт. Ҳаросон шуд. Писар табассумкунон пиразани музтарро сабук аз замин бардошта, тори сар дар ҳаво чанде чарх дода, сипас ба замин гузошт. Модар ба сӯйи писар, ки дар шаҳомату салобат шоҳзодаи афсонавиро ба хотираш меовард, беҷуръатона дастони хушкашро дароз кард:

– Писарам, худоё, ин туӣ?! – Одам ин хел сангдил намешавад! – оҳиста гила кард модар.

– Баъд, баъд, маро бизан!

Писар босалобат ба тахтапушти хушки модар тап-тап зада, қадаме ба қафо гузошта, ҷойро барои онҳое, ки муштоқи дидори якдигар буданд, холӣ кард:

– Бо арӯсат шинос шав!

– Воҳ! – баландово тарсид модар.

– Хуш омадед! – аз паси шонаҳои писараш ӯро хайрамақдам гуфт арӯсаш батадриҷ чун моҳи сӯхта, дар осмони абролуд пурра намоён гашта.

– Нури дида, тоҷи сар!

Нигоҳи ду зане, ки як воситаву мантиқу маънии зиндагӣ доштанд, ба ҳам омад. Арӯс ба истиқболи хушдоман оғӯш боз кард, ӯ ҳаросон

қадаме ба қафо гузошт, Арӯс салом гуфт, хушдоман алейкро ба лабони хушкаш ҳавола кард, лабон ба хомӯшии сангин.

Арӯс хайрамақдам гуфт, модарарӯс фиғонашро дар лаб газида, пешонаашро ба тахтаи синаи писараш гузошт. Ҳайрону ғамзада мижа назада, интихоби писарашро пойтосар тахти таҳқиқ қарор дод.

Ба дидааш бовар намекард, аммо аз ҳақиқат ҷойи гурез набуд.Панҷаҳои чун шохаи хушк чангшудаи арӯс дар дасти сафеду базеби писараш ҳақиқати ҳолро барояш тарҷумонӣ мекард.

Арӯс қадаме сӯйи хушдоман гузошт, ӯ ду қадам сӯйи қафо. Кошкӣ ӯро намедиду намесӯхт. Пиразан аз зарбаи ногаҳониву бераҳмонаи марги орзуҳояш хурд шуд, мувозинаташро гум карда калавид. Ҳайрону пакар чанде ба арӯсу домоди номувофиқ нигарист. Нигаҳҳо ба ҳам омад:

– Хуш омадед, ба хонаи худатон! – зери лаб бо азоб хушбошӣ кард меҳмони рамидаро мизбони музтар.

– Э, раве! Гум шаве! Писари моҳи маро бо сеҳру ҷоду ба дом оварда, боз шайтонӣ мекунӣ? Э, хонаи ҷодугар сӯзад! – ҷунбиданд лабонаш. Садояшро писараш низ шунид. Гӯшҳояш қуфл зад. Шунид.

Ҳолате рух дод, ки ҳич кас интизораш набуд. Гӯё ҳозирин аз садои таркиши гӯшшикофе дар ҷояшон шах шуданд. Касе аз ҷой намеҷунбид. Пиразан дер гоҳ ба нуқтае беҳису бемадор нигарист. Селоби ашкашро нигоҳ доштан хост, аммо натавонист.

Оқибат овози хиррии пурҳасрату хиррияшро ба рӯйи гулу гулзори хандону шукуфони ҳавлии боҳашамат сар дод:

– Ҳе бачаи ҷодугар дар сандуқи дилаш мурад!

Волидайни арӯс пойандози махмалинро дар қабза ғиҷим карда, худро ба хонаи дарун кашиданд. Пешхизматҳо, ки ҳар кадомеро нақше буд набозида, ҳар сӯй парешон шуданд.

Гӯсфанди қурбонии ҷон ба саломат бурда, худро ба гулзор зад:

– Илоҳо, ҳафт пушти ҷодугар дар ҳафт қабати дӯзах сӯзад! Дар дунё дигар кас набуд? Ба фарзанди одам қаҳтӣ зада буд? – ҳич касро пурсид ӯ.

Гиряи навмедии пиразани дилмонда, ки парирo ҳампаҳлӯи дев медид, пасту баланду дилхарош мешуд. Ба ҷуз фаввораи боғ касе набуд, ки сари овози модари ғамзадаро гирифта бо ӯ бигиряд.

Дар баҳам омадани шайтону фаришта модари бахтбаргашта сеҳру ҷоду ва илми Кашмирро гунаҳкор дониста, дуру дароз ба ҳафт пушти ҷодуву ҷодугар дашному ҳақорат фиристода, оқибат оҳи тӯлоние кашиду хомӯш шуд.

Пиразани дар остонаи хонаи умед аз пой афтода, қолиҳои гаронбаҳои писарашро зер накардаву нону намаки арӯси сарватмандашро начашида, чапасар ба кулбаи фақиронаи худ баргашт ва ҳамоно аз пой афтод.

Модари бадбахт то нафаси вопасин барои бахти сиёҳи фарзанди ягонааш мотам гирифт. То мурдан ҷомаи сиёҳи азоро аз тан бадар накард.

Дарду алами бадбахтии бачаи ба сеҳру ҷоду гирифторашро бо худ ба гӯр бурд. Пояи тобуташро ба ҷойи писари ягонааш бегонагон гирифтанд. На танҳо арӯс, писар низ рафтори шармо-

вари модарро набахшид. Оне, ки якумр ба фақру нодорӣ нафрат дошт, байни сарвату дороӣ ва модар аввалиро пазируфт.Номашро, меҳрашро аз лавҳи хотир бо қалами сиёҳи равғанини фаромӯшӣ хат зад.

Арӯси таҳқиршуда низ ҳақорати бераҳмонаву рӯйрости модаршӯяшро набахшид. Аз марги ӯ соле сипарӣ нашуда, болои қабри пиразани фақири ҳасраткушта, ки ҳафт пушташро таҳқир карда буд, гаронтарин санги олам, санги сиёҳи бузургеро намоишкорона савор кард.

***Хунинтарин ҷанг, ҷанги инсон бо мани ӯст.***

## 17

Дар остонаи ҷашни таърихӣ авҷ гирифтани бемории пакариву карахтии соҳибҷашн барои ҷашноро масъала эҷод кард. Ҳолати мулкдор ба вазъи малика нисбате надошт. Зан кайҳо бо маризи қотили худ, ки хунашро мемакид, унс гирифтаву ба тақдир тан дода рӯзҳои умри худро мешумурд. «Барои малик мурдану зистани малика бефарқ аст. Аз марги писараш хабар надорад, сабаби чунин карахтиву дилмондагияш дар чунин рӯзҳои қисматсоз чист?« – таҳдонӣ мекарданд, пеши худ онҳое, ки обрӯву эътибори дохиливу берунии мулкро ба ин маъракаи сохта вобаста медонистанд.

Чаро оне, ки якумр ошиқи тамошои ҷамоли хеш буду ин шуғлро аз ҷон дӯстдор, якбора худро ба гӯшаи танҳоӣ кашида, сӯйи сандуқи пур аз худ нигоҳе намекунад?

Чаро оне, ки одатан ҳар навори сафарҳои бесамару кӯтоҳу тӯлонӣ ғулғулаашро аз оғоз то анҷом батакрор дидаву лаззат бурда, сипас, тамошои дидори муборакашро ба миллати ошиқ миннат мекард, алъон хара-хара наворҳои тозаи худро майли дидан надорад?!..

Таҳқиқи беҳоливу нимҷонии тахторои карах-

тро рӯҳшиносону ҳолшиносон ба ӯҳда гирифтанд. Дастгоҳ шарҳу эзоҳи муфассали олимонро вобаста ба сабабу оқибати бемори беноми соҳибҷашн шунидаву таҳлил карда, дар кундаи пӯсидаи иштибоҳи хеш пешпо хӯрд.

«Набояд рух додани чунин ҳолатро дар барномаи ҷашнӣ сарфи назар мекарданд. Вақте ки сари ҳол буду бардам мебоист ҷашни ӯро таҷлил мекард. Чӣ фарқ дошт, дар сурате, ки худи соҳибҷашн на зодрӯзашро медонад, на соли ба дунё омаданашро.

Барои онҳое, ки зодрӯзи мурдаҳои ҳафтодҳазорсоларо барои намоиш додани азамату салтанати хеш бо тантанаи осмонкаф ҷашн мегиранд, ҷадвалу тақвим вуҷуд надорад. Тӯда имкони баёни хушомаду ҳамду сано, ҷашнсозро намоиш додани шаҳомату бузургии хеш кифоя хоҳад буд.

Мебоист Дастгоҳ сари вақт ин ҷанозаи ниммурдаро низ чун пешиниёни ҳамтояш ба диёри хомӯшон мегуселонид. Барои кӯр ҳам аён аст, ки дар ягон рагу пайванди дастомӯзаш заррае қуввату неруи давлатдорӣ боқӣ намондааст. Мебоист ин чархи хӯрдашудаи ба шикастан наздикро пеш аз шикастан иваз мекард... Чӣ бояд кард? Аз ин иштибоҳ низ бояд сабақ андӯхт. Ҳич бадии бидуни некӣ нест. Дар сиёсату сиёсатдорӣ ҳама гуна дарсу таҷриба корсоз хоҳад буд. Дар сурате, ки меҳмонони ҷашн аз дарвозаи мулк кайҳо ворид гаштаанду миллат базми шодмониву фараҳ

оғоз кардааст, бояд ҷашн орост, ҷашни сазовори қудрату шаҳомати мамлакати нестандарҷаҳон...

Барои он ки ҳам рама солим бошаду ҳам гургон сер, бояд бо ҳолати малик созиш кард. Бояд барои зангӯлаи зиндагиофаре омода сохт, ки дар ин чанд марҳилаи худнамоӣ хунашро, ҷонашро чанд рӯз ба ҳаракат кардан маҷбур созад. Малик бояд нақши худро то ба охир бибозад. Нақшофарии ӯ ба коргардон вобаста аст...»

Коргардон бо ҳама хунсардӣ ночор пеши худ қоил шуд, ки ин лӯъбатаки бечора минбаъд зинҳор хурдтарин нақшро ҳунари бозидан надорад. Ӯро низ чун пешгузаштагонаш зиндагии пурдурӯғи бефурӯғаш ба поён расида, нимаш дар тобут, ними дигараш дар курсии тахт андармон аст.

Дар марҳалаи қисматсози ба намоиш гузоштани қудрати сохтори нестандарҷаҳон якбора карахту беҳис шуданаш, ба касеву чизе дилбастагӣ зоҳир накарданаш, аз вазидани бод рамидану ҳаросиданаш, ба сояи худ боварӣ надоштанаш гувоҳи ҳақиқати ҳол буд. Ӯ дигар ҷоҳу гоҳеро, ки дар баҳои хуни ҳазорон ба даст омадааст, на бо зӯрӣ, на бо зорӣ, на бо зар қудрату маҳорати нигоҳ доштанро надорад. Кайҳо фурсати аз тахтаи шоҳмот афкандани ин пиёдаи мағлуб расидааст...

Дигар кардани як лӯъбатак бо дигаре гӯё ҳич мушкиле надошт, аммо дар назари аввал чунин менамуд. Барои аз бозӣ барканор сохтан, ё аз

байн бурдани як лӯъбатак сараввал корсозону бозигарону тамошобинонро аз байн бояд бурд. Ба кор андохтани чунин барнома, чунин бозсозии хунхоҳу хуношом вақту замон ва қурбониёни зиёд мехост. Барраҳои қурбониву худкушҳои ҷодаи ишқ чун ҳамеша омодаи назиста мурдан буданд, аммо ҳанӯз вақту соати амал кардан фароҳам набуд.

Сохтору офаридгори он мебоист бо ҳар роҳу восита ваноғи ба гусастан наздикрасидаи ҷони пиракиро чанди дигар дар сари ангушт тоб дода, тантанаи шаҳомату қудрати худро аз оғоз то ба анҷом шоиставу назарфиреб созмон медод.

Дар ин печидагиву саргумии масъала як чиз боиси хотирҷамъии Дастгоҳ буд, чун ҳамеша солим будани иштиҳои соҳибҷашн. Инсонро нахуст иштиҳояш бемор мешавад. Исбот шудааст, ки мирандагон аввал аз хӯрдани гӯшт, сипас аз тановули шириниву сабзиҷоту нон даст мекашанд. Аммо то нафаси охирин об мехоҳанд. Дар он дунё низ мувофиқи хоб-ахбори мурдаҳои баиззат одамони сазовор аз ҳавзи Кавсар шодобанд. Соҳибҷашни афсурда ҳанӯз кулли таъоми дилхоҳашро монанди пештара фаровон тановул мекард. Соҳиби ишками бузургро иштиҳо як зарра кам нагашта, рӯзҳои ахир ба ҷойи се дафъа чаҳор маротиба хӯрок мехӯрд.

Ошпазҳову дастархондорон арз карданд, ки чун пештара хоҳиши тановул намудани таъоми чарбин ва нӯши ҷон кардани чанд қадаҳ оби

оташинро малик на танҳо аз даст надода, балки афзудааст.

Ин буд, ки табибон маризи ҷиддиеро ҷуз хастагӣ дар ҷону тани оличаноб пайдо накарда, қурсҳои нерубахшро ба рӯйхати дармонҳои мулкдор илова карданд. Чун ишқи маликро ба шароб хуб медонистанд, ин воситаи зиндадориро низ ба назар гирифтанд, бо ҳадду андозаи муайян. Шароби хоса мебоист хуни сардашро сӯз, зиндагияшро оташ медод.

Соҳибҷашн ба давутози ҷашнороён коре надошт, зеро кайҳо ба бозидани нақши лӯъбатакии худ одат карда буд. Ҳар субҳ нақшаи зиндагии якрӯзаашро барояш мефаҳмонданд, чун талабаи мактаб онро аз бар мекарду пеш-пеши барномарезон роҳ мегирифт. Пас аз мулоқотҳову тантанаҳои ҳамешагии дилбазан, пас аз он ки ӯро ба ихтиёри худ мегузоштанд, дар як гӯшаи Кохи Бузург сари дастархони шоҳонаи танҳоӣ бо ҳавасу ҳасрат ҷавонияшро ба ёд овардаву рӯзгори сипарӣ гаштаашро муқоиса намуда, аз димоғ бонгаки сӯзоне сар медод. Дар чунин ҳолат одатан сурудеро аз бойгонии хотираш зери лаб замзама мекард, аммо ҳамоно фаромӯш карда, барои сози аз ёд рафтааш кӯдаквор гирён мешуд. Мегиристу оби дидаи камчини пиронаашро ба рӯяш андова карда, мисрае ё байтеро монанди навори дастгоҳи харобшуда беист такрор менамуд. То даме такрор мекард, ки аз ҳол мерафт. Бо забони гирифта ба унвони оламу одам ҳазору як

дашном фиристода оқибат сари зонуи худ, ё сари зонуи нозанине чун кӯдаки аз бозӣ хаста, сар мегузошту хобаш мебурд.

На танҳо иштиҳояш, балки завқи гулбӯияш низ ҳанӯз бар ҷой буд. Ба сайри боғ дилбастагии содалавҳонае дошт. Гул дидану чидану бӯидан, гул пажмуриданро хуш дошт.

Ҳангоми сайри гулистон назди ғунчае якбора ист карда, хаёлманд дер гоҳ ба он менигарист, чизеро ба хотир оварда, ғамгин ё хушҳол садои хиррияшро ба гулзор сар дода, шеър мебофт:

*Ҳар гул дар буттаи худ зебост,*

*Ҳар булбул дар гулбуни худ гӯёст…*

Шеърро ба охир нарасонда, якбора хомӯш мешуд. Бераҳмона чанд ғунчаи нозанинро калакан кардаву сари ангушт бозӣ доронда, якбора ба зери пояш мепартофт.

Аз аҳли дарбор пинҳон набуд, ки малики айшпарастро ҳавсалааш монанди худаш пир шуда, ба ғунчаҳои зиндаву зиндагиофар низ, ки давроне ҳусни зиндагияш буданд, ишқи таманнову тамошояш намондааст. Соҳибҷашро ҳадяи нодиртаре мебоист.

Ин ҳадяи нодир, ин ғунчаи ҳанӯз насим набӯида, бояст дар зиндаву шодоб гардонидани соҳибҷашни ниммурда, хидмати дорои аҳамияти давлатиро адо мекард.

Шербачаҳои низом аз пайи дарёфтани чунин тӯҳфа афтоданд ва дере нагузашта, онро пайдо карданд. Аз шаҳри бузург на, аз деҳи хурду дур-

дасте.

Номи ғунчаи ҳадягӣ ба рӯйхати бузургтарин шаҳрвандони мамлакат, барои дарёфти унвони қаҳрамони миллат ворид карда шуд.

* * *

То оғози ҷаласа ҳанӯз вақт буд. Малик аз рӯйи одат дар назди ҷевонҳои шишабанди унвону нишону ҷоизаҳои бешумораш лаҳзае ист кард. Тамошои ин оҳанакҳои гаронбаҳоро, ки сарвати миллӣ ҳисоб мешаванд, дӯст медошт. Ҷоизаи охирин, ки худаш худашро барои мардонагӣ сазовор гардонида буд, барояш қимати хоса дошт. Сазовори ин ҷоиза дар мулк танҳо худи ӯ буд, ки ҷойи ҳайрат надошт. Сарвари яккаву ягонаи мулки яккаву ягона табиист, ки соҳиби ҷоизаи яккаву ягона буд.

Аз ҳар нишону ҷоиза акси худаш рост ба чашмони аз таъсири шаробу кабоби шабона фаровон истеъмол кардааш бо виқор менигарист. Ин дафъа чун ҳамеша аз тамошои воситаҳои гаронбаҳои умри беқимати хеш бафурҷаву бо ифтихори аён чашмонашро об надод.

Аз чӣ бошад, ба ҷойи ифтихору ғурур ҳисси ношиносу нофораме вуҷудашро фаро гирифт. Оне, ки ҳисси озарму тавозӯъ барояш бегона буд, нохост худ аз худ шарм дошт.

Аз назди рафҳои пур аз асарҳои нонавиштаи гаштаву баргашта нашр кардааш, аз канори ҷевонҳои пур аз унвону ҷоизаҳое, ки худ барои

худ бахшида буд, дур шуда аз масофаи назаррас воситаҳои обрӯву эътибори коғазияшро чанде тахти назари озмоиш қарор дод. Бори нахуст чунонаш намуд, ки ӯ дузд асту дар ин рафҳову ҷевонҳо моли аз дигарон рабудаашро пинҳон кардааст. Бори аввал аз воситаи ифтихораш ҳаросид, бори аввал аз колои рабудааш дар танҳоӣ бо худ дуздона масофа гирифт. Дилаш бухс кард. Зиндагӣ барояш берангу хастакунанда намуд. Дафтари корӣ ҳуҷраи зиндонро ёдрасаш кард. Ба курсии баланди маликона нишастан хост, аммо натавонист. Курсӣ ба назараш тангу озордиҳанда намуд. Хонаро аз сару бар бо қадам чен карда, гӯё чизи гумкардаашро меҷуст. Намедонист, ки худро гум кардааст. Худро мекофту намеёфт.

Ба ҳар коғази заруру нозарур даст мезад. Бидуни мақсад варақҳо – ҳукму фармонҳои ҳанӯз имзо накардаашро ба даст гирифтаву нахонда, якеро ҷойи дигаре мегузошт. Бекории пур аз кор хастааш кард. Бар дӯш бори гаронеро эҳсос намуд, бори гарони коғазҳои ба сӯяш нигарандаро. Чунонаш намуд, ки ӯ на, ин варақҳо ҷашн доранд, ӯ на, малик ин варақҳоянд. Дар тӯли солҳо ӯ на, ин варақҳо ҳукмронӣ кардаанд. Нохост варақҳои ҳанӯз нахондаашро, ҳукму фармонҳои имзо кардаву накардаашро, аз фармони ҷоиза то ҳукми қатл, якбора ҳамаро бад дид. Бо ғазаб як тал ҳуҷҷатҳои нахондаро пора-пора карда, бо шаст ба қуттии ахлот партофт.

Гӯё ин субҳ бо дасти чап аз хоб хеста буд. Дар ҳама чиз норасоиву ҷурму гуноҳ медид. Ранги шарбат низ шубҳаашро бедор кард, ки кӯзаи булӯрини болои мизро бафурҷа аз чашми сӯзани таҳқиқ гузаронд, ҷом низ ба табъаш нафорид. Ҳамоно кӯзаи шарбату ҷомро иваз карданд. Қадаҳро аз шарбат, ки таъми шароби хонагиро дошт, пур карда нӯшид. Ширинии шарбат дамгираш сохт. Ҳавои хонаи барҳаво барояш камӣ кард. Нафаси гиреҳзадаашро пуф карда, талху тунд чанде сулфид.

Беҳолии ногувореро дар рагу пайванд эҳсос намуд. Зонувонаш дуқад гашта, пойҳояш бори тани сангинашро набардошт. Ҳамчун барзагови дар замини санглох зери бори юғу испор монда, рӯйи фарш чорпоя шуд.

Аз фарш чорғов ба шифт, ба қандили бузург нигарист. Қандили қадимаи гаронбаҳо аз садҳо шилшилаҳои булӯрин иборат буда, ҳар саққо ҷилову равшании хоса дошт. Худро ба ин қандил, тӯдаро ба шилшилаҳои он шабеҳ дид. Зебу зиннати қандил шилшилаҳояш буд. Бидуни ин шилшилаҳо мавҷудияти шаҳчароғ имкон надошт.

Бо машаққат аз ҷой хеста, коҳилона ҳаракат оғоз кард. Боз чашмаш ба варақҳо афтод. Аз болои мизи азим қоғазҳои ҷашнии имзоталаб ба сӯяш гӯё дасти озу тамаъ дароз менамуд. Бозувонашро чун навдаи тар ба ҳам печонидаву тоб дода, хараи коғазҳоро дер гоҳ аз назар гузаронд. Бо дили ноxоҳам рӯйхати ба ҷоизаву унвону

нишонҳои салтанатӣ пешниҳодшудагонро ба даст гирифт. Нахи абрӯвонаш кӯргиреҳ шуд. Чунонаш намуд, ки рӯйхати кӯҳнаеро дастёронаш иштибоҳан барои имзо рӯйи миз гузоштанд. Аммо дар вақту замон хатое нарафта буд:

– Боз ҳамон адибону олимон, боз ҳамон наққошону меъморон, боз ҳамон ҳунарпешагону рӯзноманигорон! – зери лаб ғуррид инъомато норозиёна.

Унвонхоҳону ҷоизаталабон воқеан шиносҳои қадима буданд. Бо умеде, ки номи наверо байни ин номҳои обшуста хоҳад ёфт, коғазҳоро чанде тагурӯ кард. Аз нав фармони рақами як ба чашмаш бархӯрд. Шояд дар умраш бори нахуст пеши худ бидуни ихтиёр қоил шуд, ки то ӯ сару сарвари ин мулк аст, кӯҳнагӣ, кӯҳнапарастӣ, тамаъу хушомадгӯйӣ ва чоплусӣ дар фазои адабу фарҳанг, ки пешбарандаи ҷамъиятанд устувор хоҳад монд.

Зарқаламро чун теғи ҷарроҳӣ байни панҷаҳои ларзонаш чанде фишурда беҳавсала ба зери чанд фармон нахонда имзо гузошт. Фармонҳои имзоталаб бешумор буду ӯ хаста. Аз шуғли дилбазанаш хаста шуд. Қаламро ба рӯйи коғазҳои қисматсоз дангала карда, кафҳои нам гирифтаашро чанде асабонӣ ба ҳам молиш дод.

Ногоҳ чун дарзаи хаси оташ гирифта, бо панҷаҳои ларзон варақаҳои лаҳзае пеш ҳукми зистан додаашро пора-пора кард. Сабади ахлоти таърих аз фармонҳои нахондаву имзодору дарида

пур шуд. Ғазаби малик ба мухотабҳои унвону ҷоизаву нишонталаб ово баровард:

– Ин қадар коғазу оҳанакҳоро чӣ кор мекунед, баднафсҳо?!

– Оё намефаҳмед, ки ин ҳама ҷоизау унвон ҳама барои фиреби шумост, аблаҳҳо?! Агар дар ивази меҳнату заҳмати миёншикани хеш маоши кироие мегирифтед, зинҳор ба унвону инъоми ман чашми тамаъ намедӯхтед.

– Як умр малику салтанатро чоплусона таърифу тавсиф карда, бо як тини сиёҳ ҳамдигарро харидаву фурӯхта, наздиктарин инсонҳоро бад кардаву аз саф афканда пеш мегузаред, то ки як варақ таърифномае ё як оҳанак нишонеро ба даст оред.

– Худро ҳақиру бечора мекунед, паст мезанед, барои як саф пештар аз дигарон ба тахту тоҷи салтанат наздик нишастану сари синаи пур аз оҳанаки худро ба намоиш гузоштан. Шумо ҳақиред! Дар ивази ҳақирӣ ҷоиза намедиҳанд!

Ҳама чиз маҳвшаванда аст,<br>ба ҷуз хотири хотира.

## 18

Ғазабаш ҷӯш мезад, деги нафраташ сар мерафт. Зинҳор бо уммати бовафояш чунин таҳқири рӯйиростро пештар раво намедид, зеро хуб медонист, маҳз ҳамин ҳақирон ӯро офаридаанд, маҳз онон такядору поядори тахту савлату

шукӯҳи ӯянд.

– Дар ҷашни таърихӣ ба унвону ҷоизахоҳон додани инъоми дилхоҳашон, чӣ мушкилӣ дорад? – шунид овои ниҳодашро. Ба кӯдакон қанд медиҳанду кор мефармоянд, ба бузургсолон унвону ҷоизаву пулу мол. Аз ту чӣ меравад. Ҳеч чиз!

Саховатманд бош. Харҷ агар аз кисаи меҳмон бувад, Ҳотами Тоӣ будан осон бувад! Ҳотамӣ кун, харҷ аз кисаи миллат аст!

Насиҳати овои ниҳодаш корагар шуд, ки ба сабад даст андохта, як қабза коғазро берун кашид ва якеро ба даст гирифта, чашм давонд. Хатти миёни абрӯвонаш амиқ шуд. Фармони рақами як ба дасташ афтода буд.

Бори андум маликушшуарои дарборро ба ҷоизаи навбатии салтанатӣ пешниҳод мекарданд. Ин дафъа, мисли пешин фаврӣ зери фармон имзо нагузошта, нуқтаеро дер гоҳ ҳадафи нигоҳ қарор дод.

Мушовирон одатан чунин фармонҳоро ҳангоми хушҳол, яъне сархуш буданаш барои имзо пешниҳод мекарданд. Соҳибқалам шар-шар ба зери фармонҳои нахонда имзо мегузошт. Аз чӣ бошад, ки ин дафъа на танҳо мисли пешин зуд аз коғази шилқин бо як хаткашидан халос шуданро раво надид, балки худ бо худ баландово эътироз кард;

– Ин нозимаки чоплус кай аз унвону ҷоиза сер мешуда бошад? То кай истеъдоди набудаашро бо

имзои ман рӯпӯш мекунад? Кифоя!

Ҳукмаш қатъиву бераҳмона буд. Фармонро маҷақ карда, аз нав ба сабад партофт ва варақи дигарро ба даст гирифт. Ин варақ низ ба оташи ғазабаш равған рехт. Боз як беҳунар, боз як шиорзани навбаромад муддаои ҷоизаву унвон дошт, шояд барои часпонидани нишонаи тиллоӣ ҷомаи нав низ харида буд. Малик хизмати эшонро дар бозсозиву ба қуллаи шӯҳрат расидани хеш инкор намекард. Ин тоифа бидуни шакку шубҳа хизматнишондода буданд. Маҳз онон ӯро офаридаву ному нишон додаанд. Маҳз онон симои ба худаш ношиносу ба миллат ошнову маҳбубу мақбули ӯро офаридаанд. Ӯ низ нисбат ба ин зоти чашмгурусна ҳич гоҳ хасисиву беэҳтиромӣ накардааст. Баъди ҳар васфия, баъди ҳар мадҳияи пур аз тамаъу муболиға, баъди ҳар мақолаи пуч ҳамоно хизмати эшонро қадр карда, ин чашмгуруснаҳои носерро маззахӯрак кард. Аслан дар ин мулк аз малик сар карда, то даллоли бозор ҳама ҷоизаро дӯст медоранд.

Хоса, дар рӯзҳои ҷашн аз малик унвону ҷоиза чашм доштан одатест дерина. Тӯда низ ба ин маъракаи доду гирифти ғаразу тамаъ одат кардааст. Мабодо маъракаи тарака кардани ному унвон андаке дер шавад, ҳазору як суолу тахмин сари забонҳо меояд.

Малик ба акси ҷоизахоҳ, ки аз варақ сӯяш боумед менигарист, беиззат чашм дӯхт. Чашмони холӣ, лабҳои тунук, симои монанди ях сардаш пардаи дидаашро харошид. Сирати ҷоизахоҳ ба сураташ расида, ботини зишту маснӯъиеро ба намоиш гузошта буд. Малик, ки худ мӯйҳои сафедашро ранг мекард, аз дидани ранги мӯйҳои сафед дар акси ранга дилмонда шуд. Ранг пириву мӯйсафедиро масхара мекард.

Ба акси хандаовари унвонталаб дер гоҳ бо истеҳзо нигариста дарёфт, ки оне, ки хушсурату хушгилаш мепиндошт, дар асл намунаи зиштист.

Малик, ки умре бо зани зишт мезист, ҳамеша зиштиро маҳкум намуда, онро ҳамчун ҷазои офаридгор маънидод мекард. Дар нисбати ҳусну ҷамол ва зишту дурушт нуқтаи назари хос дошт. Ҳусну ҷамол, зебоиву зебоёнро ҳамчун асари аз илҳоми ишқ офаридаи офаридгор, ҳамчун наққошии ҳунармандонаи яздон мепарастид. Хубрӯёнро дӯст медошт. Ба некиву хубиву покии зиштон бо назари шубҳа менигарист.

Шоири дарборро, ин унвонталаби носерро солҳо мешинохт, борҳо ба сари синаи тангаш оҳанаки унвонҳои салтанатиро часпонида буд. Ӯро ҳамеша хушсурат меёфт. Дар асл баднамо буданашро як пора коғаз урён сохта, сирати ба сураташ расидаашро менамуд. Гузашти вақт ба рӯяш хату хатакҳои зиёде гузошта, акси ранга ҷурми симову синну солашро аёнтар сохта буд.

Малик сидқан бар он буд, ки ҷуз ӯ ҳама пиру фартуту бадрӯй шудаанд. Дар ин пириву фартутӣ ҷурми худи эшонро медид. Ба пириву фартутӣ низ чун ба зиштӣ нафрат дошт. Пириро ҳамчун хиёнат ба ҷавонӣ маҳкум мекард. Бар он буд, ки агар одам нахоҳад, пир намешавад.

Шоири унвонталаб, ки ҳамсинну соли мулкдор буд, худ бехабар даракаш дод, ки пирӣ фасли ба сурат расидани сират аст. Унвонбахш ба сурати унвонхоҳ бори дигар нигариста, ҳамоно овои

хаёли худро шунид:

– Алҳақ, зиштӣ рӯйи дигари зебоист. Бар акси ҳол оне, ки бо хушсуратӣ маъруф буд, чунин зишту баднамо ба назар намерасид. Агар зоташ заррае зебо мебуд, шояд аз бунёдаш чунин безебе бо ташрифи худ оламро миннат намекард!

Ин нуктаро дар ҷанҷолҳои хонаводагӣ бар алайҳи малика борҳо корбаст карда, алъон низ онро дуруст ёфт:

– Сураташ сираташро ба намоиш гузоштааст! –

– Худатро дар назар дорӣ? – шунид гӯё овози маликаро.

– Туро дар назар дорам! – фаврӣ ҷавоб гуфт ӯ.

Малик байни акси шоири беҳунару зишт бо малика шабоҳате дарёфта, ӯро сидқан бад дид. Бо қалами сиёҳ рӯйи номи шоири маъруфи замон хати равғание кашид, ки маънии ҳукмро дошт.

Зарқаламро дер гоҳ дар каф фишурда, сипас вароқи дигареро ба даст гирифт. Олими намоён, ки ба қавли маъруф чашми бинои миллат буд, ҳамон олими ҷойи нуқтаро бо вергул иваз кардаи унвони академиро дарёфта, низ аз нав ҷоиза мехост. Дар лаби малик табассуми истеҳзо дамид. Ин турфаро, ки якумр бо ҳам сабзидаву нуму кардаву пир шудаанд, хуб мешинохт:

– Аввал ҷойи нуқтаву вергулро ёб, пас унвони нав талаб кун! – варақро даронда гузаронд аз хаёл. Ба вароқи дигар чашм давонду дуд аз димоғаш баромад:

– Боз ҳамон ҳунарпеша, боз ҳамон хонумаки

чун ширеш часпак! О, замоне бад набуд. Бо нозу ишва, бо гиряву ханда, бо сеҳру ҷоду аз малики мулк хеле чиз рабудааст. Бад набуд! – кадом аз ҳунарҳои ниҳони онеро, ки замоне ҳарамсарояшро обод нигоҳ медошт ба ёд оварда, худ ба худ табассум кард малик.

– Ҳар чӣ мехост, гирифт. Оё дар ягон ҷойи камзулаш барои нишончаспонӣ ҷо монда бошад? Камзули кӯҳнаи ӯ ҳазору як шикофи мушхӯрда дорад. Он шикофҳоро поргии унвонӣ мебояд! – шунид садои ношиносеро аз ниҳоди хеш.

– Ман маликам, кӯҳнадӯз нестам!

– Кӯҳнатарини мо шумоед, маликам! – шунид садои зани пирро. Мо кӯҳнагиро ба хотири шумо дӯст медорем!

– Дафъ шаве, кӯҳнаколои баду бало!

Нохост дар назараш акси ҳунарпешаи шилқин ба ҳаракат даромада, сурати гурбаи пирро гирифт, гурбаи пире, ки мӯйи баданаш рехта, пӯсташ пӯсти дарахти кирмхӯрдаро мемонд. Гурбаи пири дандонрехта аз худ бӯйи баде баровард, бӯйи мағок, бӯйи кӯҳнагӣ.

Малик шитобзада коғази гурбадорро ба ахлотдон партофта, аз мизи тамаъ дур шуд. Ба девор такя карда, хастаҳол чашм пӯшид ва бидуни ихтиёр чанде зери лаб ба ҳоли худу бандаҳои офаридаи тамаъкораш беово хандид.

Ҷойи хандаро қаҳру ғазаб фаро гирифт. Аз зиндони ниҳодаш як нафари шабеҳаш, нусхааш, балки асли аслаш, ки барояш бегона буд, бидуни их-

тиёр бар алайҳи динаву поринааш, бар алайҳи имрӯзу фардояш, бар алайҳи онҳое, ки мурданивор дӯсташ медоштанду мепарастиданд, аммо худ дар дил ба эшон нафрат дошт, исён оғоз кард.

Малик сӯйи миз баргашта, ба пора кардани варақҳо – пардохт. Ӯ гӯё мизи корияшро на, балки иморати дурӯғбунёдеро аз чирки фисқу фасод шитобон тоза мекард. Оқибат аз ин амали дилбазан хаста шуда, ба соат нигарист. Гӯё вақт ист карда буд. Ақрабаки соат ҳавсалаи гардиш надошт.

* * *

Оламу одам тағйир ёфт, аср дигар шуд, аммо ин иморатро соҳибу ҷиҳозаш ҳамчунон бетағйир монд. Ӯ ба асбобу анҷоми ин хонаи тағйирнопазир, аз қандилҳои бузург, то тугмаи занг дар таги миз одат карда буд. Соҳиби мулк маҳз ин сарпаноҳи сиёҳойинаи дастнорасро, ки дар зиндонаш аз оламу одам озод буд, дӯст медошт. Гоҳе чунонаш менамуд, ки дару девори ҳуҷра аз кулли асрораш огоҳ буда, дилашро медонад, андешаҳояшро мехонад.

Маҳз дар ҳамин ҷо бори тани сангинашро бар дӯши курсиву лӯлаболишҳо афканда, истироҳат карданро хуш дошт. Ин қафаси зебоoro, ки аз ҳар тирезааш манзараи боғи салтанатӣ чун дар кафи даст менамуд, меписандид. Ин хона хотираобод буду ӯ бо хотираҳояш соҳиби сарпаноҳ.

Малик ҳис кард, ки танҳо нест. Гӯё аз ҳар гӯша

нигоҳе нусхагираш буд. Хонаро бо нигоҳи кунҷков нигарист. Ҳарчанд ҳама чиз монанди пешин дар ҷойи худ қарор дошт, ҳузури чизе нонамоён, аммо эҳсосшавандаро дарёфта, хотирпарешон шуд.

Чунонаш намуд, ки аз ҳар ашёи ошно чашме сӯяш менигарад. Ногоҳ порае нигоҳ аз шифт канда шуда, ба пеши пояш афтод. Тарсида қадаме ба қафо гузошт. Сабади коғазпартоб чаппа шуд. Сабадро барҷой гузошта, нохост дар ҷояш шах шуд. Чашмонашро молида, равзанаи дидаашро дударӯб кард. Хато накарда буд. Аз даруни сабади пур аз коғаз чашмони худаш ба ӯ менигарист.

Бо панҷаҳои ларзон аксро аз сабад берун карда, ба дида наздик овард. Коғаз ба назараш гарму зинда намуд:

– Дуруд! – пайғом дод нигоҳи худаш аз акс.

Дилаш парандавор дар қафаси сина паропар оғоз кард. Амиқ нафас кашид. Ҳавои хушнакҳати баҳор синаи пиронаашро тоза кард. Ҳисси ширину маҳзуне вуҷудашро фаро гирифт. Лифофаи аксҳоро аз сабад берун кашида, бо панҷаҳои чангакшуда як – як аз назар гузаронд. Аз ҳар акс ҷавонияш дар сурати духтараки наврасе хушбахту хандон сӯяш менигарист.

Малик духтар надошт. Ягона писари ношудаш низ ба модараш монанд буд. Акси хушрӯи хандарез, нусхае буд, ҳайронкунандаи асл:

– Инсӣ, ҷинсӣ, парӣ ё паризодӣ, кистӣ?! – пурсид нигоҳаш акси духтаронаи худро.

– Ман туам!

– Ман яккаву ягонаам!

– Яккаву ягона офаридгор аст, ту бешуморӣ!

– Ту кистӣ?

– Ман аслам, ту нусха! Асл мавҷудияти нусхаро инкор мекунад.

– Ман манам!

– Ту нестӣ, ту вуҷуд надорӣ!

Тоқаташ тоқ шуд, ғазаб кард, акси шилқинро пора– пора кардан хост:

– Нусха бидуни асл мурда аст. Худкушӣ ҳаром аст! Дигар суол надод, ба акси доно таслим шуд. Онро беҳолона ба дилаш зер кард. Ҳарорати баданаш афзуд. Аксро ба лаб бурд. Ҳамоно акс эътироз кард:

– Бӯсидани нусха аслро иҷозат нест!

– Чаро? – сода пурсид пиракии ба ҷунун наздик расида.

– Чунки нусха дуздии асл аст!

Малик аксро ба дидагони хирабинаш наздик овард. Аз коғази сард ҳамоно гармӣ дамида, аъзои баданашро фаро гирифт. Лаҳзае чунонаш намуд, ки хоб мебинад, хоби зебо. Аммо арғушти бирешимии нурҳои офтоб, ки хонаро пур карда, дар дидагони ойинаҳои бешумор аксандозӣ доштӣ, шоҳиди бедорияш буд.

Бо дидаи нимроғ бори дигар акси аҷоибу сеҳргарро мавриди омӯзиш қарор дод. Аз коғази равшан тарҳи рӯйи арӯси ноком рух намуда, лаҳзае хандону хушбахт сӯяш нигарист. Ӯ аз

пештара зебову дилрабо буд. Аъзои бадани пиру фартуташро табларзаи талху ширини ҳаросу умед фаро гирифт. Аксро мадҳуш бӯсаборон кард.

Пас аз сипарӣ гаштани як умри пур аз макру риёву айшу ишрат, бо нигоҳи хоҳиши хаёл ӯро дигаргуна дид: ҳамчунон нозу нозанин, ҷавону дилхоҳ, анҷомбахши бозии бебарори умри будаву набудааш. Бехудона аксҳоро мебӯсиду мебӯид, ба сина зер мекард, аз худ дур меафканд, то ки боз ҳам ба дида, балки ба дил наздиктар орад.

Ӯ пиреро мемонд, ки дар роҳи мазор ногоҳ ҷавонии худро дучор омада, на ӯро бо худ ба гӯр бурда метавонад ва на худ бо ӯ ба ишқистони умр роҳи бозгашт дорад.

Шаб ӯро дар хоб дида буд. Ҳамчунин шоду шодоб. Оне, ки дар байни хобу бедорӣ ва хотира фарқи зиёде намедид, чунонаш намуд, ки алъон низ бо дидаи бедор ӯро хоб мебинад. Аммо ӯ бедор буду бо хотираи ақлрабо танҳо монданаш ҷонкоҳ.

Лаҳзае симои ошноро бар ҳам задани мижгон аз байн бурд, аммо чашми севум, чашми хотирааш ҳамоно аккосияш кард. Бо чашми пӯшида эҳсос мекард, ки акс чашм аз ӯ бар намедорад.

Акси зебо рафта – рафта зишт шуд. Чунон зишт шуд, ки аз диданаш дар баданаш мурғак дамид. Сурат таҳқиру таҳдид оғоз кард, аз пештара сахттару дағалонатар. Аксро чаппагардон

рӯйи миз гузошт. Арӯсшавандаи собиқашро на дар хоб, на дар бедорӣ, на дар хотира зишту баднамо дидан намехост...

Дарк кард, ки минбаъд тобу тавони ҳарбу набардро бо хотираи хеш – бо ин деви шахчангол надорад. Одамон, одатан дар поёни умр вуболу савоб, хоса гунаҳҳои нобахшидаву нобахшидании худро, бидуни ихтиёр ба ёд меоранд. Хотираи шилқин худ ба суроғи ӯ меомад, хоса зуҳури акси ҷондор кулли гунаҳи кардаву нокардаашро барҳам зада, ҳукми худро раво сохта, гӯё рӯшод огоҳаш кард, ки пиракии бечора кайҳо девона шудааст ва аз ақл бегона шудани ӯро ба ҷуз худаш дигар ҳама медонанд.

Бо нигоҳ мизеро, ки одатан болояш кӯзачаи пур аз шароби хоса меистод, ҷуст, аммо воситаи ғамрабояш дар ҷояш набуд. Чанги хотира завлонаи хаёлашро ба нарчанголаш печонида, ӯро сӯйи тахтаи шатранҷ, ки рӯяш донаҳои бозии нотамом интизораш буданд, силтав зад.

Лӯъбатакон рӯйи тахта ҳар кадом дар ҷойи худ буданд: Арӯси ноком– пиёда, рӯбарӯйи фарзин – ҳамсари зишту солор истода бозӣ-гашти тақдирсози рақиброҳаросон интизор буд.

Аз тахтаи шоҳмот низ арӯсаш бо нигоҳи пур аз муҳаббату нафрат ба чашмони хираву обрави ӯ менигарист. Ба тири ҷонкоҳи нигоҳ тоб наоварда, гунаҳгор сари сафеду сангинашро, ки сари шери пири мирандаро ёдрас мекард, ба зер афканд.

* * *

Пеши худ бо ҳасрат қоил шуд, ки арӯсаки дар ними роҳ бадном афкандаашро, он духтараки нозанини деҳотиро, ки умрбод ҷояшро дар дили ҳаваскашаш ҳич кас гирифта натавонист, монанди умри барҳадар рафтааш, монанди ҷавонии бебозгашт дар ҳавову ҳавас сипарӣ гаштааш сахт пазмон шудааст. Ба ҷуз ӯ алъон дар ҳар ду ҷаҳон касеро хоҳишу дидаи дидан надорад.

Аз пардаи ашк симоеро, ки гоҳе ба худаш, гоҳе ба арӯси нокомаш шабоҳат дошт, тамошокунон аз шавқу андӯҳ дар гирди сутуни тани ғафсу коҳилаш ҷувозак мерафт. Ба мӯъҷиза бовар мекард. Достони мазкур гӯё як олам эъҷозро бар зада то ба ӯ расида буд:

– Умр ба пас роҳ надорад. Маҳбубаи ӯ Зулайхои афсонавӣ набуд, ки бо дуои ҷигарсӯзи Юсуф аз нав сабзу ҷавон шавад. Зулайхо пир буд, на мурда, маъшуқаи ӯ ҷавон буд, аммо бо дастони ӯ ва зани зишташ ночор дори ҷаҳонро тарк карда.

Боз кӣ медонад? – мепурсид худро. Шояд мӯъҷизае рух дода бошад? Шояд! Оне, ки ба рух додани мӯъҷиза ҳамеша боварӣ дошт, зуҳури аксҳои забондорро ҳамчун сеҳр пеши худ маънидод кард:

– Шояд аз он, ки як умр дар ҳавову ҳавас зиста ба ҷое нарасидааст, сарнавишт дар ҷашни зодрӯзаш ҳадяи нестандарҷаҳоне барояш фиристодааст?!

Магар ба сари қудрат омадани худи ӯ мӯъҷиза

набуд? Оё худи ӯ дар умри дарозаш ба одамони сазовору носазовор кам ҳадяи шоҳона бахшидааст?!

Бошад, ки қисмат барои соҳибҷашни якумр бо макру фиреб умр ба сар бурда, аз рӯйи раҳму шафқат тӯҳфае пеш оварда, бо ин саховати қудсии худ хатову иштибоҳи ӯро ислоҳ карданист. Дар оғоз бо ҷурми ӯ аслро рабуда, дар поёни умр нусхаашро ҳотамона эҳдояш намудааст?!

– Шояд худи соҳиби акс ба муборакбодияш аз кадом гӯшаи олам расидааст?! – Шояд ӯро дар дами пирӣ олитарин ҷоизаи ҳастӣ интизор аст?!

– Худоё, барои мани бадбахт лутфу караматро арзонӣ дор, ҳадяи қудсиятро дареғ надор! – зери лаб самимона ба даргоҳи саховатманд ибодат кард мулкдори сиёҳбахти танҳову бечора аз фарози мақоми хеш, қасри салтанатӣ. Ибодати ашковар даме симои ошноро аз ойинаи назараш рабуд:

– Ист, нарав! Маро напарто!– зора кард ӯ.

Ганҷеро, ки чунин ногаҳону осон ба даст оварда буд, зинҳор саҳл аз даст додан намехост. Барои нигоҳ доштани оне, ки бидуни даъват омадаву ба нолаву зорияш гӯш надода, ӯро тарк мекард, хаставу нотавон ёваронашро ба кӯмак даъват кардан хост. Покашола ба сӯйи тугмаи сурх, ки онро одатан дар ҳолатҳои фавқулодда фишор медод, давид, аммо каладав хӯрда, рӯйи фарш афтод. Пиракии ба ҳолати ҷунун наздик расида, устухонҳои сангинашро бо азоб аз зери

халтаи ҷисмаш кашида, сари зону нишаст.Аксро, ки аз гармиву арақи кафаш нам гирифта буд, фишурда бо мадори пояи миз аз ҷой баланд шуд ва ба назди тугмаи зарурӣ расида, ангушт бар он гузошт, аммо гӯё касе аз банди дасташ дошт. Ҳаросон ба чаҳор сӯй нигарист, аммо хона холӣ буд.

Халтаи ҷисмашро ба замин такидаву хам шуда, таги мизро аз назар гузаронд. Дар таги миз низ касеро надида, аксро бехудона ба рӯйи дилаш зер кард. Чунонаш намуд, ки тирезаҳо бастаанд ва нарасидани ҳавои тоза дамгираш кардааст.

Кӯшиши боз кардани тирезаҳои бозро кард. Панҷаҳои дастони мададталаб ба пеш ёзонидааш гӯйӣ шишаҳоро шикофта, ба берун майли парвоз карданд.

Бо азоб ба курсии нарм фурӯ шуда беҳолона чашм пӯшид. Аъзои баданаш батадриҷ карахту вазнин шуд, дасту пояшро хоби мӯрчаравак бурд. Бо чунин ҳол чӣ қадар нишаст намедонад, аммо дар тамоми ин ҳолати беҳолӣ назари хаёлаш маликаро менамуд, ки аз паси арӯсаки нокомаш рост сӯяш менигарад.

Чашм кушода беҳолона ба нохунҳои пуркидааш нигарист. Аз ҷилои сарду беранги нохунҳояш ҳамоно маликаву арӯсаш рух намуданд. Дигар тобу тоқати ин нигоҳҳову танҳоии ҷонкоҳро надошт.

Ҷӯяи байни абрӯвонаш, ки даракдиҳандаи ниҳоди пур аз ҳаросу бесомонаш буд, амиқтар

шуд. Бори дигар ба акс нигариста, гӯё нафасаш дар роҳи димоғаш ях баст.

Аз акс сурати пиру фартути худаш бо чашмони нимроғу берӯҳ бо тамасхур ба чашмони пурҳаросу пури обаш менигарист.Дидагони аслу нусха мардумакони чашми якдигарро ба нишон гирифтанд. Чашмакбозӣ бо чашмони худ аҳлрабо шуд. Боазоб гиреҳи таранги нафасашро андаке сар дода, оҳи ҷуқуре аз тӯтаи лабонаш сар дода, чанголҳои карахташро ғунчаву боз кард.

Беҳол аз тиреза ҷониби боғ, сӯйи ин биҳишти назаррас, ки ҳолати ҳоли мулкдорро як пулаки сиёҳ нагирифта, ҳамчунон шукуфону гулафшон буд, нигарист. Чунонаш намуд, ки гулу гиёҳҳои ошно худро алвонҷ дода, ӯро шодбошӣ гуфтанд.

Ин бор назари хаёлаш симои хушку берӯҳи малика ва табассуми заҳролудаи арӯсакашро пеш наовард. Хаёлан ба навниҳоли гулпӯше, ки аз насими баҳорӣ реза-реза арғушт мерафт, такя кард. Чунонаш намуд, ки ниҳол зери бори танаш то замин хам шуд, аммо нашикаст.

Баробари ниҳоли гулафшон то замин хам шуд, аммо аз пой наафтод. Дарк кард, ки бори танаш бар дӯши худаш афтода, афтоданаш ногузир аст. Садои шикан – шикан ба гӯшаш расид. Гӯё ниҳол ба вазни танаш тоб наоварда шикаст.

Бо гӯшу ҳуши хаёл садои батадриҷу дардманд шикастани ниҳоли гулафшонро шунида, чунонаш намуд, ки аз косаи ғунчаҳои навниҳоли шикаста ҳазорон орувони гизала берун ҷаставу гирди са-

раш парвоз карда, ба чашму лабу рухсораash ни-шастанд.

Ногоҳ неши тундеро нӯги бинияш эҳсос карда, бидуни ихтиёр ба димоғаш мушти обдоре фаровард. Аз ду патаки бинияш хуни гарм фаввора зада, ба гиребону синааш пош хӯрд.

Девонавор акси шилқиннигохро, балки худи худашро пора-пора карда, ба ахлотдон партофт. Ҳамоно аз ниҳоди сабади ахлот якбора садҳо ҷуфт чашмони худаш сӯяш тири маломату ҳақорат сар доданд.

***Дар зулмати шаб***
***шир низ сиёҳ метобад.***

**19**

Агар аррае чун хотира вуҷуд намедошт, ӯ хушбахттарин инсони сайёра буд. Ҳуру малак дар осмон, одамон дар замин ба зиндагии шоҳонааш ҳасад мебурданд. Пештар чунин ҳам буд. Ҳумои ишқи зани зишт бар шонааш нишасту ҷойи шикоятро дар дилаш муҳаббати хуш зистану аз зиндагӣ лаззат бурдан иваз кард. Аз ҳич чиз шикоят надошт. Гоҳе аз чарб гирифтани шикаму ғафс гаштани гарданаш ба ҳамсараш ноз мекард ва ҳамоно нозбардораш аз пайи илоҷи кор мешуд.

Он рӯзгорон ҳам соқӣ дошт, ҳам Шаҳрзоди қиссагӯ. Маликаи оянда дар хонаи хоб чароғҳоро хомӯш карда, шамъи бешумор меафрӯхт, хона ба ситоразор табдил меёфт. Дар қадаҳи ҳамранги оташ барояш шароб мерехт. Қиссаҳои хоришдиҳандаи нафаси нафсро нақл мекард, аз ишқу ошиқӣ шеър мехонд. Зиёфати танҳо барои ду нафар ороста, ба базми шеъру мусиқӣ табдил меёфт. Он гоҳ ӯ шаробзада на, шароб задаи ӯ буд.

Алъон низ аз оби оташин мадад меҷуст, дарду ҳасраташро дар май ғарқ кардан мехост, аммо соқии зишту доно кайҳо ба шабаҳ табдил ёфта буд, шабаҳи интизори нафасшумор дар такяи девор.

Ҳамоно суроби назди тиреза интизори малика-ро дидгоҳи хаёлаш намуда, дуди ҳузнашро талхтар сохт. Гӯё дандонашро дард гирифта бошад, рӯй бурма кард. Дигар бо ин шабаҳи нимҷон на танҳо бори гарони хотираро, балки вазни пари пашшаро низ бардоштан намехост. Раҳму шафқат, муросову мадорояш рафта – рафта ба нафрат табдил ёфта буд. Оне, ки ҳангаш рафтаву чангаш монда буд, дар умри барҳадар рафтаву бадбахтиву нокомии хеш танҳо ҳамсари айёрашро гунаҳгор медонист. Бори охир кай ба аёдати ӯ рафтанашро ёд надошт. Дигар худро ба дидорбинии иҷбориву лутфу марҳамати сохта маҷбур карда наметавонист. Шабаҳ гӯӣ китоби хаёли ӯро хонда бошад, баркад дар рӯбарӯяш рост шуд:

– Рав, рав, намехоҳам бубинамат! –баландово шабаҳи нодилхоҳро аз диди хаёлаш ронд ӯ. Нафраташ забон баровард:

– Боиси ҳама бадбахтиҳои ман танҳо ту ҳастӣ! Аз аввалин дидор ҳам бахтамро сиёҳ кардӣ, ҳам рӯямро. Ҳарчанд ҳасудону бадхоҳон бар онанд, ки маҳз туи аҷина маро одам кардӣ, соҳиби тахту тоҷ намудӣ, аммо ин тавр нест, баръакс боиси ҳама бадбахтиҳои ман туӣ! Тӯи айёра, тӯи аҷина, тӯи касофат, о, кай мемирӣ, ки худат ҳам халос шавӣ, ман ҳам?!

Шабаҳ низ гӯё ҳамоно ҷавоб гуфт:

– Аввал шумо, ҳазратам! Аввал шумо бимиред! Пеш аз малики худ мурдани малика айб аст! Аввал шумо!

– Аз пеши назарам дафъ мешавӣ, ё иртишро даъват кунам? – Шабаҳи маликаро таҳдид кард сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи мамлакат.

Шабаҳи иззатталаб ба тадриҷ аз пешорӯяш доман кашида, оқибат нопадид гашт, аммо тафси дили малик кам нашуд:

– Ҳе, бар падари ҳафтоду ҳафт пуштат лаънат! Ҳе, дар фалони фалони фалони зоту бунёдат фалон! Ҳе!...

Малики маликонро ошиқи ошиқон-миллат ҳамчун намунаи олии адабу хираду фарҳанг мешинохт. Аз он ки маҳз ҳамин фозилу оқили воломақом ихтироъкори зишттарин дашному ҳақоратҳост, ба ҷуз доираи хурди худон касе огоҳ набуд. Дар асл дашному ҳақорат барои олиҷаноб як ҷузъи зиндагии ҳақоратбобаш ҳисоб меёфт, ҳамчун шаробнӯшӣ, дандон мисвок намудану ҳаммом кардан, хӯрдану хуфтан…

Бо кӯмаки дашном дилро холӣ кардану ғазаби худро нишонидан одати деринаи олиҷаноб буд. Дашному ҳақорат барояш як навъ дармонро мемонд, дармоне, ки дар дорухонаҳо намефурӯшанд, дармоне, ки дар вуҷуди ҷаҳлбемори ӯ фаровон буд...

Шабаҳи нодилхоҳи маликаро аз пеши назараш ронд, аммо ором нашуд, баръакс зуҳури дилбеҳузуркунандаи ӯ тори аъсобашро чун зиҳи ғулак таранг кард.

Дашноми ногуфтании дигаре ба зоту бунёди шабаҳи нокому сарнавишти бераҳм фиристода,

даҳпанҷаашро асабонӣ ба ҳам шиғ карда, чунон фишурд, ки устухонҳои пираш чарақ-чарақ ово баровард. Чанд мушти бечорагӣ ба девори нотавонӣ кӯфта, дарди рӯҳашро ба ҷисмаш тақсим кард.

* * *

Малики пир ба пирӣ ҳич гардан намефаровард, ҳарчанд нишонаҳои оҷизонаи онро дар андому ҳайкали хеш баръало медид. Ӯ намедонист, ки пирӣ дар пайи дигар дардҳои таҳқировараш дарде дошт, дарди дардҳо, дарди бедармон, дарди хотира. Оне, ки бидуни ихтиёру интизор ба ин дарди каждумнамо гирифтор шуда буд, ба дарки мантиқии маризии худ расида наметавонист.

Дарди ёд вақти охир чун кулли дардҳои қотил нохост вуҷудашро фаро гирифта, айшашро талх, зиндагияшро бесарусомон месохт:

– Дод аз ин ёд, фарёд аз ин ёд, нест бод ин ёд, нолид пеши худ ёдкӯфтаи хаста.

Оне, ки дар танҳоии бо ҳама ҳамсӯҳбату ҳамдаме беҳтар аз ҷому сабӯ надошт, то назди миз расида гардани кӯзаи булӯринро фишурда бонгак сар дод:

*Ин кӯза чу ман ошиқи зоре будаст,*
*Дар банди сари зулфи нигоре будаст.*
*Ин даста, ки дар гардани ӯ мебинӣ,*
*Дастест, ки бар гардани ёре будаст.*

Меҳри шоиронааш ба кӯзаи ошиқи зор сарду хушк буд, чун мадораш, чун лабонаш. Қадаҳи

саршорро мулкдори танҳо ба пешонии худ бо рамзи « саломат бош! « кӯфта ба лаб бурд. Шароб аз кунҷи лабонаш ҷӯя кашида, ба гиребонаш шорид.

Одатан баъди нӯшидани қадаҳе ҳамоно хушҳол мешуд, ин дафъа баръакс шуд. Гулӯяш хуш хориш накард, хунаш гарм нашуд, дилашро фараҳ фаро нагирифт. Ин дафъа шароби озмуда, шароби хосаи маликона, ки аз оламу одам бехабараш месохт, алъон таъсири худро гум карда буд. Нӯшиду нӯшид, аммо ҳушёрона сархуш нашуданашро дарёфт. Кӯзаи шаробро ба даст гирифта, ба дида наздик оварда, хира нигарист. Кӯзаву ҳаворо чанде бӯйида, нафаси дарундоре фурӯ кашид.

Бӯй ҳамон, накҳат ҳамон, ранг ҳамон, ҳамон шароби одатӣ буд, аммо таъсир, балки бетаъсирии ғайри чашмдоште дар худ дошт.

Чизи шубҳаоваре ба назараш нарасид, ки зарфро ба ҷояш гузошт.

Бо панҷаҳои ларзон қадаҳро аз дигар пур карданӣ шуд, аммо ногоҳ гардани зарфи нозукро боғазаби пурнафрат сахт фишурда, онро чунон башасту бераҳмона ба гӯшаи миз кӯфт, ки чилчаҳои шаробу булӯр чун донаҳои марҷон ҳазорсӯй пош хӯрд. Ӯ саросема тугмаи махсусро зер кард. Ҳамоно ҷому сабӯйи дигар омода сохтанд.

Ин дафъа кӯзачаро ба миз накӯфт, балки зарфро кӯдаквор бо меҳр оғӯш намуда, замзама оғоз

намуд:

*Эй бода, ту маъшуқи мани шайдоӣ,*
*Ман май хӯраму натарсам аз расвоӣ.*
*Он қадр хӯрам, ки ҳар кӣ бинад, гӯяд:*
*– Эй хумми шароб, аз куҷо меоӣ?!*

Таронаи дӯстдоштаашро зери лаб, барои худ такрор кард. Одатан таронаҳои дилхоҳашро ба ҳам омехта, як сатр аз арш мегирифту як сатр аз фарш, зеро ҳич гоҳ ҳич гуна матнро пурра аз бар намедонист. Бо ҳайрат дарёфт, ки таронаро фаромӯш накардааст. Ин ҳолат аз ҳушёр буданаш ва дар чанги ҳушёрии хотира қарор ёфтанаш дарак медод. Ҳушёр будан намехост.

Ташнаҷон эҳсос кард, ки алъон бештар бо талхии ҳушбарандаи шароб эҳтиёҷ дорад. Оқибат бемории кӯҳнашудаи шаробзадагии малик, ки барои табибону қарибонаш маълум буд, аз худ рӯшод дарак дод.

Ӯ шароб мехост. Бештар аз ҳарвақта ташнаи оби оташин буд. Шароб мехост, шароб–дармон, зеро медонист ҳич табиби олам ҷуз ин шарар –об дарди ғаму ҳасраташро сабук нахоҳад кард. Бо дарду хотираи худ, бо худии худ танҳои танҳо буд. Дар як қасри бузурги пур аз одам, дар ҳамсоягии ҳамсари тоқаи бори худояш, ҳамдилу ҳамдаме надошт, ки бо ҳузури худ бемории кӯҳнаи бахориш омадаашро дармон созад:

– Ба худо аз ту беҳтар дар дунё ёреву ёваре надорам, эй шароб. Ту ғамгусори манӣ. Ҳар кас

маро ба хотири ҳар чӣ дӯст медорад. Ту маро ба хотири ман дӯст медорӣ. Ғалат гуфтам, ту маро на, ман туро дӯст медорам. Туро барои ман офаридаанд, маро барои ту! Туӣ, ки маро мефаҳмӣ. Туӣ, ки маро мебахшӣ. Бош, ки бошам! – дасташро ба гардани чун гардани кафтар афрохтаи кӯза ҳалқа намуда, изҳори ишқ кард пиракӣ.

Оне, ки дар рӯйи олам бо хотираи талх яккаву танҳо монда буд, ёдҳои ширине низ дошт, ширинтар аз асали баҳорӣ, талхи ширин.

Дар чунин ҳолат бо худ танҳо буданаш хатар дошт, зеро андешаи худро аз ин зиндагии қолабии бемаънӣ халос кардану ба гардан таноби раҳоӣ ҳалқа кардан кайҳо даҳпанҷа аз домонаш дошта, ӯро сар намедод.

Дар чунин ҳолатҳои хатарнок, вақте ки сояи сиёҳи аҷалро дар сару бар медид, ҷисмашро саросема аз хона ба берун кашида, худро ба оғӯши ҳамешасабзу муаттари боғи салтанатӣ меафканд.

***Фирории аз худ то ба худро ҷуз***
***хонақоҳи танҳоӣ ҷоеву маконе нест.***

## 20

Пештар зуд-зуд ҳусну сафои гулгаштҳоро ҷӯё мешуд. Дастҳо паси пушт заминро миннатгузор дар ҳалқаи ёварону муҳофизон растаҳои гулпӯшро аз сарубар қадамзанон тамошо мекард. Ногаҳон гулеву гулбуттае, гиёҳе ё ғунчаеро мавриди омӯзиш қарор дода, бо ҳазёнҳои набототи-

яш боғбонҳои олим ва ёварону муҳофизонашро донишманду хушбахт месохт. Бо чашму абрӯву ангушту китф, бо ҳар аъзои ҳаракатқодири баданаш дар гулзори миллат чунон ихтироъкорӣ менамуд, ки дуди ҳазёнаш гӯӣ саросари гулшанро фаро мегирифт.

Олимони набототшинос ва ёварону муҳофизони бешумор маърӯзаи бе сару нӯг, кашфи нестандарчаҳони олими масту мадҳушро ҳамчун ихтироъи беназири илм бо таҳсину муборакбодиву кафкӯбӣ истиқбол мегирифтанд. Боғи салтанатӣ ҳамоно ба толори маҷлис табдил меёфт.

Ҳар дафъа ҳар хел буд. Касе намедонист, ки пас аз дақиқае оличанобро чӣ ҳолате рух хоҳад дод ва ӯ бидуни интизор чӣ чизи нестандарчаҳоне хоҳад хост.

Солҳои пеш эшонро якбора дигаргун шудани ҳолату ҳолу рӯҳияи малик метарсонд, зеро касе намедонист, ки мулкдор ба дарди бедармони шикамравӣ мубтало буд.

Хоса ҳангоми сайри боғ гӯё ин бемории беҳаё ҳамоно ба суроғаш мерасид, ки ногоҳ назди гуле ё буттае истода хаёлманд ба зери пояш менигарист, сипас ҳамроҳонашро як-як бо нигоҳи озмоишу санҷиш аз назар гузаронидаву заҳракаф карда, якбора сӯйи иморати бузург бошасту нафасгир чунон дав мегирифт, ки бод ба гарди қадамаш намерасид.

Ҳамроҳонаш дар чунин ҳолатҳо худро ба

нодонӣ задаву нигаҳҳои ҳаросони хешро ноаён дар боғи биҳиштнамо сайр дода, собирона бозгашти набототшиноси фирориро интизор мешуданд.

Ӯ чунон ки фирор карда буд, ҳамчунон шитобзада назди гул ё буттаи нохост тарк кардааш пайдо шуда, аз дигар маърӯзаи набототияшро бо ҷузъиёти сафсатаву ҳазён идома медод.

Кашфиёти беназири оличаноб дар боғи салтанатӣ табиист, ки ҳамоно аз назари илми ватанӣ ва олимони варзида дур намемонд. Китобҳои малик бо пешгуфтору пасгуфтор ва арзи ифтихори нобиғаҳои илм бо шумораи бешумор чоп мешуданд. Интишороти мамлакат нашри кулли адабиёти мулкиву хориҷиро канор гузошта, шабу рӯз бозёфтҳои хиради нобиғаи замину замонро нашр менамуд. Миллати шукргузори илҳому истеъдоди раҳнамои хеш асарҳои ӯро бо нархи гарон харидорӣ менамуд:

– Бояд шитоб кард-мегуфт пажӯҳишгари мумтоз, ба ҳамроҳонаш. Миллат ҳосили кадуи ба дарахти булут пайвандкардаи моро дидан мехоҳад!

– Миллати муштоқ самараи эъҷози аълоҳазратро бесаброна интизор аст, тасдиқ мекарданд, суханони ӯро олимони унвондор бо як овоз.

– Ваъда кардам, вафо мекунам! Дар рӯзҳои ҷашн миллат самари дарахти интизории худро хоҳад чашид! – ваъда медод васлгари кадуву булут.

Гурӯҳ-гурӯҳ муҳаққиқон бозёфтҳои илмии худро дар радифи офаридаҳои нобиғаи охирзамон ночиз ёфта, аз баҳри заҳмату меҳнати барбодрафтаву пажӯҳиши бебарорашон гузашта, рисолаҳои худро ба сабади ахлот мепартофтанд ва булутпарвариву кадушиноиро ихтиёр мекарданд.

Олимон кашфиёти маликонаро чун бозёфти охирини илми сайёра шинохтаву ҳамчун китобҳои рӯимизӣ пазируфта, дар қиёси ин офаридаҳо, илми набототу ҳайвонотро аз давроні зуҳури одам дар сайёра то ба ӯ таҳти назари шакку шубҳа қарор доданд.

Ягона олиме, ки дар радифи кашфиёти малик бозёфтҳои пажӯҳишгарони гузаштаро низ муфид арзёбӣ кард, чунон зери фишори танқиду тӯҳмати ҳампешагони хеш қарор гирифт, ки аз чунин зиндагӣ маргро авло دониста, худкушӣ кард.

Аз олам чунин гуноҳолуд рахт бастани олими пирро ҳампешаҳояш дуруст шумурданд. Зинда монданаш бемаъниву бемантиқ буд, зеро дар як дег гунҷидани ду кала ҳич имкон надошт.

Нотиқон аз шабакаҳои бешумори садову симои давлатӣ кафки даҳонро бо доману остин рӯфта, беист мағзи осори маликро аз номи халқ ба гӯши халқи ишқбемор мерасонданд. Ба духтарчаҳои навзод номи гулҳои боғи маликро, ба писарчаҳо номи дарахтони биҳиштии ӯро мегузоштанд.

Ҳар як ихтироъи олими олимонро тӯдаи ошиқ

ҳамчун мӯъҷизаи беназир пазируфта, ба ҳаёт татбиқ сохтани онро на танҳо барои худ, балки барои ҳафтоду ҳафт пушти рафтаву ояндааш фарзу суннат медонист.

Кашфиёти нави олампаноҳи рақиби воқеияшро ба лолии ҷовидона маҳкум карда, ки ба ҷашни худаш ҳадяи хоксоронае буд, миллатро аз дигар хушбахту қарздор кард. Мувофиқи ин кашфиёт миллат бояд дар рӯҳ, хун ва ҷисму ҷони худ неруи беболу пар париданро парварида, сӯйи осмони бузургии ишқи малик саф-саф, гурӯҳ– гурӯҳ, хона–хона омодаи парвоз мешуд.

Нобиғаи охирзамон ишқи бе болу пар парвоз карданро ба миллат тавсия намуда, асрори чӣ гуна ба роҳ андохтани ин барномаи аҷоибро дар ҳафт қабат асроргоҳаш пинҳон медошт.

Набототшиноси нобиға ин кашфиёти оламгири худро низ аз боғи салтанатӣ берун нарафта, ҳамоно фаромӯш кард, аммо миллати ҳушманду бовафо онро чун коди ирсии худ дар ҳар зарраи хунаш нигоҳ дошта, дар хотираи хеш сабзишу нумӯ мебахшид.

Дар гирди ҳар ҳарфи пиракии хотирпарешон пажӯҳишгоҳу пажӯҳишгарон, фарҳангистонҳову донишгоҳҳо, олимону донишҷӯён шабу рӯз майна об мекарданд.

Охирин ихтироъи олампаноҳ «Оби наҷот аз чашмаи ҳаёт тавассути васл кардани кӯррӯдаву рӯдаи дувоздаҳангушта» кулли кашфиёти башарро бекор кард. Ин барномаи аз боди хоҳиши пу-

чи пиракии абадиятхоҳ маншаъ гирифта, дар печидагиву бемантиқӣ кулли ҳарзахаёлонро ба як нӯл зад.

Ба ифтихори кашфиёти безаволаш нахуст худ пайи ҳам ду қадаҳ оби оташинро ба сар кашида, тифли навзои ҳазёнашро саропо бо арақи тунд шустушӯ дод. Чун хаёли ихтироъ дар боғи салтанатӣ сурат гирифта буд, миннатгузори манбаи илҳом чанд қатра шаробро ба рухсораи нимхандони садбарги сурх пошид. Садбаргу малик бо ҳам аз як қадаҳ шароб нӯшиданд, яке барои умри серӯза, дигаре барои ҳаёти ҷовидона. Ин кашфиёт низ аз ҷониби кулли башар, яъне миллат пазируфта шуд. Ҳамоно олимони соҳаву ғайрисоҳа, фарҳангистону пажӯҳишгоҳҳо сари ин барнома мизи гирду дарозу секунҷа ороста, оғози ҳаётро, аниқтар сарчашмаи бемаргиро дар сайёра бо он решапайванд дарёфтанд.

Миллат аз нав дами интизорӣ ба дарун кашида, бо сабру тамкини пири Канъон интизори оқибати кор, балки чашмдори бо дасти малик боз гардидани кӯргиреҳи ҳаёту мамот, аз найчаи димоғ берун сар додани нафаси амонатро фаромӯш кард.

Интизорӣ бо ҳама талхии ҷонкоҳ ширинӣ низ дорад. Шояд ба хотири ҳамин заҳри гуворо одамон интизориро мепазиранд. Аммо ин дафъа ҳам малик миллатро бидуни шарҳу эзоҳ аз шарбат–заҳри интизории гуворо маҳрум сохт. Дар марҳилаи қисматсози омӯзишу баррасии асарҳои

набототии нобиғаи сонӣ нохост муаллифро чашми бад расид, чашми сиёҳи хотира. Дар авҷи ширини кашфиёти ихтироъи аҷоиб-ул-ғароиб олими беназир бидуни шарҳу эзоҳ, шавқу завқи фарҳангии халқи бузургашро ятим гузошта, аз пажӯҳиш даст кашид. Таҷанги гулу гиёҳ аз боғи фирдавсу гулшани қудсӣ дилсард шуд.

Дар лаҳзаҳои камшумори сайри боғ дигар ба муҳофизону ҷондорҳои бешумораш хусусияти ҳар гулу гиёҳро бафурҷаву таҳбатаҳ шарҳу эзоҳ намедод. Аз олимони гулпарвару боғбонҳои афсонаэҷод исми гулу гиёҳҳои наврасидаро намепурсид, ҳунари беназирашонро тавсиф намекард, аз вазъи боду ҳаво сӯҳбат намеорост.

Дигар чун пешин дар назди буттае ё гуле ист намекард. Агар гулеву гиёҳе бо ҳусни хеш нигоҳашро сӯйи худ бихонад, ҳамоно ба ҷониби дигар нигариста, саросема қадаммонияшро метезонд...

Чунин якборaву ҳайратовар дигар гаштани рӯҳияи нобиғаи табиатпараст аз назари онҳое, ки ӯро хуб мешинохтанд, дур намонд. Дар як муддати кӯтоҳ чандин нишонаҳои ҳайратовар аз худ зоҳир намудани малик на танҳо аҳли дарбор, Дастгоҳро низ андешаманд сохт. Дигаргун шудани рӯҳияи мулкдорро ҳолдонҳо ҳар гуна маънидод мекарданд, аммо сабаби воқеии ҳолати ҳолашро ҷуз худи ӯ касе намедонист.

Сабаби аз сайри боғ дилмонда шуданаш андак набуд. Нигоҳи нишонгиру тирзани арӯси ноко-

маш гӯё дар чашмаки ҳар ғунча, дар ҳар гулу гиёҳ лона гузошта буд. Ин нигоҳи тирдор дар боғи салтанатӣ ҳам ӯро ба нишон мегирифт. Аз нигоҳи хотираи пурозори ба ҷаннати салтанатӣ кӯчида, аз ҳар барги гулу гиёҳ арӯси обистан хандону гирён сӯяш менигарист, мегирист, механдид, нафрату маломаташ мекард. Гӯё ҳар ғунча бо муштаки сахту фишурдаи ин хотираи сангин байни ду дидаашро ҳадаф қарор медод. Дигар зебоӣ бо урёнии ноз рӯҳашро меозурд. Дигар сайру саёҳат дар саҳнаи нозбаёни ин фирдавси заминӣ ҳушҳолкунанда набуд. Дигар аз тамошои гулгаштҳо дилаш намешукуфт. Аз тирборони хотира ҷойи гурезу сарпаноҳ надошт.

Малик майли сайри боғ надошт, аммо миллат боғ эҷод мекард. Боғи ҷашнӣ ҳанӯз гул накарда, шӯҳраташ дили миллатро гулафшон кард. Хурду калонро орзуи дидани гулҳои ин фирдавси барин ошиқу орзупарвар карда буд. Матбуоти мулк аз ин эъҷози ишқ нисбат ба малики худ зуд-зуд барнома пахш карда, ошиқони зебоиро ошиқтар мекард. Оне, ки ин ҳама мӯъҷиза нисораш буд, ҳанӯз боғи биҳиштиро надида буд. Пештар аз соҳиби боғ касе иҷозаи дидани он надошт. Муаррифии боғ тӯл мекашид, миллат беқарор мешуд. Ҳар чӣ зудтар китоби шеъри гулшани навро, ки гулпарварон барои шодмонии олиҷаноб эҷод карда буданд, варақ задан мехост. Сайри боғро ба барномаи ҷашнӣ илова карданд. Безори гулзорро дигар роҳи гурез намонда буд.

* * *

Малик вақте майли сайри боғ кард, ки аз гулу гиёҳҳои нодири ба ҷашнаш ҳадя расида, гулпарварони моҳир тарҳи гулистони наверо шоирона эҷод мекарданд. Малик назди гули нилуфари шоҳона, ки аз кадом гӯшаи олам ҳадя фиристода буданд, бо ишқи тамошо ист кард, аммо лаҳзае нагузашта, гӯё ӯро бо қамчин зада бошанд, якбора аз ҷой канда шуда сӯйи пеш давид. Нигоҳ аз ғунчаи нимбози гули зард дунболагираш шуд. Дигар касеву чизеро намедид, ба ҷуз нигоҳи сиёҳи хотира.

Боғбонҳо, олимони гулпарвар, ки тамъи ширинии хушбахтии ба суолҳои пучи малик ҷавоб гуфтанро дар ком эҳсос мекарданд, талхкому ноумед ғайб заданд. Биҳишту мурғони хушхирому оҳувони арғуштиву обшорону рӯдборонаш бо ӯ монд. Малик бебаҳраи ин ҳама эъҷози зебоӣ пойҳояшро беҳавсала аз пайи худ кашола карда, аз куҷо ба куҷо рафтанашро намедонист.

Ҳангоми аз назди дарахти ошно гузаштан нигоҳи часпаки шарбатдореро дар ком ҳис намуда, дар ҷояш истод. Анҷир бо кафи паҳни баргҳояш гӯё хушбошияш гуфт. Дарахти пурбор ӯро ҳақдор буд. Солҳо мувофиқи дастури табибон, барои ҳифзи қуввату нафси мардӣ ҳар рӯз ҳафт дона меваи анҷирро истеъмол мекард. Шумораи ҳафт ба неруи камар ва нафси мардӣ чӣ муносибат дошт, намедонист, аммо шарти одат-

ро ба ҷо меовард. Беҳавсала ҳафт дона анҷири дар косаи тиллоӣ омодаро ду қисм карда, баҳам совид ва нимхоида фурӯ бурда, роҳашро идома дод.

Ҳангоми аз зери шаҳчанори пир убур кардан, нохост дарди сӯзонеро зери шонаи чапаш эҳсос намуд, нолиши шунавое аз димоғ сар дод ва бидуни ихтиёр қадаммонияшро тезонид. Ӯ соҳиби ин зарбаи сангинро хуб мешинохт. Аниқтар онҳо якдигарро хуб мешинохтанд.

Малик дарахти пирро бад медид, ҳамчунон эҳсос мекард, ки чанор низ ӯро дӯст намедорад. Ҳангоми аз зери дарахт убур кардан тегзании сӯзноки зери шона бори дигар огоҳаш кард, ки дарахт низ дӯст доштан ё бад дидан метавонад.

Ҳангоми сайру гашт соҳиби боғро аз таги ин дарахт гузаштан зарур набуд, аммо ҳар дафъа бидуни ихтиёр сӯи чанор ҳаракат мекард. На танҳо ҳаракат мекард, гоҳе бидуни ихтиёр сӯйи паҳлавони сабзтан бо суръат медавид. Гурди солор ӯро чун аждаҳо дам мекашид. Ҳангоми гузаштан аз таги дарахт дар ҷойи ҳамвор каладав мехӯрд, пояш раг мекашид, гӯшҳояш фарёд мекарданд, дилаш сих мезад, сарашро бо шиддати тоқатфарсо дард мегирифт.

Дарди сӯзноки зери шонааш бори дигар аз хотираи ҷазодиҳандаи дарахт беово хотиррасонаш кард.

Чанори пир то ба ӯ чандин тоҷдоронро дидаву шинохтаву ба он дунё гуселонида буд. Бо гузаш-

ти садсолаҳо дарахт на танҳо хушк намешуд, балки шоху решаи нав давонда, таҳамтан мешуд. Дар саҳни Кохи салтанатӣ зиндагии дарахтона дошт, аз одамизод дар хатару дарҳазар, сояафкану зиндагиҳоҳ.

То соҳиби Қаср гардидани ин мулкдор, ба ёду хаёли касе наомад, ки дарахт низ ба одам муносибати дӯстона ё душманона зоҳир карда метавонад. То ба ӯ касе қасди ҷони ин сабзгурди умрдидаро накард. Малик аз нигоҳи нахуст дарахтро хаёлан буридаву решакан дид:

– Халқаш ӯро мисли гавҳараки дида дӯст медорад, аммо гавҳараки чашм низ аз кафидан эмин нест. Одам ҳар қадар бузург шавад бадбинону ҳасудон, душманону бадхоҳонаш ҳамон қадар меафзояд…

Малик худро аз ин саф истисно намедид. Ӯ низ ба дарёфташ яқин душман дошт. Душманаш чанори пири боғи салтанатӣ буд. Чаро маҳз ҳамин дарахти пирро бадхоҳи худ шинохт, худ низ намедонист. Ҳар баҳонае, ки пеш меовард, дар қиёси нафрату хусуматаш ба дарахт ночиз менамуд.

Малик чун ҳама ҳамтоёнаш тарсу буд. Якумр паси деворҳои сангину дарҳои оҳанин, бо садҳо муҳофизони чаҳорафзори сафшикан дар хавфу хатар мезист. Тазоҳуроти хунини ҳамсоямулк раги осоишашро сахт таранг кард. Сарнавишти омӯзонандаи мулкдори бо дасти тӯдаи қиёмкарда ба қатл расида, чашми ҳаросашро кушод. Қатли

ваҳшиёнаи малики кишвари ҳамсоя дар ойинаи назараш нақш баст.

Дар рӯзи равшан, мардуми дирӯз бо исми мулкдори худ савгандбарзабон малику маликаро ба хиёбон кашида, таги девори ҳоҷатхонаи умумӣ сагвор тирборон карданд, сипас гирди ҷанозаи таҳқиркардаашон масту мадҳуш рақсидаву суруданд. Бо ин ҳам дилашон хунук нашуд, ки ҷасади хунолуди малику маликаро бо шӯша шустанд.

Навори ин саҳнаи мудҳишро дар мулки ӯ такроран касе надид Ба рӯйи мӯру малахи марз девор баст, аммо ойинаи таракхӯрдаи эътиқодаш дигар дар симои ҳама душману бадхоҳи худу мулкро менамуд..

– Хонаи ҳамсоя оташ бигирад, хонаи ту низ хоҳад сӯхт.

Дар боғи биҳиштии мулк зарбаи ногаҳонии дарахти пир ҳушдораш дод, ки бо ҳама бузургиву шаҳомат ҳамеша хавфу хатари дохиливу берунӣ ӯро дунболагир хоҳад буд.

То басанда шудани дарди таги шонааш аз ҷой наҷунбид. Дилмондаи сайри боғ роҳакӣ шуд, аммо нохост дар ҷояш ист карда, пурмаъни, балки бо нафрати аён ба дарахти пир нигарист. Чини абрӯвонаш, ки ҳамеша баёнгари ҳолати ҳолаш буд, амиқ шуд.

Сармуҳофиз, ки кайҳо бемеҳрии рӯшоди маликро ба дарахт дарк мекард, бо нигоҳи суолдор сӯяш нигарист. Дилаш ба забон омад;

– Оқилон дарахти чинорро ба боғ наздик роҳ

намедиҳанд. Ҳамин қадар сол ҳузури ин деви қувватраборо таҳаммул кардем, кифоя!

– Бача будам, боре таги ин дарахт хобам бурдаст. Чунонам сиёҳӣ зер кард, ки аз забон мондам. Бехосият аст, самар надорад.

Малик ба сармуҳофиз норизо нигарист. Ӯ танҳо ҳикмату фалсафаи худро қабул дошт. Афсар иштибоҳашро дарк карда, ноҳинҷору саросема аз ҷайб дафтару қалам берун кашид ва омодаи навиштани ҳикматҳои фазлфурӯш шуд. Малик ҳамоно симои хирадмандона гирифта, барои қувват додани гуфтораш даҳ ангушташро омода сохт:

– Ин дарахт мисли сусмор қуввату дармони одамро макида, беҳолу бемор мекунад, як.

– Дар шоху навдаҳояш ба ҷуз зоғ ҳич мурғи дигар лона намегузорад, ду.

– Дар зери сояаш ҷонзоде роҳат намекунад, се.

– Дар таги он хобидан бехатар нест, чаҳор.

– Дар зераш сабза намерӯяд, панҷ.

Сармуҳофиз бо вуҷуди бо суръат навиштан ба сухангӯ расида наметавонист:

– Ин дарахт чунон бефоида аст, ки ҳатто баргҳояшро кирм намехӯрад, шаш.

– Беномус аст, аз дарун оташ мегирад, месӯзад, аммо хушк намешавад, ҳафт...

Маърӯзаи раднопазири малик ба сармуҳофиз чунон сахт таъсир кард, ки ҳамин дам арра дар дасташ мебуд, ҳама решаҳои дамидаву гурмдори дарахти пирро реза – реза мекард.

Нутқи айбдоркунандаву фошкунандаи сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ идома дошт;

– Боғро саросар соя, Қасрро торику дилгир кардааст, ҳашт.

– Шоху баргаш заҳр дорад, нуҳ.

– Аз буданаш сад бор набуданаш беҳтар аст!

– Даҳ! – ангушти охиринашро қат кард сармуҳофиз.

– Ин дарахт ҳуқуқи зистан надорад! – нафрати чандинсолаашро хулоса кард малик.

Ҳукми солҳо дар дил буда, оқибат бар забон омад. Ин ҳукми ночавонмардона гурди солорро беҳол, хасмашро хушҳол кард.

Чанори пир ҳукми қатли худро бо ҳар ҳуҷайраи шоху баргаш эҳсос кард, реша ба қаър кашид, ларзид, оташ гирифт, сӯхт ва бо мадори шохаҳои азимаш беҳолона ба девори баланди Қаср такя кард.

***Таърих шоҳид надорад, шаҳид дорад.***

**21**

Дафи ишқ метафсид. Пуфи фараҳи карнаю сурнай осмонгир буд. Рухсораи мардуме, ки аз тугмаи гиребон то гавҳараки дидагон акси маликро дар худу бо худ дошт, мешукуфт. Ҳамаро як ному як мақому як маром буд: малик. Зиндагӣ малик ном дошт, малик зиндагӣ. Халқ бо малик буд, малик бо худ...

Ӯро дар ҳама ҷо муштоқона интизор буданд. Мувофиқи барнома мебоист соҳибҷашн аз дидгоҳи мунтазирон, ки бо умеди аз дур дидани корвони маликкаш рӯзро шаб, шаброрӯз мекарданд, мутантан зуҳур карда, бо зуҳури ногаҳониву деринтизораш ду дунёи ошиқонашро рӯшанобод месохт.

Мебоист чун дирӯзу пареррӯз ҳамчунон беҳису бемадор аз даруни мошинаи сиёҳшишаи тирногузар сапали дастҳояшро коҳилона алвонҷ додаву ба фарқи издиҳоми хушбахт гули табассуми хушку беҷонашро пошида, миллати муштоқро хушбахт карда, нопадид мегашт.

Рӯзҳои ахир ҳол чунин буд. Бо чашмони бози пӯшида ба мошин менишаст ва ба дидани онҳое мерафт, ки на медидашон, на медидандаш. Ин буд, ки ҷамоатро дида – надида, шаҳрро саросема давр мезад ва барномаи ишқашро ба охир расонда-нарасонда, шитобон ба қаср, ба ин ошёнаи пур аз ҷамъияти танҳоӣ бар мегашт.

Дар оғоз барномаи ҷашниро соҳибҷашн мақбул ёфта, ҳатто таъриф ҳам кард, аммо баъдан бидуни ҳич шарҳу эзоҳ ба рӯйи ин ҳуҷҷати муҳими давлатӣ низ хати беэътиноӣ кашид. Минбаъд ӯро аз ҷойхобаш берун кардан сахт мушкил шуд. Хирси дар фасли сармо ба хоб рафтаро мемонд, зинда, аммо беҳис, беҷон, беҳаракат.

Бозигар аз бозидани нақши худ саркашӣ мекард. Коргардон бо изтироб дарк менамуд, ки

бозигар мисли пешин дар иҷрои нақши худ чолоку худнамо нест. Оне, ки бо офаридгораш – Дастгоҳ умре бо шеваи мадоро гуфтугӯ дошт, дар рӯзҳои қисматсозу таърихӣ монанди тифли нозпарвар якбора роҳу равиш ва рафтору гуфторашро ғайричашмдошт дигар кард.

Ҳамчун зодаи русто аз торикӣ метарсид. Фаро расидани шаб барояш биму ҳароси азимеро пеш меовард. Чашм мепӯшиду рӯзи маҳшарро баръало медид, маҳшари кобуснаморо. Вақти ахир бо дидаи пӯшидаву дили бедор як хоброро ҳар шаб такрор ба такрор медид. Аз хоби кобус арақшору ҳаросон бедор мешуд. Мушт-мушт доруи хоброро фурӯ мебурд. Аз танҳоӣ бо худ низ меҳаросид. Шабҳои бехобӣ ба долони дарози Қаср мебаромад ва ба шуғли ночори хеш қадамзаниву қадамшуморӣ мепардохт. Он қадар долонро бо қадам чен мекард, ки аз хастагӣ сари пой базӯр рост меистод ва ноилоҷ сӯйи тахти хоб пошохмола роҳ мекашид. Чун чашмони аз бехобиву хастагӣ сӯзишдорашро мепӯшид, ҳамоно хоби даҳшатнок такрор мешуд.

Дар остонаи ҷашн тазйиқи хоби шилқин даҳчанд шуд. Ҳамин, ки мижгон ба ҳам мебаст, пардаи сиёҳу кӯҳнаи хотира якбора меафтод ва ҳамоно пеши дидагонаш чароғаки чашми гургони гурусна сабз-сурх аз чаҳор сӯй фурӯзон мешуд...

... Дар зери пардаи шаби сиёҳи кӯҳистон селаи гургон гаваккашон ба ӯ наздик мешаванд. Ба ҷуз

сояи сиёҳу ҳаросовари кӯҳ ёру мададгоре надорад. Аз чӯпон, ки ба аёдати хонаводааш ба деҳа рафтааст, дараке нест. Садои уллоси гургони гурусна аз наздик мағзи сарашро мешикофад. Дарандагон гаваккашон он қадар ба ӯ наздик мешаванд, ки оташи нафасашон пойҳои урёнашро мелесад.

Дандон совидани дарандагонро аз масоҳати нафасрас эҳсос намуда, ба банди пояш халидани арраи дандони дарандаро дарднок ҳис мекунад. Дигар ҷойи ҷонхалосӣ надорад. Ҷонаш дар қолаби баданаш тангӣ мекунад. Бо умеди наҷот аз гулхан чӯби нимсӯзеро гирифта, ҷониби селаи гургон дангала мекунанд. Дарандагон қадаме ақиб гашта, аз нав ба ҳуҷум омода мешаванд. Дарахти арчаро модарвор ба оғӯш мекашад. Дар ҳоле ки ногузирии аҷалро аз оташаки сарди чашми дарандагон дармеёбад, хаёли наҷотбахше барқвор майнаашро фаро мегирад:

– Арчаро бояд оташ зад!

Бачаи деҳ буд, медонист, ки дарахти арча зуд оташ гирифта, хуб месӯзад. Оташро бо панҷаҳои урёну сӯзон ба тану решаҳои сабзу дамидаи дарахти ҳазорсола мекашад. Оташ ҳамоно ба ҷони арчаи сабз чангол зада, дарахтро пойтосар фаро мегирад ва дигар сар намедиҳад. Дарандагон фирор мекунанд. Гулхани осмонлес деҳаро ба по мехезонад. Хурду калон сӯйи кӯҳпоя мешитобанд. Ҳамдеҳагон онтарафтар аз кундаи сӯхтаи дарахт писараки ятимро мебинанд, ки аз забону

баён мондааст...

Азбаски кулли хобҳо нусха, балки худи зиндагиянд, дар поёни умр такрор ёфтани ин кобуси ақлрабо бо ҳақиқати худ даҳшатнок буд. Ин хоб ба мулкдор рӯзгори сиёҳи ятимиву дастнигарияшро ёдрас намуда, ӯро ба асли хорузораш раҳнамоӣ мекунад.

Ин хоб-огоҳӣ пас аз сипарӣ шудани ним қарни зиндагии пасмагард ӯро дар бузургтарин Қасри мамлакат аз дигар дарёфта, дар хуштарин рӯзҳои зиндагияш бераҳмона ҳушдораш медод, ки арчаи ҳазорсолаи таротар ба оташ кашидааш низ ҳанӯз қасоси бегуноҳияшро аз ӯ наситонидааст ва аз ӯ хунбаҳои ҷони сабзашро хоҳон аст.

* * *

Малик ба мошина нишаста, ҳамон аз такрори дард абрӯ гиреҳ кард. Чанори пир гӯё аз масофаи ба чашм нонамоён низ ӯро медид ва ба ҷазояш омода буд.

Дарахти ҳукми қотилонаи мулкдорро дар решаву баргу шохаҳояш эҳсос карда, низ гӯё ба ҳуҷум гузашт. Такрор ёфтани дарди сӯзноки зери шонааш ёдрасаш кард, ки ин патакрешаи шахчангол бадхоҳаш буду ҳаст.

Ба ёд овард, ки бори аввал дар айни хушбахтиву бебокияш маҳз ҳамин дарахт бо кафҳои кушодаву холии баргҳояш бебақо будани зиндагиву дастхолӣ тарк кардани дунёро хотиррасонаш карда буд.

Дидани ҳазорон кафҳои кушодаи хушку холии

баргҳо нахуст зиштии хазонрези умрро дар назари гулпарвараш ҷилвагар намуд. Маҳз аз дидани танаи дағалу фарсудаи дарахти пир ночор пеши худ қоил шуд, ки ҳич гуна бӯсу канори париёни наврас, ҳич гуна масҳу равғанҳои хушнакҳат роҳи ногузир пир шудану ба фано расиданашро нахоҳад гирифт.

Ӯ сабаби бемеҳрияшро нисбат ба гурди ҳазорсола дар оғоз мантиқан дарк намекард. Чун ба асли воқеа сарфаҳм рафт, дарёфт, ки сабаби бад дидану аз байн бурдани он кироист.

Хурӯҷи нафрати марди худхоҳ бесабаб набуд. Ӯ аз пирӣ метарсид. Оне, ки фаҳмидаву нафаҳмида, пириро хотиррасонаш мекард, дар сафи аввали хасми ҷонаш қарор мегирифт.

Чанори солор на як бору ду бор ангуштони шохаҳои хушкашро бо ишорати фонӣ будани оламу одам боло дошта, аз хок будану бар хок рафтанашро гӯё таъкид мекард.

Ҳарчанд малик мекӯшид ҳангоми сайри боғ сабзи таҳамтанро надида гирад, аммо муваффақ намешуд. Посбони осмонбӯс аз ҳар гӯшаи боғ ӯро медид. Дар наздикии сабзгурди умрдида ҳамоно эҳсос мекард, ки аъзои баданаш шоху навдаҳои хушкидаи дарахтро мемонд. Дастҳояш хушку ногиро, пойҳои аз беҳаракатӣ нимҷону заминрӯби зери шалворҳои гаронбаҳо пинҳонаш монанди шохаҳои ин дарахти ҳазорсола хушку безеб шудаанд.

Фарқ дар он аст, ки яке ҳар баҳор аз нав сар-

сабз мешавад, дигаре хушку пиру фартут. Мулкдор дар дил ба неруи шикастнопазири сабзгурд ҳасад мебурд. Шаҳчанор будан мехост. Чун бо ақл дарёфт, ки бо ҳама давлату савлату шаҳомат неруи як шоху почаи дарахтро надорад, рақиби мағлубнопазирашро файласуфона ба ҳукми нафрати худ супурд:

– Магар аз рӯйи инсоф аст, ки инсон, ин нусхаи яздон ҳамагӣ ҳафтод – ҳаштод сол умр бубинад?

– Чаро лутфи яздон ба набототу ҳайвонот чунин арзонист, дар ҳолате ки одамро дар остонаи хирад ба хок менишонад?

– Чаро инсонро, ин мӯъҷизаи беназири офаридаашро офаридгор чунин бераҳмонаву зуд аз байн бурда, аксар набототу ҳайвонотро умри тӯлонӣ мебахшад?

– Чаро худованд дар нисбати чанору зоғ саховатмандии пурсуоле нишон дода, якеро ҳазор сол, дигареро беш аз сесад сол умр ато кардааст?!..

Суолҳои пиракӣ ҷавоб надошту сихзании бемавриду бераҳмонаи зери шонааш, дармону дармонбахш.

Чанори ҳазорсола бо зоғҳои шохаҳояш андешаи маргу фаноро дар майнаи малик сахту пурозор мехкӯб кард. Дарахту парандаро дӯст надошта бад дид. Чун бо зоғ имкони эълони ҳукми нафрат надошт ҳама заҳри дар заҳрааш ғуншударо ба решаи чанор рехтан хост. Аз андеша то амал як нафас роҳ буд.

Аз гоҳе ки дар симои ин дарахт рақиби лоли худро шинохт, омӯзишашро нисбат ба табиати сабзишу нумуяш доварона оғоз кард. Аз боби чанору навъҳои гуногунаш тадқиқоти ватаниву хориҷиро дастрас намуда, як рисолаи илмӣ низ «

эҷод» кард, рисола – айбнома.

Ҳарчанд кашфи умри тӯлонӣ дидани дарахт барояш нофораму дардовар буд, як нукта ӯро хурсанд кард. Аз сарчашмае дарёфт, ки чанор аз умри дароз дидан хаста шуда, агар офати табиӣ ё дами табар боиси маҳваш нагардад ихтиёрӣ худкушӣ, яъне худсӯзӣ мекунад. Аз дарун оташ гирифта, саросар месӯзад. Малик ин бозёфти аҷиброро борҳо бо обу ранг ба муҳофизон дар таги чинор нақл карда, нафраташро ҳамоно баён мекард.

– Ин қисса, ба ин дарахт дахл надорад, – мегуфт бо истеҳзо, пошнаи кафшашро бераҳмона ба решаҳои рӯйи хок дамидаву давида кӯфта. Ин беинсоф ба ҷойи худсӯзӣ, хуни сабзи боғро макида, ҳама гулу гиёҳро бо сояааш зер карда хушк мекунад. О, сӯхтӣ, мур, хушк шав! – сиёсат мекард зиндасабзро дар дил рақибона.

Нафрати бӯйдори мулкдор ба гирду атрофиёнаш низ бетаъсир намонд. Афсарону аскарон оташи тамокуи худро дар танаи чанор хомӯш мекарданд. Симҳои баркро ба шохаҳояш печонидаву ба танаи сабзаш меххои оҳанин кӯфта, нуқтаҳои оташинро ҷой медоданд. Табиатшиносони салтанатӣ пӯстлохашро бераҳмона мекananд.

Аз гоҳе малики кунунӣ қадам ба қасри салтанат ниҳод, дарахт неруи табии сабзидану нумӯ карданро гум кард. Месабзид, аммо ба қаъри замин, ба зери худ, сабз буд, заъфаронӣ, сари по рост буд, аммо ларзабунёд…

Чанор андешаҳои сиёҳи соҳиби боғро ба тариқи худ дарахтона мефаҳмид. Ҷурмашро пеши соҳиби қаср намедонист, аммо бӯйи бади нафрати ӯро ҳангоми ба боғ ворид шуданаш аз дур мешунид, ҳамоно решаву тану шоху баргаш-

ро ҳисси нофораме фаро мегирифт. Барои зистан аз обу хок, аз боду ҳаво – аз ҳама унсурҳои зиндадори зиндагӣ қуввату қудрату хуни сабз ҷамъ мекард.

Дарахт аз рӯзе, ки аҷали худро мешинохтагӣ шуд, батадриҷ мемурду мезист. Ҳар вақте дарвозаҳои оҳанин дандон совида, боз мешуданд ва корвони мошинаҳои сиёҳшиша дар рӯйи решаҳояш қарор мегирифт, аз дарди тоқатфарсо беҳол мешуд, меларзид, баргҳояш бидуни шамол мерехт.

Якумр талоши зистан дошт. Ҳарчанд барқ сари сабзашро месӯхт, барфу борон қоматашро шикан-шикан хам мекард, сел решаҳояшро мелесид.

Дарунбадарун сӯхта-сӯхта рагу пайвандаш аз нав сабзида зиндагӣ аз сар мегирифт. Ҳар қадар ҳуҷуми берунӣ бераҳму урён мешуд, решаҳояш ҳамон қадар ҷони сабзи худро ба қаъри замин пинҳон мекарданд ва ҳазорпанҷа домани заминро сахт медоштанд.

Талоши зистан, ишқи намурдан дарахтро нав набуд, аммо азоберо, ки ахиран таҳаммул кард худаш медонаду решаву почааш. Воситаи қасдситонии рақибаш дар маҳв сохтани ин пайкараи тамкину бурдборӣ – ин миллати сабр, ин офаридаи безаволи табиат номардона буд.

Буридани дарахт, тани пири ин таҳамтани ҳазорсоларо ба дандонҳои арраи барқӣ ҳавола кардан мушкил набуд, аммо як сабаби кирой дасти қотилони чанорро аз амал нигоҳ медошт. Дарахт дар китоби сурхи табиат чун ёдгории беназир сабт гардида буд. Аз ин рӯ бидуни сабаби ҷиддӣ аз байн бурдан имкон надошт. Дарахт чун ёдгории беқиёси табиат дар зери боли адолати худи мулкдор қарор дошт. Ноилоҷ мебоист хасмро дар бағали хеш ҷой дода, ҳузури

дилбеҳузуркунандаашро таҳаммул мекард.

Чун намоишкорона пеши дидаи мардум решакан кардани ин ёдгории беназири табиат имконнопазир буд, барои аз байн бурданаш воситаҳои дигареро кашф мекарданд, воситаҳои надиданӣ, марговар, яке аз дигаре бераҳмтар. Борҳо ба решаи дарахт заҳри қотил рехтанд. Ҳар вақте ба решааш заҳр мерехтанду ҷони сабзаш беово фиғон мекард, ҳамоно замини гирду атрофашро ларза мегирифт.

Олимони зилзиласанҷ борҳо дар як пора замин сар задани заминларзаро ба қайд гирифта, аз кашфи нодири худ ба ҷаҳониён хабар додан два аз боби ин мӯъҷизаи гӯшношунид асарҳои ҳангомаэҷод низ навиштанд. Аз дарди ҷони дарахт ҷуз худаш огоҳе набуд...

Ҳар дафъа, ки ба решаи чанор заҳр мерехтанд, ҳодисаи ҷонсӯзе ба ёдаш мерасид, ки бидуни ихтиёр шоҳиди лолаш буд. Он даврон аз бехи чанор чашмаи поку зулоле ҷорӣ буд. Салтанатдорон дар сари ин чашма базмҳои ҷамшедӣ барпо намуда, то субҳ айшу ишрат мекарданд, моҳивор худро ба ҳавз андохта, бозӣ мекарданд, тани чиркини худро дар оби ин чашмаи мусаффо мешустанд. Чашмаи пок оқибат бар алайҳи касифиву ҳаромӣ аксуламал нишон дода, худкушӣ кард, хушк шуд.

* * *

Соҳиби ҷавону айшпарасти кунунии Қаср низ зуд – зуд зери сояи ғафси дарахт базми тараб меорост. Базм то субҳ давом мекард. Ҷаҳлнамоиву аблаҳии айёшон ҳар дафъа бо бемантиқӣ ва пучии худ ақлро ҳайрон месохт. Аммо он ҳодисае, ки хотираи дарахтро бо чанголҳои тезаш умре

хуншор медошт, дар намоиши сангдиливу бераҳмӣ назир надошт.

Он гоҳ мулкдори танпарвар бо умматони чоплусаш дар сари сарчашма хони айшу ишрат оростанд. Шаробу кабоб, таронаву муғаннӣ, ғизолу ғазал бебаркаш буд, аммо ҳозирин, хоса малики сархуш чизи нодиртару нотакроре мехост. Ҳар кӣ ҳар чӣ пешниҳод кард, дар муболиғаи орзу яке дигареро бар хок нишонда. Шоири дарбор барои дастархони аълоҳазрат кабоб аз забони андалебонро сазовор ёфт. Ҳозирон орзуи кайҳонии шоири чоплусро бо кафзанӣ истиқбол намуданд. Раққосаи ишвагаре барои олампаноҳ аз абри осмон ҳалво таманно кард..

Наққоши салтанатӣ, ки ҳамеша маликро ҷавону болобаланду химчакамар меофарид, бо ҳаракати панҷаҳо моҳтобро аз осмон канда, гӯё нони гарм ба дастархони олампаноҳ гузошт.

Малика, ки аз ин ҳарзабозиҳои мадҳушона хаста шуда пинак мерафт, дар навбати худ як коса оби чашма хост. Чанд қатра оби чашма нӯшида, зарфи тиллоиро ба малик дароз кард ва оҳиста гуфт:

– Нӯшед, маликам, оби чашма хосияти поксозии ғаждиҳои зоҳиру ботинро дорад.

Малик косаро ба лаб бурд, аммо нанӯшид. Малика косаро аз дасти малик гирифта, оби боқимондаро нӯшид ва хомӯшона аз ҷой хест. Малик, ки ин лаҳзаро кайҳо интизор буд, хушҳолона сари по ҷаст. Ҳозирон ба ӯ тақлид

карданд. Рафтани малика чунин маъно дошт, ки малик нафаси озод гирифтан мехоҳад. Малик маликаро гусел карда, гӯё бори сангинеро аз дӯш афканда бошад, ҳамоно сархушу хушҳол шуд. Чашму абрӯ парондаву кафҳои кулчамонандашро ба ҳам совида, ҳозиронро ба рух додани муъҷизае умедвор кард. Пурмаъно нигоҳи чашмони мағруру махмурашро ба гӯшаи ба худаш маълум равона сохт.

Ҳамоно гӯйӣ аз афсона баррачаи ширмасте рақскунон сари дасти париваше ҳозир шуд. Ҳайвонак аз дасти париваш парида бо шодии тифлона пистонҷӯён сари пахмоқмӯяшро ба таги каши бонуи оростае халонд. Қоҳ-қоҳи хандаи малик ғурриши раъдро мемонд. Ҳозирон эҳсоси худро дар мушт сулфида, барои нишонидани хандаи шайтонӣ бо каф даҳон бастанд. Мулкдор механдиду ҳозирин аз иҷозат надоштани хандидан дарун ба дарун талх-ширин метаркид.

Меҳмонаки шӯхи беқарорро, ки аҳли нишастро баякбора бӯйидану бӯсидан мехост, аз маърака бо азобе берун карда, интизори фармон шуданд. Малик сӯзандору ва сиркои бидуни об талаб кард. Ҳар дуро фавран муҳайё карданд. Баррачаи шӯх низ рӯ ба рӯи малик ҳамоно дар бағали нозанин пайдо шуд. Малик барраро аз дасти духтар гирифта, аз ду почааш дошт ва монанди хӯшаи ангур ду се дафъа ба оби чашма ғӯтта дода, сипас чун дастмоли патдор сахт афшонда, мобайни рони пой гирифт. Дами ҳозирин ба дарун афтод.

Барои расидан ба тайи мантиқи ин амали ғайричашмдошт ба якдигар нигоҳ карданӣ шуданд, аммо ҳурбаашон нагирифт. Ҳама чашмҳо як нуқта доштанд, сӯйи дастҳои қассобвор остинбарзадаи малик.

Малик сӯзандоруро аз сиркои тоза пур карда, онро бафурҷа, ба бадани нарми баррачаи бозигар равона кард. Фиғони ҷонхароши ҳайвонаки бечора пардаи гӯшҳоро харошида, дар гулӯяш дар монд. Бонуи нозе, ки баррача модараш гумон карда буд, бехуд шуд, аммо мушти обдоре ба камари борикаш хӯрда, зуд ба худ омад ва табассуми даҳшатноке аз лабони хушкаш берун кашид.

Малик сӯзандоруҳои пур аз сиркоро, ки ёварон дамодам ба дасташ медоданд, ба бадани барра, гӯё ба хафи каҳ, зада, сабук берун мекашид. Сӯзандоруи сиркодори охиринро ба бадани баррачаи ҳанӯз зинда, бераҳмона халонида, ҳайвонакро чун пӯстак тайи пойи ошпази оҳарилибос, ки мунтазири амр буд, ғолибона дангала кард.

Қассоби малик ҷисми ҳанӯз гарми баррачаро чун тӯпчаи ними дамаш баромада, аз ҳаво дошта гирифт ва даст дар рӯйи дил амрро интизор шуд;

– Кабоб кунед! Чунин кабобро дар умри саратон нахӯрдаед!

Малик ба ҳамқадаҳони ниммурдаву нимзиндааш, ки аз зери пардаи биму ҳарос сӯяш нигариста, зӯракӣ табассум карданӣ мешуданд, қаноатманду мағрур хитоб кард;

– Магар ихтироъи беназири малик ба як кафкӯбӣ намеарзад?..

Ҳозирин карахту коҳилу бенизом каф кӯфтанд:

– Барои чӣ менӯшем? – пурсид соҳиби мулк дастёрони ниммурдаи худро.

– Барои оличанobи яккаву ягона менӯшем! – бо нимовои маризона пешниҳод кард яке аз ҳозирон.

– Албатта, барои яккаву ягона менӯшем! – Менӯшем! – қадаҳро ба сар кашида гуфт малик.

Касе маҷоли лаб во кардан надошт. Малик барои ҳунармандии худ тунду мастона каф зада, ба меҳмонони шах шуда дар кучо ва бо кӣ буданашонро хотиррасон намуд. Ба ҳоли дастнигаронаш чанде иблисвор қаҳ-қаҳ зада хандид, сипас ҳаворо, ки бӯйи гӯшти баррачаи сиркозадаро дошт, бо кайфияти хушмазза чанде бӯй кашида, бо тантана гуфт:

– Барои миллат, барои миллате, ки маро то абад роҳбару раҳнамои худ ва шуморо шоиру олиму ҳунарпешаи худ пазируфтааст. Урра!

– Уурраа! – аз ҳар шикофи доштаашон овоз сар доданд пазируфтагони Ватану миллат қадаҳҳоро ба сар кашида. Намояндагони миллат, онҳое, ки чанде пеш ҳоли баррачаи сиркозадаро доштанд, оқибат аз он сӯи дунёи даҳшат, тавассути садои кафзании мулкдор баргашта, алами хуни сардгаштаро аз кафи дастонаш гирифтанд.

Барои шаҳомату бузургии малики маликон пайиҳам қадаҳҳо саршор мешуданду холӣ. Бӯйи

кабоби баррачаи сиркозада димоғҳоро хуш хориш медод. Кабоби бачаи сӯхтаи гӯсфанди ҷигаршикоф бонувони нозро беш аз ҳама хуш омад. Эшон баррачаи чанде пеш шӯху бозигарро қаҳ-қаҳзанон ба ёд оварда, устухони почаҳои давандашро аз таги дандонҳои марворидии худ сар намедоданд...

Он гоҳ бо баррача бераҳмиеро раво диданд, ки минбаъд борҳо ба ҷони сабзи дарахт муносиб медонистанд. Он гоҳ дарди ҷони ҳайвонак ба дарахт гузашт. Ҷисми сабзи чанорро ларза гирифт. Ногоҳ дар як пора замин зилзила ба амал омад. Айши айёшон талх шуд. Дастархони нозро партофта, гурехта рафтанд. Тани қавии дарахт дер гоҳ аз ларзидан боз намонд.

Минбаъд низ, ҳар гоҳ ба қатли номардонааш мепардохтанду ба решаҳояш заҳри қотил мерехтанд, аз сӯзиши ҷони сабзаш фиғони рагу пайвандаш ба кайҳон бармехӯрд. Аммо фиғони сабзҷонро танҳо решаву шохаҳои бе дуд сӯхтаву батадриҷ хушк шудааш дар раги заҳрогини пайванди худ ниҳон карда, мардонавор мемурданду касе аз маргашон огоҳ намешуд.

Заҳри қотил бисёр бехнавдаҳоро пажмурда, аксар шохаҳоро кушт, аммо решаҳои ба қаъри замин фурӯ рафтаро дарёб карда наметавонист. Илми тибро маълум аст, тифлоне, ки ҳанӯз дар батни модарон ба маҳв кардан ҳукм шуданд, аз сад наваду нӯҳ зинда мемонанд. Тифлони нодилхоҳ бар алайҳи нияти зодгори бадхоҳ дар

шакли ҳаюлоӣ муқобилияти шадид нишон дода, на танҳо худро ба куштан намедиҳанд, балки арзи вуҷуд карда, минбаъд низ ҳамчун муборизони фаъоли зиндагӣ барҷо мемонанд...

Чанор бо ҳама бурдборӣ, бо ҳама бузургии синну сол, бо ҳама аҳамияти таърихӣ доштану дар китоби сурхи табиат сабт гардидан дигар қуввату қудрати мубориза бурдану зистанро надошт. Сабзгурд мағлубияти худро ночор дарёфта фаҳмид, ки барои набарди зистан дар таги ин чарх дигар дармон надорад. Бо вуҷуди ин решаҳои қавӣ, аммо ларзонашро ба қаъри замин, ба ҷое, ки заҳру табару арра дар тӯли садсолаҳо расида натавонист, сахт лағат кард…

* * *

Тамоми рӯз чанори пир аз пеши назараш дур намешуд. Тамоми рӯз зери шонааш сих мезад, тамоми рӯз гӯё ба ҷуз ӯ ва хасми қадимааш каси дигаре вуҷуд надошт. Дар дил марги адӯро беҳтарин ҳадяи ҷашнӣ дарёфт. Аз номи худ, барои худ тӯҳфаи арзандае омода кард, қатли чанори пирро.

Малик барномаи иҷборияшро ба иҷро расонда, ба қаср баргашт ва ба сӯйи хасми хеш шаҳчанори пир раҳ кашид. Таҳамтанро ҳамчунон сабзу бузург барҷой дида, ҳарчи зудтар ба субут расонидани нақшаи марговарашро дуруст ёфт. Чанде решаҳои дамидаи хасми деринаашро сум зада, ба нуқтае андешаманду абрӯчин нигарист. Ҳарчи зудтар аз ин сиёҳсояи патакреша халос

шудан мехост.

Бо роҳи омадааш пас гашта, бо мақсади ба худаш аён қадаммонияшро тезонд. Ногоҳ гӯё пуфаки дамкардаеро зер карда бошад, аз зери пояш садои таркидани чизе баланд гашт. Нигоҳаш ба зери пояш мехкӯб шуд. Дар зери пошнаи малик чӯҷаи лучаки зоғ даҳон боз карда, ҷон медод. Зоғи сиёҳе аз шохи чанори пир фиғонкунон чашмони қотили чӯҷаашро бо минқор кандан мехост.

*Дар танҳоӣ беҳтарин*
*ҳамроҳ сояи худ аст.*

22

Малик чанде байни хонаи бузурги барҳаво гирди худ бехудона чарх зада, ногаҳон бо мақсади ба худаш аён шитобон тирезаҳоро як-як саросема пӯшид. Гӯё аз таъқиби марговаре наҷот ёфтан мехост, ки шитобону ҳаросзада хонаро аз назар гузаронда, боз ҳам хотирҷамъ нашуд, ки чангакҳоро низ гузаронд. Аз барои оне, ки байни худу дигарон ҳамеша фосила дошт, гӯӣ боз будани тирезаҳо хавфи бо олами бегона пайвастанро дошт.

Оне, ки ними дунё ба муборакбодияш расида буд, андаруни дафтари кории худ бо худ буданро беҳтарин ёр, танҳоиро хуштарин ҳамдами хеш медонист. Ин маҳбаси гувороро аз ҳама толорҳои хурду бузурги Қасри тиллокорӣ бештар хуш дошт, зеро маҳз дар ҳамин ҷо худро роҳату бехатар эҳсос мекард.

Ин хонаи барҳавои аз навтарин асбобҳои ҳозиразамон муҷаҳҳазро меписандид. Дару тирезаҳои ба рӯйи оламу одам бастааш барояш роҳати дилхоҳ мебахшид. Ҳарчанд ҳич кас иҷозати аз ин дар ворид шудан надошт, ҳар гоҳ сари кор меомад, аз рӯйи одат аввал тугмачаи барқии « малик машғули кор аст! «-ро равшан мекард. Сипас назди тирезаҳои қаднамо омада,

ба хиёбони фарохи паси деворҳои баланди қаср, ба дунёи бегона бо ҳаваси хаёлолуд менигарист. Ҳамаро медид, аммо касе ӯро дида наметавонист, зеро байни ӯ ва мардуме, ки барои ӯ мезистанду бо номаш нафас мекашиданд, чоҳи таҳкаши танҳоӣ воқеъ буд, – танҳоие, ки барои тӯда маънии бузургиву дастнорасиро дошт.

Малик аз тиреза хиёбони марказии пойтахтро, ки гӯӣ дар кафи даст воқеъ буд, чанде назаргоҳ қарор дод. Чун ҳамеша гурӯҳ-гурӯҳ мардуми хушбахту хандону озодалибос дар он сӯйи деворҳои осмонбӯс аз ҳич то ба ҳеч куҷо қадам мезаданд.

Аз парафшонии парчамҳои бешумори болои сарашон дарк кардан мушкил набуд, ки мардуми намои назараш ҳамагон меҳмонони ҷашнанд, ки ҷоизаи сайру саёҳат карданро дар он сӯйи девори қаср бо заҳмат дарёфт кардаанд. Бо умеди аз дур назора кардани истгоҳи олиҷаноб хумори дӯғро бо моҳтоб мешикананд.

Хурду калон гирдогирди деворҳои баланду касмагузар давр зада, аз Қаср чашм намеканданд. Мулкдор чашмони ин мардумро намедид, аммо гарданҳои танҳо ба як тараф, ба тарафи ӯ тофта хотиррасонаш мекард, ки ҳамагон бо ёдаш нафас мегиранду бо мадори ҳастияш мезиянду мемиранд.

Малик дунёи рангини берунро дер гоҳ назора кард. Бидуни ихтиёр ӯро хоҳише пайдо шуд, ки аз байни ин ҳазорон ошиқонаш аз пеш чашмеро бу-

бинад, ки дар он акси хешро пайдо карда натавонад.

Ҳанӯз соҳиби чашми бидуни акси хешро пайдо накарда дилаш чизи бештареро хостгор шуд. Ба наздаш хондани яке аз ин мардуми беқарору ишқбеморро.

Ҳамин лаҳза, пинҳон аз ҷондорону дастёрон, аз сари девори қаср якеаз ин мардумро ба дафтари корияш бихонад. Агар бечораи хушбахт аз шодии дидори муборак шодимарг нашавад, ӯро рӯбарӯяш бинишонад ва рост ба чашмонаш нигариста, бипурсадаш:

– Ҳой, фалонии фалонизода, ту дону худо, рост бигӯй, ту маро дӯст медорӣ? Чаро маро дӯст медорӣ? Аз ман чӣ некие дидаӣ, ки шабро рӯйи курсиҳои чӯбин бо дидаи бедор рӯз карда, аз тирезаҳои тирногузари ман чашм намеканӣ? Ту ё ҷосусӣ ё аҳлкоста, зеро ҷуз ин тоифа набояд дигаре ба чунин қурбонии аблаҳона қодир бошад...

Мардум гӯиё мақсади малики худро дарк намуданд, ки ҳамоно селвор ба ҷунбиш омада, рақсидану таронахониро оғоз карданд. Ин рақси пурҷунун, ин таронахонии тӯдаи хушбахт зеҳи асаби соҳибҷашнро сахту дардовар таранг кард;

– Ҳамаатон ноқисулақлед, монанди малики худ, – шунид овои норозии эродгири ниҳоди худро.

Ин нидо вақтҳои охир бидуни интизору ихтиёр ба

ҷойи худаш бо ӯ баҳсу гуфтугӯи шадид оғоз

мекард. Алъон ҳич бо худии худ таҳаммули гуфтушунидро надошт, зеро чун ҳамеша бонги маҳкумкунандаи ниҳодаш худи ӯро ба нишон мегирифт. Хаёлаш парешон шуд. Аз иморати дару тирезабаста фалонии ношиносро, ки барояш чандин суоли ҷавобхоҳ сари забон дошт, ночор бепурсишу дашном ҷавоб дод.

Ҳарчанд нидои пармагари ниҳодаш рӯзорӯз бераҳмтар мешуд, ҳарчанд зиндагии дигаре аз сар гирифтан мехост, аммо дар асл дар рӯзгори хоболуди худ ҳич чизро дигар карданӣ набуд. Ҳамчунон малик будан, маҳбуби миллионҳо мондан, фармону ҳукми қатлу ҷоизаву унвон имзо намудан, ҳазорон сол худнамоӣ кардану салтанат рондан мехост.

Барои ҷовидона будану салтанат рондан аз тӯдаи ба офаридгори хеш чун як себи дутақсим монанд намунаи беҳтаре пайдо карданаш амри маҳол буд.

Чанд қадам аз ӯ дуртар мардум таронаи ишқи малики худро месароиду ӯ ба ҳоли ин тӯдаи содаи ишқпакар хандида, гӯё ҷӯшидану ҷунбидани миллатро на, балки корвони заҳматкаши мӯрчаҳоро лабханди мазоҳ дар лаб назора мекард. Малик ин тӯдаи ишқбемор, ин қурбониёни ихтиёриро дӯст намедошт, зеро онон ӯро аблаҳонаву мурданивор дӯст медоштанд.

Нохост аз қаъри дилу хунаш хоҳиши ташнасӯзе сар зад, сахт тахриксоз. Хост як лаҳза, ба ҷойи ин мардум, балки яке аз онон бошад. Маликро, –

худро, мисли эшон бехуду самимӣ дӯст дорад. Ба тирезаҳои тирногузари Қасри салтанатӣ бо умеди аз дур дидани шабаҳи соҳибқирон ошиқона бинигарад. Мисли эшон содаву озодаву умедпарвар бошад, бо ормонҳои худ созиш кунад. Як лаҳза роҳбар на, роҳнавард будан хост.

Аммо лоҷарам пеши худ қоил шуд, ки аз бахти сода ва ширини яке аз мардумон будан ҷовидона маҳрум аст. Ҳаргиз худро аз дур дида ва монанди онон самимона дӯст дошта наметавонад. Ба бахти мардум аз дур ҳасад бурд. Онон озод буданд, ӯ бандӣ. Онон аз ӯ хушбахту хушрӯз буданд, зеро дар интихоб, дар ишқ, дар дӯст доштану бад дидан бо вуҷуди ҳама банду ҳалқаҳои офаридааш озод буданд.

Онҳо худ чунин озодиро пазируфтанд, ӯ худ чунин асоратро. Ӯ бандист, бандии абадии савлату шаҳомат, бандии дилхоҳи муҳаббату нафрати ононе, ки ӯро дар қасри тиллокӯб зиндонӣ карда, барои аз дур дидани тирезаҳояш, барои аз дур бӯсидани сангдевори макони зисташ шабро дар пойдевори кайҳонбӯси ин маҳкама таронахону рақсон рӯз мекунанд. Малик бо нафрат аз издиҳоми мӯрчамонанд чашм гирифта, ба сӯйи онҳое, ки ӯро қурбонии муҳаббати худ кардаанд, пушт гардонд. Чанде ба деворҳои пур аз акси хеш нигарист.

Нигоҳи холии аксҳои боҳашаматаш хоҳиши ҳарчи зудтар аз ин қафаси тиллоӣ растану бо тӯда пайвастанро бештар кард.

Ҳич гоҳ чунин хоҳиши сӯзонро дар майнаву дил эҳсос накарда буд. Хоҳишаш ташнагии мусофиреро мемонд дар биёбони тафсон. Алъон ба ҷуз он, ки яке аз ин одамакон бошаду худро аз дур ё наздик монанди онон дӯст дораду парастад, ормони дигар надошт.

Ташнагии таманно тоқатфарсо шуд. Аз назди тирезаи баста дур рафт, аммо хоҳиши тифлонаи ақлрабо бо тозиёнаи барқ ӯро хаёлан аз қаср сӯйи беруни деворҳои баланд ронд.

Дарро бо шасти ба ҷисми коҳилаш хос набуда тела додаву кушода, давида ба саҳни қаср баромад. Лаҳзае гӯё самти ҳаракаташро муайян мекарда бошад, саросема чаҳор тараф нигариста, якбора ҷониби яке аз дарвозаҳои бузургу баланд дав гирифт.

Малики пир коҳилонаву покашола медавиду ҳис мекард, ки танҳо нест. Баробари сояи ғафсу коҳилаш сояҳои дигари кӯтоҳу дароз, ғафсу борик низ медавиданд. Мулкдор дар остонаи дарвозаи осмонбӯси баста истод. Ӯ музтар монд.

Посбонон аз болои сари малик, ки дар ин шаклу шамоил пиракии ақлкоста, балки маҳбуси аз маҳбас фирор кардаро мемонд, ба муҳофизонаш ҳайрону пурсуол нигариста, мижгон ба ҳам заданро фаромӯш карданд. Соҳиби мулк пушти дарвозаи бастаи марказӣ чун ятимаки аз дасташ лӯъбатаки дуздидаашро рабуда, бечораву гунаҳгор гоҳ ба сафи пуриқтидори силаҳдорон, гоҳ ба садди касмагузари оҳанин бечора нига-

рист. Гунгакбозии афсарон бо сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи мамлакат тӯлонӣ, дилбазан, тоқатфарсо шуд.

Касе дар мушт сулфид. Хомӯшии сангин халалдор гашт. Малик бахуд омад ва шояд ба мантиқи имконнопазир будани хоҳиши худ расид, ки сари сафедашро бо қаҳр такон дода, ба пас, ба роҳи тайкардааш бечораҳол нигарист. Сиришки оҷизиро, ки бехтиёр аз қаъри чашмони順 пиронааш меҷӯшид, бо сулфаи балғамдоре фурӯ бурда, сархаму покашон ба қафо гашт.

Як дафъа дар хоби бедорӣ бо тӯда, балки як ҷузъи нодидании он будан хост, натавонист.

Як дафъа худро ба ҷойи яке аз умматҳои худ гузоштан хост, аммо ба мурод нарасид.

Як дафъа аз чашми сӯзани чашми Дасгоҳ нагузашта, майли озодӣ карду азми амал, аммо муваффақ нашуд. Ҳасраташ фиғон, бечорагияш забон баровард:

– Лаънат ба чунин зиндаи мурда, марг ба чунин зиндагӣ! – дарунакӣ нолиш кард пири музтар:

– Ту олампаноҳ не, оламгуноҳӣ! Олиҷаноб не, холиҷанобӣ! – худро хомӯшона маломаткунон бо роҳи омадааш сархам ба қаср баргашт мулкдори бечора ашки ба гулӯяш расидаро талх фурӯ бурда.

Малики аз ҳама ҳуқуқҳои одамӣ маҳрум то мизе, ки болояш кӯзачаи шароб меистод, расида ба зону афтод.

Кӯзаи шаробро оғӯш карда, чанде сар надод. Бо панҷаҳои ларзон ҷомро лабрези шароб карда, ташнаҷон ба сар кашид. Сипас пуфи тӯлоние аз болову поён сар дода, нафаси амиқе кашидаву сар дода ором шуд.

* * *

Ҳамагӣ як нафас аз оламу одам дил канд, ҳамагӣ як лаҳза худро дар дасти оҳанини пайкараи осмонбӯси худ овехтанӣ шуд, ҳамагӣ як лаҳза хост як тан аз мардум бошад. Ҳамин ки соати бузурги мамлакат аз бурҷи манораи қаср баландово фаро расидани вақти таомро эълон кард, ҳамоно қиёфаи ҷиддиву бомазза ба худ гирифта, якбора кулли нафрату ҳасрату бечорагиву афсурдагияшро фаромӯш кард. Аз нав маликиву мулкро, миллати содаро, ҳатто Дастгоҳро дӯст дошт ва худро – онеро, ки ӯро аз мулку миллату Дастгоҳ лаҳзае ҷудоӣ фармуд доварона насиҳату сарзаниш кард:

– Дар байни ин тӯдаи сода чӣ гум кардаӣ? Шоҳ бояд шоҳ бошад, гадо гадо!

Худи лаҳзае пеш ҳақиру бечораашро дар дил маломаткунон мисли шамол ба толори пазироӣ ворид шуда ҷоме чанд шароби қирмизро нӯш карда, табақи пур аз лӯлакабоби чарбинро пеш кашид...

Шароб хуни сардашро гарм кард.Деги ғурураш сар рафт. Дастони зуволамонандаш мушт шуданд. Қадаҳеро ба ифтихори шаҳомату

бузургӣ ва ҷасорату далерии худ саршор намуда, ба сар кашид:

– Зинда бод, савлату шаҳомат! Зинда бод, Малики маликон!.

Бо талхиву сӯзиши шароб даруни дудагирифтаашро аз ҳузни таҳқири нотавонӣ дударӯб намуда, нигоҳи аз оламу одам розияшро ба сӯйи боғи биҳиштнамо парвоз дод.

Иморат чунон сохта шуда буд, ки гулистон низ чун хиёбони беруни девор гӯӣ дар кафи даст ҷой дошт. Назорагар ҳар гулро медид, дар ҳолати боз будани тирезаҳо, накҳати гулзорро низ ба роҳат мешамид.

Дар боғ одамони зиёд машғули кор буданд. Боғбонҳои пироҳани гулгунпӯшида, ки худ гулбутта ё дарахти гулафшонро мемонданд, бо ишқу ҳавсала боғро арӯсвор меоростанд.

Мафтуни ин ҳусни фирдавснамо ҳузни пиронаву нотавонии худро дар оҳи пурдарде ҷамъбаст намуда, шайдои ҳунари гулкории парвардигор шуд. Ба гулҳои рангорангу гуногуннавъ аз дурии як нигоҳ нигариста, пеши худ ночор қоил шуд, ки шоҳони босалобат дар олам беҳунартарини инсонҳоянд.

Худ на танҳо ҳунари гулкориву гулпарварӣ надошт, балки номи ягон гулро намедонист. Дар дунё ҳама шуғлеву амале доштанд, ба ҷуз ӯ ва ҳамтоёнаш. Барои зиндагии якрангу маснӯъияш аз офаридгор, ки шоҳу гадоро ҳамагӣ як зиндагӣ ато карда, хушранг ё беранг ба сар бурданро ба

худашон ҳавола кардааст, гиламанд шуд.

Ба боғбонону олимони набототшинос аз тахти дил ҳасад бурд. Онҳо касб доштанд, аммо ӯ, малики як мулк, ки якумр аз минбарҳои баланду паст аз номи кулли мутахассисону ҳунармандон босалобат сухан мегуфт, дар асл ҳеч гуна ҳунари воқеии созандаву ободкунанда надошт.

***Дар куштани барраи қурбонӣ***
***вуболу савоби кӣ бештар аст?***
***Аз қассоб, қурбонӣ, бахшанда***
***ё истеъмолкунанда?!***

## 23

Сӯзандорӯи мусаккин сӯзиши дарди ҷонкоҳашро андаке нишонд, ки бемор покашола ба толор баромада, нигоҳаш ҳамоно ба сабади азими гулҳои садбарг ва қутии хушрангу ороста афтод. Ӯ зодрӯз дошт. Дар дил хурсанд шуд, ки нахуст гулҳоро дар ин рӯзи ғамовар барояш азизи дилаш фиристодааст, ҳадяро низ. Ба назди сабади хушнакҳат расида, дер гоҳ ба гулҳои зарди офтобвор хандарез маҳзунона нигарист. Ӯ ранги зардро, хоса садбарги зардро дӯст медошт, аммо ин дафъа ба ҷойи шодмонӣ вуҷудашро ҳисси ҳузни сӯзандае фаро гирифт:

– Малик ҳанӯз гумон дорад, ки ман монанди пешина ошиқи гулҳои зардам. Магар оне, ки худ ранги заъфаронӣ дорад, аз дидани садбарги зард шод мешавад? – гузашт аз дилаш.

Аз гулҳои давроне мақбулу алъон дилғашкунанда чашм канда, ба қуттии хушрангу ороста нигарист. Қуттӣ низ бо коғази зарҳалӣ оро ёфта буд. Дар дили хастааш умеде ба ҳузну фараҳ монанд пайдо шуд:

Ҳанӯз маро дӯст медорад. Дӯст намедошт пеш аз миллат зодрӯзамро муборакбод намегуфт. Дағаливу сардияш аз пуркориву хастагист. Ӯ маро ҳамеша дӯст медошт, ҳанӯз ҳам дӯст медорад. Шукри беҳад сарнавиштро, ки беҳуда назистаам!

Малика қуттиро чанде болои зонуҳои сихмонанди бемадораш нигоҳ дошта, орзупарвар бандакҳои рангорангу ҷилодори ҳадяи шоҳонаро тамошо кард. Барои боз кардани тасмаҳои зебо қувваташ нарасид. Дастёрро ба мадад хост. Дастёр боҳавас қуттии зеборо тамошо кардаву тасмаҳоро боз карда рафт. Малика аз дидани ҳадяи маликона бемадор шуд.

Дар як тарафи қоби тиллоии хотамкории китобмонанд, ойинаи бузургнамой ва дар тарафи дигар яке аз аксҳои охирини худ, – шабаҳи сиёҳеро дид, ки бо чашмони чун солики занбӯр холӣ сарду беҷон сӯяш менигарист. Ойинаи бераҳм ҳама хату хатакҳои сурати заъфаронияшро гӯё шумурда, ба соҳибаш менамуд. Зан нигоҳи ширешвор ба рӯйи ойина ва акси худ часпидаашро, ба зӯр канда, ҳайрону музтар ба нохунҳои пуркидааш нигарист.

Ранги зиндагинамои нохунҳо як зарра ҷон доштани ин тани бадарду таҳқиршударо нанамуданд.

Аз дарки мантиқи тӯҳфаи бераҳмонаи

шавҳараш ба пӯсташ мурғак дамида, даҳони хушкаш талху хушктар шуд. Тӯҳфа хитобе буд сари забон нарасида, аммо таркишдор, ки ба рӯи зиндагияш хати сиёҳ мекашид. Зан аз ҳамсари бешафқат ҳама гуна ҷазоро интизор буд, аммо на чунин бераҳмиро. Ин зарбаи ниҳоят бераҳмонаву қотил охирин зарбае буд, ки шавҳар дар ивази ҷонфидоиву бовафоияш ба занаш раво медид.

Малик хуб медонист, ки малика баръакси дигар бонувон, ойинаро дӯст намедорад. Чун бемор шуд, ба ойинаҳои бешумори дару деворҳои қаср ҷанг эълон карда, ин воситаи бераҳми ҳақнаморо якояк аз Қаср бардошт. Сабаби бемеҳрияш ба ин олоти бераҳми худнамоӣ андак набуд. Зан пайваста дар чеҳраи пажмурдаву заъфаронияш нигоҳи шафқату ҳаросони хидматгорону муҳофизонро мехкӯб ёфта, ба таги мантиқи зиштиву дуруштии худ расида, саравval аз онон, сипас аз оламу одам ранҷид. Дар як гӯшаи иморати бузург, дар ҳуҷраи кӯчаке гӯшанишин шуд, бидуни ойинаи ҳақнамо.

Солиёни дароз дар ду гӯшаи қасри бузург ду шабаҳи ба ҳам хеши бегона бо ҳами беҳам танοби умри фониро кӯтоҳ мекарданд.

Малик аз малика мегурехт, ҳарчанд дар ҳама ҷо, дар хуну пӯсти худ тири нигоҳи занро эҳсос мекард. Ҳар гоҳ аз таги тирезаи малика мегузашт, суръати қадаммонияш худ аз худ тунд мешуд.

Малика танҳо барои як мард мезист. Ӯ як хати ҳаракат дошт, бистар ва назди тиреза, ҳамон тирезае, ки чашми шишаҳои дурахшонашро бо панҷаҳои ларзон ҳар рӯз чандин маротиба пок мекард, то дидгоҳи назараш беғубор бошад.

Вақте ки корвони мошинаҳои сиёҳшишаву сиёҳранг вориди Қаср мешуд, дили нимҷонаш мадор пайдо карда, бехудона метапид. Ранги заъфарونияш карбосӣ мешуд.

Бо ишқи як марди бемеҳру бевафо нафас мегирифт ва ин нафаси дамтосро маҳзунона зиндагӣ меномид. Танҳоии зан низ аз вуҷуди оне, ки нафасашро ҷилавдорӣ мекард, пур буд. Рӯзҳову соатҳо назди тиреза нишаста, ӯро интизор мешуд ва дар ин заҳмати ҷонкоҳи васлҷӯӣ мемурду мезист.

Саратон чун сусмор хуни ҷавҳари беморро мемакид. Дар вуҷуди карахташ ҳазорон рагу пайванду ҳуҷайра ба тадриҷ мемурд, ба ҷуз ишқ, ишқе, ки оташаш ба ҷойи сарду хомӯш шудан, бар мазоҳи зиндагӣ рӯз то рӯз гармтару сӯзонтар мешуд.

Бешубҳа, одамизодаро дилбастагӣ ба касеву чизе дар дунё маътал мекунад, вагарна ними ҷаҳон аз хастагиву дилмондагӣ мемурд. Ҳамин дилбастагии беҷавобу носавоб азоби ширини нафасҳои вопасини зани беморро ғоз дода, тӯлонӣ мекард.

Ин мард барои ӯ ҷойи ҳамаро гирифта буд, ҷойи писари яккаву ягонаашро низ. Аз азал мехост, писар ба падар монанд бошад, аммо дар ин ҷо низ табиат ба боғи орзуяш жолаи бераҳмӣ корид. Писар симои модарро дошту хулқу атвори падарро...

Барои малик дидорбиниву сӯҳбати малика ба

азоби алим табдил меёфт. Ҳар қадар шавқи дидор дар дили бемори зани нимҷон метапид, мард баръакс, мекӯшид сӯйи иморати малика, хоса сӯи тирезаи ҳамеша ба истиқболаш боз, нигоҳ накунад. Чун аз таги ин тирезаи садчашма ногузир гузаштан дошт, ҳангоми сӯйи иморати худ рафтан, гӯё ӯро саг сур мекарда бошад, суръати қадаммонияшро метезонд.

Бо чашми паси сараш низ нигоҳи часпаку дудолуди занро дар аъзои бадан эҳсос менамуд. Нигоҳаш бӯйи ҷигари сӯхта дошт. Аз таъсири ин нигоҳ, пойҳояш мепечиданд, сардавак мерафт, милки дандонҳои сунъияшро дард мегирифт. Андешаи он ки як умр аз ин нигоҳ ҷойи фирор надорад, ӯро буғӣ карда куштан мехост. Чун аз рӯйи одат, балки ночор ба аёдати малика мерафт, раҳораҳ бо даҳшат меандешид, ки зан ҳатман ӯро дар остона интизор аст ва бо боз шудани дар ин арвоҳ худро ҳамоно ба оғӯшаш хоҳад афканд. Рӯз аз рӯз аёдати маҷбурии дилбазани зан дунёи равшанро дар назари мард торикистон мекард. Оби оташин низ андешаи дар гӯшае вуҷуд доштани зани беморро, ки бо умеди дидори ёр вопасин нафасҳояшро зинда медошт, аз лавҳи хотираш зудуда наметавонист. Менӯшиду менӯшид ва баҳсу гуфтугӯро дар танҳоӣ бо худ шӯр медод:

– Умрам тамом шуд! Ҳайфи зиндагӣ!

Як умр хоҳиши зиндагиву рӯзгори дигар дошт, аммо дар таги дил. Рӯйи дил он чиро мехост, ки бо ӯ раво медиданд. Байни тӯрпечи дурӯғу

ҳақиқат зиндагиеро пазируфта буд, ки на дигар карданашро имкон дошт, на дигар буданашро мехост:

– То кай аз рӯйи раҳму шафқат ҳузури дилбеҳузуркунандаи ин арвоҳро таҳаммул бояд кард? – мепурсид худрову ҳамаро дар танҳоӣ.

Арвоҳ зинда буд, арвоҳ маликаи мулк ба шумор мерафт. Арвоҳ аз малик на танҳо меҳру меҳрубонӣ чашмдор буд, балки ҳар қадами гузоштаашро монанди пешин таманнои санҷидану донистан дошт.

Омӯзгори фанни мантиқ вазифаи омӯзгорияшро то дами охир иҷро кардан ва аз шогирди фаромӯшхотир сазовори хидмату ранҷҳояш, сазовори ҷоҳу мақомаш иззату эҳтиром, меҳру муҳаббат ва раҳму шафқат мехост. Малика меҳр мехост, малик марги ӯро. Табиист, ки то ин арвоҳ сари по буд, ӯ имкони зиндагии дигар аз сар гирифтан ва ба қавли маъруф хонаи нав обод карданро надошт.

Кадом малик имкони рӯйи об баровардани орзуҳояшро дорад, ки ӯ дошта бошад? Малик мехост аз байни миллионҳо нозанинони мулк якеро интихоб бикунад, аз ӯ соҳиби фарзанди хушному меросхори саломат гардад.

Ин орзу якумр бо ӯ буд. Хоса, баъд аз он ки ноқисулақл будани меросхори яккаву ягонааш аён шуд, орзуи вориси солим ба дунё овардан дар дилу ҷонаш решаи қавӣ давонд:

– Мардон дар ҳафтодсолагӣ низ метавонанд

домод бошанд, насл ба дунё биёранд! – худро тасалло медод дар рӯбарӯйи ойинаи қаднамо аъзои бадани шиталаву фартуташро бо гаронтарин атр накҳат дода.

Орзуи фарзанди солиму вориси арзанда ба дунё овардан зиндагии хокистаррангашро рангин намуда, ҳамоно дари дилу хотирашро ширин муштқӯб мекард. Барои ба орзу расидан садди азиме рӯйи роҳаш буд – маликаи мамлакат:

– Ин арвоҳ малику мулкро оқибат дар чашмони чӯкидааш хоҳад гӯронд, – чунин буд хулосаи мантиқии мулкдори орзуманди меросхори солиму ҳамсари ҷавону нозанин, дар остонаи ҷашни таърихии худ…

Чунин буд бардошти маҳзунонаи малики маликон аз рӯзгори бемантиқи шоҳона, аз бахти дурӯғини худу малика, ки солиёни тӯлонӣ қутбнамои таҳсину пайравӣ ва ормону орзуву ҳаваси миллат буд.

* * *

Ҳангоми сӯҳбату мулоқоту дидорбиниҳо, дар авҷи имзо гузоштан ба ҳуҷҷатҳои муҳими сиёсӣ, вақти суханронӣ дар минбарҳо нохост андешаи дар чунин ҳол ҷовидона мондани зан ба гиребони хаёлаш чанг зада, гунаи хотирашро хуншор мекард.

Дар чунин ҳолатҳои танҳо ба худаш аён нохост аз варақи хотирааш гӯё нақшу нигори зиндагии бесарусомонаш якбора нест гашта, абрӯвонаш

худ аз худ кўргиреҳ мешуд, пеши чашмашро пардаи сиёҳдуди андеша фаро мегирифт, нахи андешааш меканд…

Ин ҳолат чанд сония давом мекард, аммо дар ин лаҳзаҳои кўтоҳи тўлонӣ дар пеши чашми ҳамагон бо азоби ҷонкоҳ мемурду зинда мешуд. Идома ёфтани ин ҳолати ҷонкоҳро дигар қуввати таҳаммул кардан надошт:

– Худоё, ҷони ин арвоҳро кай мегирӣ, ки худаш ҳам халос шаваду мо ҳам! – гоҳе дилашро баландово ба забон меовард малик ва ҳамоно овои пармагаре пардаи гўшашро сўҳон мекард;

– То ту намирӣ, ў намемирад!

– Алҳазар! – аз ин хаёли садонок бидуни ихтиёр аз ҷой як қад мепарид мулкдори ба балои худхорӣ гирифтор.

Зан дилу нияти шавҳарро аз нигоҳаш бехато мехонд. Мехонду дар ҷисму ҷони бемораш ишқи зистан меафзуд. Сари по мурда – зинда мегашт. Бо ними ҷон пайваста, талоши зистан дошт. Барои як нафас бештар зистан кулли доруву дармонро месанҷид, мечашид.

Ҳарчанд ин марди давроне хушгил, аммо ҳамеша сангдилу сардхун ҳич гоҳ рўҳану ҷисман ба ў таллуқ надошт, аммо ба гўшаи хаёлаш андешаеро, ки ҷояшро дар бари ў, дар ин Қасри сарду бебахти тиллокорӣ рўзи дигаре метавонад гирад, роҳ намедод. Маҳз ҳамин хаёли шахчангол, нахи ба кандан моили умрашро нигоҳ медошт.

Бо вуҷуди ҳама доруву дармон қуввату нерӯи зистан ӯро бебозгашт тарк мекард. Дигар мадори ғамхӯрдан надошт. Ғам чун бачаҳои каждум модарашонро, ӯро мехӯрду тамом мекард. Ғам кӯҳро паст кардааст. Кӯҳи рӯҳи зани барҷомонда ба хок яксон мешуд. Ӯ ба касе даркор набуд, ҳатто ба писари ягонааш, ки табиат ба модар монанд кардаву ақлу хирадро аз ӯ дареғ дошта, ҳамеша озори рӯҳу ҷонаш буд.

Бо бузург шудани маликзода достони бераҳмиву авбошияш садзабон шуд. Ҳар чиз, ки дар мулки аҷдодӣ арзиши милливу зотӣ дошт, аз ёдгориҳои таърихӣ то забони модарӣ, ҳама нафрату мазоҳи маликзодаро бедор мекард. Бо падару модараш бо забони ғайр, ба сагҳояш бо забони модарӣ гап мезад. Чун устоди бепардатарин ва фаҳштарин ҳақорату дашномҳои олам буд, дар айни хурӯҷи қаҳру ғазаб аз забони модарӣ низ гоҳаке ёд мекард. Ҳар қадар бузург мешуд, ҳамон қадар аз роҳи одамиву одамгарӣ мебаромад.

Минбаъд будану монданаш дар мулк бехатар набуд, ки ворисӣ ягонаро аз оғӯши гарми модару меҳан ҷудо карда, онеро, ки дар навиштани номи худ чанд хато мекард, барои донишандӯзӣ ба он тарафи дунё фиристоданд.

Донишҷӯи донишқимобро як мулк бо тантанаву ашки шодӣ гусел намуда, нафаси сабуку озод гирифт. Дар тӯли солҳо на донишҷӯ донишгоҳеро хатм кард, на мулк аз бори нафсу хоҳиши ӯ шона холӣ кард, ҳарчанд солиёни дароз чандин корхо-

на дар пайи таъмини маишату кайфияти маликзодаи айёши меҳнатқимоб шабонарӯз кор мекард.

Маликзода воситаи дилхушияшро аз тифлӣ дар харобкорӣ, шикастан, пора кардан, дарондану сӯзондани ҳама гуна чизҳои зебову комил медид. Дар ин амали зишт, ки касе садди роҳаш намешуд, зебоие барои худ медиду меписандид. Зишт буд, зишт зист, зишт бемор шуд.

Модар дарди бедавои фарзандашро дар хуну пӯст эҳсос мекард, аммо чорае надошт, ба ҷуз модарона ҷурми фарзандро ба ҷойи ҳусн дидан, гуноҳашро чун савоб дарёфтан.

Дар авҷи омодагӣ ба ҷашни малики маликон дарвозаи амнияти хонаводаи камчину пурмасъаларо мушти бадбахтӣ сахт кӯфт. Малики маст садои ин мушт– гурзи тақдирро нашунид, аммо зарбаи он маликаро ба хок яксон кард. Ин асрори мудҳиш байни модару фарзанд чун мори афъӣ мехазиду ононро бераҳмона неш мезад. Фош гардидани ин асрор барои малику тахту тоҷ шармовар буд.

Маликзодаи гирифтори маризи қарн– спид дар пеши чашми худ шамъвор сӯхта, хомӯш мешуд. Модару писар пасу пеш озими сафари олами дигар буданд. Маликаи бадбахт, ин сирро на танҳо ба малик, балки ба сояи танаш низ ифшо карда наметавонист. Хуни бадани пайванди ягонаи мулкдорро аждаҳои қарн бераҳмона макида хушк мекард. Маликзода дар яке аз беморхонаҳои

боҳашамати хориҷӣ, бо ному исми мустаор рӯзҳои охирини зиндагиро дар танҳоӣ ба сар мебурд. Модар на ба аёдати дилбандаш ба он тарафи дунё рафта метавонист, на имкони ӯро ба Ватан баргардондан дошт.

Ин дарду алами ҷонкоҳро низ бо касе имкони тақсим кардану кам кардан надошт. Гӯё масали «сар кафад, зери тоқӣ»-ро маҳз барои пинҳон доштани табиати асрорпарасти ӯ гуфта буданд.

Мулкбонуро дар якҷоягӣ бо маризии даҳшатнок дилмондагиву ноумедӣ ба вартаи ҳалокат мерасонд. Асрори ногуфтаниеро, ки маргашро наздик мекард, бо худ ба хок бурдан дошт. Малика, ин дастёри беминнати Дастгоҳ, масъулияти давлатии хомӯш будан, аз ғами кӯҳвораш ба сояи худ нанолидан, ин розро бо худ ба гӯр бурданро беш аз ҳама дарк мекард.

Дар оташи ғаму ҳасрат чун кундаи тар дуд мекарду рӯзҳои боқимондаи умри худро мешумурд. Намедонист, ки ӯро зарбаи бераҳмтару қотилтаре дар пеш аст...

Малика тӯҳфаи маликро чун муши мурда ба гӯшае афканда, дастони ларзонашро ба осмон боло кард ва дар ҳамин ҳолат шах шуд. Алҳақ, одамон бештар аз беморӣ на, аз дилмондагӣ мемиранд.

Зан аз рӯзе, ки дар нигоҳи маҳкумкунандаву бераҳму бегонаи мард ҳукми марги худро хонд, байни маргу зиндагӣ дудила зистан дошт: на рафтан мехост, на мондан, на зистан.

Чӣ ҳолати ваҳшатноке буд, он ҳолат. Он гоҳ малик нигоҳи сардашро чанде дар рӯйи малика ист дода, андешаеро, ки ба худашу худо маълум буд, дар майнааш чунон тоб дод, ки чун чархаи харобшуда садояш гӯши ҳуши ҳамсӯҳбаташро сӯрох кард. Ӯ овои бераҳму урёни ин нигоҳро то дами сакароти мавт фаромӯш нахоҳад кард.

Дер гоҳ яхи гавҳараки чашмонашро ба рӯйи фарбеҳи аз таъсири шароб қирмизии шавҳар дӯхта, ба ҳам задани мижгонҳои камчинашро фаромӯш кард. Мехост хато бошад, он чӣ ӯ шунида-мебинад, аммо ҳайҳот, дидаи хираду эҳсосаш китоби нигоҳи соҳиби андешаро бехато хонда буд. Нигоҳи мард рӯйрост, бепарда, бераҳму шафқат мегуфт;

– Як сӯзандору, ҳамагӣ як сӯзандору, ҳам ту халос мешавӣ, ҳам ман.

Зани ҳучбемор беҳолона оҳи нолишнамое аз димоғ сар дода, нигоҳи ҳаросону хастаашро аз рӯйи шавҳари масташ канда, ба замин мехкӯб кард. Хомӯшии садзабон тӯлониву тоқатфарсо шуд.

Яке бояст аввалин шуда ба поёни ин китоби нонавишта, аммо худ аз худ ба поён расида, нуқтаи тамом мегузошт.

Зани мағрур ҳарчанд таҳқир шуда буд, аммо ҳанӯз мағлубиятро ба гардан намегирифт. Ӯ аввалин шуда, аз ҷой хест. Қоматашро, шонаашро, гарданашро рост кард, то қадаме ба пеш биниҳад ва зери ин қадами заминрӯб ҳама пастиву нока-

сии онеро, ки аз хок ба афлок расонида буд, зери по гузорад.

Зан худоҳофизиро нася карда, чеҳраи мисли чапотии сӯхта хушку сардашро барои бӯсидан ба малик нагардонда рафт.

Байнашон аз он вақт сар кард, девори ноаёну сангини нобоварӣ ва дилсардӣ боло шуда, сӯи осмон қад мекашид. Бемор минбаъд бар алайҳи ҳаёти худ хатареро эҳсос карда, аз доруву дармони духтурони дарбор даст кашид. Аз берун пинҳонӣ бо ҳар баҳона духтуронро даъват мекард.

Ҳарчанд мисли пешин хидмати маликро мекард, ҳарчанд мисли пештара паси тиреза интизораш буд, аммо дигар он бовариву самимияти пешина дар дили ранҷуру ранҷидааш намегунҷид...

Ҳадяи малик охирин зарбае буд, ки зарбаш ба мағз-мағзи устухони зан расида, офтобро дар назараш ба фатири сӯхта табдил сохт.

***Хотира низ хотира дорад,***
***бахшанда ё маҳкумкунанда.***

## 24

Малик одатан ҳангоми роҳ рафтан бори ҷисми сангинашро ба пояи ноустувори пойҳои кӯтоҳаш бор кардаву бафурҷа қадам гузошта, ҳар қадами

миннат карда ба замин гузоштаашро бафурҷа мешумурд. Роҳгардиву қадамшуморӣ асабҳояшро ором мекард ва барои таҳриру таҳлили фикру андешаҳои сарпечу ҳамеша якдигарро инкоркунандааш, имкон фароҳам меовард.

Ҳазору сесад қадамаш баробари ҳазор метр, яъне як километр буд. Аз хона берун нарафта, болои қолиҳои пат як километр роҳ рафтан ба назари оличаноб корнамоӣ ба шумор мерафт.

Аз вақте ки муносибати оштинопазирашро дар дил ба маликаи бемор ва дарахти пир муайян кард, гӯё бори гарони нафрат ва тазйиқи аламу ҳасрати чандинсола аз дӯши хотираш барафканда шуд.

Дар оғоз чунинаш намуд, аммо дар асл нафрат ба маликаву чанор дар вуҷудаш бештар решадавонда, камтар на, бештар мешуд. Ӯ дигар қуввати бардоштани бори гарони хотираи пармагару умри барҳадар сипаришуда ва бебозгашташро надошт. Ин бор дарахти пири қоматашро ба шикан-шикан маҷбур месохт.

Дар авҷи роҳсипариву қадамшуморӣ ва ба поёни пойгаҳи муайянкардааш расидан ҳисобро гум намуда, дар ниҳояти асабоният аз нав ба қадамшуморӣ мепардохт ва то охири шумораи дилхоҳ ангуштонашро чангаку пойҳояшро шохмола мекард.

Дар чунин ҳолатҳо қадамзанон бидуни ихтиёр ақрабаки соати умрашро ба пас тоб дода, хаёлан ба роҳи тай гашта, бо устурлоби ҳақиқатнамо

менигарист ва бо ҳасрат дармеёфт, ки офтоби зиндагии ба ғуруб расидааш шафақи рӯзгори сипари шудаашро ошиқона пазмон шудааст. Дар чунин ҳолат ҳамоно ба пас гаштан ва зиндагии бемантиқу бесомонашро таҳрир кардану аз сар гирифтан гӯши хоҳишашро печ медод.

Дар Кохи Миллат, дар тахти салтанат нишаста, гоҳе аз зиндагӣ чизҳои хеле содаву омиёна орзу мекард. Лаби ҷӯйбор, оби чашма, нони нав аз танӯр канда, шири навдӯшидаву ёри содаи деҳотии гесӯпарешону дидапурнурро. Ёреро, ки ҳаёву меҳр дастовез дораду аз гулу гиёҳ пойандоз дар дастони кафҳояш регвор дурушт, аммо гарму зиндагибахш.

Малик бо ёди ормонҳои содааш гузаштаи бебозгашташро, ки давроне бар он нафрат дошт, зинда мекарду худ низ ҷон мегирифт.

Дар олами хушрӯй ва хушбӯйи ормонҳояш чанде хушбахт зиста, лоҷарам ба олами воқеӣ бармегашт ва ҳар дафъа ғамгин дармеёфт, ки ҳич кадоме аз хоҳишу дархосташ рӯйи об нахоҳад баромад, зеро худ малик буду орзуҳояш омиёна.

Гоҳе мурғи хаёли орзуҳои дастнорас ба гӯшаи боми умедаш нишаста, ӯро аз олами ашё ба дунёи зебои сӯфиёнаи бо худ будан ва дар худ орамиданро мехонд. Дар чунин маврид аз ҳазор яки ӯ мехост малик бошад, дигар нӯҳсаду наваду нӯҳаш аз якеш безор буд.

Гоҳи дигар на малик будан мехост, на сояи худо дар замин, на сару сарвар, на раҳнамову

раҳбар, на тахтнишини яккаву ягона. Инсони фониву одӣ будан мехост, инсоне, ки кафашро аз донаи каду ё офтобпараст пур карда, ба даҳон партофтаву хоида, ба рӯйи дигарон пуф карда, бо борхалтаи пур аз нону пиёз аз корхонаи каммузди сахтзаҳмат шитобон ба назди хонаводааш бар мегардад. Ба хонае, ки ӯро як села бачаву наберав аберахо гирди дастархон интизоранд. Яке борхалтаашро аз дасташ мегирад, дувум кафшашро тоза мекунад, севуму чаҳорум ба тахтаи шонааш хез зада, савор шуда, дасту пойи хастаашро масҳ мекунад, ё нонҳои гарми овардаашро луқма-луқма нахоида, фурӯ мебарад…

Ва ӯ, ин инсони хушбахти олам, бонавбат гунаи ҷигарбандонашро бӯсидаву бӯйдаву якпаҳлӯ зада, бори сангини зиндагии як рӯзи дигарро ба болиши фақирона ҳавола бикунад…

Чунин ҳолати хаёлэҷод кам меҳмони мағзи ин марди айёшу танпарвар мешуд, зеро маризии худхоҳиву ҷонпарварӣ дар тӯли солҳои мулкдорӣ он қадар ҷисму ҷони ӯро печонида буд, ки анкабут метавонист аз тӯри танидаи худ халос шавад, аммо ӯ, ҳаргиз.

Дар чунин ҳолатҳо пиракии ҳанӯз аз дунболи оҳуи ҷавонӣ кашола, бидуни ихтиёр дар олами хаёлэҷодаш ба куҷо рафтану чӣ кор карданашро мувофиқи хоҳишу табъи худ барномарезӣ карда, аз пайи ин барномаи иҷронашаванда саргардон мешуд.

Оне, ки ҳама чизи оламро дошт, ҳангоми

ғирболро аз об бардоштану чӯҷаҳоро дар тирамоҳ шумурдани умраш бидуни ихтиёр дарёфт, ки чизи аз ҳама муҳим, бахти хонаводагӣ, саодати имон ва оромии рӯҳу роҳати равонро ҳеч гоҳ надоштааст.

Вақти ахир зуд-зуд бар алайҳи беадолатии сарнавишт аз шарр-об мадад мехост. Мастомаст аз чаҳор гӯшаи қасри бузург чизи муҳимеро, ки гӯё гум карда буду набуданаш боиси ҳалокати мулку миллат мешуд, ботаҳлука ҷустуҷӯ мекард. Намедонист, ки худро гум кардаасту меҷӯяд, намедонист, ки оне, ки худро бо азми хеш гум кардааст, зинҳор нахоҳад ёфт. Бо ҳама бузургии ҷоҳу ҷалолу мақому синну сол аз ӯ бечоратар дар олам касе набуд. Аз тазйиқи хотира, аз коҳдуди суолҳои дамкоҳи худ намедонист ҷисми хаставу беҳолашро дар куҷои ин қасри бузург пинҳон бикунад.

Ҳар қадар ба роҳи тайкардаи умри аз сар рафтааш чашми хаёлу андеша медӯхт, ҳамон қадар аз худу зиндагияш дилмонда мешуд. Ба дарёфташ мамлакат обод кардаву миллат зода тавонист, аммо аз ӯҳдаи одитарин шарти инсон будан, ниҳоле шинондан, фарзандеро тарбия кардан, хонаеро обод намудан набаромад.

Оне, ки ҳамеша бо кулл сарукор дошт, рӯйи дархосту ниёзашро сӯйи кӯчактарин ҷузъиёти ҳастӣ гардонида худро дар коиноти башар ҳич дарёфт. Ба ақиб нигариста, аз зиндагии бесарусомони пур аз дурӯғаш гардбодеро низ, ки аз

пушти касеву хасе бояст бармехост, надид.

Оне, ки падари ҳама кӯдакони мулк ҳисоб меёфт, танҳо як фарзанди ноқисулақл ба дунё овард. Аз камавлодияш ғамгин набуд. Оид ба ин масъала санадҳои тасаллобахш дошт. Медонист, ки аксар пайғамбарону бузургони таърих камавлод буданд. Дар ин ҳикмати офаридгор фалсафаи амиқеро дарк мекард. Беҳтарин фарзанд низ ҳамагӣ си-чиҳил сол метавонад чароғдор ва номбардори ҷоҳу ҷалоли падар бошад. Аксари фарзандон баръакс боиси бадномиву сарпастии волидайн гашта, ба номашон доғи сиёҳ мегузоранд.

Аксар вақт табиат дар офаридани волидайн халлоқӣ ба харҷ дода, ба қавли фозиле дар офариниши фарзандон истироҳат мекунад. Офаранда дар офаридани фарзанди ягонаи ӯ на танҳо истироҳат, балки танбалии маҳз зоҳир намуд.

* * *

Малик тасаллои хубе дошт, бо авлоди бешумор на, бо кашфиёти беназир таърихро миннатдор кардан. Барномаи кашфиёте, ки мебоист номи ӯро зеби китоби таърихи башар мегардонд, солҳо дар дасти кор буд. Солиёни тӯлонӣ халқ дам ба дарун кашидаву нафас берун карданро фаромӯш намуда, барномаҳои ҷовидонаи маликро интизорӣ мекашид, аммо аз анҷоми ваъда дарак набуд. Ин ду ихтироъ дар сурати ба субут расидан дар илми башар мӯъҷиза эҷод мекард.

Малик аз ин ду барнома умеди зиёд дошт. Дар

остонаи ҷашни таърихӣ дар пажӯҳишгоҳи махфии салтанатӣ пайи ҳам, дар як вақт худкушӣ кардани чанд олими шинохта низ ҷоми айшашро талх накарда, баръакс боиси ифтихораш шуд:

– Дар мамлакат он қадар неруи зеҳниву ақлӣ фаровон аст, ки на танҳо барои ба субут расонидани барномаҳои пешниҳод шуда, балки барои дигар кардани сарнавишти азалии оламу одам басанда хоҳад буд, худу дигаронро тасалло дод мулкдор, марги номардонаи пажӯҳишгарони бесамарро нодида гирифта. – Ҷои холие нест, ки онро ҳамоно дигаре нагирад, ба ҷойи чанд рафта ҳазорон хоҳанд омад!

Ва ҷойи олимони худкуштаро ҳамоно онҳое ишғол карданд, ки савганди якумр ба малик вафодор будан, дар оташ насӯхтан, дар об ғарқ нашудан, ба марг таслим нашудан мӯҳри забонашон буд:

– Бояд кашфи малики маликон дар ҷашни таърихии худ оламу одамро ба ҳайрат биёрад. Магар ӯ беҳуда зистааст? Зинҳор! –таъкид кард кошифони наврӯйиди савгандбарзабонро.

– Ё марг, ё кашфиёт! – бо як овоз шиор сар доданд олимони наврасида.

– Кашфиёт! – хитобу фармонро ба ҳам оварда, ба рӯйи ошиқони худ зад малик. Мурдан осон аст, бо ишқи малик бояд зист!

– Хоҳем зист! – даст болои дилу бар чака ҷавоб гуфтанд олимони дар дил худро ба марги нотавонӣ ҳукм карда.

Малик ду барнома, балки ду кашфиёти махфии давлатиро дар назар дошт, ки беш аз чаҳоряк қарн як гурӯҳи бузурги пажӯҳишгарон машғули кор буданд. Кашфиёти аввал ба сохтани асбоби беназире вобаста буд, ки дар кафи даст ё ҷайб ҷой гирифта, мебоист фикру андешаи одамонро аз нигоҳ, таппиши қалб ва роҳу равиши эшон мехонд, медид, навор мебардошт.

Ин асбоби нестандарҷаҳон мебоист на танҳо андешаву афкори шахсро, балки андешаву афкори баъди чандин солҳо дар мағзи сар пайдо шавандаро низ хондаву дақиқ сабт мекард.

Ин асбоби аҷоиб бояст ҳамагӣ як дона мебуд, як дона барои сарвари ягона. Дар он сурат малик садсолаҳо аз дафтари корияш берун нарафта, фикру андеша, нақшаву барномаву дилу нияти миллатро донисташу санҷида, ҳукмрониву мамлакатдорӣ мекард.

Кашфиёти дигар аз аввалӣ асрорангезтар буд. Ин асбоби ягонаву якдона низ мебоист садди роҳи ба фано расидани ҳаёт ва ба абадият расидани фарзанди одам, яъне худи олиҷаноб мешуд. Ин асбоб-мӯъҷиза низ бояд ҳамчун тилисми ноаёну ҳамадон моли хосаи малик мебуду дар ҷайби рӯйи дилаш.

Он вақт олимон дар шоҳидии як мулку як ҷаҳон тантанавор ваъда доданд, ки аз кашфиёти махфӣ, аммо оламшумули худ рӯзи ҷашни малик мужда хоҳанд дод, аммо ба ҷойи пайки ифтихор хабари маргашон расид. Чун фурсати паймон ра-

сид, ваъдахилофӣ карданд. Ҳалли масъалаи дар ними роҳ мондаро ноҷавонмардона дар худкушӣ диданд. Ба рӯйхати худкушон малик номҳои дигар рақибонашро, ки кайҳо пайи нест карданашон Дастгоҳ фурсати мувофиқ меҷуст, низ илова намуд.

Дар рӯйихат номи шахсиятҳои маъруф, зиёиён, адибон, олимон ва фарҳангиёни мамлакат ҷой гирифтанд. Дар шикастани ҷоми ормонаш ӯ эшонро низ гунаҳкор мешумурд. Нобоварии зоҳирии онон нисбат ба ҳалли мусбати барнома олимонро дилшикаставу корношоям сохт.

– Бояд аз ин мардуми иғвогар як нафар намонад! – ба қарори қатъӣ омад малик пеши худ. – Онҳоро низ ба худкушӣ маҷбур бояд кард!

Малик ҳарчанд зоҳиран бепарвову беғам менамуд, аммо аз ваъдахилофии пажӯҳишгарон дилозурда буд. Ин озурдагиву дилшикастагӣ ҳоли бадашро бадтар, хаёли парешонашро парешонтар, зиндагии бесамару бемантиқашро тоқатфарсо кард.

Ҷойи олимони худкуштаро ҳамоно пур карда, хотирҷамъ шуд, аммо дархости наврасидагонро шунида,ҷойи хушнудиро дар дилаш ҳузни талхе фаро гирифт. Ихтироъкорон навдастандаркор аз малик вақт хостанд, вақти беоғозу анҷом:

– Барномаҳо яқин ҳалли мусбати худро хоҳанд ёфт, аммо баъд аз сари ӯ, бо унвону нишон, бо шӯҳрату шони дигарон. Ба чунин беадолатӣ на-

бояд иҷозат дод. – На, зинҳор! Шӯҳрату бузургӣ танҳо хоси ӯ бояд бошад!

Бозигари якумр ба бурд одат карда, ҳич бохтро баъд аз сари худ низ қабул надошт:

***Тӯдаро ҳич гуна масъулияте нест ба ҷуз ифтихори дар ҳич гуна сангар, барои ҳич гуна ҳадаф худро қурбон кардан.***

**25**

Мардуми хушбахт аз ҳама гӯшаву канори мамлакат гурӯҳ-гурӯҳ, оила-оила, саф-саф барои намоиш додани машъалаи муҳаббати худ сарафшону гулафшон вориди пойтахт мешуд. Парчамҳои рангоранги абрешимӣ тори сари хурду бузург рақсидаву печида, ҷашни сиёсиро тобишу ҳусни базми арӯсӣ мебахшид. Ҳар касро гуфтание буд дар дил, дар лаб, дар чашму нигоҳу забон, ба як маънӣ, ба як матлаб:

– Малик нури дида, гавҳараки чашми мо! – аз сафи аввал наъра мезаданд нобиноёни модарзод бо хурӯши сурх-сиёҳи эҳсоси худ биноёнро тарсондаву аз пой афтонда ва аз болои эшон бо чашми асо ба пеш роҳ кушода:

– Мо дар сангар сипари маликем! –

мехурӯшиданд маслуқони бепову бедаст чархи аробаҳои худро бо дандон тоб додаву аз ҳама пеш гузашта.

– Малики мо, давлати мо, сарвати мо! – дасти ҳамдигарро гирифта, тарона мехонданд муфлису бечорагон.

– Зинда бод малик, рӯйи сурху шаъну шарафи мо! –китфакзанону абрӯпарон месуруданд фоҳишаҳо.

– Мо аз хуну пайванди малики маликонем! Малик падари мост! – раги гардан таранг карда, чиррас мезаданд, кӯдакони партовии кӯчаву бозор, ки на танҳо аз камари кӣ арзи вуҷуд карданашонро намедонистанд, балки модарҳояшон низ ҳосили лаҳзагии нафси кӣ будани офаридаашонро ёд надоштанд. Аз мусобиқаи ба шавҳар додани модарони худ кӯдакони падардор низ барканор набуданд:

– Малико, мо ҳама ҷигаргӯшаи шумо, дилбанди шумо, фарзандони ҳаққу ҳалоли шумоем! – такрор мекарданд кӯдакон.

Бачаҳо ҳар қадар овобаланд маликро шавҳари модарони худ эълон мекарданд, ҳамон қадар аз падарони худ ҷоизаву инъоми гаронбаҳоро соҳиб мешуданд.

Кӯдакон инъомро дӯст медоштанд, модарон маликро, падарон ҳарсеро. Ҳар зани хукпарвару хокрӯб, ҳар парчамдори шуғли қадима, ҳар нобинову ношунавову маслуқ бо шарофати тифли падаршиносаш ҳамоно ба ҳамсари малик табдил

ёфта, аз бахт заминро зери пой эҳсос намекард.

Падари ҳама тифлони мамлакат будани мулкдор масъалаи муҳими давлатӣ буд, шоистаи тақдиру тақлиди башар, зеро ба табақаҳои синфӣ ҷудо шудани раиятро аз байн мебурд.

Садову симо ва матбуот зуҳури ишқи халқро ба мулкдор чунон бо обурангу ҷузъиёт пахш мекарданд, ки хурдтарин нишонаи андому сурат пинҳон намемонд. Гоҳе дар чеҳраи хандону гирёни мардуми ишқбемору маликэҷод хурдтарин ҷузъиёти ожанг, рангу бор, сурхиву сафедӣ, балки бо чӣ гуна қалам ранг додани чашму абрӯвон намудор мешуд.

Соҳибҷашн, ки ин ҳама тантана ва сӯзу гудози мадҳушонаро аз канора назора мекард, бо вуҷуди ҳама карахтиву канораҷӯйӣ ҳусни ҷашну набзи хурӯшони миллаташро хуш дошт. Дарки воқеияте, ки ин ҳама бехудиву шайдоиҳо барои ӯ ва аз ӯст, дилхоҳу гуворо буд.

Дарбор зинҳор чунин пуркору шитобзада набуд. Масъалаи масъалаҳо, бо чӣ гуна либос пеши мардум рух намудани олимақом, низ оқибат ҳалли сиёсии худро пайдо кард. Дар ҳалли ин масъалаи муҳими давлатӣ хурдтарин ҷузъиёт аҳамияти милливу давлатӣ дошт.

Сари ин масъалаи давлатӣ борҳо мутахассисон ба маслиҳату машварат нишастанд, аммо оқибат корро боз ҳам салиқаву дониши маликаи бемори аз кору бори дарбор бартараф шуда осон намуд. Ӯ барои либоси ҷашнии олиҷаноб ранги сафедро

пазируфт.

Дигарон низ раъйи мусбат доданд. Ранги ҷашнии либоси маликона – ранги сафедро интихоб карданд, рангеро, ки соҳибҷашн ҳич хуш надошт. Се ҷуфт либоси сафед, барои се мавриди муҳим; оғози кори анҷуман, мулоқот бо сарони кишварҳо, барои зиёфати ҷашнӣ.

Ҳар либос яккаву ягона буда, тарзи дӯхти дигарро такрор намекард. Маликаи аз забон монда масъалаи муҳими милливу давлатии бо чӣ гуна либос дар ҷашни худ зуҳур кардани маликро ҳал намуда, маликаи мамлакат будани худро низ фаромӯш накард. Барои худ низ се ҷуфт либос супориш дод, ҳама аз матоъи сиёҳ.

* * *

Ҷашнороёни мутасаддии маъракаи мутантан борҳо пинҳону аён ба роҳ андохтани барномаи ҷашниро ба соҳибҷашн хотиррасон карданд, аммо аз санг садо баромад аз ӯ не. Ҳарчанд минбаъд бо ин пайкараи фартут ҳокимият кардану салтанат рондан имкон надошт, мебоист ба хотири ҳадафи волотару муҳимтаре то ба поён расидани ҷашни таърихӣ таҳаммул мекарданд.

Миллати аз бозиҳои пасипардагии сиёсат бехабар дар ҳама ҷо сару сарвари худро интизор буд, аммо ин бечораи худо нақши худро то ба охир бозида-набозида, дар ними намоишномаи фоҷиа–мазҳака аз пой афтод. Дастгоҳ ба малики фартути дар поёни бозӣ аз пой афтодаву аз забон

монда гӯӣ раҳм кард, ки ӯро чун колои нозарур, чун лӯъбатаки бефоида ба ахлотдони сиёсат нафканд. Инсофан шахсияти ин пири барҷомонда дар пиёда кардани аҳдофи офаридгораш камаҳамият набуд. Солиёни дароз ин лӯъбатаки худсохтаашро чунон ба нафъи худ устокорона ва бераҳмона кор фармуда, хунашро аз рагу пайвандаш макид, ки дар охир аз ӯ ба ҷуз хӯсаи хаставу пакар чизе боқӣ намонд. Алъон аз ин хӯса низ бозии зиндагиофар чашмдор буд, аммо ҳайҳот.

Дастгоҳ аз симои беранги чашмони бенури соҳибҷашн яқин дарёфт, ки минбаъд ҳич гуна қувва ин пиракии аз оламу одам безорро мисли пешин барои бозидани нақши худ дар намоишномаи қадимаи сиёсат маҷбур карда наметавонад. Ҳамаро дар зери чарх аввалу охирест, сиёсатро низ, сиёсатмадорро, сиёсатбозу сиёсатбозиро низ. Пиракии бечора низ дигар чизи менамудагӣ ва мегуфтагӣ надошт, аммо ба дарёфти коргардон нақши худро то ба охир набозидани ин ҳунарпешаи беҳунар ба зарари кор буд.

Чашми севуми малик низ гӯё сӯйи ақиб, сӯйи рӯзгори барҳадар сипарӣ шудааш кушода шуд, ки ӯ зиндагии худро ҳамчун ҷоиза на, ҳамчун ҷазо дарёфт. Ба назараш рӯзе, ки аз байни миллионҳо чашми ҳамабину ҳамасанҷи Дастгоҳ маҳз ӯро барои ороиши тахтутоҷ интихоб кард, ба ғазаби худо гирифтор шуд. Ҳарчанд ӯ ва ҳафт пушташ, зинҳор ба кашфи асроре, ки чаро

Дастгоҳ маҳз ӯро интихоб кардаву ба танҳоии ҷовидона маҳкум кардааст, қодир набуд.

Малик бадбахтии худро, умри дар ҳавову ҳавас бар бод додааш, тиллоро бо мис иваз карданашро хеле дер дарк кард. Ба назараш гадои кӯча бо озодии хеш аз ӯ хушбахттар буд, зеро озод набуд.

Аз чашма бо каф об нӯшида натавонистан, аз кӯҳу даман бидуни муҳофизу посбон гул чида натавонистан, ба ташнову ҳоҷатхона бо камондор рафтан, ба дунёи равшану нозанин аз чашми равзан нигаристан, сухани худро надоштан, каломи сиёсати дигаронро тӯтивор такрор кардан, хешу табору ёру дӯсти худро бе рухсатномаи махсус ба хона даъват карда натавонистан... чизи наве набуд, аммо маҳз ҳамин нотавонии маликона дилашро ба оламу одам хунук кард. Бидуни ҳазорон агару магар нафас гирифтан ва ин кӯргиреҳи димоғро бо ифтихори аблаҳона зиндагонӣ номидан, гузашта аз он барои чунин зиндагии бадтар аз марг мардумро ба хоку хун кашидан ва худро низ ба барраи қурбонӣ табдил додан ба назараш бемантиқу бемаънӣ намуд.

* * *

Мусиқии мутантан бистучаҳор соат як лаҳза қатъ намешуд. Меҳмонони олимақом, шоҳону маликону раисони мулкҳои дуру наздик пайи ҳамдигар ба мамлакати афсонаҳо ханда дар лабу сулфа дар мушт ворид мешуданд. Соҳибҷашн ин ҳама салобату ҳашаматро тавасути садову симо медиду мешунид. Ӯ мавҷудияти худро дар

воҳимаи шавқу шӯри дигарон дӯст медошт.

Шӯру қиёми зуҳури ишқи халоиқ ба малики худ дар наворҳои рангоранг қиёмат эҷод мекард. Аксар наворҳо бо ҳама кӯҳнагӣ ҳушу ёди соҳибҷашнро мерабуданд. Ӯ худро дар наворҳо ва наворҳоро дар пардаи дидагонаш мепарастид. Соатҳо ҷавонии хешро аз сарубар, аз гирду пеш тамошо мекард.

Одатан дар чунин мавридҳои аҳамияти сиёсиву давлатӣ дошта, мулкдор хараи наворҳоро пеши худ гузошта, ҳамканори ҷому сабӯ аз тарзи либоспӯшӣ то табассумҳои сохтаву дастафшониҳо, аз нигоҳ то абрӯ гиреҳ кардану боз намудан, то ғаб-ғаби дамидаву шиками варамида, хулоса, саропойи худро дар тарозуи завқи назар дидаву санҷида, сипас мақбулашро барои тамошои мардум иҷозат мефармуд.

Коргардонҳои садову симо, хоса, раҳбари калу чиркинаки ин дастгоҳи муҳими салтанатӣ, ки наворбардор ва коргардони шахсии малик низ буд, хулқу атвор, завқу салиқаи ӯро чунон дақиқ омӯхта буд, ки аз кадом гӯша, дар кадом ҳолат, чигуна ба навор гирифтани олимақомро мисли даҳ ангушти худ медонист.

Бо шарофати ҳунармандии ӯ қади чаҳоркунҷаи олиҷаноб ба сарв табдил ёфта, шиками дамидааш ба пушташ мечаспад, аз таҳманаҳи халтамонандаш нишоне намемонад. Табиист, ки малик аз дидани чунин худи бегона кайф мекард. Сарватмандтарин шаҳрванди мулк ҳамин калаки чирки-

наки гурусначашм буд, ки ҷойи ҳайрат надошт.

Мегӯянд, як нишонаи сиҳат наёфтани бемори миранда сараввал аз хӯрдани гӯшт, ки воқеан хоси табиати инсонӣ нест, даст кашидани ӯст. Малик бидуни ҳич гуна шарҳу эзоҳ якбора ба шуғли дӯстдоштааш, тамошои наворҳои худ дилсардӣ зоҳир намуда, аввал ёварону мушовирон, сипас, худи низомро ҳайрон кард.

Ғарами наворҳои кӯҳна-нав ба пушта мубаддал мешуд, аммо ҳич кадомро майли тамошо кардан надошт. Сӯйи сандуқҳои симои бистучаҳор соат рақсандаву таронахон ва наворҳои бешумори худ гоҳ-гоҳе менигарист, оҳ мекашиду сар метаконду чизе намегуфт.

Мисли пешин дигар аз дидани худ дар ойинаи ҷаҳоннамо кӯдаквор шодмонӣ намекард, доварона намуди ғуруру ифтихор намегирифт, балки зудтар гузаштани баъзе саҳнаҳоро хостгор шуда, заҳраи раиси чоплус симоро ба кафидан наздик меовард.

Барномаҳои ҷашнӣ дар шукӯҳу салобат яке дигареро бармезад. Наворҳои пур аз малик беист ҷоҳу мақоми соҳибҷашнро дар мамлакатдорӣ, сиёсатмадори олиро дар миқёси ҷаҳон, мулоқотҳояшро бо халқ, мӯъҷизоти офаридаашро дар илм, фарҳанг, адабиёт ва давлатдорӣ ва ишқи оламгири мардумро ба олимақом бо ҳазору як лаҳҷа менамуданд.

Халқ бо ҳазору як сифате, ки соҳибҷашн ба маънии аксар расида наметавонист, ӯро ҳамду

сано мегуфтанд. Дар забони маддоҳон ӯ паёмбареро мемонд, ки гӯё аз осмонҳо барои наҷоти башар ба замин роҳӣ шудааст.

Наворҳои маликдорро беист барои намоиш мегузоштанд. Чанд лаҳза хабарҳои тозаро пахш карда, халқу кишварро аз ташрифи меҳмонони олиқадр ба ҷашни бузург огоҳ мекарданд, дигар бистучаҳор соат халқ мемонаду симои азизи малик... Садову симои мулк ва ҳазорон дастандаркорони маддоҳ танҳо ба хотири як нафар кор мекарданд.

Дар ин маъракаи унвону нишону ҷоизабахшӣ, аз наворбардору коргардон то равшанидиҳандаву муҳандис ҳама умедвори чизу чизаке буданд. Аммо малик гӯё ин ҳама лутфу марҳамату ишқро намедид.

Оне, ки ин ҳама меҳру муҳаббати миллионҳо нисораш буд, дар дили ҷашн қарор дошта, аз он фарсаххо дур афтода буд.

Нишонаҳои аёни камҳавсалагиро дар нисбати тамошои сурату симои худ намоиш дода, худро дар мамлакат, мамлакатро дар худ мегунҷонд. Ҳангоми қадамшуморӣ агар ба дидани ҷамоли худ майл мекард, ҳамоно сандуқи чархдори симоро пешопеш тела дода, воситаи айши нигоҳи олиҷанобро фароҳам меоварданд. Дар чунин ҳолатҳо малик гоҳе якбора дар ҷой истода, ба садои мусиқии суруди миллии ин ё он давлат гӯш медод.

Тавассути мусиқиву суруди миллӣ ва парчами

мамлакат, бо кӯмаки нотиқони оташинсухан меҳмони навбатии ҷашни худро донистан мехост. Чун саводи ҷуғрофияш ноқис буду ҳавсалааш пир як мулкро бо мулки дигар монанд намуда, ҳамоно ҳар дуро фаромӯш мекард.

***Одамон аз пириву беморӣ на,***
***аз хастагиву дилмондагӣ мемиранд.***

**26**

Онҳо ҳангоме ба майдони ҳавоии ҳарбии салтанатӣ расиданд, ки ҳавопаймои ба замин нишаста чархакҳояшро ҳанӯз бо суръат тоб медод. Ронанда мошинаи сиёҳро рост ба зери шиками ҳавопаймои хокиранг, ки каргаси мурдахӯрро мемонд, ронд. Бори наврасидаи аҳамияти давлатӣ дошта, махфӣ буд. Мошина ғеҷида – ғеҷида таги шиками ҳавопаймо, дар нуқтаи муайяншуда қарор гирифт. Раиси Дастгоҳ аз даруни мошина хунсардона ҳар як ҳаракати афсарону дастёронашро аз таги айнаки сиёҳу ойинаҳои тори мошинаи сиёҳ таҳти назар дошт.

Дар сандалии нишастгоҳи ақиб зани сиёҳпӯше, аниқтар шабаҳи лоғару нимҷоне менишаст, ки дар назари аввал андомашро аз либоси танаш фарқ кардан мушкил буд. Ӯ майли аз мошина берун рафтан кард, аммо муваффақ нашуд. Панҷаҳои беҳолаш ба дастаи дар расида, чангак мешуд. Дили хаста дар қафаси сина майли туғён

кардан дошт. Дили бемадораш аз пешомади андӯҳи гароне, ки кайҳонсӯзашро эҳсос мекард, дарак медод.

Модар ҳамеша модар аст. Ҳанӯз дар як кунҷи дилаш оташаке ниммурда гармӣ дошт. Умедвор буд, ки писарашро хоҳ пӯст бошад, хоҳ устухон зинда хоҳад дид. Бачаи рӯйнодидашро, умеди аввалину охиринашро чун як қулт оби чашма дар биёбони сӯзони танҳоӣ интизор буд. Аз он ки ҷигарбандашро дар чунин ҳавопаймои махфӣ ба Ватан гусел карданд, ҳайрон нашуд. Ӯ низ як ҷузъи давлати абарқудрат буд ва махфӣ нигоҳ доштани сирри давлатиро дар ҳар ҳолат шарту зарур медонист.

Дишаб малика бори нахуст ба истиқболи малик назди тирезаи ҳамеша бози қаср пайдо нашуд, зеро пуркор буд. Хонаи писарашро бо дастёронаш ороста кард. Медонист, ки маризи қотил фарзанди ягонаашро ба пӯсту устухон табдил додааст. Ӯ ин пӯсту устухонро бештар аз пештар дӯст медошт. Алъон ӯву ҷигарбандаш ҳамқисмат буданд, ҳар ду аз меҳр бенасиб, ҳар ду аз ёдҳо рафта, ҳар ду асири марг. Хуб медонист, ки аз ин бемории қотилу шарманда кас ҷон ба саломат натавонад бурд. Бо аҷал сӯҳбати ҳакимонаву модарона меорост: « Ҳич модар набояд пас аз фарзандаш захри аҷалро бинӯшад. Мани бадбахт набояд марги ҷигарбандамро бубинам!.. «

Баъди чанде аз рӯдаи ҳавопаймои ҳарбӣ афсари сарднигоҳе, ки дар назари аввал пайкараи бо-

зичаи оҳанинро мемонд, берун шуда, назди мошинаи сиёҳ омад ва даст ба чака бурд.

Раиси Дастгоҳ хомӯшона бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Афсар шитобон ба даруни ҳавопаймо даромад ва лаҳзае нагузашта, бо чанд тани дигар пешопеши сандуқи оҳанин берун омад:

– Оҳҳҳ! Худоё! – ҷунбиданд лабони хушки зан.

Ин сандуқ, ки дар шеваи ҳарбиёна ҳамчун бори рақами дусад ёд мешуд, аз дигар сандуқҳо бо ҳашамату гаронии худ фарқ мекард, зеро андаруни сандуқ – тобути гаронбаҳои боҳашамат, ҷасади яхбастаи яккаву ягона меросхори малики мамлакат мехобид.

Ҳарчанд пеши аҷал шоҳу гадо баробаранд, магар ҷанозаи маликзодаву хокрӯб метавонад ҳамранг бошад?! Барои марг фарқ надорад, аммо пеши зиндаҳои шоҳу гадосоз бешубҳа, аз замин то осмон фарқ хоҳад дошт.

Тобути маликзода бо ҳама ҳашамату гаронқиматӣ нишонае аз ҳақириву бечорагиро дар худ таҷассум мекард, ки дар забони омиёна бесоҳибӣ шарҳ дошт. Нигоҳи ҳасрату даҳшати модар тобути писари бесоҳибашро фаро гирифта, шах шуд:

– Ҳамдардем, малика! – шунид садои сарди ҳамроҳашро. Аз ҳақиқати талх ҷойи гурез нест:

– Оҳҳҳҳ! Худоё!

Марги фарзанди шумо сирри давлатист. Шумо инро аз дигарон хубтар медонед. Мард бошед

малика!

– Худоё!

Лабони хушкаш бо ҳам гӯё ширеш шуд. Нафасаш дар гулӯяш банд хӯрд. Ҳарчанд аќлаш бар он чӣ дид, бовар намекард, худро фиреб доданаш мушкил буд:

– Писари ғарибмаргам! Шаҳбози ғӯррамаргам! Уууу!

Лаҳзае ба назари модар чунон намуд, ки ин манзараи даҳшатнокро дар хоб мебинад ва ин қуттии сурбӣ ба фарзанди ӯ муносибате надорад. Аммо дарки ҳақиқат ногузир буд.

Модари бечора бо андӯҳи гарон дарёфт, ки ҳар он чӣ дар зиндагӣ аз мавҷудияташ боқӣ мондааст, андаруни ҳамин қуттии оҳанини сард ниҳон аст ва он низ дигар ба ӯ тааллуқ надорад:

– Хок бар сари модарат, писарам!

Раис норизо ба зан нигарист, аммо чизе нагуфт. Чун тобут– сандуқ ба мошинаи сиёҳ наздик расид, нолиши модар сӯзноку пур аз дуд шунаво шуд;

– Модари зоратро кӣ гӯр мекунад, Писарам!?

– Аввал бимир, гӯркобу гӯркун ёфт мешавад, – зери лаб ғурунгид ҳамроҳаш норизо.

Модар мехост рӯйи фарзандашро бубинад, сари писарашро бори охир рӯйи зонуи худ бигузорад, чеҳраи солҳои сол надидаи ҷигарбандашро бӯсаду бӯсад ва фиғонашро ба сари шаби сиёҳ чодарвор паҳн бикунаду аз моҳу ситорагоне, ки дар ин зулмати асрорпӯш аз осмони баланд ба

ҳама пастиҳои ин олами фонӣ сарду бедард менигаристанд, мадад бихоҳад...

Ба истиқболи тобути оҳанини фарзанд баромадан хост. Дари оҳанинро бо китфони хушкаш тела дода, баромаданӣ шуд, аммо натавонист. Дар баста буд.

Ӯ нолиши беҳолонае аз димоғ сар дода, ба ҳамроҳи бераҳмаш муроҷиат кард:

– Рӯйи бачама ба ман нишон диҳед!

– Рӯйи писарата дар қиёмат хоҳӣ дид, – нимғурма гуфт ҳамроҳаш.

– Бераҳм! Бешафқат! Чашмонатро меканам! – панҷа боз кард уқобмодари захмин шояд бори аввалу охир ба рӯйи пайкараи бешикасти давлат давида.

Раиси Дастгоҳ, ки то ин дам аз тобутбардорон чашм намеканд ва гӯё шабаҳи наздаш нишастаро намедид, дар мушт баланду пурмаъно сулфид. Сулфаи мисли ях сардаш ба хандаи истеҳзо мубаддал шуд ва гӯё нохост бо оринҷ маликаро тела дод. Зан монанди дарзаи хас якпалӯ ба рӯйи сандалӣ парӯ шуда, аз ҳаракат боз монд. Баъди чанде таконе хӯрда, ба худ омад ва гӯё хиёнати нобахшидание зоҳир карда бошад, тарсону ҳаросон бо табассуми пур аз узр ба гирду атроф нигарист.

Нигоҳи тирдори Раиси Дастгоҳ дар чеҳраи бехунаш нақш баста, сардтару бераҳмтар шуд, забон баровард. Зан фиғони ба лабаш расидаро сахт газида, ҳиккаке заду хомӯш шуд: Ӯ забони ин нигоҳро хуб мефаҳмид:

– Магар маликаҳо гириста метавонанд? Зинҳор! Онҳо ба гиристан ҳақ надоранд. Барои ғами худро нолидан бояд иҷозат бихоҳанд. Барои

гиристану хандидан бояст иҷозати махсус дошт!

Оне, ки дар сари тобути оҳанини ҷигарбанди ба қавле бо пой рафта, бо сар омадааш иҷозати гиристан надошт, оби даҳонашро базӯр фурӯ бурда, ҷонкоҳ нолиш кард;

– Маро бубахш писарам, ман модари хуб набудам!

– Ту ҳамсари хуб низ набудӣ, ғазабу нафраташро ба ҳам омехта, зери лаб гуфт раиси низоми оҳанин.

– Инро аз малик, аз шавҳари ман бояд пурсид, эътироз кард мухотаб бо нимово.

– Чӣ ҷойи пурсидан. Инро ба касе гӯ, ки туро нашносад. Як умр аз ҷогаҳи хоб сар карда, то корҳои давлатӣ аз паси шавҳари худ ҷосусӣ мекардӣ.

– Ҷосусии ман ба фоидаи мамлакату миллат буд!

– Лутфан акнун низ ба фоидаи миллату мулк даматро набарор. Чун навкари мо хуб медонӣ, ки шармандагии марги писаратро, ин асрори давлатиро бояд пинҳон кард! Аммо ту дидаву дониста, ҷашнро ба мотам табдил додан мехоҳӣ. Зарур шавад, на танҳо марги писаратро, балки марги шавҳаратро, марги худатро низ барои сад сол аз мардум пинҳон хоҳем кард!..

Чаҳор афсари чорпаҳлӯ аз чаҳор дастаи сандуқи оҳанин дошта, гӯё деги чаҳоргӯшаеро мебурда бошанд, аз назди модари зор гузаштанд. Афсари содиқу бовафои Дастгоҳи абарқудрат ҳарчанд неруву фараҳ надошт, модар буд. Ӯ ғайричашмдошти сарвари бераҳмаш якбора аз ҷой канда шуда, аз зиндони оҳанин берун ҷастан,

сандуқи сардро бӯсидан хост, аммо сараш ба дарҳои қуфлзадаи мошинаи сиёҳ бархӯрда, ақибнокӣ афтод.

Модари бечора, андаруни мошинаи дастгоҳи маликсозу маликкуш чун мурғи бисмил дар худ тапида, оқибат ба бечорагиву беқувватии худ тан дода, ҷисми нимҷонашро ба курсиҳои баланду нарми мошинаи сиёҳ партофт.

Ногоҳ ба ҷойи нолаву фиғон, қаҳ-қаҳаи сарду гӯшхароше ба рӯйи Раиси Дастгоҳ сар дод. Маликаи мамлакат ба рӯйи мармарини Раиси Дастгоҳ менигаристу бехудона, бо нафрати аён, беҳолона гириста, механдид. Акси садои хандаи гиряи нотавонии модари зор ба сару рӯйи ин пайкараи аз санги хорои сиёсат сохта шуда, бархӯрда, боз ба дили беҳоли ғамзада бармегашт.

Қаҳ-қаҳи мадҳушонаи зани бадбахт гӯё аввалу охир надошт. Овои хандаи зан оқибат пасту ношунаво шуд. Он қадар паст шуд, ки онро ҷуз худаш каси дигар намешунид.

Афсари оҳанини сиёсатро як тори мӯй аз ин хандаи даҳшатноки фиғони зан наҷунбид, гузашта аз он сари андешае қарор гирифт. Ӯ ба зан менигаристу андешаи ҳарчи зудтар аз ин хонаводаи пӯсидаи ба фанорасида халос кардани мулкро пеши худ тарҳрезӣ мекард:

– Ин дудмони пӯсидаро ба ахлотхонаи таърих бояд партофт!

Зан ҳанӯз ханда-гиряи маҳкумкунандаашро ба поён нарасонда, ҳукми хонаводааш омода шуд.

Вақте сандуқро ба мурдаяхдони мошинаи тиббӣ гузоштанд, модари бадбахт нафасгир шуд. Гардани беҳолаш бори сари сахташро бардошта натавонист.

Садои беҳолона ба дари мошина бархӯрдани сари зани нимҷон низ пинаки ҳамроҳи бераҳмашро халалдор накард.

Корвони мошинаҳои сиёҳ ба роҳ даромад:

– Дидор то қиёмат, писарам! – беҳолона нолиш кард модари зор аз бечорагии ҳол, аз нотавонӣ, аз шиддати дарду ғам кафи дасташро газидаву хуншор карда.

Ҳамроҳаш гӯё аз мавҷудияти маликаи мамлакат бехабар бошад, чашмони сарду бераҳмашро аз шоҳроҳи сиёҳи шабона намеканд.

Маликаи мамлакат, ин рамзи нозарури хонаводаи ба фано расида, барои Дастгоҳ, давлат, салтанат ва сохтор дигар як пули сиёҳ қимат надошт.

Маликаи нимҷон тобути фарзанди ягонаву рӯйнодидашро бо нигоҳи бепаноҳ гусел карда, дар ҷойи нишасташ мемурду зинда мешуд.

Раиси Дастгоҳ хиёбонҳои идонаи шаҳри чароғонро, ки аз ҳузури миллати ошиқ як ваҷаб ҷойи холӣ надоштанд, хушҳолу қаноатманд тамошо мекард.

***Мамлакат базм дошт, миллат***
***мерақсид, малика рахти сафар мебаст…***
***Вақт барои ба ҳоли эшон хандидан вақт на-***
***дошт.***

## 27

Малика бо даҳони нимроғ рӯ ба шифт хобида, нафасҳои кӯтоҳашро дар гулӯ тоб дода, пуф мекард. Аз ҷони ба лаб расидааш умед набуд. Духтурон машварат ороста, оқибат маликро ба ҳуҷраи бемор даъват карданд. Нав аз сари дастархони шоҳона хеста буд, табиист, ки сархушу сари ҳол. Дандонковаки нӯгтезе дар даст дандонҳои сунъии садафияшро, ки ба кофтан зарурат надоштанд, ковидаву калавида ба ҳуҷраи бемор, гӯӣ ба дафтари кори худ ҳокимона ворид шуд. Дар назди кати бемор ист карда, барои аз пой наафтодан дастаи катро сахт дошт ва ба маликаи дар дами сакароти мавт қарор гирифта, сарду беҳис нигарист. Рӯйи ба фатири сӯхта монанди бемор низ аз худ ҳич нишонаи зиндагӣ нишон надод.

Малик аз бемор чашм намеканд ва намедонист, ки чаро айши ӯро талх карда, ба ин ҳуҷраи пур аз бӯй даъваташ кардаанд.

Нохост дар мағзи аз таъсири оби оташин сӯзонаш хоҳише пайдо шуд, ки бо дандонкови сихнӯг фатири рӯйи маликаро муғпар бизанаду

зиштии симои мулкбонуро рағд[1] созад. Ин буд, ки дандонковакашро аз даҳон берун кашида, ба рӯйи бемор хам шуд. Дили сартабиб, ки дар поёни пойи бемор амри маликро интизор буд, ба кафи пояш расид. Аз ин пири аҷлкоста ӯ ҳама гуна амали бераҳмиро чашмдор буд. Ӯ шитобон назди малик расида, суолдор ба ӯ нигарист:

– Хостам дандонковаки нав ба малика ҳадя кунам, ёдам омад, ки дандон надорад. Ха! Ха! Ха!

Малик аз дигар дандонковакро ба даҳонаш андохта, лабҳои тунукашро тӯта кард. Сартабиб араќи сарди пешонияшро ноаён бо каф пок намуда, набзи маликаро зери ангуштон гирифт:

– Мемирад? – суол кард малик бо овои сард.

Сартабиб ҷавоб надод. На танҳо ба ҳоли шаҳбонуи ба охири роҳи умр расида дилаш насӯхт, балки ин дидорбинии охирину нодилхоҳ рӯҳашро коҳонд. Ӯ дар сакароти ногаҳонии ҳамсари худ ҳукми қазоро на, балки қасосу ҷазоро маънидод кард:

– Ёфтӣ вақти мурданата! – Чанд рӯзи дигар сабр накардӣ? – дандон совида, ғазабашро фурӯ мебурд сармасти таҳқиршуда. – Оё намедонӣ, ки ҳолӣ, ҳаққи мурдан надорӣ?!

Бемор ӯро нашунид.

– Қасд мегирӣ-а?

Гумоне, ки ин арвоҳ барқасд барои ҷашни ӯро ба мотам табдил додан худро миранда вонамуд

[1] Рағд – андова

сохтааст, майнаашро фишурд, ки даст бар сар задаву пешонаашро молида гуфт:

– Албатта, қасд мегирӣ. Агар қасд намегирифтӣ дар остонаи тантанаи ҷашни ман, ки оламу одам ҳама ба муборакбодӣ расидааст, якбора дамат нагирифт.

Ба назараш ранги малика андаке дигар шуд, ки овояшро баландтар сар дода гуфт:

– Ту ҳамеша аз ман оқилтар будӣ. Ин дафъа ҳам маро қоил кардӣ! Аблаҳ! Не, не, аблаҳ манам, на ту! Барвақт ба поёни таърихи беморият нуқтаи халос гузоштан даркор буд!

Малика мемурд, малик ғазаб мекард. Бидуни ҳадафе ҳуҷраро тарк намуда, аз нав пайдо мешуд. Даробарои бемавриду бемантиқаш табибону ёваронашонро озурда мекард. Ҷангаш бо ҷасади нимҷони болои кат беамон буд. Кулли заҳри таънаву дашноми дар заҳрааш ҷо гаштаро ба ӯ муносиб медонист, аммо бемор ӯро на медиду на мешунид. Ҳоли бемор якбора бад шуд. Табибон маликро ба ҳоли худ гузошта, гирди кати бемори равандаро печониданд.

* * *

Аҷаб ҷонзодест одамизода. Оне, ки ба орзуи даҳшатноки худ, оқибат бидуни кӯмаки «як сӯзандору» расида буд, оне, ки ин шабаҳи нимҷонро оқибат омодаи сафари диёри хомӯшон дарёфт, чун ҳушёр гашту ба худ омад, афту дарафти табибонро бо марг дида, ғамгину афсурда-

ву дилшикаста шуд.

Оне, ки ҳамеша чанду чандон буд, занеро, ки ба гумонаш ними оламро гӯронида, худ зинҳор нахоҳад мурд, дар дами сакароти мавт дарёфта, якбора ба ду одам тақсим шуд: ба ду одами чун ҳамеша бо ҳам муқобил. Яке марги маликаро таманно дошт, дигаре зиндагияшро.

Маликаи ҳучбемор хурӯҷи ин маразни табобатношавандаи қарнро бо кӯмаки сӯзандоруи дарднишон ва қурсу дармонҳои бешумор сари по мегузаронд. Аз болину бистар фирорӣ, ҳамеша сари кореро дар даст дошт. Табибон низ ба ҳолати байни маргу зиндагии малика одат карданд. Ононе, ки тайи дил вақту мӯҳлати реҳлати мулкбонуро пешбинӣ мекарданд, низ дигар дар мондану рафтанаш фол намекушоданд. Ӯ пайкараи ҷовидонаи мумиёкардаро мемонд.

Чанд моҳ пештар низ ҳамчунон дарди қотил авҷ гирифт. Ҳамчунон табибон дар гирдаш парвона шуданд. Ҳамчунон маликро даъват карданд, он гоҳ низ маст буду дур аз раҳму шафқат.

Он гоҳ малик айби ҳоли табоҳи маликаро бар дӯши сартабиб бор намуда, гунаҳкорро дар рӯбарӯяш рост гузошта, ба истинтоқе, ки аз он лаззат мебурд, оғоз кард:

– Табибон бояд ҳама дардро пешакӣ дарк намуда, дармон кунанд, монанди обуҳавосанҷон, аммо ту ҳамеша пас аз базм нақора мезанӣ.

Сартабиб ба муносибати омиёнаву беадабонаи малик дар тӯли солҳо одат карда буд, ҳарчанд ин

одати ночор дар худ тарсу ларзаву ҳароси фоҷиа дошт. Соҳибихтиёр мебуд, лаҳзае дар ин Кохи осмонбӯси одамонро ба хоки роҳ кашанда, ист намекард. Боре аз иҷрои вазифа саркашӣ намуда, ҳамоно ҷазояшро дид. Хонааш сӯхт. Вақте ки ба манзилаш наздик шуд, сӯхтори азимеро дид, ки буду шудашро дар мекашид. Аҳли оилаашро зиндаву саломат дарёфта, шукри худойро бар ҷой овард. Пеши худ тасмим гирифт, ки минбаъд зинҳор ҳаёту мамоти азизонашро бо исёнҳои аблаҳона ба хатар нахоҳад гузошт.

– Маликаро куштӣ, акнун зиндааш кун! – шунид он гоҳ ҳукми мастонаи маликро. Аммо соили бехуд ҳамоно файласуфона ба суолаш суол илова кард:

– Ҳар оянда равандааст! Ӯ меравад! Аҷабо, ӯ меравад ё мемонад? – такрор кард суолашро.

– Рафтану мондани мо ба худамон вобаста нест, нимшунаво посух дод мухотаб.

– Ҳарза нагӯ, намефаҳмам. Бигӯ, ки чӣ бояд кард?!

Сартабиб хомӯширо тилло шумурд. Ӯ хуб медонист, ки такудави малик ва майли аз он дунё баргардонидани малика, аз ишқи сӯзону меҳру вафо набуда, худнамоист. Борҳо дар нигоҳи бераҳми ӯ зудтар фаро расидан, балки фаро расонидани марги иҷбории маликаро хонда худро ба нодонӣ мезад:

– Ҳамагӣ як сӯзандору, як сӯзандору!

Дилаш ба ҳоли шаҳбонуи вафодору оқила, ки ҳаёту мамоташро ба як марди бераҳми худпараст бахшида, дар поёни умр тоқаву танҳо монда буд, месӯхт:

– Ҳамагӣ як сӯзандору, як сӯзандору! – Чаро як сӯзандоруро аз ҳукми малику марги малика авлотар донистӣ? – чунин буд маънии ғазаби сӯзону

суолҳои бемаънии малик дар сари бемор.

Малик на танҳо дар мастӣ, балки дар ҳушёрӣ низ борҳо ба ин муаммо ишора карда буд, аммо он гоҳ ва минбаъд низ аз санг садо бархосту аз ӯ не:

– Чӣ бояд кард? – бо ғазаб такрор кард он гоҳ малик дар сари бемори беҳуш рост истода.

– Ҳеч чиз! – ҷавоб гуфт нигоҳи табиби дарбор. Маргашро мехостӣ, акнун, ки ба муродат расидӣ, боз чӣ мехоҳӣ?!

Малик дар қатъияти хомӯшии сартабиби дарбор, ки барои сабру тамкин ва ҳақиқатпарастияш дар ғоибаш Мизонаш меномиданд, ҳукми ногузири сарнавиштро дарёфта, сардии нигоҳашро оташ дод:

– Малика мемираду шумо хомӯшона нигоҳ карда мешинед?!

Хомӯш будан бехатар набуд, ки Мизон лаб ба сухан во кард:

– Дунё боумед, малик! Беҳтарин табибони олам дар хидмати маликаанд, –гуфт нобовар сартабиб.

– Магар Дастгоҳ намедонад, ки малика мемирад?

– Медонад. Дастгоҳ ҷон гирифта метавонад, ҷон бахшида наметавонад! – шунид овози шиносеро аз пушти сар. Садои Дастгоҳ сарду оҳанин буд:

– На танҳо малика, худат низ бимирӣ, базм ба мотам табдил нахоҳад ёфт!

– Наход? – Нееее! –кӯдакввор эътироз кард мулкдор.

Ба тани аз таъсири шаробу наму гармаш ҳамоно мурғаки сардӣ дамид. Бемори равандаро фаромӯш кард ва худро дар рӯйи кати симпеч ба ҷойи ӯ дарёфт. Ҳолати ҳолаш ногоҳ аз вазъи бемор убур карда, ба ҳолу ҳолати худаш бархӯрд.

Вақтҳои охир бо ҳама карахтиву беҳисӣ дар рафтору кирдори офаридгори худ тағйироти чашмрасеро медид. Эҳсосаш фиребаш намедод. Барои Дастгоҳ ӯ ва хонаводаи ба фанорасидааш дигар қимате надоштанд.

Барои Дастгоҳ сари ҳол овардану ба анҷуман шоиставу сазовори мулкдор гуселонидани ҷашноро, аз миллат пинҳон доштани марги маликзода ва дар дами сакароти мавт қарор гирифтани малика муҳимтарин масъалаи ҷашнӣ ба ҳисоб мерафт.

Лӯъбатакон кай донанд, ки шикастанашон беш аз ҳама барои лӯъбатаксозон дардовар аст. Дастгоҳ як лӯъбатаки ба шикастан расидаро дар зери мусиқии мутантану рақсу суруди тӯда ноаён аз байн бурда, санъати дигареро ба ҷойи он сохтаву ба тамошои манфиати сиёсат гузоштанро корбаст мекард.

* * *

Малик ҳуҷраи беморро тарк карда, ба долони дароз баромад. Қадаҳи саршори майро дар кафи нозанини лӯъбатакнамо нодида гирифта, худ аз кӯзачаи булӯрин ба ҷоми тиллоӣ шароб рехта, фаврӣ ба сар кашид. Соқибонуи маҳзун беҷуръатона дар ҷояш шах шуда, на истоданашро медонист, на рафтанашро.

Нигоҳи пур аз тамаъи нозбонуро дар хуну пӯст ҳис карда, нохосту якбора ба қафо гашт. Чанде ба ҷому сабӯ ва соқии нозанин нигарист. Чизеро ба хотир овардан хост, аммо муваффақ нашуд. Беҳису димоғсӯхта ба шуғли дӯстдоштааш қадамшуморӣ машғул шуд. Қадаммонияш мисли пешин боҷуръату мустаҳкам набуд.

Ӯ дубора ба ҳуҷраи бемор бар гашт. Мизон бо ҳарос дарёфт, ки мулкдор оби оташинро аз меъёр

бештар истеъмол кардааст ва дар чунин ҳолатҳо ба ҳар амали номатлуб қодир аст. Ӯ хато накарда буд. Малик ҳукмеро, ки сартабиб дар зеҳн дошт, ба забон овард;

– Ту қотили маликаи мамлакатӣ, мефаҳмӣ, қотил?! Ӯ бо гуноҳи ту мемирад!

Рангаш канд. Марди ҳамеша бомулоҳизаву ботамкин худро аз даст дод. Оне, ки аз таъсири бехобиву бори сангини масъулият сахт хаставу бемадор буд, зарбаи ҳукми ногаҳониро таҳаммул карда натавониста калавид. Барои аз пой наафтодан пояи кати беморро дошт ва дасти чун навдаи ток хушки маликаро дар кафи худ дарёфта, ноаён онро фишурд.

Малик Мизонро ба хоки бечорагӣ нишонда, ба табибе, ки аз хориҷи мулк даъват карда буданд, рӯй овард:

– Малика мемирад, мефаҳмед, мемирад!

– Мефаҳмем, аммо чӣ илоҷ! – Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал!–гуфт табиб-меҳмон бо тамкин ба ҳикмати Бӯалӣ, ки як бари деворро зеб медод, ишора карда:

– Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал!– канда – канда хонд мулкдор. Насиҳат–васият андаке шӯрашро нишонд, ки онро ҳиҷо ба ҳиҷо, гӯӣ сураи видоъро бафурҷа қироат кард;

*Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.*
*Берун ҷастам зи қайди ҳар банду ҳиял,*
*Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал!*

Малик ҳикмати раднопазирро зери лаб такроркунон чанде ба ҷисми симпечи оне, ки давроне маликаи мамлакат буд, нигариста, худро бе-

чора дарёфт, ки ҳалли онро омирона ба табибон ҳавола кард;

– Ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ, ё ба зар, маликаи мамлакат бояд зинда монад!

– Аҷал зӯриву зориву зарро намешиносад! – зери лаб ғурунгид табиби солор. Аз симои хастааш маълум буд, ки аз ҳарзаҳои пойдарҳавои ин масти худобехабар ва ин қасри арринкӯби тиллоӣ пойи гурез дар даст дорад:

– Ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ, ё ба зар! – ҳукми баландовои малики сархуши ғазабпеч ин дафъа гӯё на танҳо ба бандаҳо, балки ба худи худо равона шуда буд:

– Пеши роҳи аҷалро ҳич кас гирифта наметавонад!

–Пеши роҳи аҷалро гирифта наметавонед?– ҳамсӯҳбати бечораашро бо нигоҳ аз сарубар чен карда, пурсид марди маст:

– Сино гирифта натавонист, мо чӣ гуна бигирем?!

– Синоят куҷост? Чаро маликаи мамлакатро аз марг наҷот намедиҳад? – чун тифли нозпарвар талабашро овоз дод малик.

– Мухотаби шумо аз хок буд, бар хок рафт!

– Шумо гуфтаниед, ки малики маликон низ аз хок асту бар хок хоҳад рафт?

– Ин гапро бори аввал аз забони худи олампаноҳ мешунавам! – ба чашмони аз таъсири шароб қирмизии малик нигариста, посух дод, табиби меҳмон.

Ба ҷуз табиби меҳмон дар ин маргхона каси дигар ҷуръати бо малики маст баҳс карданро надошт.

Дигарон дар рӯбарӯи қудрати залили ин пирамарди дунёдори бечора шабаҳе бештар набуданд:

– Ба Синои шумо кор надорам. Малика набояд бимирад! Малика бояд ҷашноро бошад!

Овози пиракии маст гиряолуд шуд. Чашми Мизонро низ ашк сӯзонд, ашки нотавонӣ дар муқобили қудрат. Малик оби чашми сартабибро надиду қадр накард, аммо ғамхории деррасидааш нисбат ба зани бадбахт сахт ба худаш хуш омад, ки ҳозирон – шабаҳонро, як-як аз назар гузаронида, пурмаъно таъкид кард:

– Хомӯш! Малика хаста шудааст. Малика хоб аст. Аз хоб сер шавад сиҳат мешавад. Оҳиста! – ангушти эҳтиётбош ба лаб бурд малик. – Равед, раведе! Шумо дар хонаи хоби маликаи мамлакат чӣ кор мекунед?!

Хона холӣ шуд. Малик монду бемор. Ӯ низ хонаро тарк карданӣ шуд, ногоҳ гӯё чизи муҳиме ба ёдаш расида бошад, якбора дар ҷой истод ва ба сурати чун фатири сӯхта сиёҳу беҳаракати малика чашм дӯхт. Нигоҳаш таъсири сӯзандаашро ба кор андохт, ки шабаҳ пуфе аз найчаи лабон сар дод ва рӯйи сиёҳхоквораш ранге байни норанҷу заъфарон гирифт.

Он гоҳ доруву дармоне намонд, ки онро дар бадани мисли кундаи селовард хушку нимҷони маликаи мамлакат насанҷида бошанд. Ҷони ра-

вон муваққат ба қолаби тан бар гашт.

Аҷал, ки пешаш шоҳу гадо баробаранд, аз нав дар остонаи тантанаи ҷашни таърихии малики маликон дари қасрро бо пояш боз карда, ҳокимона ворид шуд, то ба даводави беҳудаву бемантиқи одамон бигиряду дигаронро ба гиристан маҷбур созад.

Аз таку дави табибон, аз ранги берангии бемор маълум буд, ки дардмандро аз ин сафари бебозгашт ҳич гуна қувва баргардонида наметавонад.

Оне, ки пештар ба ҳама дард гӯё тасаллову дармон дошт, алъон дар рӯбарӯи қазо ҳама гуна сухан холӣ аз маъниву мантиқ менамуд. Дарк кард, ки зери як бом, балки дар таги бинияш маргу зиндагӣ чун ду гавазни маст чунон бераҳмона сарбасар мезаданд, ки садои ба ҳам хӯрдану шикастани шоххояшонро баръало метавон шунид.

Ба садои шикан-шикан хитоби ногаҳонии аз ниҳодаш бархоста, илова гашта беҳолу бемадораш кард:

– Баъд аз малика навбати ту!

– Чииий?

– Баъд аз малика навбати ту!

Дарки маънии ин хитоби бераҳмона симояшро сахт тағйир дод:

– Неее! – баландово эътироз кард ӯ.

– Ҳоооо!

Ҳаросон ба ҷанозаи нимҷони занаш нигариста, чунонаш намуд, ки ба гавҳараки чашмаш гули

каҳ афтода аст, мебинаду намебинад.

Рангу рӯйи зишти аҷалро дар сурати зишти зани бемор дида, аз димоғ бонгаки дардноке сар дод:

– Дафъ шаве! Дафъ!

– Бо ҳам дафъ мешавем! – шунид акси садои худро.

***Шамшер бидуни гилоф***
***низ коршоям хоҳад буд.***

## 28

Табиат дар ҷисми ин зан гӯё ҳама нуқсу ноқисиҳои худро озмудаву санҷида буд. Ҳар чизе, ки ба илми кимиё наздикӣ дошт, дар баданаш ба заҳр табдил меёфт. Ҷойи сӯзандоруҳо дар танаш захм пайдо карда, сабабгори бемориҳои дигар мешуд.

Барои рағду ружд[2] кардани симои зишташ низ ҳич гуна обу ранги маснӯъиро имкони истифода надошт. Мӯяшро, ки аз ирсият ё беадолатии қисмат барвақт сафед шуда буд, ранг карда наметавонист.

Дандон кандан ё дандон коштан низ барояш бо мурдан баробар буд. Ин буд, ки аз сиву ду дандон, сиву яктояш соҳиби худро дардовару ҷонкоҳ тарк карда, як дона дандон дар пеши даҳонаш гӯё барои як рӯзи мабодо баднамо худнамоӣ дошт.

Дар аъзои бадани бемор барои такроран сӯзандору ҷойи сиҳат намонда буд. Беморро азоб медоданд, ҷонсарак мекарданд, аз роҳи он сӯйи дунё, ки рафтан дораду бозомадан не, бераҳмонаву дағалона бар гардондан мехостанд. Маликаи бечора иҷозати одамвор мурдан надошт.

---

[2] Ружд – ҳамвор кардан

Бо вуҷуди бемеҳриву сангдилӣ маликро на ҷашни дар пеш истода, на вазъи ноороми мамлакати ҳамсоя, ки хатари сӯхтори сиёсияш, ба хонаи ӯ низ таҳдид мекард, на зилзилаи ба тозагӣ як шаҳристонро ба хок яксон карда, балки ҳоли табоҳи мулкбону, ки дар паҳлӯяш бо азоби алим ҷон меканд, дилшикаста кард.

То ин дам боре аз гӯшаи хотираш нагузашта буд, ки аҷал рӯзе деворҳои баланди қасри салтанатиро низ убур намуда, дар як лаҳза зиндагии бо назму низоми ӯро дарҳаму барҳам хоҳад зад. Ин ҳол масали «мурдани кампир гапе нест, аммо аҷал омӯхта мешавад…» ёдаш мекард.

Дар ин аҷалгоҳ ҳама кореву набарде доштанд. Ба назар чунон мерасид, ки гӯё як корхонаи азим асбобҳои навини илми тиброро мавриди таҳқиқ қарор дода, бино бар сабаби муҳиму махфӣ будани озмоиш онро дар дили Кохи мамлакат мавриди истифода қарор додаанд. Ҳар чизе, ки ба вазъи бемор ва шарҳи ҳоли ӯ нисбат дошт, комилан махфӣ буд.

Малик чунон вонамуд мекард, ки гӯё кулли асбобҳоро медонаду мешиносад, аммо дар асл ҳамаро бори нахуст медид. Асбобҳо бо мӯъҷизаи худ ақлрабо буданд. Ин буд, ки гоҳе дар куҷо буданашро фаромӯш намуда, бо худ гуфтугӯи илмии гоҳе нарму тунд, гоҳи дигар содаву мураккаб оғоз мекард;

– Ин ҳама мӯъҷизаро одамон кай офаридаанд? Шабонарӯз миллионҳо дар кӯчаву хиёбонҳову

дӯкону бозорҳо барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ такудав мекунанд. Гӯё кулли одамон барои дар як рӯз се маротиба хӯрок хӯрдану сӯйи халоҷо давидану ахлот хориҷ кардан ба дунё омадаанд. Аммо инсонҳое ҳастанд, ки пинҳону бенишон халлоқӣ мекунанд. Мисоли равшан ҳамин дили сунъӣ. Созандааш баъди офаридгор кист? Офаридгори ин дил низ оё хокиву миранда аст? Агар мисли ҳама фонӣ бошад, пас мантиқи созандагияш дар чист?

Дили сунъӣ гӯё андешаҳои мулкдорро мехонда бошад, барои нигоҳ доштани ҷони раванда қиёмат эҷод мекард. Дидани ҳарбу зарби неруи зиндагибахш бар алайҳи марг ҳайратовару омӯзонанда буд.

Хаёли сарсони сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ аз ҳуҷраи бемору асбобу анҷомҳои зиндагибахшаш бидуни ихтиёр ба сӯйи озмоишгоҳи аслиҳаҳои ҳозиразамон пар мекашид.

Солҳои пешин баъди дидану санҷидани ҳар силоҳи нав малик сар ба гардуни ифтихор боло дошт. Дар атову ҳадяи ҷоизаву унвону нишон ба ихтироъкорон доди саховатро медод. Аммо минбаъд дар дилаш ҷойи ифтихору қаноатмандиро аз дидани қудрати бешикасти ваҳшату даҳшат эҷодкунанда, ҳисси ҳузну ноҳинҷорӣ батадриҷ забт мекард.

Ҳар рӯз дар ҷаҳон навъҳои тозаи аслиҳаҳои марговар ихтироъ гардида, воситаи санҷиш қарор мегирифт. Ва ҳамаро як ҳадаф дар дунбол

буд: куштани одам, рабудани ҷони оне, ки офаридаи илҳоми холиқи ҷаббор аст ва оламро саросар таҳти тасарруф дошта бошӣ, як мӯйраги зиндаеро амсоли оне, ки ба фано расонидаӣ ихтироъ карда наметавонӣ. Малик на танҳо аз ғуруру ифтихори бузургманишии мулкаш дар дил пиёда шуд, балки дар дилаш эътироз нисбат ба ин ҳама қиёму қиёмат эҷод шуд:

– Ин ҳама навъҳои навбанави аслиҳаи пуриқтидору қотилро эҷод кардану санҷидан чӣ зарурат дорад, дар сурате, ки бо як сӯзан, ё бо як санг метавон одамро кушт?! –чунин буд хулосаи ҳарбӣ-мулкпарварии малик пеши худ.

Хуб медонист, ки аз эътироз ва раҳму шафқати дер дар нисбати аслиҳаи оламгир дар мамлакати абарқудрати ӯ чизе дигар нахоҳад шуд, зеро барои чизеро дигар кардан бояст сохт, сохтор, малик, миллат ва офаридгори ин ҳама – Дастгоҳро аз нав сохт...

– Ҳамаи ин мӯъҷиза барои куштани башар аст? – пурсид худро.

– Башар барои чунин эъҷоз намеарзад! – ҷавоб гуфт бар суоли худ. Аслан аҳли башар кайҳо ҳаққи зистанро аз даст додааст. То ин дам аз дурӯғ, макру ҳила, бухсу кина, ки зиндадори ӯст, бояд миннатдор бошад!

Хулосаи бераҳмонаи малик ба малика хуш наомад, ки озими сафари бебозгашт норизо сурат чин кард. Даҳони бедандонаш мисли даҳони лонаи ҳуд– ҳудак кушода шуд. Ҷасад даҳон воз

карда, бастани ҷоғашро фаромӯш кард. Чунон менамуд, ки мурдаи садсолае дар болои тахт хобида, бо даҳони боз нафас мегирифту нафас сар медод ва бо нимдандонаш, ки неши тешаи шикастаро мемонд, аъзои бадани оламу одамро хоидан мехост.

Малик аз даҳони ғормонанди зани миранда чашм кандан наметавонист ва бо даҳшат меандешид, ки якумр ҳамин лабҳои ба пӯстаки хушкида монандро бӯсидааст, як умр ба хотири ҳамин арвоҳ, ки ҷавониву пирияш, мурдаву зиндааш якранг буда, аз баҳри гули шабнамзадае гузашта, худро умрбод ба сиёҳрӯзиву бадбахтиву бадмастӣ ҳукм кардааст.

Маликро нисбат ба худ нафрати шадидҳукме бедор шуд. Ба худаш нафрат пайдо кард, аммо бештар ба маликаи миранда ва қисмати бераҳм, ки маҳз ӯро воситаи озмоишу хандасорӣ интихоб кардаанд, деги кинааш сар рафт. Ӯро орзуи аз сар гирифтани зиндагие дигар дар дил неш зад: зиндагии бидуни маликаи мавизаки сӯхта, бидуни биму ҳароси аз даст додани тоҷу тахт, зиндагии холӣ аз ҷазову ваҳшати Дастгоҳи лӯъбатаксозу лӯъбатаккуш…

Маликаи дар дами сакароти мавт қарор ёфта, гӯё андешаҳои тунду бераҳмонаи малики гурезхаёлро дарк кард, ки пуфи беҳолонаву тӯлоние сар дода, даҳонашро кӯшиши пӯшидан кард, аммо натавонист.

* * *

Аз умри гузашта, аз санги мазори модар, аз мардуми муҳоҷири деҳаи дар зилзила хароб гардида, чанд сатре дар хорои хотири кӯдакияш нақш дошт, ки дар мавриди ҳузну андӯҳ ҳамono ёдрасаш мешуд. Ин дафъа низ бонгаки зери димоғаш мавзун шуд:

*Ҷонона аз ин ҷаҳон чаро бехабарӣ?*
*Шабҳои дароз дар талаби симу зарӣ.*
*Насибаи мо аз ин ҷаҳон як кафан аст,*
*Онро ба гумон аст, барӣ, ё набарӣ!*

– Насибаи мо аз ин ҷаҳон як кафан аст, онро ба гумон аст барӣ ё набарӣ! – такрор мекард зери лаб барои худ ва дилаш аз одаму олам мемонд. Ин байти ҳақнамо вусъати хаёлашро ба олами торикиву даҳшат мекашид, ҳечу пуч будани гирудори ҳастиро бароях маънӣ мекард, аммо барои як лаҳза.

Ғамхӯр набуд, ғамро низ иҷозат намедод ӯро бихӯрад. Аммо ин дафъа баръакс шуд. Манзараи пеши рӯяш бераҳмона рух намуда, ҳақиқат будани байти ёдозорашро тасдиқ мекард.

Ҷасади нимҷони малика бидуни ихтиёр гӯру кафанро, ки ягона сарвати одами равандааст, ёдрасаш намуд, ки боз бо худ гуфтугӯйи ношунаво оғоз кард:

– Гӯри шоҳу гадо оё фарқ дорад?

– Дорад!

– Ҳар касро баробари ҷисмаш гӯр мекобанд. Дар гӯри кӯдак пиракиро намегузоранд,

намегунҷад. Магар гӯри Фиръавн аз гӯри миллион ғуломони ӯ, ки ҳама хок шудаанду ӯ ҳанӯз барҷост фарқ надорад.

– Кафан чӣ?

– Кафан ҳам фарқ дорад. Ҷанозаи гадоро дар матоъи карбос мепечонанд, аз шоҳро дар ҳафт қабат абрешим!

– Барои тани беҷон чӣ фарқ дорад, ки дар чӣ мепечонандаш?

– Барои тани беҷон фарқе надорад, аммо барои шӯҳратнамоии соҳибону ворисонаш хеле муҳим аст!

– Ааааа! – шунид садои пуристеҳзои хандохандро.

Малик ҳайрон ба атрофаш нигарист, аммо ба ҷуз маликаи миранда касеро надид:

– Ту чӣ механдӣ? Бояд ман ба ҳоли худам бихандам, ки чӣ зиндагии абалаҳонаеро бо ту пушти сар кардам! – бо нигоҳ ғазаб кард сӯйи бемори лолу забун.

Чун беморро кайҳо дар ин дунё кореву боре намонда буд, дар радифи фалсафаи ҳақиронаи ӯ аз худ нишонаи ҳаёт зоҳир накард:

– Ҷасади ҳамин мавизаки сӯхтаро ҳам дар кафани абрешимини муаттар мепечонанд? Ҳамин кундаи сиёҳро бо гулобу анбар шустушӯ медиҳанд? –димоғ сӯхта сари аспи хаёлашро сӯйи дигар тоб дод, файласуфи бекораву бечора.

– Оре, ҳамин мавизаки сӯхтаву кундаи сиёҳро низ мувофиқи фармони худат ба ҳафт қабат

ҳарири абрешим печонида, бо гулу гулоб шуста, дар тобути заррин гӯр хоҳанд кард. Аз худат сар карда, то охирин умматат дар маргаш ба мотам хоҳӣ нишаст, шунид ҷавоби ҳич каси худро. Малик аз рӯйи дардсӯхтаи малика бо нафрат чашм канда ба зери пояш нигарист. Ранги зан ранги кафшҳои локзадаашро мемонд:

– Тфу! – балғами нафраташро беихтиёр ба гулҳои шукуфони қолии зери по туф кард оличаноби бадтарбия.

Бо вуҷуди ҳама бехудӣ ҳолати ҳоли малика ба малик бетаъсир намонд. Андаруни пиракӣ гӯё узви муҳиме ногоҳ шикаста аз кор монд. Оне, ки як миллат шайдову ошиқаш буд, худро нохост бесоҳибу бемеҳрубон дарёфта, аз оламу одам дилаш монд. Зинҳор зиндагиро чунин беқимату пуч нашинохта, ба охир расидани бозии бимиру бизиро чунин бемантиқ наёфта буд.

Ночор сари андешаи маҳзуне қарор гирифт, ки пештар барояш ошно набуд. Дарк кард, ки дер ё зуд ӯро низ кати оҳанин, сӯзандоруҳои баданро ғирболкунандаву дар танҳоии бо ҳама ҷонкандану мурда натавонистан интизор аст. Андешааш ба поён нарасида, садои ошнои омиронае ӯро аз ҷой як қад паронд:

– Ҳарчанд навбати марг бенавбат аст, баъд аз ман навбати ту!

– Навбатат аз худат! – ҳаросон қадаме ба қафо гузошта, аз дил гузаронд пиракӣ.

– Навбати ту! Навбати ту! Навбати ту!...

Ҳукм беист, зангӯладор такрор мешуд. Малика ҳар ҳарфро дар даҳони бедандон талху ширин мазза дода ҳукмро батакрор эълон мекард. Садои дилхарош аз симҳои сар то пойи маликаро печонида, боло шуда, хонаро аз фарш то шифт фаро гирифт.

Маликро ваҳм зер кард. Дар арақ ғарқида, фирор кардан хост. Аз ҷасади симпечи ҳанӯз гарм ҳар қадар гурехтан мехост, ҳамон қадар қуввае ӯро дар ҷояш мехкӯб мекард. Чанде пайкаравор сарду беҷон рост истода, ба гирду атроф имдодхоҳ нигарист. Бо ҳасрат дарёфт, ки ӯро ба ҷуз ҷасади малика ва сояи худаш ёру мададгоре нест.

Ҳукми пур аз бӯйи бади доруи маликаи миранда гузаронии умр ва дар поёни сафари бебозгашт қарор ёфтани мулкдорро бепардаву урёну бераҳмона ёдрасаш кард. Бидуни ихтиёр ҳар чизи ночиз барояш қимат пайдо кард. Ҳар дами ғаниматро азиз дарёфта, худро аз ҳар нафаси димоғашро тарккунанда қарздор шинохт.

Малик аз даҳони бозу бедандони зан чашм намеканд ва бидуни ихтиёр дарк мекард, ки дар вуҷудаш ҳисси кайҳо мурдаи шаҳват, ки олудаи нафрат аст, бедор мешавад.

Олиҷаноб аз дидани ҷанозаи гарме, ки бо нафаси дар гулӯяш шӯр андохта, ҳанӯз маликаи мулк буд, аз санҷидани ҳолате ки ба нестӣ ҳидоят мекард, аз дидани манзараи симпечу сӯзанҳои бешумори ба бадани зан фурӯ рафта, дар тани

худ беҳолии дилбеҷокунандаеро ҳис карда, калавида, дари баромадро ҷуст. Хона чаҳор дар дошт. Ногоҳ ба ёдаш расид, ки яке аз ҳамин дарҳо ба таҳхона, ба сӯйи дари махфӣ мебарад. Чаро дар чунин ҳолат ба ёди оламтаноҳ дари махфии таҳхонаи махфӣ расид, муаммо буд. Аммо як нуктаро ба назари эътибор бояд гирифт, ки хотира зинҳор бидуни зарурат чизеро дар анбори ҷиғели худ тагу рӯ нахоҳад кард.

Бидуни ихтиёр ҷониби дари махфӣ, ки аз дигар дарҳо бо ранги сиёҳдудаи худ фарқ мекард ва ин фарқиятро танҳо ӯ медонисту малика, нигарист.

Ним қарн пеш аз ин дар, аз рӯйи ҷасадҳои хунолуд ба Қаср ворид мешуд, то ин дам бидуни зарурат аз он ёд накард. Дар гӯё ҳазор чашм пайдо карда, ба ӯ менигарист ва бо нигоҳи чашмҳои сардаш ӯро мехонд. Малик лаҳзае бо нигоҳ дарро аз сару бар чен карда, сӯйи баромадгоҳ қадам гузошт:

– Ист! Ист!

Ҷасади малика ҳамоно рӯбарӯяш пайдо шуда, худро ба оғӯшаш афкандани шуд. Зани ҳамеша ботамкину ором бо қаҳру ғазаб садди роҳаш гардида дилашро ба забон овард:

– Ба куҷо мешитобӣ? Ман ҳанӯз зиндаам, ту чаро сӯйи аҷал дар мекушоӣ? Сабр кун, бо ҳам меравем!..

Малик ба қафо, ба кати бемор нигарист. Маликаи миранда ҳамчунон сокиту ором рӯйи кати оҳанини симпеч беҳаракат мехобид. Ҳамчунон бо

даҳони боз ҳаворо ҳарисона фурӯ мебурд ва гӯё аз шавҳари бемеҳру тарсуяш хунбаҳои зистани назистанашро дар ҳар нафаси вопасин метала-бид.

### *Дар тай кардани ҷодаи сӯфиёнаи ишқ ранҷи хастагӣ барои ошиқ роҳатест дилхоҳ.*

### 29

Малика кайҳо байни қасру Пули Сирот равуо дошт. Рафтанаш маълум буд, вақти сафараш номаълум. Қадамҳояш садо надошт, нафасаш намии ҳавои зиндагӣ. Бо кӯмаки сӯзандору дарди ҷонгудозро карахт карда, нафасҳои вопасинашро низ ба хидмати оне мебахшид, ки пешаш дигар ҳич арҷу баҳое надошт.

Малик кайҳо аз дидору сӯҳбати маликаи бемор дурӣ меҷуст, аммо чун масъалае пеш ояд, ҳалли онро ҳамоно ба ӯ ҳавола мекард. Пурсидани ҳолу аҳволашро нася мегузошт, аммо пурсуҷӯи натиҷаи кори фармудаашро фаромӯш намекард.

Малика барои малик ҷомаи хонапӯшакро мемонд, ки дар зарурат ба ӯ эҳтиёҷ дошт, бидуни зарурат фаромӯшаш мекард.

Гоҳе ба қаср баргашта, шитобон ба ҳуҷраи бемор ворид мешуду салому ҳолпурсиро нася гузошта, болои як супориш чанди дигар зам намуда, бо сад баҳона ӯро тарк мекард. Ба мавҷудияти

ин шабаҳи будаи набуда кайҳо одат карда буд. Гоҳе чунонаш менамуд, ки маликаи маслиҳатгару корсоз дар гӯшае пинҳон шуда, ба ҷойи худ шабаҳи ваҳмангези бегонаеро гузоштааст.

Ҳузури хушк-соярo дар ҳушёрӣ бо азоб таҳаммул мекард, аммо чун сархуш мешуд, зуд сӯйи гӯшаи дигари қаср роҳ мегирифт. Ӯро беҳаракат назди тиреза, ё ҳангоми нӯшидани дору пайдо мекард, дандонҳои маснӯияш бо ҳам совиш хӯрда, садои даҳшатноке мебароварданд, нафраташ дуд мекард, хоҳиши сангсор карданаш авҷ мегирифт.

Зани интизор чун лаҳзаи висол фаро мерасид, пеш аз он ки биронандаш, пешдастӣ мекард. Рӯйи чун фатири сӯхтаашро ба бӯсаи чун барф сарди шавҳараш миннат карда, бо баҳонае ҳамсӯҳбати мадҳушро тарк мекард. Малик низ гӯё аз зиндон озод шуда бошад, нафаси сабук сар дода, ба гӯшаи зиндагидори айшу ишрат дав мегирифт.

Дарро аз паси шавҳар пӯшида, зани бечора дар худ мепечид, дарунбадарун месӯхт. Дуди сӯхтанаш андарунаш мемонд, зеро роҳи гузар надошт. Илми тиб яке аз сабабҳои ба бемории саратон гирифтор шудани одамонро ба ноумедии рӯҳӣ вобаста медонад. Бемории табобатнашавандаи ин зани воломақоми азёдрафта низ аз шикастани рӯҳ, аз марги орзуву ормонҳо ва ноумедиҳои марговар сарчашма мегирифт. Бераҳмиву кӯрбинии рӯшоди шавҳари бераҳмаш таноби умрашро кӯтоҳ мекард.

Малика баъди рафтани малик аз нав ба ҷойи худ бар гашта, ба нуқтае хаёлманд чашм дӯхта чун пайкараи сангин соатҳо беҳаракат менишаст. Ноошнои ҳолати ҳолро аз дур чунон менамуд, ки дар курсӣ маликаи мамлакат на, балки хӯсаеро барои тамошо гузоштаанд.

Мулкбону афсурда буду пӯсту устухон, аммо зинда, зиндаи зиндагии як лӯъбатаки худсохта ва дар роҳи офариниш худро бохта. Бо номаш нафас мекашид, барояш таноби кандании умрашро гиреҳ мекард.

Ишқи ӯ нусхаи асли ишқе буд, ки дар дили занона мартабаи худоёна гирифта, маҳзунона зиста, маҳзунона мемурд. Ишқе, ки маъшуқ дар симои ошиқи худ бидуни ихтиёру хоҳиш худро дӯст медорад, шахсияти буда ва ё набудаи хешро мепарастад. Ҳақиқатеро, ки гӯё занон мардонро бо дидаи дил дида, бо чашми сар ононро дӯст медоранд, ишқи ин зан исбот кард. Ӯ на танҳо бо чашму дил, балки бо оташи хуни худ як фарди пур аз ҷурму гуноҳро худовор дӯст дошта, умрашро дар ниёишу парастиши ӯ охир кард.

Пирдухтари зиштрӯи зебодил ҳангоме ин ҷавони хушгили бодхаёлро дучор омад, ки андешаи як умр бокира мондану ҳастии худро ба омӯзиши фалсафаи зиштиву зебоӣ бахшидан гиребону доманашро чангол мезад.

Ишқ омаду ақл хор шуд. Ишқи ӯ аз ишқи як инсони фонӣ фарқ дошт. Ӯ медонист, ки дар ҷаҳон ҳич чизи комил вуҷуд надорад, хоса инсо-

ни комил, зеро комил будан, ба худо расидан аст. Ӯро дучор омаду орзуи инсони комил офаридан даричаи хирадашро ангушт зад. Ӯро дӯст дошту ормони созгориву халлоқият вуҷудашро фаро гирифт.

Шояд ӯ яке аз он занони содае буд, ки ба офаридани инсони комил содиқона бовар мекард. Мехост аз орзуҳои худ инсонеро бисозад, ки аз ҳама айбу гуноҳу ҷурм орӣ бошад. Нусхаи зебои чунин инсонро дучор омад, нусхаеро, ки барои ба асл монанд шуданаш, гузашта, аз он барои ба асл расиданаш мебоист борҳо аз нав таваллуд мешуд.

Оне, ки зан аз ӯ инсони комил сохтан мехост, ҳарчанд пой то сар ҷурму гуноҳ буд, аммо чизе дошт, ки аксарро табиат аз он бенасиб гардонида аст. Ӯ хушсурат буд. Зебоӣ ҳамчун осори беҳамто, ҳамчун халлоқии холиқ ҳамеша соҳибқадру шоистаи таҳсину суҷуд аст. Зан дар зиштии худу зебоии ҳамсараш тазоди омӯзонанда ва рамзии сарнавиштро дарёфта, ба ҳам омадани обу оташро ҳамчун эъҷози офаридгор бо шукронаи беҳад мепазируфт.

Дар ба намоиш гузоштани ҳусни сурат, корбаст кардани неруи зебоии вуҷуд, он ганҷе, ки офаридгор аз зан дареғ надошта буд, барои расидан ба кӯйи мақсуд воситаи ягона ба шумор мерафт.

Дар тай намудани ин ҷодаи сӯфиёна зани ошиқ то нафаси вопасин хастагиро намедонист. Ишқ барои ин зан ҷоизае буд аз қазо чун ҷазо расида.

Бо номи ишқ як марди хушсурати бадсиратро ба тахти салтанат нишонда, аз зиндагӣ, газашта аз ҳама аз худ – аз он оқилае, ки замоне тулӯи ахтарашро дар фазои илм пешгӯӣ мекарданд, фарсаххо дур монда, худро дидаву дониста, қурбон кард.

* * *

Он замони дур таърифу тавсифи шукӯҳу шаҳомати ҷашни арӯсияшон, хоса қиссаи чун шабу рӯз аз ҳам фарқ доштани арӯсу домод дер гоҳ сари забонҳо буд. Зани ба муроди дил расида, хушбахт буданашро аз одаму олам пинҳон кардан намехост. Аз чашми бад наметарсид. Ба сеҳру ҷоду боварӣ надошт, зеро дили ҷавони деҳотиро бо тӯмору ҷоду на, бо сабру тамкин, бо роҳнамоии ақлу хирад ва ганҷу сарват ба даст оварда буд.

Шаби ҷашни арӯсӣ ангуштарии дурахшони арӯсияшро дар ангушти сиёҳи борикаш хушҳолона тоб дода, ба шавҳари хушгилаш, ки ба болиши пари қӯ такя карда, нигоҳашро намедонист ба куҷои ҳуҷраи хоб меҳкӯб бикунад, нигариста, файласуфона гуфт:

– Никоҳи инсонҳо дар осмонҳо сурат мегирад, азизам. Дар шоҳидии ҳуру малак. Тилло низ маъдани осмонист. Никоҳи мо, маъдани кафшергари сарнавиши мо, ҳадяи илоҳист. Мо то қиёмат, балки дар қиёмат ҳам аз ҳам ҷудо нахоҳем шуд!

Зан он гоҳ нигоҳи пуристеҳзои шавҳарашро, ки дар осмон бо ӯ дучор омаданро зинҳор намехост, ба тариқи худ дарк карда, идома дод:

– Парвардигор моро барои якдигар офаридааст. Барои якдигар ба дунё омадем, барои якдигар зиндагӣ мекунем, ҳамроҳ..., аммо дилаш нашуд бигӯяд, ки ҳамроҳ мемирем...

Он гоҳ бо овози баланд барномаи ҳастии худро бо шоҳмарди навбахт ботантана эълон карда, аз натиҷаи мусбаташ заррае шубҳа надошт:

– То туро, азизи дилам, раҳнамои миллат – малики мулк насозам, гӯри ҳафтоду ҳафт пуштамро оташ хоҳам зад!

Он гоҳ фариштагони осмон низ шояд мастона дасти омин боло карданд, ё худ ҳафтоду ҳафт пушташ аз тарси сӯхтани гӯри хеш ҳадаҳа пайи кӯмакаш шуданд, ки ин орзу – савганди дар назари аввал ҳавоӣ батадриҷ сурат гирифта, шакл пайдо кард ва оқибат орзумандро ба қуллаи орзу расонд.

Аксар шоҳону ҳамтояшон барои соҳиби тахту тоҷу салтнат шудан бояд аз ҳамсарон ё маъшуқаҳои худ миннатдору сипосгузор бошанд. Ҳарчанд ин сиккаи тилло рӯйи дигари мисин низ дорад. Таърих шаҳодат медиҳад, ки бузургтарин ҷаҳонгирону шоҳаншоҳон маҳз бо гуноҳи маъшуқа ё маликаҳои худ аз тахту тоҷ маҳрум гашта, ба ҳалокат расидаанд...

* * *

Маликаи оянда зишт ба дунё омад. Зишт буданашро хуб медонист. Асбоби пинҳон сохтани ҷурми зотияшро то ҷое ҳамеша дар пеши назар дошт. Дар рағду андоваву рӯйпӯш намудани зиштии азалии худ афсареро мемонд, ҳамеша омодаи набард.

Шавҳараш ӯро на дар хоб, на дар бедорӣ бидуни ороишу атру сурхиву сафедӣ намедид. Дугона надошт, зеро ин шуғли хатарнокро хуш намекард. Медонист нахуст касе, ки оғӯши гарми дугонаашро сард хоҳад кард, дугона аст. Маҳз рашку ҳасади дугона боиси бадбахтии дугона хоҳад шуд.

Ҳангоми ба кӯча баромадан мекӯшид духтареро бо худ ҳамроҳ бигирад, ки аз худаш зишту баднамотар бошад. Ба ин амал на ҳамеша муваффақ мешуд, зеро аз худ бадсурате пайдо карданаш осон набуд.

Офаридгор аз як тараф ӯро баднамо офарида, аз дигар тараф ақлу фаросати ба аксар зебоён дареғ доштаашро, барояш арзонӣ дошт.

Дастёри оқилаи зиштрӯ дар роҳи ба коми дил расидан хиради азалӣ ва ганҷу сарвати фаровони волидайнаш буд. Ҳамчун фарзанди ягона вориси молу ҷоҳу ҷалоли бекарон буд ва ин ганҷинаро ҳамеша оқилонаву барҷо сарф мекард.

Барои ба даст овардани дили ин марди хушсурат – ин рӯбоҳи хушнамуд, ки ба қавли маъруф ба ҳар тори мӯяш як духтар овезон буд, барои ба маҳфилҳои оқилона кашидани ин ҷавони

бефарҳангу бемасъулияту бепарво, ки худой ба ҷуз ҳусни сеҳргар чизе барояш надода буд, ҳама воситаҳоро оқилона корбаст намуда, оқибат ба мақсад расид.

Маликаи оянда он гоҳ воқеан орзуи осмонӣ карда буд, аммо барои комёр гаштанаш на танҳо фариштаҳо бо як омини саридастӣ кӯмакаш карда, ҳамоно дари қасри салтанатро бо ду дасти адаб ба рӯйи ӯву шоҳмардаш боз намуданд. Осон ба коми дил расидан танҳо дар афсонаҳо даст медиҳад. Дар расидан ба кӯйи мақсуд пеш аз ҳама ба девори оҳанини худхоҳӣ, чавкипарастӣ ва давлату савлатхоҳии шавҳараш такя кард.

Ҷавонро бо оҳанрабои сарвати фаровон ба дом кашид, аммо медонист, ки барои якумр дар канораш нигоҳ доштани ин лӯъбатаки худхоҳ ин восита на ҳамеша корагар аст. Ӯ роҳи дигаре кофту зуд ёфт. Ҷавон худхоҳ, худнамо, шӯҳратдӯст ва савлату давлатхоҳ буд.

Чун воситаи ба амал татбиқ сохтани орзуяш муҳайё шуд, мавзӯъро ҷиддӣ гирифт. Хондани зиндагиномаи ҳаёту мамоти салтанатдорони мозиро дӯст дошт.

Барои омӯзгори фанни мантиқ аҷиб буд, ки чӣ гуна ба як нафар омии аз сафи миллионҳо пеш гузаштаву худро соҳибихтиёри давлату миллат эълон карда муяссар хоҳад шуд, ки меҳр, балки биму ҳароси мавҷудияти худро дар мағзу дили миллионҳо ҷой дода, мардумро чун даҳмарда рамаро аз пайи худ ба ҳар сӯйе, ки дилаш бихоҳад,

биронад.

Адабиёти фаровонеро дар ин боб омӯхтаву омӯхтаашро соатҳо пеши худ таҳлил карда, оқибат ба хулосае омад, ки шоҳ будан ҳунари зотиву худододро намехоҳад. Ҳар кас, ҳатто инсони ноқисулақл низ метавонад чанде тахторо бошад.

Беҳуда дар даврони қадим ҳангоми интихоб кардани шоҳон шоҳини бахтро байни мардум сар намедоданд. Мурғи бахт ба сабаби танҳо барои худаш маълум аксар маврид сари китфи фарохи даҳмардае ё деҳқони ба шаҳр карам оварда, ё мусофири роҳгумро, ё ягон бекорхӯҷаи сарзадаро ҷойи нишаст интихоб мекард.

Мардум дар бадбахтии худу дилсахтии шоҳон зинҳор мурғро айбдор намекарданд, зеро агар шоҳон сояи худо дар замин бошанд, мурғи бечора ҳамагӣ вазифаи аз боло барояш амр шударо мурғона ба иҷро мерасонд.

Маликаи оянда дар такяи донишу заковат, бо кӯмаки ҳамёни ғафсу обрӯву эътибори волидайн нақшаи амалӣ гардидани ин орзуи кайҳонии худро дар майнаи гаронмағзаш тарҳрезӣ намуда, барои амалӣ гардонидани он ҳич гуна воситаро аз назар дур накард.

Ба кашфи муаллими мантиқ шоҳону маликону амирон дар тахтаи шоҳмоти сиёсату бозии сиёсӣ аз лӯъбатаке бештар нақше надоранд. Бозигарони калидӣ дигаронанд. Ӯ хато накарда буд.

***Аз рафтору кирдори зишти хеш***

***шарм надоштан заволи имон аст.***

## 30

Малик маликаро ба сафарҳои хориҷиву мулкӣ бо худ намебурд. Бемеҳрии мулкдор оқибат ба миллат низ бетаъсир намонд, ки тӯда низ ӯро аз назари меҳр дур афканд. Бо зане, ки сураташ ҳусни шоҳонаи бонуи мулкро гӯё мазоҳ мекард, як умр зистани як марди хушсурату соҳибтахт муаммо буд. Мардум ҷурми камавлодӣ ва вориси сазовор надоштани маликро низ ба маликаи зиштрӯ нисбат медоданд, на танҳо дӯсташ намедоштанд, балки буданашро аз набуданаш алвотар медонистанд. Малику миллат ба муроди дил расида буд. Лӯъбатаки бо азоби алим сохтаи малика зинда буду офаридгораш дар сафари бебозгашт.

Зане, ки як мамлакатро аз паси шонаи малики айшпараст саришта мекард, дар рӯзҳои хушбахтии мулку малику миллат аз по афтода, чун кундаи нимсӯхта дуд мекарду мурда наметавонист:

– Писарашро интизор аст. То ӯро набинад, ҷонаш намебарояд! –дар дами сакароти мавт дер гоҳ қарор доштани маликаро пеши худ маънидод мекард малик. Беҳуда нагуфтаанд, ки мурдани одами ба оламу одам дилкашол мушкил аст.

– Бачаашро интизор аст, ӯро даъват бояд кард! – андешид пеши худ ва ҳамоно беихтиёр лаҳзаи дидорбиниро бо фарзанди кӯтоҳақлу бемеҳраш пеши назар оварда, дар мушт асабӣ сулфид мул-

кдор. – Бузургон дар ҳич даври замон барои хонаводаву хешу табори худ қадру қимат надоштаанд!

Чунин буд хулосаи ҳушёр-масти мулкдори аз оламу одам дилмонда, аз рӯзгори барҳадар сипарӣ гаштааш дар сари бемори раванда

Малика на мурда буд на зинда. То кай идома ёфтани ин нафаси бенафасӣ маълум набуд. Табибон супорише доштанд, ки ба ҷиддӣ будани он шак оварда, дар остин механдиданд, супориши то поёни ҷашн ҷони беморро дар ҷилди баданаш нигоҳ доштану нафаси охирини ӯро тӯл додан…

Малик ба қавли маъруф дар пойи табибон мепечид. Ҳузураш, суолҳои бемантиқаш, даробарои бемақсади ӯ мушкили эшонро мушкилтар мекард. Ӯ дар ин ҳуҷраи бадбӯйи аҷалпаноҳ на мондан мехост, на онро бо хости худ тарк карданy рафтан. Марги фаврии маликаро бо сабабҳои аён хоҳон набуд, аммо боз шудану сӯяш нигаристани ин ду солики сиёҳи холиро низ зинҳор намехост.

Оне, ки дар як симо ҳазорон рӯй дошт, ҳар дафъа, дар ҳар вазъият бо хости дил яке аз ин рӯйҳоро ба намоиш мегузошт.

Алъон низ дамодам яке аз рӯҳи худро ба ҳуҷраи пур аз бӯйу тафти дору сар медод, то яке ба баҳсу талоши дигаре ҳакаму довар бошад. Ин буд, ки яке аз симоҳои наваш вазъи печдарпечро ба тариқи худ хулоса карда, онро файласуфона пазируфт;

– Ғам нахӯр! Парво накун! Ҳич бадие бидуни некӣ набуду нест. Мувофиқи қонуни салтанатдорӣ маликаи арвоҳнамо ҳама рӯзҳои ҷашн бояст дар паҳлӯят нишаста, дили миллатро бо афту андоми безебаш беҷо мекард. Миллат маҷбур буд, ишқи ба малик доштаашро бо зани нодӯстдорамаш тақсим бикунад! Ишқ тақсимнашавандааст!

Малик таслияти аз ғайб расидаро миннатдор пазируфт, ки ҳамоно нидои ниҳодаш баландтар гашт:

– Худо касеро дӯст дорад, писари кӣ буданашро намепурсад. Ту худододӣ. Шукргузориро фаромӯш накун.

– Сад шукр, ҳазор шукр! – ҷунбиданд лабонаш ва дар рӯйи қирмизии дойирашаклаш табассуми сурх-сӯхтаи қаноатмандӣ соя афканд...

* * *

Пеши дидагонашро манзараи ношиносе, ки пур аз аксҳои ранга буду зиндагии беранги сиёҳу сафед фаро гирифт. Фикру андешаҳои роҳакиву сар-сарӣ якдигарро инкору тасдиқ карда, муҳаббат нафратро, нафрат муҳаббатро бедор мекард, то ки хаёли дайдуе якбора ҳамаро аз байн бибарад.

Дар ҳуҷраи зани миранда оне, ки хотираро аз худ бо тозиёнаи шароби ақлрабо ронда, дирӯзро ба хотири фардо хуш надошт бидуни ихтиёр ба ғозу ваноғ кардани сиришти аслии худ пардохт.

Оне, ки сояи ҳақиқатро аз девор метарошид, пеши худ ночор қоил шуд, ки на танҳо шавҳари хуб набуда, балки ҳамчун дӯст низ як пайса арзише надоштааст.

Лаҳзае дилаш ба ҳоли зори бемор сӯхт, аммо чун амиқ ба замири хеш нигарист, дарёфт, ки дар ҳич кунҷи ҳуҷайраву рагу пайвандаш дилсӯзӣ, гузашта аз он хоҳиши ёриву мадад ба зани миранда намеҷунбад.

Ҳисси нафрату афсӯс нисбат ба рӯзгори сипаришудааш гулӯи раҳму шафқаташро фишурд. Ба мантиқи ҳақиқати талхе наздик расид ва дарёфт, ки на танҳо умри фониву ширинашро зери як бом бо як зани нодилхоҳ, барабас гузаронидааст, балки зиндагии бодабдабаву пучаш таҳти назорати ҳамин зан, барои ҳамин зан, тибқи нақшаҳои бераҳмонааш сипарӣ шуда, худи ӯ дар ин дунё ҷуз харгӯшаки озмоишӣ моле набудааст.

Ҳич гоҳ чун алъон ба ёриву кӯмаки шароби ақлрабо эҳтиёҷ надошт. Ин буд, ки бо маънии барои атрофиён фаҳмо ду ангушташро боло кард. Ҳамоно қадаҳи лабрези шароб дар лаълии заррин рӯбарӯяш дурахшид.

Одатан бадбахтону саргумон аз он шароб менӯшанд, ки дарду ҳасратро аз худ дур созанд, алъон ӯ шароб мехост, то ки фаромӯш кардаашро ёд орад. Овози ниҳонашро оташи шароб баландтар кард:

– Ин зан бо ишқи чун шулук хунмакаш туро ба ҷазои ҷовидона ҳукм карда, шавқу завқу хуни

гарматро кушт. Аз як инсони зиндадил як хӯсаи берӯҳ сохта, барои таъзиму ибодати мардум гузошт...

Хулосаи ниҳонии малик аз рӯзгори бемаъниву бемантиқаш хунсардиву бераҳмияшро нисбат ба ин зани дар дами сакароти мавт қарор гирифта, аз дигар лухту урён сохт:

– На худаш зист, на маро монд, одамвор зиндагӣ кунам!

– Зиндагии одамвор чӣ гуна аст? – ҳамоно шунид суоли муаллимаи фанни мантиқро.

– Намедонам, зиндагии одамвор чун аст, аммо як нукта яқин аст, зиндагии ману ту одамвор набуд, балки худхорӣ, худкушӣ, хулоса, марги тадриҷӣ буду халос.

– Ин нуктаро бояд ман арз мекардам. Зиндагии ба сар бурдаат дар нисбати зиндагӣ ҳақорате буд қабеҳ, зеро аз ороиши мӯйи сар то тугмаи гиребонатон ҳама сохтаву маснӯъӣ буд ва барои ба намоиш гузоштани суратаки холият хидмат мекард:

– Ҳамин нуктаро, ки медонистӣ чаро барои ман зиндагии дигаре насохтӣ? Масалан, зистан дар паноҳи девори хонаи худ, бо фарзандону хонаводаи меҳрубон, бо орзуву хаёли худ, бе мардуми тамошогару ҳангоматалаб, бе гарданбанди гарданхафакун, бесилоҳ, бемуҳофиз, бе артишу бе тиру туфанг?

– Чунки маънии ҳаёту мамоти ман ту будӣ ва ҳар чизе, ки табъи туро хуш медошт, бо мантиқи

бемантиқияш барои ман низ қобили қабул буд, шунид ҷавоби маликаро.

Малик андешаҳои ошӯбдори аз мағзи тафсидааш боло шавандаро саркӯб кардан мехост, аммо натавонист. Бемеҳр, балки бадхоҳ ба ҷисми хушки малика чашм дӯхт. Зан аз он сӯйи ҳаёт барояш паёми дилгармкунандае нафиристод, балки ба ҷойи ӯ суроби гизалааш малики музтарро зери сангборони ростӣ қарор дод:

– Зистем, назистем, будем набудем, дигар фарқе надорад. Оқилон дар анҷоми роҳ оғози роҳро намеҷӯянд. Роҳи мо ба поён расидааст!

– Роҳи мо не, роҳи ту! – Нофи ман бо нофи ту гиреҳ нест!

– Гиреҳ аст, сахт гиреҳ аст! Фаромӯш кардӣ туро кӣ ба ин ҷоҳу ҷалол расонд?

– Худам ба ин ҷоҳу ҷалол расидам!

– Ту? Ту кистӣ? Эй суратаки девор, эй айёши майзада! Туро ман сохтам, туро ман хоҳам кушт! Бо ман ту низ хоҳӣ мурд.

– Ман маликам, ман зиндаи ҷовидонаам! Ман! Ман…

– Ту, ту, ҳич гоҳ вуҷуд надоштӣ, мавҷудияти ту малика буд, ки дигар ӯ низ нахоҳад буд.

– Ман ҳастам! – мушт ба сина кӯфта, баландово аз мавҷудияти худ симҳои печидаи бадани бемори миранда ва табибони музтарро тарсонда, эълон кард малики мамлакат бо даҳони пур аз хаф.

– Ман ҷовидонаам! Ман сарвари миллат, ман роҳбари халқи бузург, пешвои миллатам. Халқ ҷовидона аст!

– Кадом миллат? Кадом халқ? Миллати оқил, халқи соҳибэҳтиром магар ту барин махлуқро

раҳнамои худ месозад?

Халқи аз маънии халлоқият огоҳ магар ту баринҳоро пешвову раҳнамои худ интихоб мекунад? Миллати ту, халқи ту, агар ақаллан бо ном вуҷуд медошт, бояд аз мавҷудияти ту шарм мекард. Миллати хору зору залилат дар ин дунё он дунё низ туро гиребонгир хоҳад шуд.

Инсофан, ту низ бояд аз гиребони миллатат панҷа бар нагирӣ, барои туро бар сари худ нишонданаш, барои туро пешвои худ хонданаш, барои туро ҷондеҳу ҷонрабои худ пазируфтанаш…

Агар овози ниҳонаш гиребон медошт, малик онро зинҳор сар намедод. Гӯшҳояшро бо ду даст баста, тири нигоҳашро сӯйи ҷасади нимҷони малика бо нафрати аён равона кард.

Ногоҳ мижгони камчини зан шириши часпаки маргро канданӣ шуда, майли ҳаракат карданд. Лаҳзае малика чашмонашро нимроғ карда, ба ӯ нигарист. Лабонаш низ нишонаи зиндагӣ аз худ зоҳир намуданд;

– Маро бибӯс!

Даҳони бедандони зан бӯсахоҳ кушодаву пӯшида шуд:

– Не, нееe! – фиғон кард малик сӯйи ақиб попеч роҳ кушода. – Кӣ мурдаи садсоларо бӯсидааст?! – гузаронд аз дилаш мулкдор ва шитобон ҳуҷраи беморро тарк кард.

– Маро бибӯс! – таъкид мекард аз пасаш садои хиррии маликаи миранда.

Малик дар долони дароз медавиду бо гӯшҳои баста садои маликаро дар хуну ҷонаш мешунид:

– Маро бибӯс!

– Маро бибӯс!!!

***Асоси давлат низом, пояи низом қудрат, шаҳсутуни қудрат адолат аст!***

## 31

Нутқи мутантану муфассали маслиҳатомези раиси Дастгоҳ ба назари соҳибҷашн пурасрору пурмуаммо намуд. Бо ҳама якрангии гуфтор нуктаеро шунид, ки пештар гӯши ҳушаш сабт накарда буд. Раиси Дастгоҳ бидуни зарурият, балки бо асабоният соҳиби қудрати мутлақ буданашро дар ҳар задаи мантиқии суханаш ба намоиш гузошт. Гузоришу супориши офаридгори сохту сохтор оҳанги маҳкумкунанда дошт. Мухотаб маълум буд, соҳибҷашн. Соҳибқудрат ҳангоми суханронӣ нигоҳи сардашро аз болои сари ҳозирин парвоз дода, ба нуқтаи муҳим, фарқи сари соҳибҷашн менишонд.

Дар байни ҳарфу ҳиҷо ҷашнороро рӯйрост ҳушдор дод, ки ӯ масъулияти ҷиддӣ ҷашни хешро нодида гирифта, ҳунари оқилонаву устодона бозидани нақши худро аз даст додааст.

Малик кайҳо муносибати сарду беиззати Дастгоҳро дар нисбати худу хонаводааш ҳис мекард, ҳис мекарду худро ба нодонӣ мезад. Нигоҳи оҳанинашро аз паси сар эҳсос мекард. Офаридгораш фаро расидани фурсати фанояшро пинҳону

аён ёдрасаш мекард, аммо дар муқобили хасми неруманд малики фартут чизи мегузоштагӣ надошт. Гоҳе хаёлан аз миллат кӯмак металабид:

– Миллат маро дӯст медорад! Халқ бо ман аст! То нафаси вопасин дар паноҳи муҳаббати халқ хоҳам зист. Ман сарам, халқ тан, тани бесар ба чӣ кор ояд?!

– На ту сарӣ, на халқ! Сар ҳам манам, сарвар ҳам! Туву халқатро кӣ офарид? Ман! Хоҳам дар як лаҳза ҳар дуро ба хок яксон мекунам! – ҳамоно мешунид садои нигоҳи дастгоҳро.

– Халқ, миллат! Ҳамон миллате, ки туро бо дархости ман зодаасту ҳамчунон хоҳад кушт, хуб медонӣ, ки монанди худат офаридаи ман аст. На танҳо Туву миллатат, сохту сохтору давлату салтанат низ сохтаву офаридаи мананд. Ман халқро ба ошиқ будан маҷбур месозам. Хуб медонӣ, ки ишқ низ сиёсат аст. Ин манам, ки туи пӯсида то ҳанӯз зиндаӣ! Ман ба хидмати сохту сохтору салтанат халқро сафарбар мекунад. Бихоҳам аз номи халқ дар даме аз аблаҳ Сукрот месозам, нахоҳам Сукротро аз хоки сиёҳ берун кашида, бо фалсафаи осмонияш ба хок яксон мекунам:

– Ту дар асл кистӣ? – бечуръатона суол кард садои мағрури пеши гӯшашро.

– Ту кӣ будани маро намедонӣ? Ман ҳам кӣ будани худро намедонам! Як корманди ночорам, ки бо номи раиси Дастгоҳ дар навбати худ хидмати низомро мекунам. То аз саф афтода, ба фано ра-

сидан аз туву ту баринҳо лӯъбатакҳои бозигар месозам…

– Пас ту низ лӯъбатакӣ?! –

– Рама чӯпонро интихоб намекунад!

– Халқ малики худро дӯст медорад, на лӯъбатакеро, ки ту месозӣ. Халқ маликпарвар аст! –эътироз кард бозичаи аз рӯйи тахтаи шоҳмот лағжанда.

– Халқ бачаҳои худро дӯст намедораду туро дӯст медорад?! Агар халқ кӯдаконашро дӯст медошт ин қадар ятимхонаҳо аз куҷо пайдо мешуд?

Садо аз наздик ба гӯшаш расид:

– Халқат дар симои ту аблаҳии худро, балки худро дӯст медорад. Мардум одати бади худро ишқ меномад. Одати ҳар рӯз ба зери пойи яке рехтани ҳамду сано, саҷда кардану дар ҳоли ҷунун нидои аҳсанту зинда бод ғуриданро дӯст медорад. – Худи ту киро дӯст медорӣ?

– Ман ҳич касро дӯст намедорам! Ман барои дӯстдорӣ на, барои дӯстдоштанӣ зода шудаам. Хато рафт, ман худро дӯст медорам, ошиқи худам. Тани беҳолу ғизоталаби худро ғуломона мепарастам. Ба ҷуз худ ҳиҷ касро дӯст намедорам. Ҳич кас ҷуз худ ба дӯстдорӣ намеарзад. Онҳое низ, ки худ намедонанд маро ба чӣ хотир дӯст медоранд, ҳамчунон метавонанд ба ман нафрат бикунанд, бадам бубинанд, бераҳмона бикушандам, чунон ки мардуми кишвари ҳамсоя малики худро.

– Ишқ вуҷуд надорад. Касе касеро сидқан дӯст

намедорад. Ҳақ аз туст, миллат дурӯғ мегӯяд. Дар ҳич давру замон раият шоҳро дӯст надоштааст. Халқ аз шоҳ метарсад ва ин тарсро муҳаббат меномад…

– Акнун ақлат даромад, аммо дер шуд! Ту дигар на худат ба мо лозимӣ, на ақлат! – шунид садои сарду бераҳмонаи ҳамсӯҳбати оҳанинашро. Ту…

Малик дигар суханони офаридгори бешафқаташро нашунид. Хирриву пирона дер гоҳ сулфид. Касе ба имдодаш нарасид, касе чойи гарм ё шарбат барояш пешкаш накард.

Садои занги соат ӯро бедор кард. Субҳ медамид. Дер гоҳ чашм накушода хоби дидаашро пеши худ таҳлил кард. Байни хоби дидааш ва ҳақиқати ҳол фарқи зиёде набуд…

* * *

Мардуме, ки аз тифли гоҳвора то пири тобутзеб бидуни исми шариф лаб во намекард, аз хулосаи беинсофонаи хоби ӯ бехабар буд, вагарна аз дарду алам саф-саф худкушӣ мекард.

Беҳуда бехабариро як ҷузъи хушбахтӣ меноманд. Вақте ки малик дар хоб, зери тири нигоҳи маҳкумкунандаи раиси Дастгоҳ андешаҳои худро нисбат ба ишқи халоиқ дар мағзи худ тоб медод, миллати шайдо сарафшону парафшон дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр зодрӯзи маъшуқро ошиқона ҷашн мегирифт.

Оне, ки дар дил ба сидқи ишқи миллат шубҳа

пайдо карда буд, ҳангоми ҷонбароии шаҳомату салтанат ҷуз ишқи ин миллат, ин барраи қурбонии сиёсат чизи дигаре надошт.

Дар рӯбарӯйи хасми урёнсилоҳу бераҳм хаёлан пушту паноҳи худ халқро ба кӯмак мехост. Халқ берун аз деворҳои баланди қаср аз ҳасрату нотавонии сару сарвари худ бехабар мерақсиду месуруд ва аз дарвозаҳои сиёҳи оҳанини ҳамеша ба рӯяш баста чашми умед бар намедошт

Малик якумр аз маҳкамаи тиллоии Дастгоҳ фирор кардан мехост, аммо дар пеши оҳанрабои салтанат ҷуз коҳ чизе набуд. Як умр аспи салтанатро рондан мехост, аммо кай ва аз куҷо пайдо шудани ин хоҳиши қотилро дарк карда наметавонист. Чун ҷон ширин будани давлатдориро хуб медонист. Медонист, ки ҳич кас ҷилави саманди давлатро ба ихтиёри худ ба дасти дигаре нахоҳад дод.

Ҳар тоҷутахтталаб ба дасти пур аз хун ҷилави тавсани салтанатро дошта, онро ихтиёрӣ зинҳор раҳо нахоҳад кард. Аз таърихи пурфоҷиаву хунини башар медонист, ки салтанатхоҳон барои соҳиб шудан ба тахту тоҷ дар хуни гарми башар таҳорат намуда, на танҳо омма, балки авлоду волидайн, зоду бунёдашонро қурбон мекунанд.

Таърих қурбониёни аблаҳонаро хуб мешиносад, ки аксар тоҷутахтпарасту салтанатҷӯёнанд. Яке аз онон худи ӯст. Ҳаёти худ, ин ганҷи ягонаи атои офаридгорро, ки аз азал як маротиба додаву ҳазор маротиба рабуда мешавад, барои асири

ҷовидонии дому ҳалқаи салтанат, муқими чоҳу зиндони аморат арзон ба харҷ дода, пуштнигари панҷараву девори ин қасри бузург худро ихтиёрӣ ба ҷазои абадӣ маҳкум кард.

Беш аз ним қарн ӯ малики як мулки бесарубар аст. Малики миллате, ки бидуни ӯ, бидуни сарвару раҳбар, бидуни чоҳу зиндон, кундаву завлона, девору симхор зиндагии фонии худро тасаввур карда наметавонанд, аммо ӯ худ дар дами аждаҳои фано танҳои танҳост.

Аммо аз салтанатхоҳии одамизод чӣ ҷойи аҷаб аст, дар сурате, ки набототу ҳайвонот низ хоҳони подшоҳу сару сарвар буда, бори зиндагии худро ба дӯши дигаре бор карданро дӯст медоранд. Ҳар ҷӯяи каду шоҳи худро дошта, дигар кадувон дар фасли худ таҳти фармонаш пажмурда мешаванд ё нашъунамо меёбанд. Агар кадуи пажмурдае ё харбузаи пӯсидае дидед, аз бадии боду ҳаво ё коҳилии деҳқон гумонбар нашавед. Яқин он кадуро шоҳи кадуён барои кадом гуноҳаш қатл карда, гӯр карданашро фаромӯш кардааст. Шояд фаромӯш накарда, қасдан мурдаашро ба пӯсидан ҳукм фармудааст.

Назму низоми шоҳпарвари умри чиҳилрӯзаи оруи асал низ ҳайратангез аст. Орувони асал низ дар ҷамъияти орувонаи хеш шоҳ, вазир, сарҳангу навкарону назоратгарону дастнигарони хешро доранд.

Раҳбариву раҳнамоӣ ва сару сарварии орувон дар бераҳмӣ ва қолабхоҳӣ, аз бачаҳои ҳазрати

Одаму Ҳавво сабқатро хоҳанд бурд. Як оруи бечора дар тӯли зиндагии чиҳилрӯзаи худ он қадар меҳнат мекунаду заҳмат мекашад, он қадар ба миллионҳо гул нишаста накҳат мечинад, ки зиндагӣ дар назараш шум мешавад.

Барои сабук намудани бори рӯзгори дилгиркунандаву талхаш оруи бечора аз байни миллион гиёҳ алафи шаробдорро меҷӯяд, пайдо мекунад, шираашро мемакад, маст мешавад ва мастона роҳи бозгашташро аз ёд мебарад. Оруи бечораро навкарони шоҳон дар ҳолати айши яклаҳзаина пайдо карда, ҳамоно сарашро аз тан ҷудо мекунанд.

Ҳар ҷонзод хоҳ инс аст хоҳ ҷинс назму низом мехоҳад. Чунин назмхоҳӣ ва низомпарастии набототу ҳайвонот, ки одам ба гурӯҳи сонӣ тааллуқ дорад, ҳикматест худоёна. Шояд офаридгор офаридаҳои худро ба сару сарваронашон барои хидмату итоати ҷовидона ҳавола карда, худ ба корҳои муҳимтару ҷиддитаре машғул аст?

Ӯ малики орувон нест, балки сару сарвари халқи чаҳоряки сайёра аст. Инсонҳои ӯро ошиқу дӯстдор зинҳор сару сарвари худро ба таҳқир нахоҳанд дод…

– Нахуст оне, ки ба сари сафеди ту теғ хоҳад кашид, миллати ошиқи туст! – андешаҳои ӯро хондаву шарҳ дод Дастгоҳи хотирозор.

Ӯ ба гирду атроф ҳаросон нигарист, аммо касеро надид. Садо ҳамчунон омиронаву пандомез буд:

– Ҳоло, ки сарат дар китфони пиронаат бор ас-

ту ба фано расиданат вақту соати худро мехоҳад, худро бардаму коршоям бигир ва шукронаи мавҷудияти чанд рӯзи дигаратро пеши худованди сиёсат аз ёд мабар! Аз ту садҳо маротиба беҳтару хубтаронро сарнавишт ба канор афканда, чашми меҳр сӯйи ту дӯхтааст. Магар аз ин бахти бузург вуҷуд дорад? Хосса барои оне, ки дар тӯли зиндагияш ба ҷуз дурӯғу макру фиреби мардум кори дигаре аз дасташ намеояд? Зуд, зуд шукронаи лакбахши меҳрабонро ба ҷой биёр, ки офаридгор ношукрони фаромӯшхотирро ба сад бало гирифтор хоҳад кард!..

Малик, чунин нутқи маҳкумкунандаро, ки пештар нашунида буд, карахту ҳайрон ба гирду атроф нигарист. Танҳо буду садои ба ҳукми додхоҳ монанд, аз ниҳоди худаш боло мешуд. Тарсид. Баданаш беҳол шуд. Ҳукм ҳамоно дар пеши гӯшаш садо медод:

– Шукри бахшандаи меҳрубонро фаврӣ ба ҷой биёр, ношукр!

Оҳиста панҷаҳои ғафси нимҷонаш чангак шуданд. Оҳиста даст ба гиребони хилъати хобаш бурд ва онро қабза кард. Оне, ки боре самимона ниёиш накарда буд, дар оғоз сухани гуфтание дар хазинаи андешаву идрок пайдо карда натавонист. Оҳиста-оҳиста кӯлвори хаёлашро тагурӯ намуд. Оқибат лабони тунуки беҳисаш ҳаракат оғоз кард:

– Шукр, ҳазор бор, сад ҳазор маротиба шукри офаридгоре, ки маро аз байни миллионҳо малику

сару сарвару раҳбари оммаи бесару гардан интихоб кардааст.! – худ ба худ ниёиш оғоз кард малики пакар. Ва чунонаш намуд, ки миллат низ дар саросари мулк ҳамроҳ бо ӯ дар хиёбону кӯчаҳову киштзорҳову корхонаҳо ба зону афтода, ба ниёиш пардохт.

* * *

Малик пеш аз мулоқотҳои муҳим, дидорбинӣ бо меҳмонони хориҷӣ, сафарҳои хориҷиву ҷаласаҳои масъул одатан дар қаср мемонд ва ба Кохи Миллат ба дафтари асосии кори худ намерафт. Дар чунин рӯзҳо аҳли вазифа аз ҳаммомдорон то табибҳои мӯъҷизаофар ҳама бисту чаҳор соат дар хидмати бадани як нафар буданд.

Дар чунин рӯзҳо гӯё дар дуродури қасри зисти малик зиндагӣ нафас намекашид, фаррошон заминро бо ҷорӯб на, бо остин мерӯфтанд, сагон намеҷакиданд, хурӯсҳо баландово фариштаҳоро аз осмон ба замин ба намози субҳ даъват намекарданд. Бидуни фармон гӯё андалебон хомӯш, товусу тазарв аз ҷилваи рақс бенасиб, рӯдборон аз таронахонӣ дамгир мешуд.

Маҳз дар чунин рӯзҳо зеботарин париёни мулк аз бахт миннатдор остонаи олиҷанобро бо лабони сӯзон бӯсида, он қадар дар озмуни «Ман аз ҳама беҳтар, маро бинед, маро хуш кунед» заҳмат мекашанд.

Паризодони тарабхонаи малик, ҳангоми дари

пурасрори ҳарами маликро аз паяшон бастан забонхат медоданд, ки зинҳор ба сояи хеш низ дар куҷо будан, бо кӣ будан, чӣ дидану чӣ хӯрдану чӣ нӯшиданашонро изҳор нахоҳанд кард. Дар тӯли солҳо як ё ду нафар аз хурӯҷи бахту ғурур боре савгандшиканӣ карда, таърифу тавсифи ишқи маликонаро ба забон овартанд ва ҳамоно бо шунавандагонашон беному нишон шуданд.

Оне, ки баҳои хешро хеле гарон медонист, муштоқонро дар интизорӣ куштану бо лаззати фанои онон зистанро дӯст медошт. Дар назари аввал мулкдор сарду бепарво ҳамаро бо як чашм медид, ба ҳама якранг лутфи белутфӣ зоҳир мекард, ба ҳама якранг ҷоиза мебахшид, аммо дар асл чунин набуд.

Ин буд, ки аз даре берун шуда, ҳамоно ба дари дигар ворид мешуд ва дар ҷунуни нафс гули дидаву писандидаашро ба ҳуҷраи васлу тараб мехонд.

Ин таҷриба дар асл таърихи қадим дошта, аз даврони шоҳону қайсарони Чину Мочин нишона дошт. Барои зинда мондани ҳисси мурдаву афзудани неруи мардиву шӯри ҷавонии шоҳон одатан аз неруи тозаи ҷисми наврасон истифода мебурданд.

Малики қарни сонӣ низ дар ин таҷрибаи му-

фид зиштиеро намедид. Ахиран ин таҷрибаи шифогар низ дардашро даво намекард, зеро мурғи нафсу ҳавасаш кайҳо мурда буд.

* * *

Духтараки навраси деҳотӣ, ин баррачаи ширмасти бадбахт дар дами таҷрибаи фаҳши онҳое қарор дошт, ки барои ба ҳадафи зишти худ расидан аз ҳич гуна амал даст барнамедоранд.

***Ишқи шарқиёна офтобро мемонад: месӯзад, месӯзонад, сиёҳ месозад…***

**32**

Дару девору фаршу шифти толори қадима, ҳич гоҳ чунин меҳру муҳаббати бехудонаро ёд надошт. Ҳар вакили анҷумани ҷашнӣ, ки ҷоизаи ҳазорон номзадҳои арзандаро барандагӣ карда, ба чунин шарафи бузург сазовор гашта буд, табиист, ки бо барномаи нестандарҷаҳони худ пеш аз дигарон майлу хоҳиши худнамоӣ дошт.

Барномаи пешакии анҷуман низ, ки бисту чаҳор соат тавассути садо ва симо ба мардум пешкаш мешуд, дар муболиғаи ишқу вафои миллат ба малики маликон ҳар оқилро бехуду девона мекард. Маҳз пахши мустақими кори анҷуман тавассути садову симо вакилонро ҳунарпешаву эҷодкор месохт. Ҳар кадом муҳаббати беқиёсашро ба соҳибҷашни якто, истеъдоди кашфнашудаашро ба миллат, ҷавонмард ё бонуи чаҳор кас медидагӣ будани худро ба ҳамсар ё маъшуқааш, писари шоиставу домоди хушкарда

буданашро ба модару модарарӯсаш ба намоиш гузоштан мехост. Навбати паси баландгӯякҳо то ҷашни садсолагии соҳибҷашни кунунӣ тӯл мекашид.

Онҳое, ки навбаташон наздик расида буд, бетоқатона якдигарро тела додаву аз пой афтонда, ғолибу сурхрӯй шитобон ба саҳна мебаромаданд.

Яке дигареро дар шиорзаниву суханофарӣ маҳв карданӣ шуда, аз зӯрзании беҳуда миёни ҳиммату қудраташро шикаста, беҳол мешуд.

Ҳанӯз кори анҷуман оғоз нагардида, марг дарҳои дутабақаи маҷлисгоҳро бо пой боз карда, ворид шуд. Дар шоҳидии як анҷуману як мулку як ҷаҳон нотиқи оташинсухане ҳангоми қироати шеъри шаҳомату бузургии малик ҷон дод.

Аз шӯру ҷунуни ишқ, аз хурӯши эҳсоси хушбахтӣ ногаҳон дамаш ба дарун афтоду дигар берун нарафт. Ошиқи худодод аввалин шуда ҳарфи ишқ дар лаб рӯйи саҳна афтоду мурд.

Қурбонии ногаҳонии ишқи малик зинҳор ҷиддӣ мурданӣ набуд. Субҳ бо хонаводаи хушбахташ дар сари дастархон нақшаи дар роҳи ишқ қурбон шуда – зинда монданашро муфассал муҳокима карда, барои таоми шом лӯлакабоб фармуда рафт.

Алҳақ, ошиқи фиребхӯрда асло мурданӣ набуд, мехост оташаки сӯзони ишқашро халоиқ аз дидагонаш бубинад, васфи ишқу вафояшро, савганди сидқу санояшро бо ҳам бихонад. Мехост дар як дам машҳури ҷаҳон гардад, мехост дар кӯчаву хиёбонҳо ӯро бишиносанду аз ӯ барои хотира соядаст хоҳанд, мехост бидуни ҳич гуна ҳунару истеъдоду заҳмат воситаи тақлиду таҳсину пайравии миллионҳо бошад. Мехост ба ному нишону ҷоҳу гоҳ сазовораш донанд. Ӯро аз марг наҷот

додан имкон дошт, аммо бечораи худо сахт берӯзӣ будааст. Маҳз дар навбати ҳунарнамоии ӯ маълум шуд, ки шумораи қурбониёни ишқ ба адади фармудаи Дастгоҳ ҳанӯз баробар набудааст Духтурон ҳарчанд худро дар наҷоти ошиқони ҷоннисор пуркору дилсӯз нишон медоданд, дар асл супориши махсуси то фалон адад расондани шумораи қурбониёни ишқро дар ёд доштанд.

Нотиқи қурбонии ишқ бо дидагони бози пурҳайрат гӯӣ ҳозиронро нусхагирӣ намуда, ба марги худ бовар намекард. Чашмони ташнаи зиндагияш ба акси мутафаккиронаи соҳибчашн, ки табассуми пуристеҳзо дар лаб ҳамаро, аз ҷумла, ҷасади ҳанӯз сарднашударо таҳти назар дошт, меҳрталаб менигаристанд.

Ошиқ мурд, ишқ зинда монд. Сидқ монд, содиқ мурд. Пайравони нотиқи ишққушта меафзуд. Марг кори зиндагиро мекард. Ҷанозаҳои ҳанӯз гармро зери мавҷи таркандаи кафкӯбиҳои толор ба занбар бор карда, шитобон мебурданд.

Гоҳе духтурон тирвор ба сӯйи мирандаи худихтиёр дав мегирифтанд. Қурбонии навбатиро, ки маргаш шӯхӣ намекард, наҷот додан зарур буд, зеро афзудани шумораи шаҳидони ишқ дар бинои анҷумани таърихӣ ғайриқонунӣ ҳисоб меёфт.

Шоире, ки тахтаи синааш аз унвону нишонҳои бешумор ҷойи мӯрчаравак надошт, оне, ки суханро, гӯйӣ ҷони худу пайвандонашро ба зери кафшҳои локзадаи малик мерехт, оне, ки қасидавасфияҳои дарозҳаҷми бемантиқаш соҳиби қасру кӯшкаш карда, худ, ҳангоми изҳори ишқи безинҳораш аз оби даҳани худ нафасгир шуда, мурд. Табибони чолок ҳарчанд аз болои чандин зинда хез зада, худро ба миранда расонданд, аммо дер шуда буд.

Шоире, ки ҳар мисраъаш ба соҳибҷашни якка-

ву ягона зиндагии ҷовидона ваъда мекард, ташрифи наздиквукӯъи ӯро интизор нашуда, дар шоҳидии як мулк ҷон дод. Восифи бефаноӣ худ дар як лаҳза ба фано расида, кулли эҷодиёташро, балки бефаноии қаҳрамони азимушшаънро беихтиёр инкор карда, хоинона дар пеши чашми оламу одам мурд.

Марги шоири ба малик умри ҷовидона ваъда карда ба миллат мирандаву фанопазир будани ҳар ҷондорро, аз пашшаи саг то соҳибҷашн ёдрас кард.

Дар лаҳзаҳои ифтитоҳи ҷаласаи муқаддас мурдани шоири маддоҳ ба ҳич кас хуш наомад. Рӯшоду пинҳон миллат забони дарборро ба хоинӣ, малик ба кӯрнамакӣ, Дастгоҳ ба кӯри сиёсӣ буданаш айбдораш кард:

– Мурдан осон аст, қанд хӯру ошиқона, хоса бо ишқи малик ҳазор сол зиндагӣ бикун! Он гоҳ халқ ба садоқати ту бовар хоҳад кард. Як шеърро то ба охир қироат накарда, афтоду мурд! – шӯру мағал бардоштанд вакилон дар толор, миллат дар саросари мулк. – Ин шоири нимҷон малики азизро на, худакашро дӯст медоштааст. Худро дӯст намедошт, ин қадар зуд намемурд!

Дар саросари мулк низ зуд фаро расидани фанои восифи ашаддии малику мулкро маҳкум карданд. Ба ишқи хасакии шоири қолабӣ дили миллат сард шуд. Ӯро, ки ҳанӯз ҷойи гӯраш муайян набуд, ҳамоно ба бойгонии фаромӯшӣ афканда, аз дафтари хотираи эҳтирому эътибори худ хат заданд.

Марг берун аз толори анҷуман низ пуркор буд. Дар саросари мамлакат аз шодии муҳаббат ҷон супурдагон ҳисобу китоб надошт. Маликаи мамлакат низ, ки дар як гӯшаи қаср ҷон меканду мурда наметавонист, аз ин саф берун набуд.

* * *

Дар кори анҷумани таърихӣ як гурӯҳ қаҳрамонони даврон ҳузур доштанд, ки корномаи онон пештар аз худашон ба толор ворид шуда, сари забонҳо давр мезад. Номдорони навбаромад достони беназири ҷоннисориву вафодории худро ба малик аз забони тафсидаи нотиқон шунидаву худро бо нигоҳи дигарон дида, ошиқи худу корнамоии хеш мешуданд. Оби дидаи худро барои наворбардорӣ сари рухсораҳо соҳирона нигоҳ дошта, аз ифтихору ҳаяҷон хандида мегиристанд.

Гирёнчакҳои хандон бештар мардон буданд. Дар рӯзҳои муқаррарӣ бо овози ғафси дупӯстаи пакаркунанда гиристани бӯзбалаҳои таҳамтан шояд хандаовар менамуд, дар айни ҳол ин садо навои андалебро мемонд. Нотиқон пас аз қироат кардани ҳолномаву корномаҳои муфассал қаҳрамонони давронро ба саҳна даъват мекарданд.

Оқибат навбат ба оне расид, ки на танҳо вакилон, балки хурду калон дар саросари мамлакат ташнаи дидораш буданд. Оқибат оне, ки воситаи ифтихору интизори ҳамагон буд дар рӯбарӯи миллат зуҳур кард. Ҳангоми ба минбар баромадани марди қадпастаки гирдачарӯй толорро мавҷи кафкӯбӣ ларзонд. Ӯро бидуни муаррифӣ ҳама якбора шинохта, бештар аз пештар дӯст доштанд.

Кайҳо акси хоксоронаи ӯ саҳифаҳои матбуоти ватаниву хориҷиро оро медод. Ин мард, ин сардори хонаводаи ба коми оташ рафта, дар пойдевори хонаи сӯхтаву хонаводаи хокистаршудааш акси малик дар даст бо табассуми ифтихор аккосӣ шуда буд. Зернавишти аксро хурду кало-

ни ин диёри қаҳрамонсоз чун савганд аз ёд медонист:

«Зану фарзанд, хонаву ҷойро меёбам, аммо акси маликамро ёфтан наметавонам. Хонаву хонаводаи ман, фарзандони ман малики маликон буд, ҳаст ва хоҳад буд! Ман як бандаи одиям, дидаву дониста хонаводаи худ, фарзандони худро на, акси маликро аз оташ наҷот додам. Дигар дар дил ҳич орзуву ормон надорам! Зинда бод акси малик! …»

Нотиқ зернавишти акси мардаки хонасӯхтаро бо овози ларзон, зери мусиқии ботантанта қироат карда, дар поёни матн кӯдакввор гирён шуд. Мувофиқи талаби толор, ки дархости миллат буд, нотиқи гирён матнро гаштаву баргашта қироат намуда, аз вакилони анҷуман сар карда то зиндониёни зиндонҳои бешумор бо ӯ ҳамовоз гаштанд.

Қаҳрамони даврон шояд барои гиристан, дигар қуввату оби дида надошт, ки бо ҳамагон намегирист. Ӯ дар саҳна рост истодаву гарданашро каҷ карда, сӯйи анҷумани оташгирифта бо ғурури аблаҳона табассум мекард. Оқибат аҳли толор ба чӣ мақсад аз қаъри дилашон оби дида берун кашиданашонро ёд оварда, чашмонашонро пок карданд ва ҷиддиву пурсуол ба пайкараи ишқу ифтихорашон нигаристанд.

Табассуми хонасӯхта безебу доманадор шуд. Базморо табассуми мардро дар хами лабҳояш таҳ карданӣ шуда, бо овози ширини часпак ба ӯ муроҷиат кард:

– Марҳамат карда бигӯед, ки шумо дар ин лаҳзаҳои таърихӣ худро чӣ гуна ҳис мекунед?

– Ман марҳамат карда мегӯям, ки дар ин лаҳзаҳои таърихӣ худро бисёр нағз ҳис мекунам! – ҷавоб дод ӯ бо шитоби одами саг сур карда.

– Бисёр хуб, олӣ! Мо ҳама мухлису дуогӯи шу-

моем!

– Ман ҳам мухлисам! – безеб хандида ҷавоб дод мухотаб ба шифти гулкорӣ бо виқор чашм дӯхта.

– Эй қаҳрамони миллат, эй ҷоннисори малики маликон, лутфан бигӯед, ки шумо дар ин лаҳзаҳои хушбахтӣ чӣ андеша доред?

– Ман дар ин лаҳзаҳои хушбахтӣ ҳич андеша надорам! – мағрурона посух дод ӯ. Кори ман андеша кардан нест, кори ман дӯст доштани малики маликон аст!

– Офарин! Аҳсант!

Сухангӯи анҷуман бо шаст каф зада, толорро низ ба даст задану ифтихормандӣ водор кард. Нотиқ ба қаҳрамони даврон наздик шуда, гапчинакро таги бинияш рост кард:

– Дар охир ба малики маликон, ки барояш хонаводаатонро ба оташ додед, чӣ гуфтании муҳиме доред?

– Ман мехоҳам, ки..., забон хоид гурди дудхӯрда. Ман аслан… нотиқ сухани ӯро бурида, пурсид:

– Умедворем тану ҷони азизатон сиҳату саломат, рӯзгору маишататон хуби хуб аст?!

Қаҳрамони пастак якбора пеши чашми ҳама қад кашидаву ҷон гирифт ва дар мушт пурмаънову баланд чанде сулфида, бо овози хиррӣ гуфт:

– Гапро аз ҳамин сар кардан даркор буд. Тану ҷонам хока сиҳат аст. Бехонаву дар, бе зану бача тану ҷони кадом мардак сиҳат мешавад?

Суолдиҳанда даступо хӯрд. Толор ба ҷунбиш омад. Занон чашмони намгирифтаашонро бо дастмолҳои хушнакҳат пок намуданд. Мардон мард буданашонро дар нигоҳ дошта тавонистани ашки худ, исбот карданӣ шуда, ғами бо ашки ифтихор ба гулӯ расидаро бо оби даҳон фурӯ бур-

данд.

Хонасӯхтаи маъруфу маҳбуб қандилҳои фурӯзони толорро бо нӯги бинӣ харошида, қадаме ба пеши саҳна гузошт. Ӯ бо анҷуман гап дошт. Нотиқ, ки ҷавоби мардак писандаш набуд, ноилоҷ аз дунболаш кашола шуд.

– Шумо ба ҷойи ҳама, гуфт сухангӯ, ба ҷойи миллат ишқу вафои беназиратонро ба бузурги бузургон исбот кардед, – кафзанон толорро ба кафидан маҷбур сохт ҷилавдори анҷуман. Инак миллат ташнаи орзуву умеди шумост. Лутфан, бемалол каломи дили зебоятонро ба забони ширинатон биёред!

Илҳоми нотиқ ба мардаки омӣ бетаъсир намонд;

– Масали «камбағалро аз болои уштур саг газидааст»-ро шунидаед? – ба нотиқ муроҷиат кард мардак.

– Ээ, албатта! Ин ҳикмати олиро кӣ нашунидааст. Хуш, хуш! – худро доно нишон дода, гуфт нотиқ.

– Ин масал пеш аз ҳама ба ман нисбат дорад, бахудо онро гӯё барои ман гуфтаанд, сухан оғоз кард хонасӯхта.

Ҳозирон ин ҳикматро низ бо кафкӯбӣ истиқбол гирифта, бо умеди шунидани панди тозае бо даҳони қаҳрамони даврон нигаристанд. Ӯ то ҳикматашро ба дафтарчаҳои хотираи худ навиштани ҳозирон, хомӯш монд:

– Берӯзӣ дар роҳи рост афтода, пояшро мешиканад! – суханашро идома дод ӯ.

Ин андарз низ ҳамоно ба дафтари хотираи вакилон кӯчид. Дар пеши чашми анҷуман сухансанҷу нотиқи нав сабзида, ба воя мерасид;

– Ман ҳамон камбағалам, ман ҳамон бечораам, ман ҳамон бадбахтам!

– Эеeee! – фишшас зад толор.

Вакилон бидуни ихтиёр норизо абрӯ гиреҳ карданд.

Хонахокистари аз ҳунари чеҳрахонӣ бенасиб, ки аз оташ акси маликро наҷот дода, зану кӯдаконашро қурбон карда буд, аз фурсат истифода бурда, дастархони дилро ба тамом дар саҳнаи мулк такиданӣ шуд:

– Болои сӯхта намакоб, сӯхтани хонаву хонаводаам кам буд, ки боз шикамрав шудам!

Сафҳои охир лутфи мардакро ба тариқи худ фаҳмида кафҳоро оташ дода, шеракаш карданд:

– Аз ман насиҳати холисонаву бародарона ба шумо, зардолу, ки хӯрдед асло аз болояш оби хунук нахӯред! – ҳозиронро насиҳат кард соҳиби шиками дардманд.

Ҳарчанд дар ин мулк на хандидан расм буду на ҳазлу танзгӯйӣ, анҷуман шӯхиҳои қаҳрамони нозпарварро бекафкӯбӣ нагузошт, ҳарчанд садои кафзанӣ мисли пешин осмонкаф набуд:

– Вой! Воой! – шикамашро ду даста дошта нимхам шуд мардак. Шикамам дард мекунад! Духтурон хеле ёрдамам карданд, аммо ҳар ҷое, ки санг аст, пеши бузи ланг аст!

Мавҷи кафкӯбӣ аз нав гӯё шуд. Ҳозирон хандаи даҳондарон дар лаб, оби дидаашонро бо кафу дастрӯмол пок мекарданд. Мардак ҳамчунон гарданкаҷу табассумрез байни саҳна истода, аз хандаи мардум кайф мекард. Ҷилавдори тантана гул-гул мешукуфт, толор арғушти эҳсос мерафт. Қаҳрамони шикамрави бехонумон саҳнаи анҷумани таърихиро тарк карданӣ набуд.

– Шумо не, душман шикамрав шавад, сагону хукон шикамрав шаванд, гуфт бо шавқ ҷилавдори маҷлис. Ногаҳон чашмаш ба гӯшаи

барояш аён афтода, ҳамоно забони баёнаш каладав хӯрд, офтоби табассумаш зери абр монд, дамаш гирифт.

Қаҳрамони даврон давоми лутфи нотиқро интизор чун кӯдаки ноқисулақл ба даҳонаш менигарист. Сухангӯ ҳоли зорашро бо шӯхие рӯпӯш карданӣ шуда, саросема ба марди шикамрав гуфт:

– Шумо барои мулку миллат азизед! Ҳар чӣ зудтар шифо ёфтани шуморо орзумандем! – Азизон, – шитобон ба толор мурочиат кард, сухангӯ. – Биёед, ин ҷавонмарди олиҳиммат, ин қаҳрамони миллатро бо кафкӯбӣ гусел мекунем!

Ӯ аввалин шуда, ба бинии суханчинак каф зад. Мавҷи кафкӯбӣ гӯшҳоро сурох мекард, аммо қаҳрамон рафтанӣ набуд. Талхаи сухангӯро, ки аз гӯшаи муқобил чашм намеканд, ба кафидан наздик оварда, боз чизе гуфтан хост;

– Мо шуморо…

– Ман як гап дорам! – суханчинакро аз дасти ӯ кашида гирифта гуфт марди майдони хокистарӣ.

Сухангӯ беқарор шуд, аммо ҳозирон интизори шунидани як гапи ваъдагӣ гӯшу ҳуш гаштанд. Боз фосилаи гапи мегуфтагии мардак тӯлонӣ шуд. Сулфаҳои дурӯғини гулӯи ҳозиронро фишурда низ тамом шуданд, аммо гапдор ҳанӯз забон мехоид;

– Марҳамат, марҳамат, гап занед! – гӯё нафаҳмида пойи қаҳрамонро зер кард, сухангӯйи ҷонаш ба лаб омада:

– Э пояма зер кардед! Кафшҳоям аз они худам нестанд, эътироз кард ҳамсӯҳбати хира, интизори узру маъзур нашуда гуфт:

– На кафшам аз худам ҳаст на манзилам. Ин субҳ, дар симои мамлакат як иморати нави

боҳашаматро намоиш дода, акси маро дар поёнаш нишон доданд.

– Муборак бошад! – ба ҷойи ҳама муборакбодаш кард нотиқ.

– Худо муборак! – даст болои дил муборакбодиро пазируфт мардак.

– Аммо, э хешу табор, э одамони хуб, дар ҷоям хоку хокистар шавам, агар он хонаро аз наздик дида бошам. Ман хона надорам! Ман ҳич чиз надорам! Худо шоҳид дар кӯча зиндагӣ мекунам. Бо сагу гурбаҳои дайду! – бафурҷа оби чашмашро бо остинаш пок карда, арзи дил намуд қаҳрамон.

– Бӯҳтон! – садо баромад аз паси саҳна.

– Бӯҳтон! – баландово такрор кард ҷилавдори анҷуман.

Тӯҳмат! Кӯрнамак! Ношуд! – якбора аз чаҳор гӯшаи толор садоҳои маҳкумкунанда боло шуд.

– Ба арвоҳи бачаҳоям қасам, ки ҳаққи гапро мегӯям. Сарпаноҳ надорам, дар кӯча зиндагӣ мекунам! – Шукри худо, ки бачаҳоям наҷот наёфтанд. Агар аҳли оилаам зинда мемонд, мисли мани бадбахт дарбадару хокбасар мешуданд, бечораҳои…-суханашро ба поён нарасонда, кӯдаквор гирён шуд хушбахти сиёҳтолеъ.

Сухангӯ суханчинакро аз дасти мард чанг зада гирифта, бо нохун ними дасташро тарошид. Толорро хомӯшии сангине фаро гирифт.

Марди сода ҳанӯз бо салобати омиёна ба толор нигариста, аз байни пардаи ашк табассум мекард. Табассумаш пур аз ифтихору зораву нола буд. Вакилон бо нафрати аён аз рӯи қаҳрамони азизи худ чашм канда, чанде лабгазону ангуштшиканон музтару пакар ба зонуву панҷаҳои худ нигаристанд. Сипас, гӯё ба якдигар маслиҳат карда бошанд, якбора хурӯши маломату нафрат боло

карданд;

– Ношукр!

– Марг ба хоин!

– Марг ба душмани малики маликон!

– Марг ба хасми миллат!..

Садоҳои марғуладору ғафс дар толор бо суръат таркиданд. Марди толеъбаргашта низ нафаҳмида, чанде бо ҳамагон шиор зад, чун ба таги масъала сарфаҳм рафт, ба мурғи пойсӯхта табдил ёфт. Муҳаббати сӯзони вакилон ба нафрати тафсон мубаддал гашт. Ҳаёҳуй ва ҳуштаку нидоҳои « ҳайфи ту, кӯрнамак! « толорро пур кард. Ҳар кӣ ҳар чӣ дар даст дошт, аз қаламтарошак то лабсурхкунак ба сӯи саҳна парид. Қади пасти қаҳрамони нафратзада пасттар шуд. Оне, ки чанде пеш гули сари сабади маъракa буд, дар чашми мардум ба як каф хок табдил ёфт.

Сухангӯ суханчинакро чапагардон дошта, бо нафрати рӯйрост ба мардак нигариста, бо як кайфияти хосаи таҳқиркунанда ба ҳозирон имкон медод ғубори нафрати худро серӣ ба рӯйи ин одамаки бемор пош бидиҳад.

Мардак оқибат чӣ хиёнати гӯшношуниде ба малику мулк содир карданашро дарк карда, оҷизона худро сафед карданӣ шуд. Сухангӯ барои шунидани охирин афвномаи марди кӯрнамак суханчинакро ба кор даровaрда, таги бинии ӯ рост карда бо зарда гуфт;

– Ҳай шухӣ кардед-а?!

– Албатта шухӣ кардам! – ҷон гирифт мардак, аммо ӯро аз ошиқони сардгаштааш, аз толор зарбае сахттару расотаре интизор буд.

– Ёфтӣ ҷойи масхарабозита! Анҷумани таърихӣ барои ту ҷойи бозист?

– Ронед ӯро! – хурӯшид толори ба таркидан

омода.

Ҳамоно ду таҳамтан дар ду тарафи қаҳрамони ноком ҳозир шуда, ӯро сабук аз саҳна бардоштанд. Мардак, ки дигар чизи аз даст медодагӣ надошт, дастафшону позанон фарёд кашид;

– Аз барои худо инсоф кунед! Ман зану бачаҳоямро талаб намекунам, хонаи сӯхта хокистар шудаамро намехоҳам, аммо, вале, магар..., забони бечора гирифт, суханаш нофаҳмо шуда, аъсоби ҳозиронро монанди зиҳи рубоб таранг кард:

– Инсоф кунед, магар бесарпаноҳ дар кӯча зиндагӣ карда мешавад? – ҷонашро ба қавли маъруф ба сар печонида арз кард мардак аз таги каши шербачаҳои Дастгоҳ..

– Мешавад! – хурӯшиданд вакилони таҳқиршуда.

Бо ишқи малики маликон дар ҷаҳаннам ҳам чун дар биҳишт метавон зист! – илова кард нотиқ аз ҷониби миллат.

– Зинда бод малик! – бо овози танҳо барои худаш шунаво почакзанон шиор зад бехонаи бечора.

– Марг ба хоин! – наъра кашид толор.

Мардро бардошта бурданд. Анҷумани ҷонфидои бечораи худоро бо нидоҳои меҳру таҳсин пешвоз гирифта, бо хитобҳои дашному таҳқир гусел кард.

Танаффус эълон карданд, аммо гӯё вакилонро ба курсиҳо мехкӯб карда бошанд, касе аз ҷой намеҷунбид. Димоғи анҷуман сӯхт. Иштиҳояш гашт. Хӯроки муфт дар даҳонашон заҳр шуд. Аксар дар танаффус ҳам курсиҳои худро тарк накарданд. Онҳое низ, ки аз зарурат ҷойҳояшонро сард намуданд, пеш аз садо додани занги даъваткунанда худро ба толор заданд. Ҳарчӣ зудтар

зуҳур намудани онеро интизор буд, ки бо номаш нафас гирифтаву нафас аз найчаи димоғ сар медоданд.

***«Зиндагӣ саҳна аст», башар бозигар. Дар ин саҳна ҳар кас нақши хешро мувофиқи ҳунару истеъдод ба намоиш хоҳад гузошт.***

## 33

Саҳна ба ихтиёри маддоҳи ҷавону хушсурате гузошта шуд. Нотиқ ҳамоно чунон ба таърифу тавсифи шаҳомату бузургии соҳибҷашн пардохт, ки вакилон на танҳо мухотабро, балки хонасӯхтаи ношукри аз саҳнарондашударо низ дӯст доштанд.

Аз нигоҳи пуррамзаш маълум буд, ки дар пеш намоишест диданиву шуниданиву хушкарданӣ. Ваъдаи ҳадя аз худи он ҷозибаноку дилгармкунанда буд. Ҷаласаи пеш аз ҷашн чун ҳамеша аз шиорзанӣ оғоз шуд:

– Ҷовидон бодо малики маликон! – хитоб кард нотиқи наврасидаи кӯҳнашиор.

Ҳозирин шиорро баландово такрор карданд:

– Бехазон бод боғи зиндагонии малики маликон!

– Ҷовидон бод! – такрор кард толор бо вакилону дару девору шифту фаршаш.

– Малик яктост, миллат бешумор! Миллат нисори яки беназир бод! – Миллат ҷону ҷигарашро аз малик дареғ намедорад! Оне, ки алъон саҳнаоро хоҳад шуд, ин ҳақиқатро шоҳид аст!

Нотиқ булбулвор васфи садбарги нуҳуфтаро оғоз кард:

– Эй зан, эй олиҳа, эй ҳастӣ,

Эй гули гулзори сармастӣ!

Садои мусиқии мутантан толорро ларзонд. Ҳозирон гӯшу хуш шуда ба саҳна чашм дӯхтанд. Пеш аз зуҳури бонуи саховатманд навори корнамоияш ба намоиш гузошта шуд, ҳар рӯз намоиши симои салтанат аз порчаҳояш оғоз мешуд.

Қисса чунин буд: Дар яке аз мулоқотҳои ҷашнии малик зане сафи фӯлодини шербачаҳои низомро рахна карда, пеш гузашт, ки дар бағал тифли парпеч дошт. Модар ба олампаноҳ таъзим карда, тифли парпечро чун дастаи гул зери қадамаш гузошт. Вақте ки дар навор зан тифлро ба зери пойи малик мегузошт, толорро раъди кафкӯбӣ тарконд.

Манзара воқеан тамошобоб буд. Модар тифлро ба пеши кафши локзадаи малик гузошта, қадаме ба қафо монд, аммо издиҳом ӯро аз нав сӯйи малику кӯдак тела дод. Соҳибҷашн аз дидани ин манзара аксуламале нишон надод. Зан рӯбарӯйи малик рост шуд. Дами мардум ба дарун афтод:

– Маликам! – хитоб кард фаррош. – Маликам!

Ӯ худро ба пойи малик афкандаву кафшҳояшро бо остин рӯфтаву ба дида молидаву

бӯсаборон карда гуфт:

– Маликам! Ҳарчӣ дорам, ҳамин тифлак аст, ба парпечи зери пойи малик ишора карда гуфт, зан. Ҷону дилам, тифли ҷигарбандам садқаи хоки пойи шумо!

Зан намоишкорона кӯдакро чун лӯъбатаки нозарур аз замин бардоштаву болои сараш бозӣ доронда, аз дигар ба зери пойи малик гузошт. Фиғонҳои гиряолуду хандаолуд ҳамоно ба ҳам омехт.

Малик ба зери пояш нигоҳ накарда, аз тори сари зани қурбоникунандаву мардуми қурбонихоҳ сӯйи уфуқҳои дур нигоҳашро парвоз медод. Дар ин намоишномаи мазҳака –фоҷиа малику зани хокрӯб нақши худро хеле моҳирона мебозиданд. Малик ногоҳ сабук аз болои кӯдаки парпеч ҷаҳида, бо карами худ ҷоизаи гармаки ҷондорро аз ҳалокати ногузири чун чӯҷаи лучаки зоғ зери пояш пачақ шудан наҷот дод. Ҳамоно нидоҳои « мӯъҷиза, зинда бод, аҳсант!»-ҳо ба осмон дакка хӯрд.

Дар ин амали олиҷаноб омма лутфи ҳақро дарёфта, бори дигар ба худоназариву бузургвории сарвари худ қоил шуданд.

Маъракаороён ҳамоно тифлро аз хок бардошта, ба навзо, ки шираш шорида, гиребонашро тар мекард, бар гардонданд, аммо модар дар шоҳидии ҳазорон пас гирифтани ҳадяи худро қатъиян рад кард. Бо садои ларзону зангӯладор, гӯӣ сухани вопасини худро арз мекарда бошад, ба

халоиқу холиқаш хитоб намуд;

– Тифле, ки ҳадя овардаам, ҳамагӣ як тифл аст, агар ҳазор мебуд, садақаи хоки пойи олампаноҳ мекардам! Ҳадяи ночизи маро гаронбаҳо бипазиред!

– Муборак! Муборак! – фарёд кашид омма.

Саховати аҳсанту офарини издиҳом ба зан бебаркаш буд. Тифлаки серӯза низ гӯё муҳим будани вазифаи худро дарк карда, аз худ дарак намедод. Дар муддати ҳунарнамоии модари хокрӯбаш тифл боре бо садое зинда буданашро собит накарда, андак монда буд, нисбат ба мавҷудияти худ шубҳаи издиҳомро барангезад.

Дар толор низ ба воқеӣ будани тифл шубҳа карданд, ки байни худ миш-миш оғоз карданд:

– Тифл не, лӯъбатак! Зинда бошад?

– Зинда мебуд, овозаш мебаромад!

– Чӣ фарқ дорад зинда аст ё мурда. Ҳадя ҳадя аст.

– Нееааа! – тифл ногоҳ аз навор ба толор садо сар дод тифли рамузфаҳм. Садои кафкӯбӣ баланд шуд. Навор бо мусиқии мутантани ишқ ба поён расид. Толор на хандиданашро медонист, на гиристанашро. Достони ишқи зани хокрӯб ва тифли ҳадягияш дилрасу мафтункунанда буд.

Аз дигар мусиқии мутантан толорро ларзонд.

Оқибат рӯбарӯйи вакилони аз дидаву шунида ҳанӯз ба худ наомада, зане зуҳур кард, ки тасвираш девори хонаи кулли шаҳрвандони мамлакатро оро дода, корномаи нестандарҷаҳонаш ифти-

хори китоби Гиннес буд. Ҳарчанд қиссаи корнамоияш барои ҳамагон маълуму дӯстдоштанӣ буд, мехостанд аз забони худаш онро бо гӯши ҷони хеш бишунаванд. Охир дигарон гову гӯсфанду аспу уштур ба ҷашн тӯҳфа карда бошанд, ӯ тифли зиндаро бахшидааст. Зан бо ин саховати гӯшношуниди худ, ки дафтари низом тарҳрезаш буд, ба оламу одам собит намуд, ки ҳазор-халқ, дар қиёси як – малик ҳич аст.

Олиҳимматии зани фаррош ҳамоно қадр карда шуд. Хокрӯбе, ки фарзанди сездаҳумашро чун қурбонии хоки пойи олампаноҳ парварда буд, саҳарӣ аз дари кулбаи фақиронааш муфлис бурун рафта, бегоҳ маликасон аз дари қасри пуршукӯҳ ворид шуд.

Миллат соҳиби модархудо гашт. Акси олиҳаи меҳрро бо тифлаш машҳуртарин рӯзномаҳои ватаниву хориҷӣ дар саҳифаи аввал ҷой доданд. Кӯчаву хиёбонҳо, мактабу донишгоҳҳо, бозору саройҳо, гармобаву ҳаммомҳо, хоҷагиву мазорҳо номи зани хокрӯбро гирифтанд. Тӯҳфаи зиндаро дар парваришгоҳи салтанатӣ ҷой дода, дояву мураббияҳои махсусро дар хидматаш гузоштанд.

* * *

Миллат он гоҳ ин ҳадяи беназирро аз симо бо чашми худ дида, на танҳо ӯро, балки модари саховатмандашро низ баробари ҷони ширин дӯст дошт. Табиист, ки ин афсонаи ширинро омма бо-

ри ҳазор омодаи шунидан буд, хоса аз забони худи қиссаофар-қаҳрамонмодар.

– Оре, зан – модар, зан – мӯъҷиза, зан – шарафкан аст. Марҳабо ба дилу дидаи миллат, эй зани дар саховат беҳамто! Марҳабо, эй азизи дилу дидаҳо!

Ваъдаи шоиронаи сухангуй ваъдаи дидор буд. Оқибат навбати худнамоӣ ба оне расид, ки корномааш ҳамто надошту эҳсонаш назир..

Толор чашм ба сурати мағрури офаридгори тифл дӯхт. Зани хокрӯб оқибат ворисона сухан оғоз кард:

– Дӯстони ба ҷону дил баробарам, миллати бузургворам, салом! Меҳмонони аз дуру наздик ташриф оварда, хуш омадед, нури дида тоҷи сар!

Ман, бо ҷилваи хос худнамоӣ карда, суханашро давом дод модархудои навбаромад, ман занам, як зани хокрӯб. Мисли ман ҳазорон модарон тифлонашонро аз синаи худ канда, ҷорӯбро ба даст мегиранд, ки рӯйи кӯчаву хиёбонҳои маликгузарро рӯфтаву ороста кунанд. Ҳо, ман ҳамагӣ як фаррошам, як фарроши хоксор, аммо бахти худро ба ҳич гуна симу зар иваз намекунам!

Модарсахо оқибат суханеро баландово ба забон овард, ки шабу рӯз бонувони мулк дар арзу ниёзу намози худ зери лаб такрор мекарданд:

– Ман модари писари маликам! Ман барои малик писар ҳадя кардам. Писари ман писари малик аст!

Вакилон ба гапи хокрӯби оташинсухан чунон бо диққату эҳтиром гӯш медоданд, ки на танҳо суханони гӯянда, балки ҳарферо низ, ки гуфтан мехост, пешакӣ бо гӯши ҳуш шуниданд:

– Мо барои малик писар ба дунё меорем! Малик соҳиби миллионҳо писари шермарданд. Тифлаки ман яке аз онҳост. Мо, ҷинси нозукем, аммо шермардонро меофарем. Қаҳрамононро аз синаи меҳр шир медиҳем, дар домани муҳаббат мепарварем. Мо занон, артиши бузургем! Артиши фидокори малики маликон!

Анҷуман суханони хокрӯбро бо аҳсанту зиндабоду кафкӯбиҳои тӯлонӣ истиқбол гирифт:

– Фарзандони мо, мурдаву зиндаи мо аз малик аст. Малики маликон, эй шоҳи замину осмон, фарзандони худ, мурдаву зиндаи моро соҳиб шавед! Мо бо шумо зиндаем, эй малики абадулумр!

– Уууу! Зиндагӣ бе шумо барои мо марг аст, малико! Ногоҳ бидуни ҳич гуна зарурат овои гиря сар доданд занони сафи аввал, масъулияти воқеии ҳузури худро дар анҷуман ба ёд оварда. Сари овози онро, ки аз нигоҳи аввал зани писарофарро бо нигоҳ маҳкум кардаву худашро барои сад сол пеш дар дил бад дида буданд, касе нагирифт. Онҳое, ки беш аз ҳама саҳнаро тарк кардани занро мехостанд, чоплусонаву баландово шиор сар доданд:

– Марг ба онҳое, ки як лаҳза бе ёди малик нафас мекашанд!

– Марг! Марг! – чанд тан садо баланд карданд.

Зани машҳур, ки шиори озмудаву гуфтугузори гардолудаи худро дошт, ба шӯру мағал аҳамият надода, суханашро идома дод:

– Мо хоки пойи оличаноб, гарди қадамҳои маликро бо рухсораву лабу мижгонамон мерӯбем! Ту дону худо, хешу табор, меҳру муҳаббати моро кам нагиред!

– Зинҳор!– садо баланд карданд чанд тан аз сафи охир. Асло!

– Зинда бошед, ба ҳамраъёни хеш нимтаъзим бахшида илова намуд хокрӯби ҳимматбаланд. Мо хокрӯбем, хокрӯби хоки роҳ, аммо, худо шоҳид…, мо… на ҳамаи мо сазовори номи хокрӯбу фарроши мулк рафтор мекунем. Баъзеҳо, баъзе хонасӯхтаҳо! Баъзе бачамурдаҳо.., марг ба бачамурдаҳо!

– Марг ! – садо сар дод Толор.

Зан аз барнома убур кард.

– Баъзе оқи падарҳо!..

– Бале, бале, аҳсант, ташаккур!– аз гӯшаи саҳна шитобон пайдо шуда ба суханчинак даст дароз кард базморо.Ҳароси шербачаи сохтор беҷо набуд. Сухани ҳанӯз ба забон наовардаи хокрӯби маликзодаофарида ӯро метарсонд. Дар остонаи ҷашни муборак занони хокрӯб бори нахуст хиёбонҳоро чиркин гузошта коршиканӣ карданд. Саф–саф ҷорӯбҳо сари китфони лоғар қадам зада, зиёд намудани музди кор, беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва ҳаққи ҳалоли худро талаб намуданд:

– Миллате,ки модаронаш хокрӯбанд, оянда надорад! Шиори занони хокрӯб маншаъи исёнӣ дошт.

Ҳамон рӯз бархеро, ки хори чашми салтанат буданду мавриди мувофиқи дастгир кардану ҷазо доданашонро мекофтанд, бо баҳонаи бепарда дар кӯча сархоридану бусникофтанашон зиндонӣ карданд.

***Ҳар ҳокимият дар асл аз ду ҳокимияти мустақил иборат аст: ҳокимияти қонунӣ ва ҳокимияти зани ҳоким. Ҳокимияти дувум ҳамеша сари ҳокимияти аввалиро таги каш дорад.***

## 34

Хокрӯббонуи саховатмандро анҷуман сидқан дӯст дошт, аммо ҳамеша, дар ҳама ҷо чанд ҳасуду нобовар ёфт мешавад, ки ба косаи шир дудаи таги дег андозад. Ситораи хушбахти маъруф ба чанд вакилзани бахили пурнози сафи охир, ки рӯҳану ҷисман ба бонувони сафи аввал монанд буданд, низ хуш наомад. Ин тоифа, ки аз хокрӯбону хизматгорон танҳо дар сухан ифтихор доштанд, ҳамоно ӯро сахт бад диданд, зеро дар амали хокрӯб ҳич гуна корнамоии гузашта аз он қаҳрамониро наёфтанд:

– Аҷаб коре кардааст. Як мода бо як нар ҷӯр, ки шуд, як чӣ мешавад – да, гуфт бо зарда яке.

– Чаро ба мушу малаху нонхӯрак ҷоиза намедиҳанд? Ин ҳайвонакҳо даҳҳо, балки садҳо бача мезоянд-ку! –илова кард дигаре.

– Аз сензадаҳ нонхӯри дарди сар яктояшро ба зери пойи олиҷаноб қурбонӣ кардаст, ҳич гап не. Ман дар ин амал ҳич саховатмандиро намебинам, гуфт яке.

– Ман ҳам! – илова кард дигаре.

– Саховат аз малики маликон гузашт, ки қурбонии занаки шилқинро пазируфтанд. Намепазируфтанд чӣ кор мекард? Ӯро кӣ мешинохт? Як бурда гӯштро дода-надода як ҷаҳон давлату сарват гирифт! – зани хуштолеъро аз сару бар чен карда гуфт бо зарда модари шонздаҳ фарзанд аз қафо.

– Бало будаст, бало! – баландово зуқид зани дар қатори модарони бисту як фарзанд зоида қарор ёфта. – Як нонхӯраш кам шуд!

Чини рӯву абрӯйи занон баръало гувоҳи он буд, ки ҷумла аз ҳадяи хокрӯб ба олампаноҳ шод нестанд ва зуҳурашро низ дар анҷумани олимақом хуш надоранд.

Чашми дурбини наворбардор ҳамоно занони ҳасудро ба нишон гирифт. Бахилбонувон ба навори сиёҳ афтодани худро эҳсос карда, ҳамоно лабҳоро то буни гӯш ба ханда боз карда, кафҳои сардро оташ доданд.

Аҳли толор беист кафкӯбӣ мекард. Зани хокрӯб чунон ба садои дафи кафҳо одат карда буд, ки дар ҷавоби муҳаббати вакилон чун ҳунарпешаи соҳибҳунар ҳар дам ба сӯйи толорнишинон таъзиму саҷда карда, раъди кафҳоро ба осмон дакка медод.

Зане, ки дирӯз барои ба рӯйи ҳамсӯҳбаташ напаридани оби даҳонаш даҳони бедандонашро бо каф пӯшида, гап мезад, имрӯз сиву ду дандони садафинашро намоиш дода, табассуми фарохашро аз рӯйи борикаш ҷамъ карда, гирифтанӣ набуд.

Қаҳрамонмодар лаҳзае гӯё аз ҳаяҷону хушбахтӣ дамгир шуд, ё нақшаи барнома инро

талаб мекард, ки чанд бор дар мушт сулфид. Пешхидмате ҳамоно дар ҷоми булӯрин барояш шарбат овард. Зан оби даҳони ҳозиринро резондаву шарбатро бафурҷа нӯши ҷон карда, нимнигоҳи махмуре ба гӯшаи саҳна афканд.

Ҳозирон нигоҳи ӯро дунболагир шуда, оқибат ҳадяи беназирро бо чашми худ диданд. Дояи нозанине тифли парпечи машҳур дар даст сӯйи модари маъруф хиромон қадам гузошт.

Зан кӯдакро сабук аз дасти ӯ гирифта, бо меҳру ифтихор аз рӯйи сурхаки кулчамонандаш бешумор бӯсид ва офтобаки симояшро ба тамошои толор гузошт. Толорро мавҷи кафкӯбӣ фаро гирифт. Забонҳо ширин шудандуширингӯиҳо оғоз:

– Ширин, лоло, қандак!

– Таҳамтан, қаҳрамон, паҳлавон!..

– Маликзодаи яккаву ягона!..

Модари ширинакзода хушбахт ба садои толор гӯш медоду як сару гардан қад кашида, аз вакилон боло мешуд:

– Дар охир шумо ва тифлаки бузургатон ба малики маликон чӣ орзу доред? – гуфт ҷилавдори анҷуман, ба поён расидани ҳунарнамоияшро ба зан ёдрас намуда.

Зан ҳадятифлашро ба дасти доя дода, бо шарму ҳаёи сохта ба акси барқади малик таъзим карда гуфт:

– Малики бузургворам! Овози зан сохта ларзид. – Монанди ман дар дунё зани хушбахт нест!

– Албатта хушбахтӣ. Хушбахт шоху дум дорад. Монанди ту будагист! Аблаҳ моем, ки… – баландово зуқид модари бистуду фарзанд.

– Ман хушбахттарин зани дунёям, – чунки...

фосилае забон хоид нотиқи пурноз, чунки ман, ман занам!..

– Ман мардам, хайр баъд чӣ? – зери лаб ҷинсашро эълон дошт марде ва ҳамоно нигоҳи маҳкумгари ҳамсояаашро дида, ҷиддӣ ба саҳна чашм дӯхт.

– Зан будан хушбахтист, чунки зан…

Ногоҳ ғулғула, сипас даъвои овобаланди занона диққати ҳамаро ба худ ҷалб кард. Аҳли толор бидуни ихтиёр гардани ҷониби хокрӯби машҳур афрохтаашонро сӯйи сафи бонувони машҳур гардонданд. Ҷанги сарди занона, ки ҳанӯз сабабашро касе намедонист, аз сафи аввал убур карда, дере нагузашта, саросари толорро фаро гирифт. Бовар кардан мушкил буд, ки боиси ин ҳама валвалаву ҳамҳама занони ороставу пироста, бонувони хизматнишондодаи мамлакатанд.

Аз ҳақиқат ҷойи гурез набуд. Бонувоне, ки худро бо нодиртарину гаронтарин зару зевар оро дода, бо рангу бори мӯди охирин сурати худро ловида буданд, дар ҳифзи ҷоҳу мақоми хеш нозанинони наврӯидро аз ҷойи қонунии хеш пеш кардан мехостанд.

Сафи занон, чун сафи афсарони омодаи разм рост шуда, иддаои ба гулӯи духтарони наврасида, ки ба ҷойҳои барояшон муқаррар гардида хоҳиши нишастан доштанд, чанг задан мехостанд. Ҷанги сарди забонӣ, ба ҷанги танбатан ишора дошт. Тарафайн баробар гапгузарониву ҳақталабӣ мекарданд, касе мағлубиятро ба гар-

дан гирифтан намехост.

Бонувони маъруф бо шӯру валвалаи толоргир ҳарфи ифтихори модари қаҳрамони рӯйи саҳнаро дар даҳонаш қуфл зада, сухангӯи худро ба сафи пеш сар доданд.

Зани қурбоқанамое, ки чашмони халтамонанд дошт дар рӯбарӯйи анҷуман қомати ба бурси пир монандашро рост кард. Сухангӯйи занони машҳур, нусхаи эшонро мемонд ва аз умри безаҳмат сипарӣ шудааш, чарби кироии бадану гардану дунбаву шикамаш пасандоз дошт. Ӯ шиками дамидаашро ба пеш бароварда, чун хурӯс ба ҳуҷум омода шуд. Лабони тунукаш пир-пир мепарид. Рӯйи фатирнамои варамидааш, ки намунаи ҳама воситаи ороиширо ба намоиш мегузошт, аз қаҳру ғазаб дар кундаи гардани ғафси пурчинаш мисли санги осиёб қасди чархидан дошт.

Оне, ки барои ба сафи занони салтанатӣ ворид шудан аз таги сад дор гузаштаву ҳама ҳунари беҳунарияшро ба намоиш гузошта, оқибат погаҳнишинии эшонро сазовор гашта буд, зинҳор ҷояшро ба осонӣ аз даст додан намехост.

Ба сафи бонувони хизматнишондодаи нозанин, ки ҳар кадом собиқаи хосе пеши сохтору Дастгоҳ дошт, роҳ ёфтани ин зани зишту беҳунар аҷабе надошт. Одатан бонувон барои ҳусну ҷамоли хешро ба намоиш гузоштан дидаву дониста як-ду нафар безебу зиштро низ дар сафи худ нигоҳ медоштанд.

Ин зани бесалиқаву бадрӯй дар асл симои

воқеии бонувони салтанатиро ба намоиш мегузошт, ки эшон айёрона ниҳон медоштанд. Сухангӯйи зишт ҳунари мадҳиянависиро, аниқтараш сухандуздиро омӯхта, дар ҳалқаи ҳамчун худ чаласаводону беҳунарон солиёни тӯлонӣ нони равғанӣ хӯрда, чарби бадан меафзуд. Китобҳои зиёдеро пеши худ гузошта, аз ҳар шоиру нависанда ҷумлаву калимаҳоро дуздида, дар васфи бонувони салтанатӣ мадҳияҳо мебофт.

Занҳои мадҳшуда дар ивази чоплусияш ӯро ба сафи худ роҳ дода, аз онон қарздор буданашро зуд – зуд хотирнишонаш мекарданд. Дар ҳозираш таърифаш мекарданд, дар ғоибаш ба ҳолаш механдиданд. Шӯҳрабемори зишт бошад, аз мақоли «берӯйӣ бахти дувум аст» натиҷаи дилхоҳ бардошта, онро дар зиндагии бемантиқу бемаънии худ ҳар лаҳза ба намоиш мегузошт.

Инак, мавриди қарзи бонувонро баргардоданаш фаро расида буд. Вақте ки занак ба ҳуҷум мегузашт, лабҳои тунукаш пир-пир парида, тимсоҳи сайдашро фурӯбарандаро мемонд. Ҳангоми ғазаб бӯйи манфури тани ношуставу либосҳои чиркини таҳпӯш, ҷомаҳои қиматбаҳову навашро шикофта, ба атроф паҳн мегашт.

Занаки ҳукуматӣ бори дигар ба гесӯвони дурахшону фатилаи нозанине чанги ғазаб зад, аммо муваффақ нашуд. Аз нав бӯйи ғазаб, бӯйи баданаш бо суръати дилбеҷокунанда толорро фаро гирифт.

Вакилони сафи наздик димоғи худро руст на-

мудаву ба чаҳор тараф гӯши бинияшонро чир карда, аз куҷо вазидани боди бадбӯйро муайян кардан мехостанд. Соҳиби бӯй неруи суханро аз неруи чангол бартар ёфта, бо овози ларзон нутқ оғоз кард;

– Мо занон, аз эҷодкор сар карда, то ҷорӯбкаш ҳама ба малики маликон ва халқу ватан як умр аз таҳти дил хизмат кардем.

Ҳангоми гап задан патаки бинияш ва лабони тунукаш мепарид, ки ба ақидаи симошиносон намоишгари табиати пур аз риёву бухлу ҳасадаш буд.

Сухангӯи занони салтанатӣ ба рӯйи бонувони навбаромади нозанин, ки ҷоҳу мақоми ононро забт кардан мехостанд, нигоҳ намекард. Ӯ зишт буд ва зебоиро чашми дидан надошт. Дар куҷо будан ва бо кӣ буданашро фаромӯш карда, ҳамроҳони таҳқиршударо на, худро таърифу тавсиф, сифату хизматҳои набудаву накардаашро арз мекард:

– Мо шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта, бо ҳар роҳ ба малик, ба миллат хизмат кардем. Ба ҳар даъват « лаббай!» гуфтем. Магар беҳуда ҳамин қадар вақт гули сари сабади миллат будем? Магар беҳуда умрамонро барбод додем?! Сар медиҳему ҷойи қонунии худро ба касе намедиҳем!

Зан аз шиддати ҳаяҷону хатари аз даст рафтани охирин имкони худнамоӣ чунон арақшор шуд, ки сурхиву сафедии рӯяш ба ҳам молиш хӯрда, турфа симое рух намуд.

Ногоҳ мавҷи ханда баланд шуд. Ҳозирон дар куҷо буданашонро фаромӯш карда, гӯё аз рӯи барномаи махсус бо як овоз домани чормағзафшони хандаро сар доданд. Мурғи ханда болотар парид. Ҳозирон ба миёнараваки қурбоқанамои бонувони хизматнишондодаи дунёбехабар, ки ҳанӯз барои аз даст нарафтани сафи аввал ҳама ҳунари худро истифода мебурд, нигариста, аз таҳи дил механдиданд.

Занаки зишт дарк кард, ки касе ба суханаш гӯш намедиҳад, аммо чун ҳамеша дар ақидае буд, ки оламу одам аз рӯйи рашку ҳасад ӯро дидану шунидан намехоҳанд, ин буд, ки барқасд овози виж-вижакашро баландтар кард.

Садои қаҳ-қаҳа овози виж-вижакро пахш намуд. Занаки қурбоқанамо, ки аз ҳунари беҳунарии берӯӣ фаровон нон хӯрда буд, садои хунукашро ду – се парда баланд гирифт, аммо садои хандохандӣ гӯшашро харошида, ба майнааш расид. Саволомез бо ҳампаҳлӯяш, ки низ ба ӯ нигариста механдид, суханашро давом дод;

– Ин мардум ҳама бахилу ҳасуданд, онҳо кӣ будани маро намедонанд. Агар кӣ будани маро медонистанд, чунин беҳурматиро раво намедиданд. Дар толор курсиҳо магар каманд, ки ин лӯъбатакҳо ба курсиҳои мо занони маъруфу машҳуру хизматнишондодаи мамлакат чашм ало мекунанд?

– Аввал мисли мо ба халқу ватан содиқона хизмат кунед, баъд иддаои ҳурмату иззат.

Шармандагӣ! Расвоӣ! Беинсофӣ! Бешармӣ! Беадолатӣ!

Ӯ бо умед ба ҳамтоёни худ нигарист, аммо касе сари овозашро нагирифт. Касе ҳикматфурӯшии кӯҳнабозори чоплусиро гӯш намекард. Мардум баландово механдиданд:

– Мо ҳаёт, ишқ, ҷавонӣ, ҳусну таровати худро ба хизмати ҷамъият бахшидем. Худро дареғ надоштем.., ҳай дареғ! Мо…

Намояндаи занони хизматнишондода нутқи оташину иззатталабашро давом доданӣ буд, ки яке аз ҳамсафонаш ноаён ойинаеро таги рӯйяш рост кард, аммо хандаи дамгирашро нигоҳ дошта натавониста, дуқад шуд.

– Як чизро инсоф мегӯянд! Инсоф! – Инсоф кунед! Рашку ҳасадро як сӯ гузоред! Ҳар кас бояд мувофиқи хизматаш қадрдонӣ шавад! – бо қаҳр ойинаи таги бинияш аз нав пайдошударо пушти даст зада, хитоб кард сухангӯи зишти занони нозанин. Ӯ бо чашми ангуштон борхалтаашро палмосида, ойинаеро берун карда, ошиқона ба худ нигарист.

– Воҳ! Уууу! – ногоҳ зери лаб фиғон кашид ӯ. Абрӯвони бемӯйи қаламкашидааш безеб ба ҳам гиреҳ гашт. Чанде пакарнамо ба атроф чашм дӯхта, садои нофорами ба гиряву ханда монанде аз димоғаш пош хӯрд. Рӯйи фатирмонанди арақшорашро дар ниҳояти асабоният бо суръат пок карда, ҳама сурхиву сафедии ба рӯву чашму гардан молидаашро ба ҳам совидаву молида, ба

масхарабози пири сирк монанд шуд. Чанде ба гулдухтарони қатори аввал, ки рӯшод ба ҳолаш механдиданд, бо нигоҳи нафрату адоват нигариста, ҳақоратунон толорро тарк кард.

Хокрӯби воломақоми фаромӯш шуда ҳанӯз дар байни саҳна ҳайрону музтар меистод. Аз табассуми тиллоияш дар чеҳраи нуқрагинаш асаре намонда буд.

***Вақт бефаност. Бефаноии вақт аст, ки зиндагиро ба марг таслим месозд.***

## 35

Намоишномаи фоҷиавӣ – мазҳакавии сухангӯяшон ҳарчанд занони аз даҳони замонмондаро ба хок нишонд, аз зини кибру ғурур нафаромада, ба тақдир тан намедоданд. Зеро бо ҳисси занонаи худ дарк мекарданд, ки бо додани ҷойҳои худ, бебаргашт обрӯву эҳтироми қолабии худро низ аз даст хоҳанд дод.

Ин буд, ки ҳамоно ҳамнабарди ҷонфидои дар авҷи мубориза мағлубшудаашонро фаромӯш карда, барои мартабаи ликоки хеш аз нав шӯру мағал бардоштанд. Ҳарчанд яково даъво мекарданд, дар асл ҳар кадом дарди худро менолид:

– Мо, қатори аввал, ҷойҳои меросии ҳаққу ҳалоли худро дар ду дунё ба касе намедиҳем!

– Чанд пул дода ин ҷойҳоро харидед? – намоишкорона миёни борикашро қабза карда, пурсид роҳбари нозанинони наврасида.

– Ин ҷойҳоро мо хеле гарон харидаем! Харидорони мо хуб медонанд ин ҷойҳоро мо дар ивази чӣ ганҷе соҳиб шудаем, ба ҷойи ҳама ҷавоб гардонд бонуи пири хиррисадое.

– Барои мо фарқ надорад! – паст наомад химчамиён.

– Фарқ надорад? Акнун фарқро ба шумо нишон медиҳем! Канӣ зуд ҷойҳои моро холӣ кунед! Ҳа, зуд, зуд! – амр карданд собиқадорони нозу карашма навбаромадони ишваву нозро. Нозанини химчамиён зуд берун рафтаву баргашт. Бо супориши муҳими ҷойҳояшонро сард накардан. Чунин буд, ки нозанинони писандида нозкунону абрӯпаррон дар ҷойҳои забткардаашон такон нахӯрданд. Беэҳтиромӣ ва ғурури урёни эшон занони нозпарварро сахт озор дод.

Онҳое, ки як умри дароз ба таъзиму суҷуд, лутфу марҳамат, васфияву тавсия одат карда буданд, сахтмилагии онҳоеро, ки ҳанӯз бо ҳунармандии занона ҷогаҳеро оташ надодаанд, чун таҳқири рӯйрост дарёфта, дар ҳифзи ному ҷоҳу ҷалоли хеш бо чанголу мушт сангар гирифтанд.

Анҷумани бо назму низом ба театри мазҳака табдил ёфт. Бозигарони фоҷиа – мазҳакаи ногоҳ рух намуда, симои воқеии эшонро ба намоиш гузошт. Симои онҳоеро, ки на танҳо ба вакилон, балки ба кулли мардуми кишвар ошно буд.

Дар тӯли солҳо бидуни ширкати ин бонувон ҳич гуна маҷлису машварату анҷуман сурат намегирифт. Онҳо дар ҷойи худ парчами миллиро мемонданд, парчами зинда, ҷондор. Аввал ин селаи гулгун ба толор ворид мешуд, сипас, парчами миллиро ворид месохтанд. Вазифаи онон муҳиму масъул буду худашон масъулиятшинос. Аз рӯйи анъана дар ҷаласае, ки малик ширкат мекард, барои об додани чашмони махмури олампаноҳ, ба-

рои ишқи зиндагиро дар вуҷудаш оташ додан, барои дар дили сардаш дар додани гулхани ҳастӣ, дар қатори аввал гулдухтарони нозанинро, ки аксар барандаи ҷоизаи зебоӣ буданд, мешинонданд. Маблағи либосу афзор, зару зевар, атру сурхиву сафедии онон низ аз хазинаи давлат пардохта мешуд. Миллат пинҳонӣ ба онон ҳасад мебурду рӯшод санои ҳусну ҷамолашонро мекард.

Занони мазкур бештар аз дигарон дар ҷоҳу мақоми чашмобдиҳӣ барҷо монданд. Бехабар аз он ки оби рӯшон рафтаву обрӯяшонро низ шустааст, бо нозу ишваи безеб мехостанд умри маъруфияти хешро дароз созанд. Алъон маъракасозон нозпарварони мулкро аз нони ширини худнамоӣ бераҳмона маҳрум карда буданду эшон бехабар аз асли воқеа барои ҳақи хеш талош мекарданд.

Масъалаи пархоши занона дар асл сода буд, аммо на барои бонувони муфт зиставу муфт ба шонаи шӯҳрату шаҳомати бебақои сиёсати бепадару модар савор шуда.

Онҳо нисбат ба худ, нисбат ба хизматҳои худ дар назди мамлакат ва ҷамъият иззату эҳтироми махсус хоста, бо исрор талаб мекарданд, ки сафи аввали анҷуман, мисли пешин ҳаққонӣ аз онон аст, на аз они чанд нафар лабсурхаки рангкандаи беному нишони наврӯид.

Ба анҷумани ҷашнӣ аз саросари мулк духтарони нозанинро, ки озмунҳои зебоиро баранда буданд, даъват намуданд. Ҷойи онон низ аз рӯйи анъана сафи аввал, вазифаашон ба ҳусни анҷуман ҳусн ва дидагони хирабини соҳибҷашнро нуру зиё бахшидан буд.

Духтарони зебову наврас аз саду як устоду раҳнамо панди рафтору гуфтор омӯхта, вазифаи масъули дар пеш истодаи хешро ҳамчун савганди шикастнопазир ёд доштанд. Нозанинони тару то-

за, ба ҷойҳои муайяншудаи худ нишаста, бо ҳаяҷони сархушкунанда, абрӯ парондаву лаб лесида, аз дари раёсат, ки бояст ногоҳ боз шуда, чеҳраи офтоби оламорои мулкро ба ҳама менамуд, чашм намеканданд.

Аз оғоз то анҷоми кори анҷуман ҳар кадом аз соҳибҷамолон масъулияти муҳимеро бар дӯш дошт. Диққати аълоҳазратро бо нозу карашма ва табассуму нигоҳи ноз ҷалб кардан, оташи ниммурдаи зиндагиро дар дилаш афрӯхтан, ба бахти беназири лутфи оличаноб мушарраф гардидан.., аз корнамоӣ дар сангари ҳифзи диёр камтар набуд.

Гулрӯёни нозбӯ қатори аввалро мағрурона забт карда, як чизи муҳимро фаромӯш карданд: соҳибони аслии сафи ифтихории толори Кохи Миллатро.

Ин буд, ки ба доду фарёди нозанинони собиқ, ки дар кӯчо буданашонро аз ёд бурда, ҳаққи худро талаб мекарданд, мағрурона нигариста, табассуми маҳкумкунанда дар лаб ҳарчи зудтар поёни ин пархоши зиштро мехостанд.

Қисми бештари вакилони аз асли воқеа бехабар оқибат ба таги гап расида, бидуни маслиҳату машварат ҳамоно ба ду гурӯҳ тақсим шуданд; ҷонибдорони духтарони нозанин ва тарафдорони бонувони хизматнишондодаи аз даҳони давру замон монда. Занон дар симои ошноён ҳамдилу такядори хешро шинохта, ҳамоно ба ҳуҷум гузаштанд:

– Қатори ифтихори моро бар гардонед! То зиндаем ҷойи моро ҳич кас гирифта наметавонад!

Занони таҳқиршуда дар баёни шарҳи ҳоли хеш аз ҳақиқат зиёд убур намекарданд. Ҳарчанд аксар чаласаводу мактабнадидаву безавқу бесалиқа буданд, дар ҷамъият баробари адибону олимону

ҳунарпешагони маҳбубу маъруф мартабаву мақом доштанд.

Касе хатмкунандаи кадом донишгоҳ, соҳиби кадом касб, гузашта аз он дорои кадом ҳунар буданашонро намедонист, ки табиӣ буд, зеро касбу ҳунари лӯъбатакҳои ороишии мағозаҳоро намепурсанд. Ин тоифа солиёни дароз дар ҳама маъракаву маҳфилҳои хурду бузурги салтанатӣ сафи аввалро зебу оро дода, бо ҳусну ҷамоли обиву рангии худ, маҳз як вазифа доштанд; ороиши толор, ҳусн бахшидан ба сафи аввал, ки аксар аз ҷониби наворбардорон интихобан тасвир карда мешуд.

Солиёни тӯлонӣ вазифаи худро хеле хуб иҷро мекарданд. Касе аз эшон шикоят надошт. Онон низ аз нони равғании рӯзии худ якумр розӣ буданд. Миллат низ ба мавҷудияти ин тоифаи ҳамакораи ҳичкора чунон одат карда буд, ки гоҳе набудани офтобро дар осмон ҳис намекарданд, аммо чун дар ин сафи шинохта тозагие рух медод, ҳайрону нороҳат ҳазору як таъбиру тахмин пеш меоварданд.

Маълум аст, ки вақт хасми ҷони зиндагиву зиндаҳост. Душмани қаттол будани вақтро беш аз ҳама занон, хоса бонувони зебо таҳдонанд. Вақти ҳасуд бар гулшани ҷамоли нозанинони собиқ панҷаи хазонӣ зада, ба пешгоҳи ҳусну ҷамоли чашмбар духтарони дигарро бароварда буд. Ғоратгарии вақтро ҳама медонистанд ба ҷуз соҳибони моли ғоратшуда.

Занони хизматнишондода ба рафтани вақту хазонрези худ ва баҳори гулафшони нозанинони наврид, ба ин ҳақиқати талху беадолатии маҳзи зиндагӣ қатъиян бовар кардан намехостанд.

Вақте ки ин селаи хушлибоси рангуборкарда якбора монанди шамол ба толор ворид шуда,

ҳамоно сафи аввалро ворисона забт карданд, эшон дар ин амал иштибоҳеро дарёфтанд. Чун нозирони низоми маърака бидуни шарҳу эзоҳу узру маъзур ворисони аслро дағалона ба сафи дувум гусел карданд, ҳуш аз сарашон парид:

– Ҳуш доред? Мефаҳмед чӣ мегӯед? Чӣ гуна сафи дувум? Мо магар ҷойҳои худро намедонем? Ҷойи мо якумр сафи аввал аст, ё шумо аз осмон афтодед, ки ҳеч чизро намедонед?! – аввал бо нозу ишва, сипас бо чашмгарониву лабкаҷкунӣ нозимони бефаҳмро танбеҳ доданд бонувони ноз.

Нозимони тартибот, ки вазифаи хешро хуб медонистанд, танбеҳи занонро беҷавоб гузошта, оташи ғазаби эшонро сахт дуд доданд:

– Агар олампаноҳ ин беэҳтиромии маҳзро нисбат ба нозпарварони худ донанд, ҳафт пушти гунаҳгоронро намебахшанд, садо баланд кард бонуи пири камабрӯи лабтунуке.

Худнамоиву худсарии занони хизматнишондода кайҳо ба Дастгоҳ намефорид. Пешпаракӣ ва бо кибру ғурур забт кардани сафи аввал, аз ҷониби ин ғосибони нозпарвар дар кулли ҷаласаҳои салтанатӣ бо гузашти айём чашмхарош менамуд.

Масъалаи сиёсии бо гулдухтарони ҷавону нозанин иваз кардани сафи занони маъруф барвақт ҳалли худро ёфта буд. Дастгоҳ дар яке аз ҷаласаҳо толорро аз назар гузаронида, устурлоби санҷишашро ба рӯйи бонувони нозанини хизамтнишондода тоб дод. Салтанатнозони сафи аввал дар назараш бо рангу бори маснуӣ дар ниҳояти зиштиву фартутӣ ҷилвагар шуданд. Он гоҳ ба қароре омад, ки ба иҷро нарасондани он ҳич имкон надошт, зеро дар ҳама ҷо ва дар ҳама давру замон сафи аввал шиносномаи маҷлису анҷумани давлатист.

Бо чунин рангу рӯй эшонро на танҳо ба сафи

аввал, балки ба сафи дувум низ набояд нишонд. Ҷойи эшон сафи аз ҳама охир аст. Дастгоҳ оқибат ҷойнишини эшон сафороёни тару тозаро омода сохта, муарифии ононро ба анҷумани ҷашнӣ ҳавола кард.

Ходимони низоми толорҳо супориш гирифта, аз пайи кору пайкор шуданд. Чун навбати иҷрои супориш фаро расид, аз ҷой такон додани соҳибсавлатон сахт мушкил шуд. Ҳазору як баҳонаи пешовардаи ходимон ба занон таъсир накард. Оқибат баҳонаи хатари дар сафи аввал вуҷуд доштани моводи таркандаро пеш оварданд:

– Барои малики маликон таркидан зарур бошад, бо ҷону дил метаркем! – хитоб карданд бо як овоз.

Нозанинони сафи аввал дар сар задани ин моҷаро гуноҳ надоштанд. Ба бахти хешу бадбахтии занони радшуда дар ниҳояти ҳусну камоли зебоӣ қарор доштанд. На танҳо шаҳраги рашку ҳасади нозанинҳои собиқро ҷунбонданд, балки дигаронро низ дар толор бо ҳусну ҷамоли хеш бетараф нагузоштанд.

Мағалу моҷарои нозпарварони собиқро гӯё аввалу анҷом набуд. Занони маълуму машҳур охирин имкони баргардондани ҷойҳои худро кофта, оқибат бидуни маслиҳату машварат ба қароре омаданд, ки ба анҷуман, ба вакилон ҳалли масъаларо пешниҳод бикунанд.

Ҳамин вақт дар толор ҳодисае ба амал омад, ки Дастгоҳу дастёронаш зинҳор чашмдор набуданд. Ҳангоми аз назди нозанинон убур кардан бонуи солоре пешпо хӯрда, ба зери пойи рақибаш парӯ шуд. Ӯ афтодани худро гуноҳи рақибаш ҳисобида, паст наомад ва дар ҷавоб ба бинии ӯ мушти обдоре фаровард. Хуни бинии зарбхӯрда ҳамоно либоси сафеди идонаи худу ҳамсояашро гулгун кард.

Ин ҳодиса косаи сабри тарафайнро лабрез сохт. Занони аз даҳон мондаву духтарони навшукуфта бо нафрати урёну доду фарёди гӯшкаркунанда ба ҳам дар афтоданд. Зане, ки ду тан аз тафаш дошта кашолааш мекарданд, ногоҳ девонавор ба зулфони марғулаи зебое чунон чанг зад, ки як қабза зулфи печон дар байни панҷаҳояш монд.

***Обро лой карда моҳӣ гирифтан, ихтирои чиркинҳост.***

**36**

Мошини сиёҳшиша аз байни хиёбони шаҳр парвоз мекард. Духтарак берунро менигаристу чӯҷаи дилаш ба сӯйи ҷамъияти хушҳолу хушбахти кӯчаву хиёбонҳои шаҳри идона боли парвоз мекушод. Мехост алъон бо ҳамагон бошад, то ки ӯро бубинанд, аз пайванди малик, балки нусхаи ӯ буданашро бишиносанду чун асл дӯсташ доранд.

Ҳамроҳони духтаракро баъд аз ҳаммом кардан ба мошинаҳо савор карда бурданд. Ӯ танҳо монд. Дилашро ваҳм зер кард, зеро дар ин шаҳри калон ҳич касеро намешинохт. Вақте ки дари мошинаи нави боҳашаматро боз карда ӯро ба дарун даъват намуданд, андаке дудила шуд, аммо насиҳати модаркалонашро ба ёд оварда, хомӯшона, гӯӣ ришта аз пайи сӯзан равон шуд.

Вақте ки ба пойдевори баланд расиданд, дарвозаи сиёҳи оҳанин худ аз худ бесадо боз шуд. Мошина рӯбарӯйи дари калоне, ки ба дохили бино мебурд, истод. Духтаракро ба берун даъват карданд. Ӯ фаромад ва ҳамоно дар ҷояш шах шуд. Манзарае, ки ба сӯяш чеҳра боз кард, дар

зебоӣ назир надошт. Лаҳзае мафтуну шайдо гулзореро, ки мислашро дар хоб надида буд, тамошо кард. Ӯро гӯё ба биҳишти афсонавӣ, ки сифаташ ҳамеша сари забони модарбузургаш буд, оварда буданд.

Нигоҳи наврасонааш бо ҳаяҷони ширин манзараи биҳиштиро фаро гирифт. Ба маликзодаи асил будани хеш боварияш афзуд, зеро ба дарёфташ чунин боғи биҳиштӣ дар замин танҳо хоси маликон бояд бошад. Аз тамошои гулзор чашм бар намедошт. Ҳамин лаҳза касе аз остинаш оҳиста кашида, аз олами руъё ба дунёи ашё боз гардондаш. Дар паҳлӯяш бонуи нозанини хушлибосеро дид, ки бо ишора, табассумкунон ӯро сӯйи даруни бинои боҳашамат даъват мекард.

Даруни бино аз берунаш зеботар буд. Духтаракро ба ташнов бурданд. Ташнови хушнакҳату равшану оҳарӣ низ ҳушрабо буд. Мизбон меҳмонро имкони омӯзишу мафтун шудан надода, оби корезро кушод. Ӯро сари мизи пур аз нозу неъмат хонданд. Айни муддао шуд. Кайҳо чизе нахӯрда буд. Дастонаш панҷаҳояш қошуқу панҷаҳои хурду бузургро базӯр медоштанд. Меҳмондор ноаён ҳама ҳаракатҳои меҳмони содаи деҳотиро таҳти назар дошт. Духтарак лабони ба табассуми хушбахтона моилашро ҷамъ карда наметавонист.

Баъд аз тановул кардани таъоми хушлаззат ӯро барои интихоби кафшу қабо ба хонаи дигар даъват карданд.

Дар ин имората аз матоъ пуру аз одам холӣ гӯё ҳам чиз барои ӯ ва азони ӯ буд. Духтарак ин нук-

таро аз табассуми хушомадгӯёнаи аҳли хидмат дарёфта, пайванди олимақом дар дил ба бахти дерраси худ бовар кард. Одам ба хушбахтӣ зуд одат мекунад. Ӯ либосҳои рангорангро, ки бори аввал медид, бо ҳавас тагурӯй карда, як сӯй мегузошт ва ба сандуқи дигар чанг мезад. Шодии дидани ин ҳама колои зебо дар гунааш гул мекошт. Оқибат бо маслиҳату мадади бонуи меҳрубон ду ҷуфт қабои зебои ба қаду басташ шинамро интихоб кард.

– Боз якчандтои дигар хуш кунед. Ду ҷуфт кам аст, бо ҳавас маслиҳат дод мизбони саховатманд.

Меҳмони хушбахт зуд ба инъомҳои муфт одат карда, якчанд қабои дигарро низ хуш кардаву ба канор гузошт. Дар интихоби кафш дарди сар шуданд. Ҷуфт-ҷуфт кафшро аз қуттиҳои зебо берун оварда, пешкаш мекарданд, аммо ҳич кадом ба пойи наврас мувофиқ набуд. Оқибат духтарак чанд ҷуфт кафши ҳаррангро интихоб карда, ба канор гузошта, якеро пӯшид. Кафшҳои нав чунон шинаму зебанда буданд, ки дар пойи парии деҳотӣ гӯё механдиданд.

Духтарак кафшҳои интихобкардашро ба канор гузошта қуттии дигареро кушод. Кафшҳои сафеди ҷилодорро пӯшида, намоишкорона қадаме гузошт ва ҳамоно пурӯ шуд. Аввал худаш сипас, бонуи мизбон қаҳ-қаҳ зада, хандиданд.

Парии кӯчак чанде ба беҳунарии худ завқидаву хандида, кафшҳоро аз нав пӯшид ва боҷуръати хоси наврасона рӯйи қолӣ дав гирифта, аз як имтиҳон гузашта, хушҳол шуд. Кафшҳои зебо

пойҳояшро фишор медоданд, аммо духтарак азоби зебои эҷодро хуш мепазируфт.

Духтараки аз ҳамроҳонаш ҷудо шуда дар куҷо буданашро намедонист. Аз он ки дар ҳаммом ду дона себи аз деҳа бо худ оварда ва либосҳояшро бар нагардонданд, тайи дил ғамгин буд.

– Нобуди либосҳо, – меандешид духтарак, – бароям либоси беҳтар ҳадя карданд, аммо чаро себҳоямро надоданд? Худашон хӯрданд себҳоро! – хулоса кард навраси деҳотӣ.

Ҳарчанд асрори себҳои гумшударо намедонист, дарк мекард, ки ду дона себи тӯша додаи модарбузургаш бесабаб нест. Ӯ лаълии заррини пур аз себро тагу рӯ карда, себҳои шабеҳро пайдо накард, ки ғамгин шуд. Ҳамоно чизе ба ёдаш расид, ки ноаён ду дона себро аз лаълӣ гирифта, ба бағал зад.

Масъалаи себҳои аз даст рафта низ ҳалли мусбати худро ёфт. Навраси серу хушбахтро хоб гирифт. Ба гӯшаи дастархон сар ниҳоду хобаш бурд ва ҳамон дам садои модаркалонашро бараъло шунид:

– Хез! Хез! Рӯзона хобидан хосият надорад! Себҳоро куҷо кардӣ?

Духтарак ба бағалаш ишора кард бо чашмони пӯшида.

– Мабодо, себҳоро гум накунӣ-а? Ин ду дона себи сурху ҳамин аксро ба олампаноҳ бирасон, он тарафаш ҳама кор бо хосту амри худованди карим хуб мешавад. Бӯйи себ забон дорад!

Духтарак тарсида, бедор шуд ва даст бар бағал бурд. Себҳо ва акси кӯҳна дар ҷояш буд. Аз лифофа акси кӯчаки кӯҳнаву рангкандаро берун оварда, муштоқона бӯсидаву ба дида молида, боз ба ҷояш гузошт.

Бо вуҷуди сеҳри назаррабои шаҳри бузург,

мақсади ниҳоии худро наврас як лаҳза фаромӯш намекард. Аз гоҳи ба пойтахт ворид шудан дида-ниву шуниданиҳои зиёд ӯро ба пайкараи суол табдил дода буд. Ҳодисаи дар ҳаммоми занона рух дода, ӯро масъулиятшинос кард. Масъалае, ки бо ҷиғеливу сарпечияш боиси моҷаро гардида, хавфи ба хонаҳояшон баргаштани занони гапно-дароро эҷод мекард, маҳз бо роҳи кори ӯ ҳал гашт. Корномаи худро лаҳзае фаромӯш наме-кард:

– Малики маликон агар аз он воқеа хабар меёфт ҳай хурсанд мешуд, меандешид мушкилку-шои сода. – Намедонад – а! Намедонист туро аз байни ҳама ҷудо карда, ба ин ҷо меоварданд? – худро тасалло медод ӯ.

Пайванди навруста дидори маликро бо ҳар ҳуҷайра, ҳар рагу пайванд, бо хуну пӯсташ инти-зор буд. Ба ҳамроҳони худ, ки шояд алъон тамо-шои дидори мубораки аълоҳазрат насибашон гаштааст, дар дил ҳасад бурд. Дили духтараки муштоқро ноумедӣ фаро мегирифт. Қимати каф-шу либос, хонаи зебо ва дастархони пурнозу неъмат дар назараш мекост:

– Аз будани ман аълоҳазрат хабар надорад! – меандешид ӯ. Хабар медошт маро кофта меёфт. Як рӯзи дароз маро маътал намекард! – меанде-шид ӯ.

– Намедонист туро ба хонаи бобоят кӣ роҳ ме-дод? Кӣ барои ту ин қадар пул сарф карда, попӯшиву либос мехарид?! – ҳамоно андешаи худро рад мекард ҳаросон. Намедонада-а! Чӣ хел забонат гашт малики маликонро нодон бигӯӣ?! – дарунакӣ худро маломат кард.

– Камтар гап зан, камтар суол те. Гӯш кун ода-мон чӣ мегӯянд! Одами камгап бурд мекунад, – шунид садои орому насиҳатгари модарбузургаш-

ро аз гӯши хаёл.
– Гап назанам, мекафам! – ҷунбиданд лабонаш.

Бидуни ихтиёр ӯро хоҳише пайдо шуд, ки фавран номае навишта, ҳама дидаву шунидаашро ба модарбузургаш муфассал нақл бикунад. Қаламу қоғазро пайдо накарда, номаро дар саҳифаи хаёл навишт:

«Бибиҷони яккаву ягона, салом! Мо ба шаҳр расидем. Ба худо, аз хати кашидаат берун набаромадам, ягон суоли беҷо надодам. Аввал моро ба ҳаммоми занона бурданд. Қиссаи ҳаммомро баъд нақл мекунам. Аз ҳама муҳим себҳоро нагирифтанд. Таги дари ҳаммом маро аз дигарон ҷудо карда, ба як хонаи нозанин оварданд. Хостам пурсам, ки ин ҷо куҷост, аммо насиҳати туро ба ёд оварда, суол надодам. Аз афташ хонаи бобом аст!

Меҳмондор на номи маро пурсиду на номи худашро гуфт. Ман афтодам, ӯ ҳам ҳамроҳам хандид. Чаро афтодам баъд нақл мекунам, ту ҳам механдӣ. Хӯрок фаровон аст. Хӯрок, ки хурдӣ, ҷавобашро бояд диҳӣ. Ночор ҳоҷатхонаро пурсидам. Ду қадам аз дастархон он тарафтар маро сари як лаълии сафеди ялаққосӣ гузошту дарро пӯшид. Ҳоҷатхонаашон монанди лаълии себгиририст. Дурӯғ гӯям ҳар ду бари рӯям сиёҳ.

Аз чор гӯшаи хона акси азиз, ӯ лаб газида, чанде андешаманд барои соҳиби себҳои сурх ном ҷуста, наёфт, акси азиз ба ман менигарад. Чунон менигарад, ки гӯё худи ҳозир.., садои пойро шунида, номаи нонавиштаву нафиристодаашро хаё-

лан ба поён расонд, меҳмони нози салтанатӣ.

Духтарак воқеан мекӯшид кам гап занад. Аз ин рӯ ҳангоми дар остонаи ҳаммом ӯро аз ҳамроҳонаш ҷудо кардан низ суоле пеш наоварда, қисматашро итоаткорона ба мизбонони ношинос ҳавола кард. Ақаллан напурсид, ки ӯро ба куҷо мебаранд. Бояд мепурсид. «Напурсидӣ зарар кардӣ? Ба биҳишт афтодӣ!» худро қаноатманд дар дил таъриф кард духтарак.

Достони ҷаҳаннаму ҷаннат ҳарчанд чун қиссаи нону об ҳамеша сари забони деҳотиён, хоса модарбузургаш буд, на ба маънии зебоиву зиштӣ, балки ба маънии бадиву некӣ. Ӯ накӯкориҳои ба биҳишт сазовор гаштанашро ёд надошт, ҳарчанд аз гоҳе, ки худро мешинохт, ҷисми нимҷони модарбузурги шалашро ба дӯш дошт. Гоҳе се чаҳор маротиба хоби ширину ҷогаҳи гармро тарк карда, ҳоҷати бемори бистариро мебарорад. Дуои ҷонашро аз забони бемор ҳамеша якрангу якнаво мешунавад, аммо ба мустаҷоб гардидани чунин такрори дилбазан ҳич боварӣ надошт.

Алъон худро сокини биҳишти рӯйи замин эҳсос карда, гӯё бо ақли наврасонааш дарёфт, ки меваи некӯкорӣ ширин асту аз бадиву бадхоҳӣ талх.

Мизбонбону меҳрубон набуд. Аз ночорӣ ҳузури меҳмонро таҳаммул мекард. Инро деҳотии самимӣ зуд дарк кард. Аз ҳаммомбону танҳо аз он ҷиҳат фарқ дошт, ки зебову хушлибосу ороста буд.

Деҳотидухтар дар ин муддат аз мизбони кам-

гуфтори пуркор чанд сабақи шаҳрӣ гирифт, аммо дере нагузашта, чуноне, ки омӯхта буд, ҳамчунон фаромӯш кард.

Бачаҳои деҳ нозпарвар нестанд, вагарна духтарак занро ҳамчун мураббияи худ мебоист дӯст медошт. Аз оғоз аҷиб буд, ки меҳмондор меҳмонро сари дастархони ороста хонда, худ аз хона хомӯшона берун мерафт. Саросема даробаро мекард, гоҳ пайдо мешуд, гоҳе нопадид. Гоҳе дарро аз паяш мебаст, гоҳи дигар нимроғ мегузошт.

Духтарак оқибат ба номеҳрубонии мизбон одат кард, ки мустақил даруну беруни ин иморати афсонавиро мавриди омӯзиши назар қарор дод. Ҳуҷраҳои ойинабандӣ, долонҳои барҳавои гулпӯш, шаршараву фаввораҳои рангоранги оҳангдор, шишасандуқҳои пур аз моҳиҳои рангоранг...

Дар ҳар қадам мизҳои сангин, рӯйи миз кӯзаҳои хурду бузург. Кӯзаву ҷомҳои тиллоиро бону ҳангоми сабақандӯзияш ба ӯ намоиш дода, чӣ гуна аз ин кӯзаҳо ба ин ҷомҳо шароб рехтанро омӯзонд.

Кӯзаҳои зебои пур аз шарбатро дида, ҳамоно ташна монд. Чун аз кӯзае бидуни иҷозат об нӯшиданаш мамнӯъ буд, мизи сангинро убур карда, дар сари ҳавзи шишагии моҳиҳои ранга истод. Ба чор сӯй нигариста, касеро надид. Ҳамоно аз ҳавзи шишагин, ки андарунаш моҳичаҳои кӯчаки рангоранг шино мекарданд, бо каф об гирифта, нӯшиданӣ шуд, аммо зарбаи

ногаҳоние оби кафашро ба рӯйи кафшчаҳои нав пош дод. Ба чаҳор тараф нигариста, касеро надид ва дарк кард, ки бидуни иҷозат аз ин боғи биҳиштӣ ҳич чизеро беҷо кардан мумкин нест.

Воситаи тамошо ҳушбаранда буд. Аз нав бо ҳавсала ва ҳисси ғамолуди шодикафкунанда омӯзишро идома дод. Чунин мурғакони зебову хушхони қафасро, чунин шаршараҳои хурду бузургро, ки маълум набуд обашон аз куҷо ҷӯшида, ба куҷо мерезад, ӯ дар хоб низ надида буд.

Ойинаи мусаффои ҳавзи чун осмон кабуд ӯро сӯяш хонд. Рӯйи ин ойина сар хам карда, худро андар он аз сар то пой дид. Гӯё парии обие, ки бо лапиш хӯрдани мавҷҳои сунъӣ сураташ чанд пора мешуд, сӯяш менигарист. Ӯ худро нашинохт.

Гирдогирди ҳавзи фирӯзаранг гулҳои дар кӯзаҳо шукуфта, косаҳои заррини пури баргу гули садбарг ҳусннамоӣ доштанд. Духтарак аз гулкосае як каф гулбарги хушнакҳату рангинро гирифта, бебокона ба оби мусаффои ҳавз пош дод. Гулбаргҳо чун моҳиҳои заррин шино кардаву рақсида, мувофиқи равиши об гоҳ ҷамъ мешуданд, гоҳ парешон.

Меҳмон шино карда наметавонист, вагарна худро ба оғӯши ҳавз афканда, аз баргҳо рақсу бозиро меомӯхт. Аммо чӣ кунад, ки дар рустои онҳо ҷойи шиноомӯзӣ на танҳо барои духтарон, балки барои писарон низ мавҷуд нест. Дар саросари русто ҳамагӣ як чашма ва як ҷӯйбори сардоб ҳаст, ки тобистону зимистон обаш барои хӯрдани одамону ҳайвонот базӯр мерасад. Дарёе, ки аз поёни деҳа мегузарад, дар чаҳор фасли сол, ба қавли мардум пурошӯбу хунталаб аст.

Духтарак аз ҳавои гулбаргҳои бозигар накҳати хушҳоливу хушрӯзиро эҳсос кард, накҳатеро, ки пештар барояш ошно набуд. Ҳайфаш омад, ки

ҳамсафаронаш аз дидани ин ҳама зебоиҳо бенасибанд.

– Шояд онҳо ҷову макони беҳтару зеботаре доранд, – тасалло дод худро, аммо фавран тахминашро рад кард:

– Аз ин ҷо беҳтару зеботар будани ҷоҳу маконе мумкин нест!

Духтарак аз ойинаи ҳавз нигоҳашро канда, ба атроф нигарист. Нигоҳаш ба нигоҳи сарди мизбонбону бархӯрд. Дар ҷавоби нигоҳи сард гарму зебо табассум карда, доманафшон аз ҷой хест. Андешаи занони ношиносу ҷанҷолиро аз сар берун карда, сидқан афсӯс хӯрд, ки ҳамдеҳагону шарикдарсонаш, хоса писараки ҳампартаи ҳамсабақаш, алъон имкони ӯро дидан надорад:

– Бинад ҳам бовар намекунад! На танҳо ӯ худам ҳам бовар намекунам!

Ёди ширини шарикдарсон, алалхусус ҳампартааш, ки барои ин духтараки танҳойи бесоҳиб, соҳибдараки воқеӣ буд, панҷаҳояшро сӯйи косаҳои заррин парвоз дод. Як каф барги гулро ба об ҳаво дода, рӯйи ҳавзро гулзор кард. Мехост касе бошад, ки ин амали зебои ӯро тақдир карда таърифаш кунад.

Рӯзи дароз оқибат ба поён мерасид. Шаб дар роҳ буд. Мурғакони боғи биҳиштӣ болупари худро ҷамъ карда, ба пинак менишастанд. Духтарак хушҳолу мағрур ба атроф нигарист. Чашмаш боз ба чашми нозири сарднигоҳ афтод, ки ӯро бо ишора сӯйи хонаи дарун мехонд. Нигоҳаш мисли

пешина сарду беҳис набуд. Мизбон ангушташро ба маънии «зӯр!» боло бардошта, меҳмонро хомӯшона таъриф кард.

Духтарак аз пайи мизбон равон шуд. Лабони нимбозаш моили табассуми хушбахтона буд. Аз назди қафасе, ки мурғаки аҷоибулғароибе маҳзунона сӯяш менигарист, гузашта, бо забони шодии хуни оташгирифтааш паёмаш фиристод. Мурғ бо чашмони нимхоб лаҳзае сӯяш нигариста, сарашро зери бол пинҳон кард. Аъзои бадани духтаракро низ ҳисси ширини хоб фаро гирифт. Ӯ ҳар чӣ зудтар сар ба болин ниҳодану кулли дидаву шунидаи якрӯзаашро, ки ҷойгузини умри наврасонааш буд, ба дунёи хоб ҳавола кардан мехост.

Ҳарамбонуи малик аз ин сайди зебои гӯл умеди зиёд дошт. Медонист, агар сайёдро аз сайд хуш ояд, беҳтарин ҷоиза чун ҳар вақта насиби ӯ хоҳад шуд. Ба ин ҳури кӯчаки зебо дар асл ниҳонӣ рашку ҳасади дудолуд дошт. Худ низ давре чун ин парии ваҳшӣ пур аз нозу таманно остони ин иморати сангинро зер карда буд.

Ӯро низ давроне ҳамчунон дар мошинаи сиёҳшиша оварда буданд, ӯ низ гули аввалини бӯсаашро ба ин деви фаромӯшхотири карахт нисор карда буд. Маликро аз ӯ хушаш омад, ки бори дигар ӯро хост.

Бори севум, вақте ки гулчин аз ин гули хушнакҳат бо ҳавас ёд кард, малика хатари аз даст рафтани тахти худро эҳсос намуда, кундавор

садди ҳаваси малик гардид. Ҳукми бонуи мулк қатъӣ буд:

– Зиндаву мурдаи ин лӯъбатак набояд ба чашми малик битобад!

Ҳукми малика ҳамоно ба иҷро расид. Роҳи парии ноз ба қаср бурида шуд. Вақте ки малика аз пой афтод, аз нозпарӣ ёд карданд. Чун вақт рафта буду оби рӯйи нозпариро хушкида, маҳбубаи малик ба ҳарамбонуи ӯ табдил ёфт. Аз ин бахти баланди худ хурсанд буд, зеро медонист, ки на ҳар бонуи зебо ба чунин шараф ноил хоҳад шуд. Ҳазорон олиҳа ҳаваси бо остин рӯфтани кафши оламапаноҳро доранд, аммо низом ӯро пазируфта.

Оне, ки кайҳо аз ишратии карахту пакар ҷоизаи сазовори заҳмати худро нагирифта буд, дар дил аз мулоқоти малик бо ин ваҳшии деҳотӣ як ҷаҳон умед дошт:

– Сайд бояд ба сайёд мақбул афтад! Малики ҳавасмурда, бояд бо ин парии кӯчак пеш аз ком бардоштан чун гурба бо мӯш тӯлониву ширин бозӣ бикунад...

***Зиндагии сохта аз чашмаи дилу гурдаву ҷигари сунъӣ об хоҳад хӯрд.***

## 37

Малик чун ҳамеша бидуни мақсад бори андум долони дарози Қасрро бо қадам чен карда, қадамшуморияшро гум кард, ки якбора дар назди мизи мармарии ороста истод. Ӯ нигоҳи беҳиссу сардашро ба сӯйи соқибонуи саропой лутфу назокат, лаҳзае парвоз дода, сипас қадаҳи зарринро бо чанголҳои ларзон фишурда, якбора ба комаш парӯ кард.

Нозбону бо ҳунарнамоии хоси чавгонбозон қадаҳро, гӯйӣ гӯйро аз дасти ларзони малик рабуда, аз нав онро аз шароб пур кард. Ҳарамбону нақши худро устодона мебозид. Чун мавҷи дарё ҷавлон мекард, лутф менамуд, чарх мезад, зери қадамҳои заминрӯби пиракии маст гули табассум мепошид. Малик ин ҳама лутфу нозро на медид, на қадр мекард. Маълум буд, ки чунин ҳунарнамоиҳои ин бонуи чолокро борҳо тамошо карда одат кардааст.

Ӯ пуркору шитобзада менамуд. Ногоҳ бедарак шуда, ҳамчунон аз ду дасти адабу хидмат рӯйи дил аз нав рух менамуд. Вақте ки қадаҳи саршори шароб дар як даст дар дасти дигар газак нозбону дар таги бинии соҳиби қаср рост шуд, малик чанде гарангнамо сӯяш чашм дӯхта, чизи муҳимеро ба ёд овардан хост, аммо дар назараш ҳамоно соқии зеборо дағалона тела дода, шабаҳи малика пайдо шуд.

Малик ба ин бону кини қадима доштани маликаро хуб медонист. Барои бепурсиш дар дидгоҳаш рух намудану айшашро талх карданаш

ба унвони шабаҳ-малика дашноми қабеҳе фиристода чашм пӯшид. Нозбону чӣ кор карданашро намедонист, зеро на ӯ ва на ҳич кас зинҳор намедонистанд, пас аз лаҳзае ин пиракии нозпарварда чӣ мехоҳаду чӣ амале аз худ ба намоиш мегузорад.

Маст бо хаёле, ки дашномаш шабаҳро тарсондаву гурезондааст, чашмонашро нимроғ кард, аммо дар рӯбарӯяш ҳамоно шабаҳи аз пештара баднамову сиёҳпӯши малика меистод:

– Тфу! Дафъ шаве!

Парисоқӣ чанд қадам ба қафо гузошта, ҳамчунон бо қадаҳи саршору газаки чарбин рост истод. Ӯ ҳар дам ба сӯйи хонаи хоб, ки дараш нимроғ буд, менигарист:

– Дафъ шав! Дафъ мешавӣ ё неее?! – фарёд зад мастомаст малик.

Соқибонуро чашмонаш аз ҳузну умеди барбодрафта ҳавзи об гашт. Ӯ ақибнокӣ рафтанӣ шуд. Ин лаҳза малик гӯё аз таъқиби дарандае гурехтанӣ шуда, сӯйи ӯ дасти мададхоҳ дароз карда, ҳамоно чун дарахти бурида ба пояш афтод.

Зан бори тани сангини пиракиро бардошта натавониста болояш парӯ шуд. Фаврӣ чанд паринамо ба кӯмаки ҳамтои худ расида, маликро аввал чорғов, сипас ба по рост карданд. Ӯ бо ғазаб мадади париёнро рад карда, худ кӯшиши рафтан кард, аммо пойҳояш бори танашро бардошта натавонист, ки дар курсие поён шуд. Париён гир-

дашро печониданд.

Мастона дунбачаҳои париёнро пучидаву завқидаву хандида, ногоҳ симои ҷиддӣ ва пурғазаб гирифт. Аз ин ҳолати малик аҳли хидмат ҳарос дошт, зеро аз оғози ҷунунаш дарак медод. Дар чунин ҳолат ӯ нерӯву қувваи шадид пайдо мекард, ҳар чизе, ки дар сари роҳаш во мехӯрд, хароб месохт.

Малик чанде мутафаккирона пешонаи арақгирифтаашро молиш дода, якбора мушти таҳдид ба ҳаво бардошт. Ҳарамбону китфони нозукашро ба зери тафи бадбӯйи пиракӣ гузошт. Аз рӯйи одат ҳамоно дастҳои пиронаашро ба гардани паризод ҳалқа карда, гардани болои ӯро чун химчаи бед ба сӯйи худ хам кард. Ҳарамбону қадаме сӯйи хонаи хоб гузошт, аммо маст пойҳояшро ногоҳ тиргак намуда, файласуфона ба долони дарози холӣ чашм дӯхта пурсид:

– Ҷашн тамом шуд?

Мухотаб чӣ ҷавоб доданашро надониста, сарду хунук табассум кард. Ҳамоно суоли беҷавобу ҳамроҳи нозанинашро фаромӯш карда, аз нав қадамшуморӣ оғоз кард:

– Як, ду, се, панҷоҳ! –оғоз кард қадамшуморияшро ҷони ҳамроҳашро ба ҳалқаш оварда.

– Чанд? –пурсид ҳич касро..

– Панҷсад! – ҷавоб гардонд бонуи ба дурӯғ меҳр доштани маликро таҳдон.

– Кам! Кам! Як, ду, се, сад…

Дастёри зебои мулкдор бо ҳузни пур аз дуди талхи афсӯс дарк кард, ки имшаб тӯлонитарин ва сиёҳтарин шаб хоҳад буд.

Сарфармондеҳи яке аз лашкарҳои бузурги олам, ки навтарин намунаи силоҳу ҷомадони аслиҳаи оламхаробкунандаро зери каташ дошт, аз фарорасии шаб дилгир гашта, аз торикӣ кӯдаквор метарсид. Биму ҳароси сиёҳ рафта – рафта бештар мешуд. Шабонгоҳ дар хонаи хобаш қандилҳои чиҳилчароғ фурӯзон буданд. Ҳарчанд ҷуз худаш ба ин сандуқи гаронбаҳо – ҳуҷраи осоишаш касе роҳ надошт, ӯ зуд – зуд аз хоб тарсону ларзон бедор мешуд. Ҳаросон аз ҷой ҷаста, зери болину тайи кати худро саросема мекофт. Чун боварӣ ҳосил менамуд, ки ҳич хатаре ҷонашро таҳдид намекунад, арақшор сари вазнинашро аз нав ба болиш ҳавола мекард.

Хобаш намебурд. Дар чунин ҳол долони чароғонро бо либоси хоб убур карда, сӯйи хобгоҳи малика, ба гӯшаи дигари қаср роҳ мегирифт. Малика дарди дилашро модарвор гӯш намудаву хобҳои бадашро нек таъбир ёфта, ӯро ба гӯшаи дигари қаср, ба хонаи хобаш гусел мекард.

Шоҳон бадбахттарин инсонҳои оламанд, зеро на танҳо ҳамеша муҳтоҷи ёру ёваранд, балки сариву сарварии як ҷамъияти чандинмиллоннафариро ба ӯҳда гирифта, ҳангоми лабрез шудани дилашон аз андӯҳу ҳасрат ғамгусоре надоранд, ки бар шонааш сар ниҳода, зардоби ғами дилро бо оби дида бишӯянд. Ҳама шоҳон аз шаб метар-

санд, малик низ чун ҳамтоёни худ аз пардаи сиёҳи ин фасли тор сахт ҳарос дошт.

Малик аз қадаммонии беҳадаф хаста шуда, шароб хост. Қадаҳи дигареро холӣ карда, ба дӯши нозуки бонуи ноз такя кард. Ҳамқадамаш гӯё ҳамин лаҳзаро интизор буд, ки ҷисми марди пирро ба оғӯш кашид. Ин занаки ҳангоми гулшукуфи умр аз ҷониби малик, бо кӯмаки малика рад шуда, ба мағлубияти хеш дар дил тан намедод. Ӯ ҳанӯз умед дошт. Лӯъбатакони айши малик ҳамагӣ якшаба меҳмон буданд. Ӯ дар ин даргоҳ қимати ҳусну латофати хешро гарон дида, маҳз дар ҳамин ҷо ба айшу ишрати безаҳмат одат карда буд. Дар қиёс бо ин навраси деҳотӣ худро сад сару гардан боло медид.

Нигоҳи гушнаи пиракиро ҷониби худ дида, ҳамоно худро ба оғӯшаш афканд. Аммо ӯ ҷавонзани хушгилу хушбӯро чун лӯъбатаки нозаруре тела дода, покашол сӯйи хонаи хоб роҳ гирифт. Пойҳои бемадораш гапашро нагирифтанд, ки чанд қадам пеш гузошта, дар пойи худ нишаст. Барои сари по шуданаш хеле заҳмат зарур буд.

* * *

Ҳарамбону меҳмони наврустаро сари миз дар хоби ширин дарёфта, ғазаб кард:

– Ҳай, ҳай, гӯё дар шиками модараш хобидааст! Эй бедор шав, зуд, зуд! Эее, ҳуш надораде! Ҳолӣ ҳама кору бор дар пеш аст! Хез, бедор шав!

Дар сари меҳмони беёд, ки бояд дар сари миз на, дар ҷогаҳи хоб оличанобро истиқбол мегирифт, рост истода, ӯро такон медоду бо изтироб аз дари нимбоз чашм намеканд. Ӯ ба чеҳраи кӯдаконаву фариштанамои духтарак нигариста, ҷойи таҳдиду ғазабро якбора дар дилаш ҳисси меҳру шафқат гирифт. Духтарак ба назараш монанди оби чашма софу шаффоф намуд. Бо вуҷуди ҳасодат қоил шуд, ки аз ҳама нозанинони хурду бузург, ки то кунун остонаи ҳарамхонаро зер кардаанд, зеботарин ва ваҳшитаринашон ҳамин навраси деҳотист.

Дилаш ба ҳоли духтарак, ки имшаб рӯзи ӯ низ сиёҳ хоҳад шуд, сӯхт. Оне, ки худ боре ин остонаро зер карда, дигар ба олами поку ҳалол пуштгардон монд, инсофан чунин ҷоизаи ҷазодорро ба касе раво намедид, хоса ба як нимкӯдаки аз оламу одам бехабар.

Ягона умедаш он буд, ки шояд зӯру тавони пиракии сиёҳмаст ба касиф намудани домони кӯдак намерасад. Ба дарёфташ бо муш бозидани гурба ҳанӯз маънии хӯрданашро надошт. Садои зангӯла баланд шуду бонуи ҳарам ҳамоно дилсӯзиву меҳмони наврасро фаромӯш карда, сӯйи берун давид. Малик майли ҳоҷатхона дошт. Ҳарамбону ба назди меҳмони хоболудаш шитобон баргашта, ӯро маломат кард:

– Барои хобидан омадаӣ? Хез!

Духтараке, ки аз хоби ноз ноҷо нофораш карда буданд, чашмонашро бо муштаконаш молида,

ҳайрон пурсид:

– Алакай рӯз шуд?

– Суол додан манъ аст! – нарм, аммо ҷиддӣ ҷавоб дод мизбон.

– Чӣ мумкин аст? – содалавҳона пурсид мизбонро духтараки ҳайрон, ки хобаш парида, гурусна монда буд. Суолаш беҷавоб монд:

– Як пора нон те! – хоҳиш кард мизбони ҳаросону шитобонро, ба мизи оростаи пурнозу неъмат ишора карда. Мизбон хоҳиши меҳмонашро нашунид, зеро ӯро аз нав садо карданду тирвор аз назар нопадид гашт.

Рафтани мизбон меҳмонро хурсанд кард. Ӯ ба миз наздик шуда чанде ба даста-даста корду чумчаву панҷаҳои оҳанин ва қадаҳҳои хурду бузург нигарист. Ҳич кадоме ба дардаш нахӯрд, ки бо шавқу иштиҳои деҳотиёна даҳ панҷаашро ба кор даровард. Бебокона луқмаи калонеро аз табақ берун кашида, дулунҷа ба хӯрдани хӯроки шоҳона пардохт. Дар ин амали лазиз на танҳо лабу даҳону панҷаву дандонаш, балки либосҳои наву оҳарияш низ фаъолона ширкат карданд. Ҳангоми ба сар кашидани кӯзаи шарбат пой то сар ширину часпак шуд.

Бонуи масъул аз нав чун шамол шитобон ба меҳмонхонаи чароғон ворид шуда, дар ҷой шах шуд. Фиғони мизбон, ки меҳмони гаронқадрро дар сари чунин айби ғайритаҳаммул ва нобахшиданӣ дастгир карда буд, дар гулӯяш таркида, аз лабонаш берун рафт:

– Беадаб! Қишлоқӣ! Худоё, акнун чӣ кор мекунем?!

Ҳарамбону саросема ба соат нигариставу зери лаб нолиш карда, каф ба ҳам зад. Ҳамон дам дастёронаш ба кӯмакаш расида, тунд супориш гирифта, бодвор хонаро тарк карданд. Ҳароси эшон беҳуда набуд. Ҳар лаҳза, ногаҳон дар остона пайдо шудани оне, ки ин ҳама нозу неъмату барачаи ширмаст нисораш буд, имкон дошт.

Меҳмони часпаки нимгурусна, ки аз луқмаи дилхоҳ бенасибаш карда буданд, зери чашм ба анвои бомаззаи мизи ороста нигариста, ноаён оби даҳонашро фурӯ мебурд. Садои зангӯла аз дигар баланд шуд ва мизбони хасис давида рафт.

Духтарак аз пайи зан ранҷидахотир нигарист. Ӯ ба пайванди малик будани худ чунон бовар карда буд, ки хидмату марҳамати мизбонон дере нагузашта, барояш муқаррарӣ шуд. Дамодам хоҳиши бо овози баланд ба ҳама эълон кардани зоду бунёдаш сари забонаш гирд мегашт. Барои биму ҳарос низ дар дилаш ҷой холӣ мешуд. Ин буд, ки хонаро холӣ ёфта, аз дигар ба дастархон ҳуҷум кард. Ин дафъа шикамсерӣ хӯрок хӯрд ва чун сер шуд, хотирҷамъ сар ба рӯйи дастон гузошт.

Баробари ба ҳам задани мижгон хоб дид, хоби рангаи пуродам. Дар хоб болои сараш се нафар зан пайдо шуданд. Аз ин се тан танҳо якеро мешинохт, модарбузургашро. Оне, ки дар сояи раҳму шафқати оҷизияш бузург шуда буд, аз

ҳама ақиб истода, ҳар чӣ онон мегуфтанд, ҳамоно тасдиқ мекард.

Он ду нафарро, ки бе сухан худро модару модарбузургаш муаррифӣ карданд, бори нахуст медид. Онҳо ба ҳамдигар ниҳоят монанд буданд. Дар синну сол низ фарқи зиёде надоштанд. Кадоме аз онон модараш буд, намедонист, зеро офаридгори худро ёд надошт. Модараш ҳангоми зодани духтарча сари фарзанд рафта, модари модараш низ оламро хеле ҷавону барвақт бидуни ихтиёр тарк карда буд.

Ин се нафар инак, дар сараш рост истода мазамматаш мекарданд. Хоса модари асло надидааш, ки либосҳои дар ҳаммоми занона гузоштаашро дар даст дошт, тунду бо шитоб таъкид мекард;

– Бедор шав, хез, хез, зудтар! Либосҳои чиркинро каш, либосҳои худатро пӯш.

Модар либосҳои ҳарири духтаракро ханҷол карда даронд:

– Чӣ кор кардӣ, бахил? Акнун чӣ кор мекунам? Ба ин занаки бахил худат гап зан, бибиҷон! – гуфт гирён.

– Ин занак модари туст! – ҷавоб гардонд модарбузургаш.

– Модари ман туӣ! Агар модари ман мебуд, либосҳои нави ҳадяи азизро пора намекард.

Модарбузург гӯё суханони ӯро нашунид, ки ҷавоб надод:

– Рафтем! – аз тафаш кашид модари асло нади-

дааш.

– Неъ! Намеравам!

– Пеш даро, дер мешавад! – таъкид кард модари сари хишт рафтааш.

– Рафтем, дер мемонем! – зорӣ намуд модарбузурги бепарупояш аз сари китфи духтару наберааш. – Ҳоло, ки дев ба хона ворид нашудааст, рафтем!

Ӯро се каса кашола карданд. Модарбузурги маслуқаш пеш гузашта сӯйи духтараки гирён даст дароз кард:

– Рафтем, рафтем!

– Худат гуфтӣ, – ку, азизро надида бар нагард! – бо садои гирядор гила кард духтараки музтар.

Занҳо ҳамакаса аз дасту пояш дошта, ӯро бардоштанд:

– Неее! Намеравам! Ӯро дидан мехоҳам! Маро набаред!

Ӯ аз дасти занон канда шуда, худро ба ҳуҷраи дарун зада, дарро аз пасаш баст. Занон даҳдаста дарро мекӯфтанду фиғон мекарданд:

– Кушо!

– Не, намекушоям!

– Дарро мешиканем!

Ӯ дарро аз дарун бо пушташ нигоҳ дошта, фиғон бардошт:

– Нашиканед!

Фиғони духтарак аз толор ба долон расид. Ҳарамбону меҳмони кӯчакро аз дигар сари миз хобида ёфт. Вақте ӯро бедор кард, аз ашк рухсору

гиребонаш тар буд.

Дар ин манзил гӯё вақту соат вуҷуд надошт. Меҳмони деҳотӣ, ки ҳанӯз таҳти таъсири хоби даҳшатнокаш буд, аз дари нимроғ бо ҳарос ба берун нигарист. Рӯбарӯяш долони дарози қолипӯшу чароғон ва холиеро дид. Аз биме, ки садои пояшро нашунаванд, кафшҳояшро кашида, нӯг – нӯги панҷа роҳ кашида, ба долон баромад. Харгӯшвор чанд қадам ҷаҳида, бидуни ихтиёр дар ҷояш истод.

Дар охири долони дарозу равшан сари сафеду пахмоқмӯи пирамарди чорғоверо дид, ки кӯшиши аз ҷой боло шуданро дошт. Зани резапайкари нимбарҳанае, ки ба назараш ошно метофт, ба ӯ кӯмак кардан мехост, аммо афтода, дағалона мададашро рад мекард.

Афтодаву мададгор меҳмони кунҷкови худро намедиданд, аммо ӯ ҳар ҳаракати зишту дағалонаи ононро таҳти назар дошт.

Оне, ки солҳо бори гарони тани дардманди модарбузургашро ба шонаҳои нозуки худ мекашид, бидуни ихтиёр ба кӯмаки афтода расидан хост. Ҳамин вақт бонуи мададгори пиракӣ ними рӯяшро намуд. Симояш барояш ошно тофт. Меҳмони рамида худро ҷонсарак ба дари нимроғ зад. Дилаш дар қафаси синааш монанди мурғи нимбисмил таппиш оғоз кард.

Агар бори дигар имкони баргаштану нигаристан медошт, бешубҳа, дар симои пирамарди барҷомондаву афтода онеро, ки якумр орзуи аз

наздик диданаш дошт, медиду мешинохт. Фочиаи ошноӣ бо зодгори худ парии кӯчакро ҳанӯз дар пеш буд.

Духтарак худро ба толори дилрабо зада, чанде андармони хаёл хоболуду сархам нишаст.

Манзараи ҳузновари дидааш назарашро тарк намекард. Ногоҳ дарк кард, ки ӯ аз чашну тантанаи он фарсахҳо дур афтодааст.

– Ин ҷо ба қабристон монанд аст. Ҳама ҷо хомӯш. Ҳатто мӯйсафеди аз по афтода, касеро ба ёриву мадад даъват намекунад. Шояд даъват карду ӯ нашунид? Даъват мекард ҳатман мешунид. Бибияш оҳ кашад, ҳамоно аз хоб бедор мешавад. Шояд мизбонбону духтари ӯст. Акнун сабаби саросемагиву камгуфтории ӯро дарк кард. Ранги ман бемордор аст бечораи худо.

Чунин андешаҳои парешон ҷойи ҳавасу шодии пешинаро дар дили парии кӯчак ҳавои гирифтан доштанд. Ҳарчанд коре накарда буд, аз бекориву пурхӯрӣ ба назараш чунон намуд, ки кӯҳ каланд кардааст. Хаста шуд. Хастагӣ низ як навъ хоб аст, хоб бо дидаи бедор.

Интизори ҳарамбонуи ӯро тарккарда, болои курсии нарм ғунча гашта, ба нимпайкараи атиқаи осорхона монанд шуд. Касе ӯро дағалона тунгӣ зад. Сар боло карда, ҳарамбонуро дид, як даста либоси оҳарӣ дар дасту ҳукм дар лаб:

– Рафтем, зуд, либоси чиркинатро каш! – ӯро аз пайи худ сӯйи хонаи дарун хонд, номеҳрубонона.

Духтарак итоаткорона аз пасаш равон шуд. Ба

хонаи барҳавои зебову нимторике ворид шуданд. Байни хона кати боҳашамату оростаро дида, чашмонаш беихтиёр пӯшида шуд:

– Ин хилъатро пӯш! – амр кард бону саросема пардаҳоро кашидаву тирезаҳоро боз карда. Духтарак аз паси пардаҳои ҳарир нури хираи чароғҳои чун ситораҳо дар замин фурӯзонро дида, гӯё ба боғи гулафшону чароғон ғунчаи табассум ҳадя кард.Аз тирезаи кушода ба хона ҳавои тозаи хушнакҳат ворид шуда, мижаҳои меҳмони хоболудро роғ кард. Духтарак аз болои либосҳояш хилъати хобро ба сар кашид, аммо ҳамоно дар бозуяш зарбаеро ҳис карда, хашмгин эътироз кард:

– Э, оҳистае, ғукак!

– Э мебахшӣ, нохост дастам ба бозуят расид!

– Нохост пӯстро намехарошанд!

– Мебахшӣ! Зуд пӯш! Зудтар! – тӯтивор такрор кард бонуи хашмин, нигоҳашро аз духтарак гурезондаву таги дил андешида:

– Мо ғук бошем, ҳолӣ мебинем, чӣ гуна чаҳ-чаҳ мезанӣ, булбулак!

Нигаҳҳо ба ҳам бар хӯрданд. Духтарак чашмони хоболудашро аз рӯйи пуробуранги бонуи ҳарам чанде бар нагирифт. Нигоҳаш мегуфт:

– Медонӣ, киро муштак задӣ? Киро заданатро донӣ, талхаат мекафад, ҷонат ба ҳаво мебарояд!

Бону шитобзада ӯро дар пӯшидани либос кӯмак карда, тунд гуфт.

– Аз кадом ғор баромадаӣ, ки либоси хобро аз

либоси маърака фарқ намекунӣ?!

Пардаи хоб ҳама чизро пеши назари духтараки деҳотӣ хираву тира карда буд. Ба дидагонаш ҷуз кати фарох ҳич чиз наменамуд. Ҳар чӣ бону мефармуд, чун мурватаки беҳис иҷро мекард. Хилъати зебои хоб ҷисми нозукашро печонид. Ӯ худро чун пуфак сабук ба болои тахти калон афканда, ҳамон дам дар гирдоби нарму сиёҳи хоб ғарқ шуд.

***Барги гул шаҳпараки мурдаи***
***аргуштрав аст, дар дами сарди бод!***

**38**

Пиракии масту мадҳуш, ҷом дар як даст, дасти дигар дар гардани ҳарамбону ба хонаи нимторик калавида, ворид шуд. Аз рӯйи одат як ҷойи ногуфтании ҳампарашро сахту пурозор тофта, сари сафеди пиронаашро ба синааш чанде молида, ӯро бӯсид. Ҳарамбону сарду хунук хандид. Нози хунукаш ба малик форид, ки ба дунбааш шаппотии баландовое тапак кард. Сипас қаду басташро чанде бо нигоҳ чен карда, канда – канда гуфт:

– Бад неъ, бад неъъ! Ангур мавизак шавад, ширинтар мешавад! Кишмиш!

Лутфи олампаноҳ бонуи фаромӯшшударо ба ҷоизаи кироие умедвор кард, ҳарчанд аз таҷриба хуб медонист, ки ҳамеша забони пиракӣ як чиз мегӯяду дилаш чизи дигар:

– Кишмиши шумо! Кишмиши фаромӯшшуда.

Лутфи тамаъдори бонуи ҳарам ба малик нафорид, ки ӯро тела дода, гуфт:

– Рав, рав, мавизак! Малик ангури нав мехоҳад!

– Ангури нав мунтазири аълоҳазрат аст! – дарро аз пасаш бесадо пӯшид, ангури кӯҳна.

Пиракии сиёҳмаст муддате байни хонаи нимторик калавида рост истод. Сипас шароби боқиро низ ба ҳалқаш рехта, покашола сӯйи тахти хоб равон шуд. Назди тахти хоб расида

коҳилона онро таҳти назар қарор дод. Кат ба назараш холӣ намуд. Мисли пешин аз тахти хоб гули хушнакҳату нозанине ба рӯяш табассуми зиндагибахш набахшид.

Ба гӯшаи кат нишаста, сархам чанде сукут кард. Сипас худро болои кати фарох партофта, худ бехабар бо ҷисми монанди халтаи реги тару сангинаш дасти духтараки хуфтаро зер кард. Парии хоболуд норозиёна зери лаб чизе гуфту рӯй ҷониби озордиҳандааш гардонида, аз нав ба гирдоби хоб ғарқид. Пиракӣ дар бистари хобаш чӯҷаи париро диду ба чашмони худ бовар накард. Дер гоҳ чашм нимроғ кардаву пӯшида, саропойи меҳмони нозанинашро тамошо кард. Меҳмони имшаба аз дигар ҳурони ин мамнӯъгоҳро зиёрат карда фарқ дошт.

Одатан париҳое, ки мавриди хушияш қарор мегирифтанд, оличанобро бо сабру тамкин интизор шуда, дар оғоз базми зебои айшу ишрат меоростанд. Ҳар чӣ ҳунар доштанд ба назаргоҳи оличаноб во гузошта, шеъру таронахонӣ, ромишгариву раққосӣ мекарданд. Ҳунари беҳунарӣ ва ҳавасҳои омиёнаву ваҳшии маликро бо нозу карашмаи базеб таҳаммул мекарданд. Болину бистар охирин нуқтае буд, дар поёни қиссаи шаби айшу фараҳи маликона.

Мастомаст ҳайрон шуд.Ин парибача, на танҳо омадани оламороро интизор нашуд, балки хоби нозро аз дидори ӯ алвотар донистааст.

Гӯё меҳмони навбатии ҳарами худро на, фа-

риштаи аз осмон фаромадаро назора мекарда бошад, чорғов аз кат поён фаромада, дар масофае қарор гирифт. Аз дигар мӯъҷизаи ногоҳ дар пеши назараш рух намударо ҳадафи омӯзиш қарор дод.

Баъди панҷоҳ сол, дар бистараш маҳбубаи ӯ, ҳамон духтараки нозанини деҳотӣ роҳат мехобид. Дар симои меҳмони наваш оне рух менамуд, ки дар тӯли солҳои сипарӣ шуда, ҳич зане ҷояшро дар дилаш гирифта натавонист.

Малик бехудона ба ӯ менигаристу бо чашмони худ бовар намекард. Духтарак ба худаш низ монанд буд. Безобитаву ҳаросон шуд, чунон ки аз дидани акси духтараки шабеҳи худ дар дафтари корияш ҳаросида буд. Он гоҳ аксро пора-пора кард, алъон бо парии зиндаи дар бистараш хобида, ки нусхаи худашу ишқи аввалаш буд, чӣ кор карданашро намедонист.

Малик вақте нусхаи зиндаи занонаи худро рӯи бистараш дарёфт, ки дар матбуоти ҷаҳон аз кашфиёти беназири илмӣ, сохтани нусхаҳои бешумори одамӣ баҳсу андешаҳои доманадор дар авҷ буд. Ба нусхаи аслнамои худ нигариста, чӣ кор карданашро намедонист:

– Оё сохтани нусха бидуни ширкати асл имкон дорад? –пурсид ҳеч касро.

– Имкон доштааст-ку! – шунид ҷавоби ниҳодашро, оне, ки дар ҳич гуна сабқати нусхаэҷодкунӣ ширкат накарда буд. Аз таъсири шароб ҷисми беҳолу бемадораш ба ӯ итоат наме-

кард. Бо нусхаи хобидааш, бо ҳайрату ҳаросаш, бо ҳастии пур аз моҷарову бемантиқаш алъон танҳо буд.

Чунонаш намуд, ки батадриҷ дар пеши назари худ аз ақл бегона мешавад. Лаб бар лаби кӯза ниҳод. Шароб аз кунҷи лабонаш, ба манаҳу гиребонаш, ба шикаму зонувонаш, ба бистараш мерехту мерехт.

Кӯзаи холиро ба гӯшае афканда аз ҷой хестанӣ шуд, аммо пеши чашмони хирабинашро ҳамоно пардаи сиёҳ печонд. Лаҳзае парии хуфта ба назараш мурда намуд:

–Туро акнун пайдо кардам, намур! Намур, ки зиндагӣ бе ту ҳич маънӣ надорад! – зорӣ кард панҷаҳои ларзонашро ба рухсораи духтарак наздик бурда.

Духтараки наврас бехудона паҳлӯ гашта, дастонашро зери рухсораш гузошт. Паҳлӯгардияш, холаш, ангуштони дасту пояш ҳама аз ӯ нусха доштанд. Нусха аслро дар шабоҳат мазоҳ мекард. Ӯ аз нусхаи аз асл беҳтари худ чашм намеканд.

Садои оташ гирифтани хунашро мешунид, сӯзиши ширини хунашро, маззаи ин оташи ниҳонро баландово эҳсос мекард. Қуввати мардӣ, ки аз зиштиву нодилхоҳии малика, истеъмоли фаровони шаробу кабоб, зиёд нишастану кам ҳаракат кардан таркаш карда буд, аз бойгонии ҷинси харобаш батадриҷ зинда мешуд.

Духтаракро оҳиста мисли гули садбарг бӯй кашид. Гули наврӯйид накҳати ошно, бӯйи

ҷавонияшро ба димоғаш овард. Ба мавҷудияти нусхаи худ, ки намедонист аз куҷо пайдо шудааст, бовар кард.

Ногоҳ дар тани худ чунон нируи зиндагихоҳро дарёфт, ки ҳич гоҳ мислашро таҳдон набуд.

Ҳавасхоҳ ба ҷавонии хуфтаи худ дер гоҳ нигарист. Аз дилаш мавҷи хандаву гиря баробар боло шуд. Девонавор хандидану гиристан оғоз кард. Ӯ механдиду мегирист, мегиристу механдид. Муҳаббати ҳайратэҷодкунанда рафта-рафта ба шаҳват мубаддал мешуд.

Гесувони марғулаи духтаракро, ки чун кокулони маҷнунбед рӯйи болину бистар рехта буд, байни панҷаҳояш гирифта, ба димоғ бурд. Аз накҳати масткунандаи тани ҷавону зебо аз ақл бегона шуд. Монанди паланги гурусна ҷаҳида, тани сангини худро болои ҷисми нозуки духтараки хуфта афканда, саропояшро чун пӯстаки кӯҳна пӯшид.

Нафаси бадбӯе ба димоғи духтараки хобида расида, нафасгираш кард. Навраси деҳотӣ бо чашмони пӯшида, дар нимторикии хонаи бегона дар зери бори сангини тани пиракии бадбӯй дасту по мезаду ба чӣ ҳол афтоданашро фаҳмида наметавонист.

Ба ҷуз сари сафеду бӯйи бади бадану даҳони онеро, ки ӯро дар оғӯши хордораш буғӣ карда куштан мехост, чизи дигареро намедиду эҳсос намекард.

Духтараки бечораро лаҳзае чунон намуд, ки

ӯро дар хоб сиёҳӣ зер кардааст, зеро ин ҳолати даҳшатноки байни маргу зиндагиро таҳдон буд.Дар хоб сиёҳизеркардаро турфа ҳолате рух медиҳад. Гӯё болои ҷисми одам санги осиёбро мегузоранд, ҳама чизро мефаҳмӣ, дарк мекунӣ, аммо худро аз зери ин бори гарон берун кашида наметавонӣ. Ин холати пакариву карахтӣ оқибат худбахуд нест мешавад, хоса вақте ки одам бедор мешавад..

Духтарак бедор шуд ва бо даҳшат дарёфт, ки пӯсти сангину кӯҳнае, ки ба рӯйи ҷисми нозукаш паҳн шудааст, дар хоб на, дар бедорӣ, сиёҳӣ не, инсон аст. Бо ақли наврасонааш дарк кард, ки пиракии беимон аз ӯ чӣ мехоҳад. Зӯр зада, ҷисми нозуки худро аз зери ин бори гарони нафрат наҷот доданӣ шуд, аммо натавонист. Бо тамоми қувва фарёд зад, аммо касе ба кӯмакаш нарасид. Девонавор дасту по задани духтарак шӯру ҳаваси сиёҳмастро шӯр дод.

Пиракӣ ком бардоштан мехост, қурбонии нозанин аз тарсу ҳарос беҳолу бемадор мешуд.

Дар нозуктарин ҳолати шаҳват дар бесадо боз гашту малика ворид шуд. Зан кафанпӯш буд. Ӯ ба пархошу доругири пириву ҷавонӣ, ба кашмакаши деву парӣ нигариста, бо нафрату истеҳзо табассум мекард.

Маликро аз дидани шабаҳи кафанпӯш, шавқу шаҳваташ ниқорхоҳ тезу тундтар гашт. Бори сангини танаш ҷисми духтараки навраси аз тарсу ҳарос нимҷонро ба кат сахт пахш кард.

Духтарак худ бехабар дар ҳифзи шарафаш силоҳи озмудаву наҷотбахши занонаро баҷо корбаст кард. Байни пойҳои пиракӣ чунон ҷуфтолагад фаровард, ки ӯ монанди ҷуволи холӣ аз болои духтарак, сипас аз тахти хоб парида, ба фарш афтод ва нолиши дардолуде аз димоғ сар дода хомӯш шуд.

Шабаҳи кафанпӯш қаҳ-қаҳзанону арғуштравон хонаро тарк кард.

Духтараки аз доми таҳқири ҷовидона муъҷизаосо раҳида, бо либосҳои даридаву андоми хуншор тирвор ба тирезаи кушода расида, худро сарозер ба поён партофт.

Парии наврас пеш аз шикастани ниҳоли умри кӯтоҳи хеш бо ҷуфтолагади оҳувона камари малики мамлакатро шикаст. Малик ҳиз шуд. Ҳиз шудани мулкдор ба мотами миллӣ меарзид. Бадбахтии мулкдор он қадар хурд набуд, ки ба мулку миллат бетаъсир бимонад.

Чӣ гуна як ҷузъи аз ҳама муҳими падари мулк аз кор бароядy ба раияташ асар накунад. Ҳиз шудани падари мулк чунин маънӣ дошт, ки минбаъд кулли мардон номард, занон нозо хоҳанд шуд.

Ҳанӯз аз мусибати ба сари миллат омада, яъне ҳиз шудани малики маликон касе хабар надошт, аммо ҳамоно хурӯсҳо аз болои мокиёнҳо, мардон аз оғӯши занону маъшуқаҳои худ шармандаву сархам дур шуданд.

Дар мамлакат мусиқии мутантани идона тани-

нандоз буд. Дар таги тирезаи тирногузари қасри салтанатӣ ҷисми духтараки деҳотӣ, ки аз номи се насли таҳқиршуда ба муборакбодии зодгори худ омада буд, акси кӯҳнаву зардшудаеро дар каф фишурда, ғарқи хун мехобид.

***Марги рӯҳ бо марги тан фосила дорад.***

39

Толори бузурги боҳашамат, саросари иморати ойинакорӣ ҳама пур аз ӯ буд. Қандилҳои булӯрини бешумор дар рӯзи равшан дар пояш шӯълаафшонӣ доштанд. Аксҳои ҷавонияш ба ҷониби марди пиру хастае, ки замоне асли ин нусхаҳо буд, аз қобҳои тиллоӣ бо салобату виқор нигариста, гӯё ба ҳолаш механдиданд. Ба яке аз аксҳои дӯстдорамаш чанде нигарист. Зӯр зада,

чизеро ба ёд овардан хост, аммо вусъати хотирааш нарасид. Дар рӯбарӯ симои пиру фартути худро, ки аз ойинаи барқад сӯяш беиззат менигарист, дида, аз назди акси хушбахту ҷавон дур шуд.

Сандуқҳои симо низ пур аз ӯ буд. Наворҳои нави ҳанӯз надидааш аз дидорбиниву мулоқот ва сафарҳои ҷашноро бо миллат қисса мекарданд. Намоиши ҳамоишҳо чунон мутантану боҳашамат буданд, ки гӯё малик бо мардуми худ на, бо халқи сайёраи дигар мулоқот ороста буд. Мавҷи парчамафшониву гулафшонӣ, кӯдакони кафзану хушбахт, нидоҳои мутантани « зинда боду поянда бод!», занону духтарони ороста, мардони дасти эҳтиром рӯи дил.., ҳама зиндадору чароғдори муҳаббати як нафар буданд. Пиракии аз таъсири шароби дирӯза сардарду беҳолро, ки фоҷиаи дишаб сар зада, заррае дар ёдаш намонда буд, дастархони пурнозу неъмати субҳона интизор буд. Чун ҳарвақта ҷониби мизи субҳона шитоб накард. Бӯйи хуши кабоб димоғашро чун ҳарвақта хориш надод. Ин субҳ шояд бори нахуст ҳис кард, ки чархи тези иштиҳояш кунд шудааст. Кунд шудани иштиҳояш барои пиракии шикампарвар фоҷиаи фоҷиаҳо буд. Чанд рӯзи ахир дар ҷисму ҷон хастагии нофораму дардолудеро эҳсос кард, ки пештар барояш ошно набуд. Хастагияш ба бемории шабоҳат дошт. Ногоҳ мағзи сараш сих мезад, гулӯяш фишурда мешуду дилаш ғунча. Ин хастагӣ-беморӣ, ба маризи фаромӯшхотирӣ, ки

ба авҷи аъло расида буд, зам гашт.

Малик дар зери нигоҳи хандарези аксҳои худ беҳавсалаву покашола паси мизи субҳона расида, ба курсии боҳашамат нишаст. Карахту беҳис, балки аз рӯйи одат дастпоккунро ба гиребони қабои нави ҷашнӣ хаста, рӯйи мизро аз назар гузаронд. Хунаш, ҷонаш, вуҷудаш танҳо як хоҳиш дошт– шароб!

Одатан бо субҳона май наменӯшид, аммо алъон ҷуз як қадаҳ шароби тунд дигар ҳич чиз намехост. Оқибат аз пайи чӣ коре сари мизи хушбӯй нишастанаш ба ёдаш расид, аммо ба назараш дастархони пурнозу неъмат холӣ намуд. Нигоҳи карахташ толорро фаро гирифт. Пешхизматон, ки одатан дар чаҳор гӯша чун пайкараи сангин шах шуда, ҳар ҳаракати аёну ноаёни майлу хоҳиши ҷаноби олиро бо гӯши ҳуш шунидаву дарк мекарданд, дар ҷойҳои худ набуданд.

Бо панҷаҳои ларзон тугмаро ҷуставу ёфта, зер кард. Ба ҷойи пешхидмат ба толор сармуҳофиз ворид шуд. Сари мизи субҳона пайдо шудани афсар ба ҷойи пешхизмат ҳайронаш кард, ҳайраташро забон набахшида, ангушти ишора боло кард. Афсари рамузфаҳм, ки ҳар як нигоҳу ҳаракати ӯро фаврӣ мефаҳмиду дарк мекард, бидуни тасдиқ ё инкор хомӯшона хонаро тарк кард.

Ба толор ворид шудани раиси Дастгоҳ, ки қиёфаи ҷиддӣ ва корфармову итоатнопазираш аз дигаргунии ҳолати ҳол гувоҳӣ медод, ӯро ба худ овард. Ҳукми нигоҳи рӯбарӯ сарду қатъӣ буд:

– Имрӯз як қатра нӯшидан мумкин нест!

Қудрат ҳукмашро изҳор карда, мулкдорро, ки дар ҷашни тиллоии худ ҳаққи нӯши ҷон кардани оби дилхоҳашро надорад, бо аксу наворҳои хушбахту хандонаш бадбахту музтар гузошта рафт. Аксҳояш аз девор гӯё ин пиракии барҷомондаро, ки на танҳо чӣ гуфтану ба куҷо рафтан, балки чӣ хӯрдану чӣ нӯшиданаш низ дар ихтиёраш нест, мазоҳ мекарданд. Бо панҷаҳои ларзон ҷоми шарбатро гирифта, ба лаб бурд. Ширинӣ дилашро ковиш дод. Зиндагии талхаш чизи талхтаре мехост.

Ногоҳ ҳис кард, ки дар ин музтариву беҳолӣ танҳо нест. Чашмаш ба чашми оне афтод, ки ӯ буду ӯ на. Аз девори рӯбарӯ симои ношиносе беҷуръатона худро ба ӯ ошно кардан мехост. Ин ойина, ин ойини худнамоӣ дар дуруғгӯӣ ҳамто надошт: Ранги зардро арғавонӣ, хастагиро бардамӣ, беҳолиро барӯмандӣ менамуд. Алъон ин асбоби барои дурӯғ намудан қаднамо низ имкони рӯпӯш кардани ҳолати ҳолашро надошт. Малик ба чашмони пирамарди пиру барҷомондаи нимшиносу нимбегона нигарист. Нигоҳаш на суол дошт, на гармӣ. Маҳз ҳамин нигоҳ барояш чизеро намуд, ки пештар таҳдон набуд. Чашми чапаш аз чашми росташ калонтару кашидатар буд. Ин чашм аз чашми росташ фарқ мекард, нигоҳаш низ.

Чашми чапаш ба ҳолаш механдид, чашми росташ ба ҳолаш мегирист. Малик бо чашми росташ

аз чашми чапаш чашм канда, ба пайкари худ нигарист.

Шиками дамидаашро ба назараш зишту назарнамо тофт, ки зуд нигоҳашро аз ин болиши ғафс гурезонда ба сурати худ чашм дӯхт. Ҷомаи мӯди охирини ҷашнӣ, мӯйҳои рангкарда, рӯғанҳои ба сураташ молидаву атрҳои хушнакҳат низ иморати хароби пирияшро андова карда натавонистанд. Ожанги каҷу маҷ гунаву ҷабинаш, хатҳои жарфи гирди лабонаш буду шуди ношудашро бераҳмона урён месохт. Чанде пакарнамо ба симои фарсудаву бечораи худ чашм дӯхт. Оқибат ба нигоҳи берӯҳи худ тоб наовард, ки нигоҳашро ба ҷилои сарди зарфҳои булӯриву зарҳалӣ ҳавола кард. Аз лаълиҳову ҷомҳои хурду бузург низ симои баднамудаш сӯяш менигарист. Ниҳодаш дар сураташ ба забон омада, ҳолати ҳолашро бепарда менамуд. Дуди алам гулӯяшро талх лесида, димоғашро сӯзонд. Дарёфт, ки алъон бидуни як ҷуръа шароб, на танҳо ба анҷумани ҷашнӣ рафтан, балки аз курсӣ боло шуданаш амри маҳол аст:

– Шаррроббб! – фиғон кард малик.

Одатан аз нӯш кардани ҷоми аввал хушҳол шуда, қадаҳи дигар табиати гуногунзабонашро ба намоиш мегузошт, қадаҳи севум қуфли забонашро мекушод. Сиёҳро сиёҳ, сафедро сафед мегуфт. Дар забон аз сиёсат – аз ин илми риё, фирор карда, рӯй ҷониби ҳақиқат мегардонд ва чунон ваъдаҳое медод, ки ба иҷро расониданашон миё-

ни як мулку як миллатро мешиканад. Дар чунин ҳолат малик на танҳо барои худ, балки барои салтанат низ хатар эҷод мекард. Ин буд, ки на танҳо як қадаҳ, балки як қатра нӯш карданаш дар маъракаҳои сиёсӣ низ таҳти назару назорат қарор дошт.

Имрӯз рӯзи шаробхӯрӣ набуд. Малик инро медонист, медонисту шароб мехост. Бо ёди шароби талх оби тумчи даҳонашро фурӯ бурда, беҳавсала сарпӯши зарферо, ки лӯлакабоб дар равғани худ мечӯшид, боз кард. Бӯйи хӯрок сӯзиши хоҳиши шаробро тундтар сохт.

Беиштиҳо чанд дона кабобро зери дандонҳои сунъии маззаношиносаш партофта, чунон ки барзагови пир коҳро, луқмаро фучидаву ҷафида фурӯ бурд. Ӯ иштиҳо надошт.Мошинаҳои сиёҳу сиёҳшиша,ки дар саҳни ҳавлии Қаср маликро интизор буданд, аспони зинзадаро мемонданд. Соати деворӣ мусиқии наздик расидани вақти муқарраршудаи зуҳури олампаноҳро назди раият баландово гӯшрас мекард.

***Ҳар чиз андоза дорад, ба ҷуз нафси одамӣ, ки андозааш беандозагист.***

## 40

Чанори пир арзи бегуноҳии зиндагии ҳазорсолаи худро бо наъраи даҳшатноке баён намуда, сарозер афтод. Наъраи сабзҷони аз решаву бунёд ҷудо шуда, ба пешонаи кӯҳҳо бархӯрда, акси садояш ба шаҳр баргашт. Пойтахт– дили мамлакат ларзид. Қасри салтанату Кохи мамлакат такон хӯрд.

Баъди ҳазор сол ду тани решапайванди дарахт монанди ду дугонак аз ҳам ҷудо шуда, яке ҳавлии Қасрро, дигаре хиёбони бузурги пур аз одамро ба оғӯш гирифт.

Паҳлавони сабз дар дами вопасин гӯё бо зиндаҳои бетараҳҳум ҳисобашро баробар кард. Дар зери бори гарони танаш зиёд меҳмонони ҷашн, ки сӯйи Қасри Миллат чашми тамошо доштанд, ба хок яксон шуданд.

Аввалин шуда сафи калони наврасидагони ороста, ки таронаи ишқи малик дар лаб ҷодаи ифтихорро убур мекарданд, дар дами фоҷиа қарор гирифт. Онҳое, ки қисмат ҳамчун ҷоиза ҷонашонро амонат гузошта буд, садди фӯлодини низомро барҳам задаву ҷисми хуншори ҳалокшудагонро пахш карда, бетартибу низом ба ҳар сӯй пош хӯрданд. Касе намедонист, чӣ балое ба сарашон омадааст.

Фоҷиа аслан дар шоҳидии ҳазорон сурат гирифта, ҳамчунон дар пеши назари мардум ба нуқтаи фарҷоми худ расида буд. Одамони рақсону таронахони паси девори Қаср, садои ҷонхароши арраҳои барқиро мешуниданд, аммо касе аҳамият намедод.

Бонги шодиву хушнудии тантана чунон ҳушрабову пакаркунанда буд, ки на танҳо мардум, балки низоми оҳанин низ аз сар задании ин фоҷиаи хунин бехабар монд.

Қурбониёну захмбардоштагон аксар модарону кӯдакон буданд. Аз зери шоххои тару хушки дарахт фиғони ҷонхарошу имдодталабона ба фазо мепечид.

Тири фалахмони бадбахтӣ фарқи модари зебову хушбахтеро ба нишон гирифт, ки тавассути ҳунарнамоии духтарчаи шоҳпаракнамояш чандин рӯз дар маркази диққати рӯзноманигорону аккосон қарор дошт. Духтарча мерақсид, тарона мехонд, хушгӯйӣ мекард, аксҳои маликро бӯсидаву бӯйида, гӯё ба ҳозирон гӯйӣ дарси сидқу вафо меомӯзонд. Зодгори кӯдаки ҳунарманд аз ифтихору ғурур замини зери пояшро эҳсос намекард. Воситаи ифтихораш андак набуд.

Маҳз духтарчаи хуштолеъу ширинзабони ӯ мебоист соҳибҷашнро дар оғози кори анҷуман аз номи тифлони бахтёри мамлакат бо зодрӯзаш муборакбод мегуфт.

Ва инак, духтарчаи нимҷон дар зери панҷаҳои азими дарахт мехобиду модари бечорааш

рӯйканону мӯйканон ӯро меҷуст. Ногоҳ кокулбандаки сафеди кӯдакаш аз зери баргҳо ба чашмаш расиду осмон ба сараш чапа шуд:

– Вой, ҳар ду бари рӯям сиёҳ! Бачама куштанд, э войе, бачама куштанд! – фиғони даҳшатноке сар дода, ҷавонзани зебо дар даме ба пиразани фартут табдил ёфта. Ӯ кӯшиши кӯдакашро аз зери кунда берун кардан намуд, аммо кӯшиши ӯ аз дами сел раҳо кардани хасеро мемонд.

– Кӯдакма куштане! Хонаи душман сӯзад! Вой дод! Ман…

Ҳамоно ду дасти оҳанин ду бозуяшро дардофар фишурд. Зан хатои содиркардаашро дарк кард, ки фиғони ба лаб расида, дар гулӯяш монд. Ӯ лаб газида, хомӯш шуд. Ӯ дар маркази ҷашнӣ қарор гирифта, барои духтарчаи нозаш, ки дар зери навдаҳои дарахт пачақ шуда ҷон меканд, иҷозати фиғон кардану гиристан надошт.

Вақте ки афсарони низом модари зорро кашола карда, мебурданд, ногоҳ чунонаш намуд, ки духтарча имдодхоҳ модарашро фарёд кард:

– Мана гир, модарҷон!

Ин зораи ҷонсӯзро ба ҷуз модари бечора каси дигар намешунид:

– Мана напарто, модарҷон!

– Ҷони модар, ҳозир, ҳозир!

– Ман мемурам!

– Нееe!

Зан фиғонкунон аз панҷаҳои фӯлодин канда шуда, сӯйи қафо давид. Дар зери шохаи сангини

дарахт духтарчаашро дид, ки заминро, гӯӣ модарашро оғӯш намуда, бо чашмони бози берӯҳ ба нуқтае беҳис менигарист. Аз даҳону бинии кӯдак хун фаввора мезад. Бархи азими меҳмонону шаҳрвандон низ ба ҳамин аҳвол буданд. Модар дар рӯбарӯйи кӯдакаш худро чун тарбуз аз бағале афтода, ба замин кӯфта, ба хок яксон шуд. Ӯ мурдан мехост бо шоҳпараки дар зери кунда пачақшудааш, аммо дар мулке, ки барои нафас кашидан мебоист иҷозат медошт, табиист, ки барои мурдан иҷозат кадошт.

Шоҳидони ночор ба ин манзараи ваҳшатнок, пакар нигариста, аз худ нишонаи зиндагӣ зоҳир наменамуданд. Шаҳраги зиндагиро дар як пора замини мамлакати ҷашнӣ гӯё хоб бурда буд.

Низом хунсардона аз пайи ислоҳи хатои худ шуд. Артиш гирди дарахти афтодаву мардуми беҷону нимҷонро ҳалқавор печонд.

Амвоҷи одамонро, ки гирдогирди худ печ зада, ҳолу имкони ҳаракат надошт, тозиёнаи низом тунду бераҳм ба сӯйи пеш ронд. Дар ин саф модари сияҳрӯз низ буд. Мавҷи издиҳом модари бадбахтро селвор аз ҷисми кӯдаки беҷонаш дур мебурд. Зан калавидаву афтодаву хеста пеш мерафт. Оқибат аз пой афтода, нолиши беҳолонае сар дода, зери лаб худро маломат кард:

– Куҷо меравӣ? Кӯдакатро гӯр накарда, куҷо меравӣ? Хонаи душман сӯзад! Вой, духтарама куштанд! Духтарама куштанд!

Ӯ аз пой афтод. Дастони қавӣ зани ниммурда-

ро сахт силтав дода, сари по гузошт. Нигоҳи низом баландово буд;

– Як кӯдакро аз малик дареғ медорӣ? – Оне, ки ба малик ҷону имонашро ваъда мекард, магар ту набудӣ?! Ҳолӣ, ки чунин бахт насибат гаштааст, ба ҷои сипосу шукрона чаро доду фиғон мекунӣ? Кӯдаки ту аз кӯдаки зани хокрӯб беҳу болост?

Зан сухунони ба забон наовардаи низомиро шунид. Шуниду ҷони аз дасту пояш баромада, ба нӯги бинияш расид:

– Вой, марги мане!

– Марг ба ту!– ғулғула бардоштанд шоҳидони ҳоли модари сиёҳрӯз. – Модарони мамлакатро шарманда кардӣ! – ӯро маҳкум кард зане, ки кӯдакаш зери шохаҳо ҷон меканданд. – Як кӯдак киройи доду фарёд дорад?

– Хурсанд шав, ки малик қурбонии туро пазируфтааст! Мани аз чунин бахт бенасиб, ба кӣ арзу дод кунам ?!-
пеш баромад зани лоғаре, ки бо бачаҳои дар гирду атрофаш ҷамъ омада, мурғи чӯҷадорро мемонд. Ту кӯрнамакӣ!

– Кӯрнамак!

– Хасис!

– Марг ба ношукр!

Марг ба хасис! – баланд шуд садоҳои маҳкумкунанда.

Аз чаҳор тараф санги таҳқиру маломат бар сари модари бечора рехтан дошт. Ҷамоат бечораро дар ҳалқаи оҳанини нафрату мазамматаш танг

фишурда, охирин қатраи ашки бадбахтияшро аз умқи чашмони ҳаросонаш берун кашида, хушк кард:

– Душман!

– Ҷосус!

– Аз малики маликон узр пурс!

– Сад тавба кун, ношукр!

– Бад кардам! Тавба кардам! Гунаҳгорам!– нолид беҳолона зани бадбахт гиребони тавба қабза кардаву тарсидаву ларзида, сӯйи шохаҳои ғабдали дарахти аз пой афтода нигариста.

– Маро бубахшед!

– Аз мо не, аз олиҷаноб узр пурс! – зери лаб ғуррид низомӣ.

Зани бечора бори дигар нигоҳи ҳаросу гуноҳолуд ҷониби кундаи азими кӯдакашро пахш карда, афканда, қомати хамидаашро рост карданӣ шуд, аммо натавонист. Пойҳояш печиданд, каладав рафт. Издиҳоми ба шӯр омада, ӯро сӯйи пеш сахт тела дод. Зан парида, ба оғӯши низомие афтод. Низомӣ ношукрро бо нафрати адабомӯз аз оғӯшаш дур афканд.

Ғамкуштаи нафратзада ҳанӯз ба худ наомада, ӯро модаре, ки худ низ тифли дарахткушта дошт, таронахон аз пасаш монанди ҷуволи холӣ кашола кард:

Сиёҳрӯзӣ бо овои дупӯстаи ларзон сари овози ҷамоатро гирифта, суруди ишқи малик дар забон ба сӯйи пеш роҳ гирифт. Кӯдакони зери кунда монда бо нигоҳи сард гашта аз пайи волидайни

хеш менигаристанд.

* * *

Дар Қаср, дар маркази зилзила қиёмат шуд. Зилзила одатан аввал ақлро мерабояд, сипас ҷонро. Оне, ки ҳаракати бемаъниву бемантиқи мардуми зилзилазадаро дидааст, ин нуктаро тасдиқ хоҳад кард.

Азбаски ҷон барои шоҳу гадо якранг ширин аст, аввал афсарону муҳофизон аслиҳа бар замин афканда, Қасрро тарк карданд.

Табибон низ, ки мебоист масофаи назаррасро тай карда, худро ба берун мезаданд, дер шудани вақтро фаҳмида, ҷисми худро ба роғи дарҳову зери мизҳо ҳавола кардаанд.

Ҷисми маликаи бесоҳиб болои кат чанде чун дар алончак ҳой рафта, оқибат ором гирифт.

***Одам аз ҳама озод бошад ҳам
аз худ озод буда наметавонад.***

## 41

Маликро садои гӯшкаркунанда ва зилзилаи ҳушрабо дар сари дастархони субҳона дарёб кард. Ногоҳ ойинаҳо аз ҷой беҷой шуд, аксҳои малику тасвирҳои девор каҷ гашт, наворҳо дар ойинаи симо бенизом паропар оғоз кард. Қандили бузурги сақф лапиш хӯрдаву марҷонҳои бешумори булӯрҳо ба якдигар бар хӯрда мусиқии биму ҳарос баланд шуд.

Луқмаи лӯлакабоби чарбин аз нӯги панҷа ғелидаву пуштаи дамидаи ишкамашро лесак зада, дар гиребони ҷомаи сафеди ҷашноро мӯҳри нозудудание гузошт. Ҳамин тағма хоб на, бедорияшро исбот кард. Маҳз ҳамин гулӯлаи чарбини зери миз афтода, ба куҷо пинҳон кардани тани халтамонандашро ёдрасаш намуд. Ӯ ҳамчун ҷуволи холӣ зери миз афтод.

Сандуқҳои симо аз девору шифт манзараи даҳшатнокеро менамуданд. Саф – саф раққосону сарояндагон пойҳо як сӯй, дастҳо сӯйи дигар бо сару гарданҳои аз ҳам ҷудо мерақсиданду месуруданд.

Дар ин анбӯҳи сару пову дастҳои аз ҳам ҷудо малик аз зери миз симои ошноеро дид, ки манаҳаш аз ҷоғи боло ҷудо шуда, ҷоғи поён ҳамчун гурги омодаи даррондани барра раддаи

дандонҳояшро гизала ба намоиш гузошта буд. Симои ӯро тарсонида, чанду чандин буд. Ӯ дар ҳар симои ваҳмангез худро шинохта, дасту пояш бечон шуд. Гӯйӣ бар мазоҳи худ аз ҳар навор саршикаставу покандаву ҷоғдарида, худнамоӣ дошт. Ҳанӯз чӣ ҳодиса рух додааст, намедонист. Аз зери мизи таомхӯрӣ, ки ба назараш ҷойи бехатаре буд, ба паропари наворҳои ҷашнӣ нигариста, пеши худ ҳолати ҳолро таҳлил кардан хост. Дар сар задани ҳодиса вуҷуд доштани се фоҷиаро тахмин кард:

– Заминларза!

– Тазоҳурот!

– Суйқасд!

Тахмини дувуму севум ба назараш имконпазиру мантиқӣ намуд. Ба сар задани тазоҳуроти давлатӣ ва сӯйиқасд ба ҷони худ бовар кард. Тазоҳурот як маъно дошт: сӯиқасд ба ҷони малик. Хун ба сараш зада майнаашро лесид. Риши навтарошидааш, мӯйҳои ҳинозадааш аз тарс сих зад. Шалвори сафеди ҷашнии мӯди охиринашро тар кард. Наъраи дарахт пеши гӯшаш беист садо дода, биму ҳарос рагу пайванду мағзи устухонашро фаро гирифт:

Аввалин чорае, ки дар рӯбарӯи хатари таҳдидкунанда ба ёдаш расид, худро аз тиреза ба берун афкандан буд, аммо барои чунин корнамоӣ қодир набуд. Чашмонашро бо каф пӯшида, таги миз амиқтар пинҳон гашт, аммо садоҳои ваҳмангез ҳамоно аз ҳар шикофи баданаш ворид мешуд.

Дар ғами ҷон давлату салтанат, савлату ғурур, мамлакату миллат, маликаи дар дами сакароти мавт қарор ёфта, мардуми бесилоҳу бепаноҳи ба кӯчаву хиёбонҳо рехтаро аз ёд бурд.

Зӯр зада, ҷисми вазнинашро аз зери миз берун кашидан хост, аммо натавонист. Гӯё ӯро зери миз мехкӯб карда буданд. Бидуни ихтиёр, бечуръатона, сар боло кард. Ҳамоно аз зери миз дар шифти ойинабандӣ ҷисми худро чапасар дида, дилаш дар кафи пояш часпид. Аз ойинаи симо хандаашро дар як тика ҷоғаш гунҷонда, гӯё худ ба ҳоли худаш механдид.

Малик дар зери мизи субҳона, дар толори чароғону ойинабандӣ, зери нигоҳи ҳамешагии навогиракҳо худро ба маънии асл сарнагун дид. Дарёфт, ки на танҳо ҷойи пинҳон шудан надорад, балки ин хона – ин гӯри охирин, хурдтарин ҷузъиёти маргашро бо ойинаҳову наворҳояш сабт хоҳад кард.

Оне ки ҷони миллионҳоро сари ангушт дошт, оне, ки бо як имзо ҷон меситонд, дар дами фоҷиаи барояш ҳанӯз номаълум на силоҳи худмуҳофизатӣ дошт, на неруи ба даст гирифтани силоҳ, на ҷойи пинҳон шудан.

Аз наъразанон ба замин афтодани чанор вақти зиёде нагузаша буд, аммо ба назараш баробари як қарн намуд. Ҷониби дари баромад, ки кулли асрорро дар пасаш ниҳон медошт, нигарист. Маълум набуд баъд аз дамеву нафасе аз ин дари пурасрор кӣ ворид хоҳад шуд – қотил ё наҷотбахш.

Аҷалашро наздик дида, беихтиёр корди тиллоии равғанолудро, ки дар канори лаълии шикастаи паҳлӯяш мехобид, гирифта, дар кафи намгаштааш фишурд.

Ин пиракии барҷомонда, ин малики мамлакати бузург алъон ба ҷуз зинда мондан дигар ҳеч чиз намехост. На давлат, на савлат, на тахту тоҷ, на шаҳомату ҷоҳу мақоми воло. Орзуи ягонааш ҳарчи зудтар аз ин хона зинда берун рафтан ва дар гӯшае беному нишон хазидан буд.

Охирин қувваашро ҷамъ карда, аз таги миз берун рафтан хост. Ҳамин вақт гӯё бар мазоҳи соҳибҷашни бечора мусиқии мутантани гӯшкаркунанда ба авҷ расида, овои шиорзаниҳо аз иқтидору ифтихори малик толори ойинабандиро ларзонд. Аз ойнаҳои симо ҷамоати масту мадҳуш бесару бе по, бо ҷоғи дунима рақсону кафкӯбон, бехуду беёд хурӯш боло кашид;

– Зинда бод малик!

– Офтоби ишқи малик ҷовидон фурӯзон бод!

– Миллат ва малик неруи шикастнопазиранд!

– Халқ бо малики маликон, ба таҳамтани охирзамон ифтихор дорад!

Ду гӯшашро наҷотхоҳ бо каф баст, аммо бо гӯшҳои баста низ ҳама садоҳоро мешунид. Хитоби «зинда боду поянда бод!», ҳамчун «нест бод, марг ба малик! садо медод.

– Малик! Малики бузургвор! Эй сояи парвардигор дар сари мо бандаҳои гунаҳгор! – фиғони гиряолуд сар дод аз ойинаи симо бо овои чирро-

сии ҷонхарош зани сарсафеди солхӯрдае.

Пиразан аз навор гӯё ба ҷойи модари кайҳо хоку туроб шудааш, мурдаи бесоҳиби писари бечораашро менолид.

Ногоҳ садои гиряро овои хандоханд пахш кард. Чунонаш намуд, ки қотилон аз остона ба ҳолаш механданд, аммо ӯ кару кӯр шудааст, на касеро мебинад, на мешунавад. Шояд ба сурату симои хандаовараш, ба шалвори сафеди идонаи аз тарс касифкардааш механданд.

Садои гӯшшикофи хандаи истеҳзо гӯшхарош шуд. Зери оҳанги хандохандӣ чашми сиёҳи таппончаро дид, ки рост ба чашмаш менигарист. На танҳо чашми сиёҳи силоҳ, балки ангушти ишорати соҳиби силоҳро, ки дар зулфи таппонча чангак буд, низ дида, фаро расидани маргашро дарёфт. Байни зиндагиву марг масоҳате барояш намонд. Оқибат ин масофа низ аз байн рафт. Садои тирро нашунид, аммо ба чакааш расидани зарбаи сӯзону оташинро баръало эҳсос намуд. Маззаи ширин – талхи дарди қотилро чашида, ба бари рӯяш шоридани хуни гармро ҳис кард. Ба гунааш даст бурда, ашки шашқатори пиронаашро, ки аз биму ҳароси нотавонӣ ду бари рухсорашро мешуст, бо каф пок намуд.

Садоҳои гуногун аз наздик ба гӯшаш расид. Чунонаш намуд, ки толор пур аз тазоҳуроткунандагон аст. Хаёлаш навори тазоҳуроткунандагони мулки ҳамсояро, ки дар шоҳидии ҷаҳон ҳукми малику маликаи худро ба

ҷо оварда буданд, намоён сохт. Интизории марг аз марг даҳшатноктар буд. Аз ҳар шикофи танаш фиғон бархост;

– Инсоф кунед, аз барои худо!

– Хиёнат ба малик, хиёнат ба мулк, ба миллат, ба сарқонун аст – аз таги мизи субҳона насиҳат кард миллатро.

Беҳуда чашми ҳаросро калон нагуфтаанд. Ончӣ аз сари пиракии ҳаросзада мегузашт, эҷоди мағзи оташгирифтаву тарсхӯрдааш буд.

Шишапораҳои тирезаҳои нимшикаста, ҳанӯз тика – тика аз ошёнаҳои баланд афтода, садоҳои ҳаросэҷодкунанда мебароварданд, аммо кулли садоҳои олам алъон барои малики дар зиндони толори субҳона дармонда танҳо як маънӣ дошт; инқилоб, тазоҳурот, сӯиқасд...

Садои таркиши нав пардаи гӯшашро дарид. Монанди кӯдаки аз зарбаҳои дардовар сару рӯяшро бо дастони кӯчак муҳофиз ду даста сарашро дошта, таги миз даруntар хазид.

Садои мутантани ошноро нашинохт. Таронаи ишқи ҳамагон, ки дар асл суруди миллӣ ҳисоб меёфт, баландтар шуд. Малик, ки ин сурудро дӯст медошт, андаке ба худ омада, ҳаросон гӯш чирғ кард, аммо ҳамоно ҷойи шодиро дар дилаш тарс фаро гирифт. Аз дигар биму ҳаросаш афзуд.

– Маро дар зери суруди миллӣ қатл хоҳанд кард! – хулоса кард дар дил.

Ин тарона, балки таронаи « Малики мо» ҳар рӯз панҷ дафъа, дар соатҳои муайян ҳамчун на-

мози миллӣ ичро мешуд. Миллат вақту соати ичрои ин сурудро хуб медонист ва ҳангоми ниёиш чанд дақиқа мулку раият аз рафтору гуфтор мемонд. Алъон низ дар навор миллат рост истода, суруди ишқро замзама мекард.

Васфшаванда низ чорғов ба хондани намози ниёиши худ омода шуд, аммо дарёфт, ки як мисраъи онро аз бар намедонад. Чун ҳамеша барои фиреби худ ба нуқтае нигоҳашро мех зада, чанде лаб ҷунбонд, аммо аз дурӯғи худ беҳолтар шуд. Миллати аз аҳволи офаридгори барҷомондаи худ бехабар таронаи ишқи худро аз ноф суруда, аз гулӯ нафаси ишқашро сар медод;

Малики ҷовидони мо,

Замину осмони мо.

Ту ақли мову ҳуши мо,

Ту чашми мову гӯши мо!

Ақлу ҳуши миллат дар ахлоти худ ҷӯлида, баъди поён ёфтани ишқномааш барои овозхонҳои бовафои салтанати худ, барои восифони худ кафкӯбӣ кард.

Нидоҳои «зинда боду ҷовидон бод» бо хурӯши девонавори худ вуҷудашро чун торҳои анкабут ба тамом печониданд. Дар аъзои баданаш ҳар чӣ сӯрохие буд, аз хурӯши ҳароси ин садоҳои мутантан пур шуд. Чунон менамуд, ки мардум барои мазоҳаш шиор мезананд, то ӯро аз толори субҳона рост ба ба қатлгоҳ гусел кунанд.

– Па-па-па! Па-па-па! Ха-ха-ха! Ха-ха-ха!

Садои карнай ва сурнайи базмӣ, ки одатан ху-

ни мурдаро ба хурӯш меорад, аз нав садои тиру туфангро такрор намуда, заҳракафаш карда. Фарёду ҳаюҳуй дармонашро рабудаанд. Аз пояи шердори курсӣ сахт дошт. Дар ҳама дунё ҷуз ҳамин сутун такядоре надошт. Хаёлаш пош хӯрд. Ҳушаш рафт. Гӯё арраи дандонҳои шер ба кафи нармаш фурӯ рафтанд. Хуншор шуд. Дасташро аз даҳони шер кашида гирифтанӣ шуд, аммо натавонист:

– Па-па-па! Па-па-па!

Ба қотилони номаълум муноҷот кард:

– Аз барои худо, малики пиру фартутро накушед!

Чунонаш намуд, ки зорияш дили қотилонашро андаке нарм кард. Шер арраи дандонҳояшро суст намуд. Панҷаҳои хуншорашро аз даҳони даранда берун кашид.

Баъдан агар ҳазорон шоҳид собит бикунад, ки ҳич гуна шер вуҷуд надоштаву як қатра хунаш нарехтааст, бо ҳазор савганду даъво исбот хоҳад кард, ки онон дурӯғ мегӯянд, зеро ранги арғавонии хунашро, дарди ҷонкоҳи панҷаҳояшро таги дандонҳои дарранда то мурдан ёд хоҳад дошт.

Сари по рост шуда, ҳаросон ба чаҳор сӯйи нигарист. Ба назараш ҳама роҳу пайроҳаҳои Қасрро тазоҳуроткунандагон баста буданд.

– Як роҳи дигар ҳаст, магар фаромӯш кардӣ? – шунид овози беҳолонаи маликаи мирандаро аз наздик. Ӯ шабаҳи маликаро дар канораш дида,

ҷони гурезон ба тани сардаш майли баргаштан кард:

– Аз паси ман биё!

Роҳи махфие, ки малика ба малик менамуд, дар хонаи хоби ӯ воқеъ буда, аз зери замин то Кохи салтанат мебурд. Нигоҳашро аз дари сиёҳ гурезонд. Аз ин дар ворид шудан ва аз он берун рафтан маънии маргу зиндагиро дошт. Хаёлан сармуҳофизашро фарёд кард, аммо ҷавобе нашунид. Даҳонаш чунон хушк шуд, ки гӯё як каф хокро фурӯ бурда бошад. Ҷониби кӯзаи калапо, ки ҳанӯз аз гулӯяш шарбат мечакид, даст дароз кард. Кӯза холӣ буд.

– Аз паси ман биё! – таъкид кард шабаҳи малика.

– Бо ту ҳич куҷо намеравам!! – эътироз кард малик ба дари махфӣ чашм дӯхта:

– Ночор меравӣ!– хитоб кард шабаҳ. – Куҷоянд муҳофизони нерумандат? Куҷост артиши мулк? – пурсид бо истеҳзо шабаҳи малика. – Туро ҳама тарк карданд, ба ҷуз ман! Рафтем!

– Нее! Намеравам! – дар худ ғунча шуд соҳибҷашн. – Аз ман фирор кардан мехоҳӣ? Ба куҷо? Ба кадом диёру сарзамин?!

Садои хандаи малика гиряолуд шуд:

– Мо ба касе даркор нестем! Рафтем!

Мулкдори бечора дар байни чор девор асиреро мемонд, ки ҳукми сарнавишташро бояд аз беруни дар барояш эълон мекарданд. Шабаҳи малика хонаро гӯиё иҷора гирифта буд.Ба дари

сиёҳи махфӣ, ки чашми сиёҳи қисматро мемонд, пурмаъно менигарист.

Ёд овард, ки ҳанӯз охирин воситаи худмуҳофизаткунияшро корбаст накардааст.Неруи нигоҳашро ба кӯмак хонд. Бо нигоҳ дарро қуфл кардани шуд, то роҳи ба манзил ворид шудани тазоҳуроткунандагонро бибандад. Аммо баръакс шуд. Садоҳо ба дар наздик шуданд. Байни ӯву садоҳои даҳшатнок як дар монд.

***Чашми ҳарос бузург аст, хоса барои онҳое, ки аз сояи худ низ метарсанд.***

## 42

Садоҳои ҳавлангез ба дар, наздик шуданд. Нигоҳашро аз остона гурезонд. Садоҳо ба гӯшаш рехтанд. Гӯшҳояшро бо каф баст. Фарёдҳо аз шикофи димоғаш даромада, ба парма кардани майнааш пардохтанд;

– Зинда бод!

– Ҷовидона бод!

– Поянда бод, малики маликон! – мастона фарёд мезад тӯда.

Малик ҳарчанд ба сӯйи ойинаҳои симо нигоҳ намекард, аммо бо чашми ҳарос ҳамаро медид, хоса сурати ҷоғшикаставу дунимии худро. Бидуни ихтиёр, дар паси дари бастаи толори субҳона, ки саҳнаи набардро мемонд, самурайҳои ҷопонӣ ба ёдаш расиданд. Самурайҳое, ки табассумкунон ба шиками рақиби худ хунсардона то даста шамшер мехалонданд ва ҳамчунон табассуми хушбахтона дар лаб синаи худро шикофта ҷон медоданд. Барои марги мардонаашон ба эшон таги дил нафрат хонд.

Садоҳои ҳавлнок ӯро аз нафрати самурайҳо ба олами даҳшат бар гардонданд:

– Зинда бод малики маликон! – дар бехи гӯшаш фарёд сар дод, миллати ошиқ аз ҳама қуттиҳои симои дар толор буда.

– Мурда бод миллати маликкуш! – бо садои гирифтаи хиррии гиряолуд ҷавоб гардонд мухотаби таршуда, ки аз дами рух додани фоҷиа беист аз худ оби бадбӯйи ҳарос ихроҷ мекард.

Ӯ чашмонашро, ки ашк месӯзонд бо остини сафеду оҳарии ҷомаи идонааш пок кард. Ҳамин вақт нигоҳаш ба симои ҳақиру гирёнаш афтод, ки аз ойинаи барқади рӯбарӯ бечора сӯяш менигарист. Дилаш ба ҳоли худаш сӯхт. Пиракии бечора бо овози баланд кӯдаквор домани гиряро сар дод. Рафта-рафта гиря ба суруд табдил ёфт, суруди гиря дар сари мурдаи бесоҳиби худ. Чанде барои худ гириста суруд. Ҷойи ҳузну нотавониро дар дилаш қаҳру ғазаб фаро гирифт. Тӯдаро бо миллиардҳо ҳуҷайраи дар аъзои баданаш мавҷуд буда дашном дод. Ҳич гуна дашноми қабеҳи ба ёду сари забонаш расида алъон оташи алами сӯзону ғазаби ҷӯшонашро паст карда, наметавонист. Мухотаби аз ҳоли зори малик бехабар боз як парда садои ишқашро болотар гирифт:

– Зинда бод қаҳрамони давру замону шеъру достон!

– Поянда бод худои миллат, малики маликон!

– Масхара мекунед-а? Ҳе, зоду бунёдатона!.. – хитоб кард ба зоту бунёду авлоду ба аҷдоди тӯдаи азиз бо пуфи бадбӯйи тӯлоние як пуд дашноми пур аз ахлот фиристода.

Дашному тизсардоданҳояш андаке дамашро ҳот кард, ки нафаси амиқ гирифта, пуф кард. Малик нақши дармонбахши дашному ҳақоратро дар

сиҳатии худ борҳо санҷида буд. Ба дарёфташ ҳақорату дашномҳои ҳамеша дар забони одамон гирдгардон ҳамеша нишонаи бефарҳангиву пастфитратӣ нест. Ин воситаи оромибахши торҳои асаби тарангшуда, дашном ба ақидаи ӯ, ҳамчун зилзилаҳои шасти заминларзаҳои бузургтареро паст кунанда, барои кунд кардани сели ғазаб хизмат мекунанд. Алъон низ ин воситаи озмуда, дашномро, истифода бурда, андаке ба худ омад. Хурӯши биму ҳаросаш паст шуд, ки аз таги миз ба атроф нигарист. Гирди миз саҳнаи набардро мемонд. Кӯзаҳо калапо, қадаҳҳо афтодаву шикаста, лаълиҳо чапагардон...

Аз ин манзараи безеб нигоҳашро гурезонда, ба шифт нигарист, сарчархак шуд. Шифт доиравор гирд гаштан оғоз кард. Варақҳои бешумори хокистарранг аз шифт канда шуда, гирди сараш аввал оҳиста, сипас тунду тез чархидан оғоз кард. Варақаҳо мисли занбӯри зардак садои тези газанда доштанд. Варақҳо, ин занбӯрҳои ғафси шилқин ҳамоно ба сару рӯяш ширешвор часпида, аз худ бадтарин бӯй ихроҷ карданд, – бӯйи баду касиф, бӯйи марг.

Роҳи нафасаш баста шуд. Дамаш гирифт. Бо ҳама ҳаросониву карахтҷонӣ дарк кард, ки ин баргҳои чиркину бадбӯйи ҳамон варақаҳои фармонҳо – ҳукми қатли одамони бегуноҳанд, ки бо имзои ӯ дар тӯли солҳо ба иҷро расидаанд.

Ду барги шилмаки ҷондор аз ду патаки бинияш ғинг-ғингкунон ворид шуда, бо дунбаи

фарбеҳи худ роҳи нафасашро бастанд. Ӯ аз ҳуш рафт.

* * *

Оқибат, дари тақдир беово боз шуд ва дар остона сармуҳофизи бовафои малик рух намуд. Оне, ки барои даъват кардани соҳибҷашн ба анҷумани деринтизор расида буд, ҳоли табоҳи малику бетартибии толори субҳонаро дида, ҳангаш канд.

Шитобон ба сари малик расида, набзашро санҷид. Набзаш тунд мезад. Бори аввал набуд, ки малики мастуаластро ба ҳуш овардаву сарусомон мебахшид. Алъон вазъият дигар буд. Маликро дар Кохи Миллат интизор буданд.

Чанде ҳайрон ба ҷашнорои дар ахлоти худ ҷӯлида ва атрофаш нигарист. Воситаи ҷонбахши малик, кӯзаи шаробро ҷуст, аммо ҳамоно имрӯз манъ будани ин оби оташин ба ёдаш расид. Дар сари ҷисми нимҷони малик музтар монда, намедонист касеро ба кӯмак бихонад ё худ дар танҳоӣ нақши шармзои ин манзарaро аз байн бибарад:

– Малики маликон! – Дастатонро ба ман диҳед!

Ӯ дасти тару шилмаки маликро ба даст гирифта, кӯшиши аз зери миз кашидани ҷисмашро кард. Малик дасташро аз дасти ёвараш раҳо намуд, бо чашмони нимроғ нолиш кард:

– Маро накушед!

– Худо накунад! Дастатонро ба ман диҳед!

– Аз барои худо маро накушед! –

– Аълоҳазрат, миллат шуморо интизор аст, рафтем, мошинаҳо омода! – гуфт сармуҳофиз. Оқибат дасти шилмаки малик ба дасташ афтод, ӯро кашола кард:

–Маро накушед, ҳама давлату дороиямро мебахшам, фақат маро накушед! – нола кард пиракӣ.

Сармуҳофиз оқибат ба таги масъала расида, шитобон арз кард:

– Худо накунад, ҳама зиндаву саломат чашм ба роҳи шумоянд. Фақат, забон хоид сармуҳофиз, фақат вақте ки чанори пирро решакан карданд, андаке бесарусомонӣ рух дод. Оқибат ин пиракии дарди сарро дафъ карданд! – бо умеди шод кардани мулкдори нимҷон гуфт ёвари рамузфаҳм:

– Дарахтро буриданд! – Пиракӣ сахтҷон будаст.

Хитоби «дарахтро буриданд!»-ро ҳамчун куштанд қабул кардаву «пиракӣ сахтҷон будааст»-ро ба худ нисбат дода аз зери миз тарсону ларзон, беист мижа мезад. Нигоҳаш пур аз зораи мададхоҳ буд;

– Маро набаред! Маро накушееед!

– Аълоҳазрат, малики маликон! – худро ба пойи малики афканда дасти мадад сӯяш дароз кард сармуҳофиз.

– Не! Не! Аз барои худо маро накушед! – фиғонкунон зери миз хазидаву ғунча шуд, пиракии ақлкоста.

Сармуҳофиз, ки дар тӯли хидмат ба малик,

ҳазору як ҳолати аҷоибу ғароиби ӯро дидаву таҳаммул карда буд, худро ба даст гирифта, аз пайи чораи ин бечораи худо шуд. Бори нахуст набуд, ки малик хоса дар сархушӣ аз худ чунин аломатҳои бехудӣ зоҳир менамуд. Муҳофизи таҳдон аз он ҳайрон буд, ки чӣ гуна малик воситаи ҳушраборо дастрас кардааст. Дар чунин ҳолати ногувор одатан шоҳидонро ноаён ронда, бо малик танҳо мемонд ва то ҷое, ки имкон дошт, зиштии ӯро аз чашмҳо ниҳон мекард.

Зинҳор намехост маликро пеш аз оғози анҷумани ҷашнӣ бо чунин ҳоли табоҳ касе бубинад. Ба маънии ба худаш аён дар мушт тунд сулфида чанде гирду атрофро аз назар гузаронд.

Барои сари ҳол овардан ва ба анҷуман гуселонидани соҳибҷашн вақти зиёде зарур буд. Ягона душмани ӯ ва малик дар айни ҳол вақт буд. Мебоист маликро кӯдаквор фиреб додаву сари по гузошта, ришу мӯйсари аз ҳарос сих задаашро тарошид, ҷомаи ифлоси пиракиро дигар карда, ӯро ҳушёру сари ҳол ба Кохи Миллат раҳнамоӣ бикунад.

Шитобон мизу курсиҳои чапагардонро бар ҷой гузошт. Маликро ин озодии муфт бештар ба ҳарос андохт, ки ақибнокӣ ҷониби девор лағжид. Ӯ ворисона ба тарафи пиракии ба дастархони оҳарӣ печида, ки мурдаи кафанпӯшро ба хотир меовард, дасти мадад дароз кард. Малик ин бор муқобилият накард, балки итоаткорона дар такяи навкари тануманд ба қад рост шуд:

– Па-па-па! Ха-ха-ха!..

– Сармуҳофиз пеш аз малик аз ҷой як қад парида, сӯйи сандуққҳои пур аз малик нигарист. Аз нав авҷ гирифтани навои карнаю сурнай лагаде буд ба ҳар ду пойи беҷону заминрӯби соҳибҷашн. Бори танаш халтавор бар дӯши навкар афтод. Навкар хаёлан малики шодону боҳашамати наворҳоро бо ин пиракии аз пару по мондаи барҷомонда муқоиса карда, беихтиёр хандааш гирифт. Дар ин фоҷиа-мазҳака аз гиря то ханда, аз ханда то гиря фосилае намонда буд. Малики пир ҳанӯз ба наҷот ёфтанаш бовар намекард ва ба наҷотбахши таҳамтани худ ҳаросону нобовар менигарист:

– Шарбати хунукро нӯшед аълоҳазрат, лутф кард навкари бовафо.

Малик қадаҳи лабрези шарбатро ба сар кашида, хаста чашм пӯшид ва оҳи сарде аз дили пурдард берун кард. Оби ширину дидори ошно ӯро андаке сари ҳол овард, ки беҳолу канда-канда пурсид:

– Маро кӣ кушт?

– Чанорро? – суоли маликро ба тариқи худ фаҳмида, ҷавоб дод, сармуҳофиз, чанорро буриданд.

Мамлакат малики худро интизор буд, аммо ӯ кӣ ва дар куҷо буданашро фаромӯш карда, ҳаёту мамоташро ба навкари худ ҳавола медошт. Сармуҳофиз барои даъват кардани сартарош биноро тарк кард. Малик бо шармандагии худ сар-

хаму танҳо монд.

Гӯё маҳз барои масхара кардани соҳибҷашн симо як дам ором намегирифт. Ғалоғулаи гӯшхарош маҷбураш кард, ки аз нав сар боло бикунад. Навори машҳури зери қудуми оламианоҳ чун барраи қурбонӣ гузоштани тифлро намоиш медоданд.

Ногоҳ дарёфт, ки худи ӯ барраи қурбонист, ки барои пеши пойи худ куштан халқи бераҳму беинсоф фарбеҳ парвариш кардаанд. Хаёлан ба мардуми навор ҳасад бурд:

– Ин мардумро бинед, чӣ гуна озоду хушбахтанд. Хона-хона, гурӯҳ-гурӯҳ бо хонаводаву бачаву качаи худ ба сайр мебароянд, саёҳату роҳат мекунанд, гулхан меафрӯзанду кабоб мепазанд, аммо ӯ дар кунҷи хона танҳои танҳои бори худо як умр бандист. Бидуни муҳофизу силоҳ қадаме гузошта наметавонад. Аз кӣ худро пинҳон мекунад? Аз ҳамин мардуми садрӯяи аблаҳ, аз ҳамин мардуме, ки ӯро зодаанд, то ки оқибат бераҳмаш қатлаш кунанд! Чун гурбае, ки бача мезояд, то ки дар гуруснагияш бихӯрадаш. Ин мардум ӯро зоидаанд, то ки як рӯз бо азоби алим, хору зор бикушандаш, то ки аз ин қатли дастҷамъӣ ҳаловат бубаранд. Ин қатл чандин ном дорад; интихобот, дидорбинӣ, тоҷгузорӣ, ҷашни мавлуди нуқрагиву тиллоиву алмосӣ...

– Ҳе бар падари ҳафт пуштатон лаънат!

Лаънат фиристоданаш ба ҳафт пушти халқи азизаш ба назараш кам тофт, ки шумораи

ҳақораташро афзун кард:

– Э бар падари ҳафтоду ҳафт пуштатон лаънат!

Аз дашномҳои зиндадораш алайҳи миллат неруе дар ҷон эҳсос намуда, майли ҳаракат кард, аммо ҳузури касеро дар толор эҳсос намуда, ҳамоно хурд шуд. Беҷуръат сар боло карда, тори сараш сартарошро дид. Ҳамон сартарошеро, ки риши чун мӯйи думи асп шахашро бо теғ гаштаву баргашта тарошида, ӯро дар назди ойинаи ороиш танҳо гузошта рафта буд. Аз нав ӯ теғи урён дар даст дар сари малик рост меистод. Фиғонаш баромад:

– Ёрӣ! Ёрӣ диҳед! Маро мекушад.

Сартароши ҳаросзада дами теғро дар кафи луч чунон фишурд, ки аз мушташ ҷорӣ шудани хуни гармро нафаҳмид. Хуни сартарош нуқтаи охири ҳароси мулкдори бечора буд.

Нохост дилаш беҳузур шуд ва чунон рӯдаҳояш ба ҳам печиданд, ки ҳарчи хӯрда буд, аз меъда ба даҳону бинияш расид.

Сармуҳофиз бо ишора сартароши ниммурдаро ронда, худ риши пиракиро тарошида, ӯро шустушӯ дод. Афсари мураббияро мемонд, мураббияи ятимхонаи бачагони маслуқро.

Навбат ба пӯшидани либос расида, масъалаи масъалаҳо рух намуд. Ду ҷуфт либоси навдӯхт ба тани малик танг омад. Ҷойи малика дар ин сангари доғ холӣ буд. Хайёти салтанатиро даъват карданд. Хайёти бечора, ки аз тарс рангаш оҳаквор сафед буд, ҷонашро ба сараш печонида

арз кард, ки барои ба тани соҳибҷашн мувофиқ сохтани қабои навдӯхт вақт мебояд. Мушкили миллатро боз ҳам дастёри оқили малик осон кард. Ӯ дар осорхонаи миллӣ мавҷуд будани либоси писандидаи маликро ёд овард. Ҷомаи дӯстдоштаи маликро, ки бо сабаби аз мӯд рафтанаш ба осорхонаи миллӣ супорида буданд, ҳозир намуданд.

Бӯйи кӯҳнагӣ, бӯйи дамгиркунандаи мағок хонаро пур кард.

***Муҳаббати омма ба раҳбарону раҳнамоён рӯйи дигари нафрат аст; нафрати гадо ба шоҳ, нафрати нотавон ба тавоно, нафрати бечора ба чорагар.***

## 43

Вакилони пазируфтаи халқ бо ҳама намоиш додани салобату ғурури сохта ношикебоии худро дигар сабру тамкини пинҳон кардан надоштанд. Зиёфату пазирой, дастархони пурнозу неъмати муфт, мадҳияхониву рақсу тарона, тамошои такрор ба такрори наворҳои қудрату шаҳомати мулку малик дилбазан шуд. Аҳли толор бо тамкини беқарорӣ боз шудани дари сеҳрнокро, балки дари сарнавиштро интизор буд. Ҳама як нуқтаи нигоҳ дошт, гӯшаи саҳна. Ҷониби дари пурасрори хонаи раёсат даричаи дилҳо кушода буду кӯки чашмҳо моили кандан. Анҷуман муштоқи дидори оне буд, ки ба истиқболаш чанд шабу рӯз сари по истода каф оташ додаст. Миллат дидори мубораки онеро дидан мехост, ки якумр сари по рост истода, ба ифтихораш каф мезад, мадҳаш мекард, дар шуои офтоби ишқаш боғи муродаш гулафшон буд.

Ӯро ҳамеша, дар ҳама ҷо ҳамакаса интизор буданд, аммо интизории акнун, ки мантиқан расидани ошиқ ба дидори маъшуқ маънидод мешуд, тӯл кашид.

Ва инак даре, ки беҳтаринҳои миллат дидаи

меҳр сӯяш доштанд, бесадои баландово нимроғ шуд. Даҳонҳо кушода, гӯшҳо чирғ, кафҳои боз дар ҳаво муаллақ монданд. Толорро ҷунбиши шунидании беовоз фаро гирифт:

– Оҳҳҳ! – садо баровард ҷамъият бо як овоз, гӯӣ пешакӣ ба ҳам маслиҳат карда. – Шукри беҳад худойро, ки офтоб хоҳад баромад!

Ин дафъа низ аз роғи дар саре намоён шуд, саре, ки барои муштоқони аз интизорӣ ба ҷон расида, ҳич қимате надошт.

– Воййй! – дардолуд нолид ҷамоати фирефта.

– Уфффф! – оҳ сар дод яке ба ҷойи ҳама.

Сарҳо ноумед хам шуданд, чунон хами хам, ки ба хашики пойҳо расида. Гунаҳоро ранги берангӣ фаро гирифт. Эшонро дар ин рӯзҳои ширин – талхи интизорӣ бори аввал фиреб намедоданд. Бори аввал набуд, ки ҷону ҷигари вакилонро ба истиқболи ҷашноро оташ дода, аз дари пурасрор сари ҳич кас берун омада, ҳамчунон бидуни ҳич гуна маънӣ нопадид мешуд.

Ҷунбиши толор ин дафъа пуршиддат ва норозиёна буд. Нигаҳҳо саҳнаро иҷора гирифтанд. Ҳаяҷону изтироби ҳозирон беҳуда набуд. Онон дар масофаи байни худу ӯ фарёди хуни хешро дар раги шараён мешуниданд, фарёди хуни ишқро.

Пушти ин дари дарҳо малики маликон, шаҳсутуни мулк меистод ва толорро бафурҷа аз назар мегузаронд, то ки пеш аз офтоби дидори худро ба намоиш гузоштан, мунтазиронро сад бор куштаву зинда бикунад.

Толор тахтаи шатранҷро мемонд. Малик дар тӯли солҳои ҳукмронӣ бо ин тӯдаи кӯҳнаодату кӯҳнапараст, шоҳмотбозиро дӯст медошт. Чун шоҳмотбозони варзида, – як нафар бо даҳҳо ва садҳо. Вакилони ошно ҳар кадом барояш ном, ҷой ва сафи худро доштанд: фарзин, пиёда, асп, фил..., ҷойи аввал, даҳум, садум…, қатори аввал, дувум, бистум…

Худ табиист, ки шоҳ буд, шоҳе, ки дар поёни бозӣ ҳамаро қурбон карда музаффар мешуд. Дар ин тахта-толор он қадар пиёдаву фарзинҳоро ба сандуқи бенишонӣ афкандааст, ки ҳисоб надорад.

Малик баъди зилзилаи чинорэҷод ҳанӯз ба худ наомада буд. Доруву дармони нерубахш дар тани нотавонаш тавоне ворид сохт, аммо пойҳои беҷонаш ҳанӯз ноаён меларзид. Назди анҷуман аз мӯҳлати муайяншуда дертар зуҳур кардани малик ба ҳолати ҳоли ӯ вобаста буд. Шояд бори аввал ҳис кард, ки аз расидан ба назди мардум, аз ба намоиш гузоштани сурати зишташ дар дил ҳарос дорад. Аз рӯйи одати дерина имрӯз низ, пеш аз зуҳур намудан назди миллат аз дари нимроғи хонаи раёсат чанде аҳли толорро мавриди омӯзишу санҷиш қарор дод. Пиракии хастабемор қаноатманд дарёфт, ки ҳама донаҳо омодаи бозӣ, ҳама ошиқон муштоқи дидори муобраки ӯянд. Тамошои толори шайдо ҳолати хастагияшро андаке барҳам зад. Эҳсос кард, ки каси аз ҳама муҳиме дар толор ҳузур надорад. Кист оне, ки аз муборакбодии малики маликон канора ҷустааст?

– Эй, ту кистӣ?

Бидуни ихтиёр дарк кард, ки дар ин толори бузург ӯ касеро меҷӯяд, ки на номашро медонад, на ҷояшро, на сафи нишасташро. Онеро меҷӯяд, ки симояшро дар аксҳои ранга ва бистари хоб дар ниммастиву нимҳушёрӣ дидааст, онеро меҷӯяд, ки боре аз ҳирсу тамаъ гум кардаасту якумр ҷӯёст.

Сартакон хаёли талхро гӯё аз майнааш афшонда, аз нав аз чашми дар ба вакилон нигарист. Ӯро муштоқона интизор буданд. Аз дарки эҳсосе, ки ҳазорон интизори як нафаранду он як нафар бо ишқи ҳамагон чун гурба бо муш дар бозист, қад кашид, қомат афрохт.

Дарёфт, ки на танҳо мардуми ошиқ, балки худ низ, аниқтар, аксҳои бешумори гуногунсолу гуногуншаклаш низ чашм ба роҳаш доранд. Лаҳзае нигоҳаш ба нигоҳи акси босалобату бузурги худ, ки аз девори баланд рост ба чашмони обрави аз бехобиву шароб қирмизии соҳиби худ менигарист, бархӯрд. Бӯсаи назараш лаҳзае дар чеҳраи беожангу гулгуни ҷавони худ, ки тимсоли бемаргӣ буд, нақш баста ҳамоно гум шуд.

Оҳи талхе андарунаш печида, димоғашро сӯзонд. Ин дафъа таҳи дил пириро ҳамчун таҳқири ҷавонӣ маломат накард, зеро алъон бо табиати таҳқиргар вақти дастбагиребон шудан надошт.

Аксаш бо дасти ба осмонҳо афрошта, зери парчами Ватан на танҳо миллатро, балки соҳиби пи-

ру барҷомондаи худро, ки бо ошиқони дидори худ дар танҳоии назар аз паси дар шатранҷбозиданро дӯст медошт, аз пайи худ мехонд.

Ин аксро, ин нусхаи бефаноро, ки рамзи бузургиву шаҳомати малику мулк буд, миллат дӯст медошт. Ин нусхаро чун асл мепарастид. Дар ин сурати хушрангу боҳашамат малик танҳо набуд. Пешопеши ӯ духтараки хушбахту хандону нозанине рақскунон роҳи ояндаи дурахшонро ба миллат менамуд.

Лаҳзае чунонаш намуд, ки духтарак аз акси девор фаромада, сӯяш ҳаракат кард. Нигоҳашро аз девори духтардор гурезонда, гӯё ӯро саг сур карда бошад, саросема попеч ба ақиб фирор кард.

Зери нофаш, ки аз лагади шабонаи духтараки ношинос дардманд буд, ногоҳ чунон сахту ҷонгир сих зад, ки бидуни ихтиёр нолиши тӯлоние аз найчаи димоғаш берун шуд. Дарки ҳақиқате, ки афтударафти ӯ бо парии ғайбзада шабона дар хоб на, дар бедорӣ будааст, майнаашро сӯрох кард.

Бори дигар дар паси дари сеҳрноки раёсати анҷумани ҷашни олии худ, дар бедориву ҳушёрӣ зарби ҷуфтолагади духтаракро дар ҷисму ҷонаш эҳсос намуда, ба ҷойи як нафар ҳамаро бад дид, ҳатто акси барқади худро дар девори толори миллат, бо наврасони хандону духтараки шодонаш. Зарбаи лагади як нафарро хӯрда, ба муҳаббату садоқати як миллат шубҳа кард.

Ҳарчанд дар симои аҳли толор, аз сӯрохии да-

ри раёсат сардиву бегонагие ба назараш нарасид, аммо дар амали гӯшношуниди духтараки ғайбзада хотираш асрори дунболадореро пайгир шуд. «Оре, – пеши худ хулоса кард, малики шикамдард, – дар ин амали густохона духтарак танҳо нест...»

Дудаста ишками дардманди халтавор овезонашро дошта, аз нав ба дидгоҳаш назар дӯхта, аз қатори аввал то ба охири толорро аз назар гузаронд. Ҳарчанд дар вазъу симои анҷумани интизор ҳич тағйиротеро надид, бидуни ихтиёр нигоҳи устурлоби дарки эҳсосаш дар қатори ҳаждаҳум, ҷойи ҳаштум ист кард. Ӯ марди чорпаҳлӯи қавипайкареро дид, ки ба мавҷи хурӯшони шодии ҳозирон ҳамроҳ нашуда, хунсарду андешаманд ба нуқтаи ноаёне менигарист. Устурлоби нигоҳаш чанде соҳиби ин нигоҳи сардро таҳти омӯзиш қарор дод. Мард дар ин муддат як бор ҳам мижа бар ҳам назад, бо мардум эҳсоси хушнудӣ накард, нақши табассумро ба лаб роҳ надод. Нигоҳаш дар рӯйи мард ширеш шуд. Бо ишора ёвари рамузфаҳмашро даъват карда, нигоҳашро ноаён ба сӯйи қатору ҷову вакили шубҳанок равона кард. Ёвари зирак ҳама чизро фаврӣ дарк карда, аз пайи супориш шуд.

Малик ҳайрон буд, ки нур, аниқтараш назари сӯзандаи нигоҳаш, ки гоҳе оҳанро ба таҳрик меорад, ба ин мард таъсире надорад. Ин дам коре шуд, нощуданӣ. Соҳиби қатори ҳаштум низ аз роғи ноаёни дар нигоҳи маликро дошта рост ба

чашмонаш нигарист. То даме нигарист, ки малик ба нигоҳаш дигар тоб наоварда, аз назди роғи дар дур шуд.

Ёвар хабар овард, ки дар ҷойи ишора шуда зане нишаста буд, обистан, чанде пеш ӯро дарди зоиш гирифт, ҳоло дар таваллудгоҳ аст. Курсӣ холист.

– Сафи миллат меафзояд! – гуфт зери лаб нобоварона ба қатори пурасрор нигариста. Марди чаҳорпаҳлӯ ҳамчунон дар ҷояш бо фароғат менишаст ва бо истеҳзо ба роғи дар – ба як чашми малик дучашма менигарист.

* * *

Оқибат дари пурасрор чун китоби нахондаи қисмати мардуми ошиқ ба тамом кушода шуд. Оқибат соҳибҷашни карахти нимҷон чеҳраи варамидаву қирмизии худро, ки барои раияташ камоли ҷамоли ҳусн буд, намоён кард. Оқибат оне, зуҳур намуд, ки офтоби дидораш ҷону хуну рӯҳи миллатро сабзиву нуму мебахшид.

Нахуст як гӯшаи толор ӯро дида, аз ҷой ҷаста парвозӣ шуд. Се қисми дигари ҳанӯз касеро надида низ, ҷойҳои гарми худро бод дода, ба по хест. Шиорҳои рангоранги хушомаду хушбошӣ болои сарҳои ишқмадҳушон лаҳҷаи баёну боли парафшонӣ кушоданд. Забони шиорзанҳо тафсид.

– Поянда бод сояи худо дар замин!

– Миллат ва малик, ду шоҳболи бузурги мам-

лакат!

– Малик ҷону дилу дидаи миллат!...

Кафкӯбии пуршиддат хурӯши шиорзанҳоро пахш карда, шифту фаршро фаро гирифт. Кафзаниҳои пурэҳсосу беназм садои аз бом ба замин рехтани ҷуволи ҷормағзро мемонд.

Тахтаи пуштҳову тайи кашҳо, пешонаву нӯги биниҳо, рухсораву кафҳо арақшор шуданд. Баъзеҳо кафҳои арақшорашонро ноаён ба пироҳану шалвор хушк мекарданд ва барои аз саф қафо намондан як даста каф-даф мезаданд.

Рухсораҳои тозаву пажмурда аз нав гул карда, чашмонро гирдоби ашк фурӯ бурд. Ҳозиронро ҳоли аҷабе фаро гирифт. Чанд тан шодии иқболи дидорро таҳаммул карда натавониста, сари пой шодикаф шуданд. Чанди дигар сактаи мағзу сактаи дил гирифт. Вақте ҷасади ҳанӯз гарми қурбониёни ишқро бо тантана аз толор мебароварданд, зиндаҳо шаҳидони меҳркуштаро бо ҳасади аёни нигоҳ ва мусиқии кафкӯбӣ ба роҳи бармагард гусел намуданд.

Малик ба толор гули табассум пошидаву бафурҷа қадам чида, дар дидгоҳи меҳрташнагон пойтосар намоён шуд. Ӯ як ваҷаб табассум кард, толор даҳ ваҷаб. Ӯ як қадам пеш гузошт, ҳозирон даҳ ангушт дар ҷойҳои худ хурду бузург шуданд. Нидоҳову нафасҳои кӯргиреҳ берун рехтанд:

– Э худо, малик! – бунгак кашид бонуи ошиқе, ки бори нахуст ба дидори ёр расида буд, шодияш ӯро беҳол кард. Бехуд шуд ва ба дӯши ҳамсояаш

афтод.

– Малик! Малик! Малик! – хурӯшиданд, баландгӯякҳои хурду бузург аз чаҳор гӯшаи толор ба чаҳор гӯшаи олам.

Дар кӯчаву хиёбонҳо, ки барномаи анҷуман тавассути садову симо мустақим пахш мешуд, баробари дидани камоли ҷамолу шунидани исми сеҳрнок маҳшар бапо шуд. Модарон тифлакони худро аз пистонҳо канданд. Маслуқон асобағали худро партофтанд. Бӯсаи ошиқон сард шуд. Афсарон силоҳҳоро аз дӯш гирифтанд. Устодон дар ҳузури шогирдон кӯдаквор домани гиряро сар доданд. Шогирдон ҷисми устодонро пахш карда, ба сӯйи пеш давиданд, то ба маъниву мантиқи ишқ бирасанд. Хобу бедор, масту ҳушёрро як ном бар забон буд; малик.

– Эй миллати хуштолеъ, чашмат равшан бод, малик меояд! – бо тантана хабар дод нотиқи хизматнишондодаи дарбор, гулӯ дарондаву мардумро ба зуҳури оне, ки кайҳо омада буд, бовар кунонданӣ шуда.

– Малик меояд! – хитоб кард раият, бо боварии қатъӣ.

– Оре, оре, малик меояд! – сари овози халқу нотиқи дарборро гирифта, гуфт ровии хизматнишондодаву унвондор. Ва суханашро ба охир нарасонда, гӯё бечораи худо ба саҳнаи мулк барои мурдан омада бошад, ҳамоно парӯ афтод. Ҷонаш саросема тани арақшорашро тарк кард.

Аз ҷисми нодаркори ошиқи дидор фаврӣ саҳнаро холӣ карданд. Марги ҳунарманди шоистаи миллатро низ мардум дида – надида гирифтанд, зеро танҳо як фарди зиндаро дӯст медошт. Мирандаҳои дар навбатистода кам набуданд.

Малик бафурҷаву миннатгузор қадам чидаву масофа чен карда, ба саҳна баромад. Оне, ки чан-

де пеш зери сояи танҳоӣ аз шӯҳрату салтанат гурезгоҳ меҷуст, баробари дидани чеҳраҳои аз оташи ишқаш гулгуну чашмони аз ҳарорати муҳаббаташ сӯзон асли қадим шуд.

Ӯро аз нав ҳирсу ҳаваси шуҳрату салобат ба дом кашид. Аз нав мардуми ошиқи шайдо оличанобро ба мақоми волояш нишонда, худ дар қадамаш чун хоктӯда рехтанд.

Шояд бузургии халқ низ дар ҳамин аст, ки зинҳор ба пешвои худ имкон нахоҳад дод, ки мисли худаш хоксору бечораву сода бошад.

Ӯро офаридгор барои ҷовидона малик будан ва ин оммаи хокироҳро барои якумр парастиш карданаш офарида буд. Малик аз ин ишқи сӯзон қабат – қабат гӯшт гирифт, ки тугмаи пираҳанаш таранг шуда, ишками дамидаашро ба азият гирифтор кард.

Оне, ки пеши худ чанде пеш ба самимияту меҳру вафои ҳама шубҳа дошт, салобату салтанаташро бар ҷо, шахсияташро аз нав бологузару азиз ёфта, худро бештар аз пештар дӯст дошт, то дигаронро бештар аз пештар бад бубинад.

Соҳибҷашн бори дигар бо нигоҳи озмояндаву ҳич касро набинанда ба толор нигарист. Дидани чеҳраҳои шиноси меҳргулгун шубҳаву нобоварияшро барҳам зад.

Вакилон ҳама худӣ буданд. Гӯё дар тӯли ним қарн касе ин толорро тарк накарда буд. Намояндагони мардум монанди худу салтанаташ, ҳамсони сарқонуни мулкаш кӯҳнаву аз забони замон монда, солиён дар ҷову маҳалли худ нусхаи

кӯчаки ӯ ва мулкро мемонданд.

Дидани чеҳраҳои ошно маликро аз нав хушгумон кард. Чеҳраи пажмурдаву рангкандааш ранги зистанро гирифт. Ӯ ҳунари хондани чеҳраҳоро хуб аз бар карда буд. Ин ҳисси ростгӯйӣ дар мардум ба ятимон, дар ҷонварон бештар ба сагон хос аст. Саг ҳич гоҳ аз инсони абрӯгиреҳу рӯтурш умеди бурдаи нонро надорад.

Ӯ низ аз дарсҳои ятимӣ ин сабақро хуб аз бар карда буд ва бо тақозои ҳолати ҳол онро ёд мекард. Имрӯз низ, дар ҳолате, ки Дастгоҳ бо ӯ ҷанги рӯйрост эълон карда, ҷисми малика дар як ҳуҷраи Қаср хунук мешуд ва зери нофаш аз зарбаи духтарони ғайбзада зардоб буд, ҳунари чеҳрахонияш чархи мушоҳидаро тоб медод.

Ҳанӯз дафи кафҳо ба кафидан майл дошт. Малик аз табассуму чеҳрахонӣ меҳрхаста шуд. Хастанамоии соҳибҷашн оташи шавқи ошиқонашро сӯзонтар кард. Олампаноҳро дар лаб табассуми заҳролуде дамид. Ошиқонаш дар баёни безабонии ишқ тӯпи дам кардаро мемонанд. Як зарба кифоя буд, то бикафанд.Онҷунон бикафанд, ки оламро рӯдаву дилу ҷигари ишқолуд пур бикунад.

Ним қарн аст, ки аз боло табиати поённишинонро бо ҳайрату суол назора мекунад. Назора мекунаду аз тазоди ҳаракату амалу рафтору гуфтори тӯда гиребони ҳайрат медорад.

Пештар нақши роҳбари дастаи ромишгарон, ҳунари ӯро дар идора кардани ин як гурӯҳи бу-

зург намефаҳмид. Ҳаракати мавзуни ромишгаронро зери ишорачӯби роҳбалад дарк намекард. Ҳайрон буд, ки муғанниёни боре ба ҳаракатҳои мадҳушонаи чӯбаки раҳнамои худ нигоҳ накарда, чӣ сон бо низом кори худро иҷро мекарданд. Шояд роҳбару муғанниҳо чашми дигаре дорад, ки надида мебинанд.

Алъон ӯ худро дар ҷойи роҳнамои дастаи муғанниён дарёфт ва вакилони анҷуманро дастаи ромишгарон. Бо дидаи роҳбаладi ромишгар ҳозиронро нигарист.

Чанд ҳазор кас ба назараш як нафар намуд. Нохост ба ҷойи хушнудиву ифтихор дилашро ҳароси ношиносе фаро гирифт. Бори дигар ба толор, ба ин амвоҷи одамӣ, ки ҳама барояш як ранг, як намуд, як сару як ҷисм доштанд, нигариста, ба мантиқи ин ҳама шӯру валвалаи ишқи омиёна расидан хост.

Ӯро ногоҳ рӯйи дигари ношиноси ин муҳаббат ба ҳарос андохт. Ҳақиқатеро дарк кард, ки пештар таҳдон набуд.

Пеши худ бидуни интизор қоил шуд, ки онҳое, ки чунин бехуду беёд дӯст медоранд, ҳамчунин ҷунуннамо бад дида метавонанд.

***Беҳтарин атои офаридгор ба одамизод дар радифи ҳаёт озодист!***

**44**

Соҳибҷашн оқибат рӯбарӯйи миллат офтобвор пурра зуҳур намуд ва бо ишораи пурғурури « ин дафъа шуморо фиреб надодаанд, ин манам, худи худамам, бубинеду хушбахт шавед, девонаву шодикаф нашавед», коҳилона сапали дасташро ба анҷуман миннат кард. Толор аз дидани дидори малик таркид. Сарҳо ҳар тараф хамида, дастҳо ба осмон парвоз кард.

Миллат дар оташи ишқи малик сӯхт. Шӯру ҷунун ба соҳибҷашн хуш омад, ки офтоби табассумашро саховатманд ба рӯйи анҷуман бебаркаш пош дод. Қиёмат қоим шуд. Ишқ ба ҷунун ишорат кард, ҷунун ба шӯру балво. Дар чаҳор гӯшаи толор афсарони одилибос рух намуданд, бо қиёфаи абрдори офтобнамо. Пайдо шудани афсарони низом шасти ишқи мардумро андаке суст кард.

Маликро исёни содаву бесарҷилави эҳсоси умматаш дилгир кард, ки аз баландии ҷоҳу мақоми хеш ҷониби ин сели дамандаи ҷондори пурхатар назоракунон шояд бори нахуст ишқи содаи эшонро дар дил маҳкум кард:

– Чаро ин қадар шӯру мағал мекунед?

– Девонаи ишқи шумоем! – посух доданд нигоҳҳои пуроташ.

– Девона ошиқ буда наметавонад!

– Метавонад!

– Ё ман аз ақл бегонаам ё шумо?! – ишқи беранги ошиқони якрангашро гирифт соҳибҷашн аз миёни саҳнаи худнамой.

– Ин мардум, туро на, тоҷу тахт, ҷоҳу мақом, қудрату салтанат, савлату ҳайбатро дӯст медоранд! – аз худ дарак дод овози ниҳони ниҳодаш,

ки ҳамеша ба ҳама суол ҷавобе, ба ҳама ҷавоб суоле дошт. Мардум ҳанӯз аз дунёи ҷунун ба олами бечорагии хеш барнагашта буд, ки офтоби табассуми малик зери абри шубҳа пинҳон шуд ва чун ҳамеша ба ҷойи ӯ овози ниҳодаш сухан оғоз кард:

– Кифоя, кифоя! Дидам, фаҳмидам! Ишқи оҷизонаи худро ба ман миннат накунед! Шумо маро на, худро дӯст медоред! Мӯҳаббати шумо низ рӯйи дигари нафрати онҳоест, ки малики худро хоинона тирборон карда, мурдаашро бо пешобашон шустанд.

Ҳодисаи даҳшатноки дирӯзакак дар мамлакати ҳамсоя рух дода, ҳамоно пеши назараш ҷилвагар шуд; хиёбони пур аз тамошобин, ошиқони собиқи мулкдори собиқ, ҷасади хуншору бесоҳиби малику маликаи таҳқиршуда, валвалаву ҳангома, арғушти ғолибияти тӯдаи аз ақл бегона дар гирди ду ҷасади хуншор...

Аз ин ёди талх табассуми заҳролуде гирди лабонаш мӯҳр зада, оҳи сарду тӯлоние аз тӯтаи лабонаш ба толори оташгирифта пош хӯрд:

– Дар сурате, ки ба муҳаббати зоту бунёди худ боварӣ нест, чӣ гуна метавон ба шумо бовар кард?

Парандаи хаёлаш аз саҳнаи Кохи Миллат, аз пеши толори ишқкаф сӯйи Қаср, аниқтар сӯйи хонаи нимторики хобаш парид. Ногоҳ панҷаҳояш бидуни ихтиёр шох шуда, дар зери нофаш сӯзиши тундеро эҳсос кард. Замин гӯё аз зери рояш гурехт. Саҳна чарх задан оғоз кард, бо ӯ, аввал оҳиста-оҳиста, сипас тунду дилбеҷокунанда:

– Э басе, бас! Маро дар саҳна дигар нигоҳ надоред! Аз пой меафтам! – ӯ сӯйи курсии маликона майли рафтан кард. Анҷуман ҳар қадами

соҳибҷашнро бо тундари кафзанӣ истиқбол мегирифт. Садои кафзаниҳои бехудона дилкову гӯшхарош шуд:

– Шумо аз ақл бегонаед, эй мардум! – андешаашро бо оҳе пуф кард малик.

Мавҷи кафкӯбиҳо, шиорҳои бехудона ба сӯяш парвозӣ, дарди кунду ноҳинҷори зери ноф ба ҳам омада, дар дили соҳибҷашн ҳисси даҳшатнокеро бедор кард. Ӯро хоҳише пайдо шуд, ки алъон чанд норинҷаке дошта бошад, то ки толору ин мардуми меҳрбеморро якбора битарконад. Онон тарақ-тарақ битарканд, як-як таркидани ин тӯдаи аз ақл бегонаро кайф карда, тамошо бикунаду бихандад:

– Худро заҳмат надеҳ, насиҳаташ кард донои ниҳодаш. – Ин мардумро силоҳдор бикун он тараф кори онон, хоҳ худро бикушанд, хоҳ якдигарро. Ба дасти ҳар кадоме силоҳ бидеҳу аз дур истода тамошо бикун. Муҳим он аст, ки онон бояд худкушӣ бикунанд, ё ҳамдигаркушӣ, зеро бо чунин рафтору кирдор зинҳор ҳуқуқи зистан надоранд.

Ҳукми пешниҳод кардаи донои ниҳодашро дуруст ёфта, нигоҳи сарди холӣ аз ишқу эҳтиромашро ба толор миннат кард. Ин оташаки сарди хатарнок аз чашми онҳое, ки ҳар нигоҳи ӯро мехонданд, пинҳон намонд. Нигоҳи малик ҳамрадифи андешаҳояш сӯйи толор сардтар мешуд.

Вакилон ҷоизаи меҳру вафои худро аз малик интизор буданд, аммо ӯ гӯё ин ҳама шӯру оташро намедид. Оне, ки якумр бо чашмони нимроғ оламу одамро дида намедид, чашми ҳамабине дошт, чашми Дастгоҳ. Ин чашми кироя-чашми севум дар пешонаи ӯ ҷойгир буд. Бо ин чашм ҳамаро медид, месанҷид, нусхагирӣ мекард.

Мувофиқи дастури Дастгоҳ тарзи хоси салтанатдориро пеш гирифта буд.

Рақибони худу салтанатро бо дасти дигарон ҷазо доданро дӯст медошт. Вобаста ба вазъ бародарро алайҳи бародар чунон мешӯронд, ки дар он дунё низ гиребони якдигарро сар намедоданд.

Инак, рӯбарӯи уммати худсохташ зуҳур намудаву таркиши эҳсосашро бо чашми кироя санҷида, ногоҳ ҷойи хурсандиву хушбахтиро дар дилаш ҳисси нафрат фаро гирифт. Аз таҷрибаи таърих, аз сарнавишти ҳамсононаш таҳдон буд, ки муҳаббати омма рӯйи дигари нафрат аст: нафрати гадо ба шоҳ, нафрати нотавон ба тавоно, нафрати бечора ба чорагар...

Нигоҳашро аз тамошои дидори умматаш чида ҷониби хеш баргашт ва ба тамошои аксҳои хурду бузурги худ, ки аз ҳар гӯшаи толор хайрамақдамаш мегуфтанд, машғул шуд. Ӯ тамошои худро дӯст медошт. Аксҳо яке аз дигаре боҳашамату назаррабо буд. Дар ҳама аксҳо малик ҷавону тавонову бемарг тасвир ёфта буд. Ногоҳ ҳисси ногуворе вуҷудашро фаро гирифт. Дар ин аксҳои боҳашамату назарбозу назаррабо ӯ як чизи муҳимеро кашф кард, ки пештар барояш ошно набуд: ба асл шабеҳ набудани аксҳо. Дарёфт, ки худ аз аксҳояш аз замин то осмон фосила дорад. Барои марди худхоҳу худпараст, дар тантанаи ҷашни зодрӯзаш кашф кардани чунин ҳақиқати кушанда ба марг баробар буд.

* * *

Ин ҷамъияти ишқбемор, фикру андеша, дилу нияти эшонро бо вуҷуди ноком мондан дар ихтироъи асбоби хоса таҳдон буд.

Нохост ба ёдаш расидани асбоби носохта ва олимони худкуш дарди зери нофашро аз дигар тунд кард. Орзуи сохтани асбоби ҷамоасанҷе, ки

хурдтарин ҷунбиши рагу пайванд, нафрату муҳаббат, мақсаду маром ва дилу мағзи одамонро бехатову дақиқ чен карда тавонад, бо ҳама нобарорӣ ҳанӯз таркаш накарда буд. Асбоби ягона бояд дар кафи даст, ё хурдтарин ҷайб ҷойгир мешуд. Ҳарчанд кафи дасту ҷайби олампаноҳ ҳанӯз аз доштани ин асбоби ормонаш холӣ буд, дунёро бо умед медид.

Солҳо як гурӯҳи олимон махфӣ ба офаридани чунин асбоб-мӯъҷиза машғул буданд, аммо дарахт буду самар на. Акнун, ки ҷуз эҳсосу устурлоби нигоҳ ва дарки хуни худ асбобе надорад, ӯро мебояд ҳар ҳаракату нигоҳро, ҳар сухану лутфу марҳамати умматашро ба тариқи худ фаҳмида, дарку хулоса бикунад.

Малик банди абрӯвонашро гиреҳ зада, ба тарафи қатори дувум, ки яке аз адибони хизматнишондодаи салтанат сари синаи аз нишон – ситоразорашро пеш баровarda менишаст ва аз соҳиби тахти баланд нигоҳи тамаъ барнамедошт, чашм дӯхт. Як толор нигоҳи соҳибҷашнро то адиби хушбахт дунболагир шуд.

Адиби чоплус ба чашми офтоб нигариста натавонист, ки ҳамчун шогирди мадраса нигоҳи пур аз тамаъу зорияшро ба фарш дӯхт. Малик ҳанӯз нигоҳашро, ки маънияш ба худаш маълум буд, аз рӯйи ӯ намеканд. Адиб ба малик хиёнат карда буд. Инро ҳар ду хуб медонистанд. Хиёнаташ аз он иборат буд, ки дар ҷашни олампаноҳ ба ҷойи достон қасидаи хурде навишта, маликро аз сатҳи замин як ваҷаб ба осмони мадҳ набардошта буд.

Чунин хиёнатро соҳибҷашн аз ӯ чашмдор набуд. Оқибат нигоҳҳо ба ҳам омаданд. Толор бо адиби хушбахти нишонаи нигоҳи олампаноҳ қарор гирифта, рӯшод ҳасад бурд, нигоҳи малик

таҳқиру маломат дошт:

– Номатро аз рӯйхати махсус хат задам. Ту дигар дар умри сарат аз ман як хас намегирӣ. Аз додаат ҳазорон бор бештар гирифтӣ. Гирифтиву дар иваз чизе надодӣ. Беҳунарӣ, беистеъдодӣ, бешарафӣ!

Малик баҳои арзони ҳунари беҳунарии ин қаламкаши чоплусро хуб медонист, зеро онро аз забони малика шунида буд. Бар алайҳи малик, ки шахсияткуш буду беҳунарпарвар, малика аҳли ҳунармандони воқеиро арҷ мегузошт, баҳудаву беҳуда, хоса дар баҳогузории ҳунару қимати ҳунармандон беинсоф набуд. Ба ақидаи мулкбону ин ба ном адиб аз кӯчаи адабу ҳунар нагузаштааст. Ҳар ҷое, ки ин чоплуси беҳунар пайдо шавад, ҳунармандони асил хандаи истеҳзои худро дар мушт месулфанд. Ҳама унвону нишон, ҳама ҷоҳу мартабаро тавассути чоплусиву хушомад ва фурӯхтани аҳли ҳунар соҳиб шудааст...

Нигоҳи малик забон баровард:

– Ту маро то даме ҳамду сано мехонӣ, ки маликаму соҳиби тахту тоҷ. Ту ҳамонӣ, аммо ман дигар шудаам.

Забони нигоҳи маликро на танҳо адиби чоплус, балки толор низ чун алифбои Морзе хонда тавонист. Вақте ки заҳраи адиби чоплус беово кафид, малик қурбонияшро ба ҳоли худаш гузошта, қаноатмандона ба толор мавҷи табассум эҳдо кард.

Ҷисми адиби заҳракафида дар курсии махмалини толори анҷумани таърихӣ бо нигоҳи беҷони чашмони бозаш гӯё кафшҳои локзадаи соҳибҷашнро мебӯсиду сард мешуд.

***Нафас кашидан ҳанӯз маънии зинда буданро надорад.***

**45**

Малик ба парчамҳои парафшони ноҳияву шаҳрҳо, ки намояндагони арзанда ба толор ба ифтихори ӯ ворид мекарданд, беҳавсала нигариста, ҳар чӣ зудтар поён ёфтани ин намоишномаи баландоворо интизор буд.

Чун парчами охиринро ба толор ворид карданд, малик пайи чӣ коре ба саҳна баромаданашро гӯё ба ёд оварда, ҷониби тахт қадаме гузошт ва ҳамоно аз дарди ҷонкоҳи рӯдаҳо дар ҷой истод ва ба парчамҳои рангоранг нигоҳашро дӯхт. Ногоҳ ист кардани олампаноҳро ва ба парчамҳо ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намудани соҳибҷашнро анҷуман ба тариқи худ фаҳмида, кафи хешро аз дигар оташ дод.

Соҳибҷашни рӯдапеч шӯру қиёми вакилонро нодида гирифта, ба фазои толори хушбӯй пайи ҳам чанд пуфи тӯлониву бадбӯй сар дод ва ба сӯйи нишастгоҳи волои хеш роҳ кашид. Ҳар қадамаш валвалаву кафкӯбӣ эҷод намуда, ҷонашро ба лаб меовард. Ӯро даме чунон намуд, ки толор аз ҳоли ӯ огоҳ асту бо оташ додани кафҳои намгирифта мазоҳаш мекунад.

Дарди кӯҳна, ки чандин сол аз худ дарак надода буд, бо ҳароси сарнагунии чанори пир зинда шуд ва чандин дафъа аз хеш огоҳаш намуд. Ишками азияткашида, ин халтаи ҳамеша пурбори

бечора гӯё маҳз ҳамин рӯз бо бемории куҳани ӯ ҳамзабон эътирозашро аз баландгӯяки анҷуман боло кардан мехост. Дард авҷ мегирифт. Ин дард акси садои ҳолати ҳолаш буд, ки кай ва дар куҷо авҷ гирифтанаш дар ихтиёраш набуд. Пеши роҳи ин дарди табобатнопазирро ҳич гуна доруву дармон гирифта наметавонист. Дарди « хирсак», ки дар забони ом маънияш шикамравӣ аз даҳшату биму ҳаросу эҳсос аст, аз овони кӯдакии хорузораш мерос монда буд. Бори нахуст ин дард дар боғи ҳамсоя ҳангоми дуздӣ ба даст афтоданаш аз худ дарак дод. Ҳама бачаҳо доман пури себ аз девор парида гурехтанд, аммо ӯ ба даст афтод. Ҳангоме ки боғбон гӯшҳояшро бо панҷаҳои анбӯрвораш метофт, аз тарс шалвори фарсудаашро ифлос кард. Дармони ин дард дар ихтиёри худи дард буд.

То забт кардани тахт андаке монда буд, аммо ин андак ба назараш як умр намуд. Воқеан тахтсозон бояст андаруни зини тахт сохтани ҳоҷатхонаро фаромӯш накунанд, зеро аксари маликону амирону шоҳаншоҳону роҳбару сарварон фартуту барҷомондаанд ва табиист, ки бархе ба бемории пирии шикамравӣ гирифторанд.

Рӯдаҳояш дарди тоқатфарсо эҷод мекарду анҷумани мафтуну шайдо хандидаву гириста, дар қадами ҷорӯбгаштааш гули меҳр пошида, роҳи бечораи худоро то нишастгоҳ дур месохт:

– Э, басе, бас! – ишора кард ба толор. Мардум ишораи соҳибҷашнро ба тариқи худ фаҳмида

баҳо дод:

– Чак-чак бизанед! Каф бикӯбед! Шумо хушбахтед!

Ҷамоат аз кафкӯбӣ беҳол мешуд, малик аз дарди рӯдаҳо. Бемадор дар байни саҳна рост истода, нахи канда шудаи табассумашро пайваст кардан мехост, аммо муваффақ намешуд. Барои фиреби худу дигарон кафи дасти росташро беҳолона алвонҷ дода, қадаме сӯйи тахт гузоштанӣ шуд, аммо пойҳояш чун навдаҳои ток ба ҳам печиданд.

Сутуни мулк дар ҷояш аз нав ист кард ва бо даҳшат дарёфт, ки роҳи байни саҳна ва тахтро бо чунин аҳвол тай карданаш дар гумон аст. Аъзои баданашро ларза гирифт. Ӯро хоҳише пайдо шуд, ки дар пойи худ бинишинаду дигар бар нахезад. Ҳозирон ҳамоно ба истиқболаш сари по буданд. Соҳибҷашнро чунон менамуд, ки онон зинҳор дунбаҳои худро ба курсӣ нахоҳанд гузошт.

Аксар вакилон ҳанӯз ба бахти худ, дидани дидори муборак бовар намекарданд. Чун аълоҳазрат кулчаи ғафси кафи ошноро аз дигар ба ҳаво бардошта, худи худаш буданашро бо ҳаракати дилхоҳу ошно исбот кард ва сӯйи тахт роҳ кашид, аз чаҳор гӯшаи толор садои зинда бод боло шуд.

Ҳамоно дар зери ин садои мутантан кӯдакони хушбахту хушлаҳну хушлибосро, ки селаи кабӯтаронро мемонданд, ба саҳна сар доданд. Соҳибҷашни ба дарди хирсак гирифтор аз зуҳури

ин ишқи асалии часпак бадбахти дунё шуд.

– Малику кӯдакон, моҳу ситорагон! – шеър гуфт як анҷуман шоир бо як овоз, бо овози ишқ.

Селаи кӯдакон падари мӯътабари хешро бо ҳалқаи дастчаҳои хурди худ печониданд. Кӯдаке ба пойи ларзони бобояш часпид. Бачаҳои хушбахт ба ҳамсони худ тақлид карда, орувор ба соҳибҷашни бузургвор часпиданд. Неруи муҳаббати тифлон андаке монда буд сутуни мулкро аз пой дароварад.

Малик нури нигоҳи пур аз илтиҷову наҷотхоҳашро ба чаҳор гӯшаи толор пош дод. Нигоҳ корагар шуд. Ҳамоно чанги кӯдаконро аз пову доману гардани малик канданд. Бо вакилони хушбахт, дар саросари мулк мардум аз дидани зуҳури зебои ишқи кӯдакона, бо овози баланд хандида мегирист:

Корнамоии тифлон наврасонро низ шерак кард. Онон муҳофизони оҳнаниннигоҳро дида ҳурбаи ба саҳна баромадан накарданд, аммо аз толор садои чирикосии худро чунон сар доданд, ки баъзеҳо аз бими таркидани пардаи гӯш дастонашонро рӯйи воситаи шунавоии худ чапар карданд.

Соҳибҷашнро таронахонии ҷарангдори кӯдакону овои хушбошии толор гоҳе ба худ оварда, гоҳи дигар аз худ мебурд.

Оне, ки азоби кафши тангро дида аст, медонад, ки дар чунин ҳолат олам саросар ба чашми одам танг метобад. Маликро шикам дард мекард ва

ҳайрон буд, ки чаро мамлакат, хурду калон шикамдарду рӯдапеч нестанд.

Бо рӯдаҳои дамодам печанда, рост истода, ба маҷлиси ишқ гули табассум нисор карданаш тоқатфарсо шуд. Шикамаш ғуриши садои кафзании анҷуманро пахш кунанда баровард. Бо нигоҳ роҳи масофаи байни худашу тахтро, ки бояст андар он роҳати дилхоҳ меёфт, бетоқатона чен кард.

Роҳ то тахт ба назараш масоҳати байни замину осмонро мемонд. Ба сӯйи тахт роҳ меҷуст, аммо мардуми меҳрташна, ки дер гоҳ ин лаҳзаи гувороро интизор буданд, ӯро гӯё як умр аз саҳна ҷавоб додан намехостанд.

Малики пири хаставу шикамрав бадбахттарин ва бечоратарин одами олам буд, аммо инро ҷуз худаш касе намедонист.

Садои мутантани мусиқии суруди миллӣ баланд гашт. Анҷуман сари по рост шуда, ба хондани суруди миллӣ, ки саросар ниёиши ишқи малик буд, оғоз кард. Хондани суруди миллӣ ибодатро мемонд. Мардуми гармхуну зиндаҷон якбора карахту пакар шуда, зери лаб ба хондани таронае, ки матнашро аксар аз бар намедонист, мепардохт. Ин ниёишномаи содаи дилбазанро аксар вақт овозхонҳои касбӣ мехонданд. Ҳангоми хондани ин намози миллӣ ҳозирон ба фарқи сари пешнишастагон ё зонувони худ чашм дӯхта, лаб меҷунбонданд. Ба ҳамин ҳол чанд дақиқа мамлакатро бо ҳунари беҳунарии даруна-

кии худ миннат мекарданд. Дар асл ҳамагон бетоқатона интизори ба поён расидани ин ҳунарнамоии пур аз машаққат буданд.

Имрӯз гӯё барқасди соҳибҷашн ин мардумро аз нав сохта буданд, ки эшон вақти ниёиши суруди миллӣ рост ба чашмони малик менигаристанд. Соҳибҷашн низ гӯё бо ҳозирон суруди миллиро мехонд, аммо дар асл ба ғуриши рӯдаҳои худ гӯш медод. Садои рӯдаҳо баланду паст шуда, гӯё овози аҳли толорро пахш карданӣ мешуд. Оқибат васфияи қудрату салтанат мутантан поён ёфту ҷашнорои бечораро имкони ба зини тахти худ нишастан пайдо шуд.

Имкон мебуд аз баҳри тахт-ин чорпояи кӯҳна, ки яке аз муқаддасоти мулк ба ҳисоб мерафт, кайҳо мегузаштанд, аммо чунин ислоҳоти таърихӣ, ба тахти нав иваз кардани кӯҳна дар ин мулки кӯҳнапараст қарори махсусро мехост. Ӯ дар зини ин тахт ними умри фонияшро гузаронида буд. Барои аз озори ногузири тангҷойӣ раҳонидани дунбаи фарбеҳи малик ба ду тарафи курсӣ болишҳои нарм илова карданд. Чун вақти ба тахт нишастани малик шиками дамидааш мушкил пеш меовард, на як бору ду бор тахтро васеъ намуданд.

Дигар сари по истоданаш аз имкон берун шуд. Мехост зудтар ба зини худ расида, ғуриши навбатии ваҳшиёнаи шикамашро ба тахти салтанат пахш карда, саркӯб бикунад. Ҷанги гунги тахту ишками малик дар пеш буд.

Дарди шикам кам буд, ки тугмаҳои шалвор поёни нофи ҷашнороро пучида, пӯсти баданашро хориш медод. Гарданбандаш низ гӯё дар шоҳидии вакилони анҷуман гардани кундавор ғафсашро буғӣ карда, ӯро куштан мехост.

Оқибат малик ба тахт расида, аз рӯйи одат пеш аз он ки худро ба зини он ҷой бикунад, пояи тиллои уқобдорро доштанӣ шуд. Нохост ҳодисае рух дод, ки таърихи мулк мисլашро ёд надошт. Малик пешпо хӯрда, дар шоҳидии мулку миллат, балки дар нигоҳи оламу одам аз пой афтод ва парчами мамлакатро сарнагун кард:

– Оҳ! – Воҳ! – Ваҳ!.. садо кард ҳама.

– Маликро чашми бад расид! – гирён шуданд занон, ба малики дар саҳна парӯ афтода, аз зери чашм нигариста.

– Вое, ҷонакашон дард кардагисте! – нолиданд мардону занон баробар пеши худ.

Ду ҷавони таҳамтан ба кӯмаки абарқудрати афтода шитофтанд:

Дар пеши чашми анҷумани таърихӣ сарнагун шудани парчами мулку мулкдор нишонаи бад буд, аммо анҷумани даме пеш аз дидани нодидане дар ҷой шах шуда, якбора ба худ омада ва гӯӣ ҳамин ҳолатро мехостанд, ҳамово кафкӯбии шадид оғоз карданд. Малики сарнагуншуда таҳти мавҷи кафкӯбиҳо аз пояи тахт дошта, бо мадори ёварони расида сари по шуд.

Вакилон афтодаи бузургро сари по дида, аз пештар бештар нидоҳои шодиву хурсандиро ба

толор сар доданд. Парчами давлатро барқарор карданд. Малики дар обу арақ ғӯтида, оқибат ба тахт нишаст. Ӯро ба ҷуз чашм пӯшидану ғанаб кардан дигар орзуе намонда буд.

* * *

Барномаи тазйиқовари ҷашнӣ давом дошт. Миллат кулли ишқу вафо, ҳусну зебоии дар ниҳону аён доштаашро ба сару сарвари хеш нисор мекард. Ба саҳна намояндагони ҷавонон, парчамдорони ояндаи дурахшон, бо раҳнамоии духтараке хиромону хандон боло шуданд. Парии ҷавон дар даст кӯзаи гули ошиқи печон дошт, ҳамчун рамзи ишқи ягонаи малику ҷавонон.

Духтарак кӯзаи гулро ба пеши қадами малик гузошта, то замин таъзим кард. Ҳамроҳон бо ӯ пайравӣ намуданд. Толор аз дигар сари пой хест. Малик ба духтараки нозанин нигаристу ҳамоно чашмонаш сиёҳӣ зада ва пеши назарашро пардаи сурху сиёҳу сабзи ғализе пӯшонд. Байни ӯ ва толор гӯё гӯри сиёҳе пайдо шуд. Чанд лаҳза на сангборони кафзаниро шунид, на васфияҳои оташини ҷавонони хушбахтро.

Бо азоб ҳуши худро ҷамъ карда, ба парии нозанин нигарист. Дар рӯбарӯяш духтараки наврасидирӯз камарашро шикаста ороставу шодоб табассуми ширини пурноз дар лаб меистод.

Нигоҳи малик ба чеҳраи садбарггунаи духтар ширеш шуд. Ӯ ба ҷуз ин парии гӯё аз руъё рух намуда, касеро намедиду на мешунид. Меҳри хо-

саи оличаноб аз аҳли толор низ пинҳон намонд. Эшон низ ҳамоно духтаракро дӯст доштанд.

Ӯ маст буд, ҷуз нусхаи худро дидан, ҷуз чеҳраи мисли гули садбарги шабнамзада хушнакҳати духтаракро ҳорисона бӯсидан ва ҷуфтопари оҳувонаву камаршиканаш.., чизи аниқеро ёд надошт.

– Нозанини ваҳшӣ, дарди ҷонкоҳи зери ноф, садои аз ошёнаи баланд ба замин афтодани чизе, балки касе…

Вусъати хаёлаш ба фаро гирифтани соҳате аз ин бештар қодир набуд. Садои аз баландӣ ба замин афтодани касеро баръало шунида, аз ҷой як қад парид. Барномарезон дигар дар саҳна истодани ҷавононро зарур надониста, эшонро бо ишора ба поён даъват карданд. Садои аз боло ба поён афтодани духтарак гӯши хаёлашро шикофт: тир дар бехи гӯши хаёлаш такрор ёфт:

– Уууу! – нолиш кард малик чашмони обравашро нимпӯш кардаву кушода. Духтарак дар наздаш набуд.

Барномаи ҷашнӣ бо тантана идома дошт. Симои духтараки ба худаш чун як себи ду тақсим монанд, ки шаб миёни мардияшро бераҳмона шикаста, нопадид гашта буд, ҳамоно дар дидгоҳи назараш қарор дошт:

– Ӯ кӣ буд? Аз куҷо омада ба куҷо рафт? Парӣ буд ё фаришта?

Ёди духтараки пайдо накарда гум кардааш ба дили пиракӣ сӯз андохт. Беихтиёр эҳсос кард, ки

як умр танҳо ба хотири ҳамин лаҳза, яъне дидани дидори ин парии кӯчак зист, аммо чун тақдир дар дами пирӣ дидори ӯро насибаш гардонид, бо ҷурми мастиву мадҳушӣ ӯро ваҳшиёна аз даст дод. Ахтаре буд, дурахшиду хомӯш шуд!

Намояндагони бознишастагон пойкашону пуф-пуф кунон ба муборакбодӣ расиданд. Дидани ранги паридаву дасту пойи ногирои эшон ҷашнороро ба ёди худ андохт. Ӯ низ яке аз онон буд, ҳамчунон хаста, афсурда, роҳии сафари диёри хомӯшон. Зуҳури пиракиён дарди шикамашро аз дигар авҷ дод.

Тахторои аз дидани дидори ҳамсолони худ бадбахту бечора бо ишораи кунд дуруду паёми бознишастагонро пазируфта, нигоҳи берӯҳашро ба толор сар дод. Дар саросари ин нишастгоҳи мардуми бехуд аз духтарак нишоне набуд.

Ашк ҳар ду бари рӯйи маликро шуста, ба гиребонаш шорид. Мардум, ки ҳанӯз сари по гирёну хандону сарафшон дасту пой мекӯфтанд, дарёи сиришки шодии хешро ҳамроҳ карданд.

Дарди зери нофаш ба майнааш хазид. Сараш, ки аз таъсири шароби шабона санги осиёро мемонд, ғиж-ғижкунон гирди сутуни гарданаш гардон шуд. Эҳсоси раият на кам мешуд на сар мерафт. Нолишаш бо кафкӯбии оташини толор пайваст.

Нигоҳи малик ба болои сари мардум, ба болои ин мавҷи сиёҳу сафеду зарди якафкору якмағз фуруд омад. Як толор саркиштаи кадузорро хо-

тиррасонаш кард. Як саҳро каду! Шояд бори нахуст ба мантиқи вожаи калакаду расид.

Сари рангкардаи ӯ аз ин сарҳо фарқ дошт. Сари ӯ сари шоҳ буду дигар ҳама сари гадо.

Нохост пеши худ кашф кард, ки бо ин сарҳое, ки аз якдигар фарқе надоранду ба ҳич гуна халлоқият қодир нестанд, мамлакат дар дами марги тадриҷӣ қарор дорад. Марг худи ӯст.

Аз кашфи беҷои худ нафасгир шуд. Хоҳиши тугмаи гиребонашро боз кардану гарданбандашро кушодан боло гирифт, аммо дар куҷо буданашро ёд оварда, панҷаашро аз гиребонаш гирифт.

Толор аз хурӯши ишқ мекафид. Соҳибҷашн низ ба таркидан наздик мерасид.

***Агар имкони ба қафо баргаштан мебуд, аҷаб нест, аҳли башар ба ҷойи пешрафт пасравиро мепазируфт.***

**46**

Малик бо азоб аввал дунба, сипас, ҷуссаи дарди сарашро ба тахт ворид сохтаву сахт зер карда, боди садоноку бадбӯеро сар дод. Дамаш ҳот шуд ва чунонаш намуд, ки рӯдаҳояш таслим шуданд. Дарди сараш низ, ки ҳамчун ҳазорпо гирд-гирди калаи варамидаву пакараш давр задан дошт, кунд шуд. Хоҳише дар дилаш пайдо шуд, ки дар ҳамин курсии танг бо чашмони кушода хоб раваду дигар асло бедор нашавад. Байни хоҳишу ҳақиқати ҳол роҳ тӯлонӣ буд.

Нутқи раиси анҷуман, – мадҳияи кайҳонии бузургиву шаҳомати мулкдору мулк, гӯё аввалу охир надошт. Нотиқ ҳар дам ба соҳибҷашн муроҷиат мекард ва мухотаб мебоист ҳар сухани ӯро мешунид, тасдиқ мекард, бо дигарон хушҳоливу ифтихор аз худ зоҳир менамуд.

Рӯй ҷониби нотиқу хуш ба ғурриши дардовари рӯдаҳояш, хоҳони нишонидани дард нигоҳашро ба сӯйи сафҳо парвоз дод. Вакилон ошно буданд. Дар кадом сафу курсӣ барои кадом хидматҳояш нишастани фалонӣ низ маълум буд.

Солиёни тӯлонӣ дар ҳама базму анҷуманҳои дохиливу берунмарзӣ маҳз ҳамин вакилон ҳамчун

намояндагони шоистаи миллат ширкат мекарданд.

Малик на танҳо аксари вакилонро мешинохт, балки аз меъёру миқдори самимияту хушомадашон огоҳ буд.

Дар мулки ӯ аз сад наваду нӯҳ аз музди чоплусиву гапчинӣ ва ҷосусиву хоинӣ нон мехӯрад. Дар ин амали қадимаву озмуда зиште намедид. Аз ин рӯй оне, ки лаҳзае пеш дар байни саҳнаи мулк музтар истода хурдтарин нишонаҳои кӯҳнагиро дар симо ва шахсияти намояндагони миллат дарёфтаву дар дил маҳкум карда буд, ба тахт нишаставу дарди рӯдаҳояшро нишонда, бидуни ихтиёр дар дил ба сафедкунии худу ҳама пардохт.

«На танҳо дар сиёсат, ҳатто дар кишоварзӣ, ба вазъу равиши боду ҳаво нигариста, кишту кор мекунанд. Сохторе, ки аз куҷо вазидани боди ҳолати ҷамъиятро пешакӣ таҳқиқ намекунад ва гузашта аз он намедонад, на танҳо ҳуқуқи будан, балки имкони зистан надорад. Дуруст кард, ки аз оғози кор тарзи давлатдории муҳаббати тарсолудро интихоб намуд.

Самари ин интихоби дурусту оқилона аст, ки ним қарн дар ҷоҳу мақоми худ маҳкаму бегазанд мондааст. Нишонаи дарозумрӣ ва тансиҳатии сиёсияш низ дар ҳамин аст.

Ним қарн аст, ки аз дидану чидани гули сурхи ҳароси муҳаббат аз чеҳраҳои заъфаронии мардум лаззат мебарад.

Рақибони сиёсӣ аз рӯйи рашку ҳасад ӯро ба кӯҳнапарастиву ҷоҳилӣ муттаҳам мекунанд. Ӯ на ин асту на он. Ӯ малик аст, ҷони мулку миллатро дар сари ангушт дорад. Ҳама чизи навро кӯҳна тавлид мекунад. Ҳар чизи нав низ кӯҳнаест фаромӯшшуда. Магар субҳи нав такрори субҳи кӯҳна нест?...»

Мардум ӯро на, давлату савлат ва тоҷу тахташро мепарастанд. Магар малики собиқро худи омма ба тахт нишонда, оқибат бо кафши даридаи худ зер карда, ба хок яксон накард? Сазои оне, ки аз худ поёнро тори сар менишонад!

Мулкдори сарнагун шуда, ки худ ҷонишинаш гардид, дар ҳама кору амал ба тӯда такя намуда, омиёна гуфтору рафтору кирдор дошт. Бо мардум ба қавли ом нону пиёз мехӯрд, бо тӯда мерақсиду месуруд, мегиристу механдид.

Ӯро аввал дӯст доштанд, сипас ғайбату маломат карданд, баъдан бераҳму хунсард ба ҳалокат расонданд. Мардум нусхаи худро дӯст намедоранд, инро ӯ хуб медонад, зеро як замон худ низ яке аз ин мардум буд.

Одамон ахтарони дастнорасро мепарастанд. Фарқи ӯ аз гузаштагон дар он аст, ки худро аз халқаш ба масофаи байни замину осмон дур нигоҳ медорад ва аз ҳамин масофа бо онон тамос дорад, тамоси биму ҳарос, ки рӯйи дигари муҳаббат аст…».

Малик ба рӯйхати рақами яки ҷашнӣ, ки байни худ аҳли дарбор рӯйхати сафед низ меноманд, як

сол пеш шинос шуда, ба паҳлӯи номи дилхоҳон, ки як – ду нодилхоҳ низ дар байнашон ба чашм мерасид, бо амри Дастгоҳу бо дасти худ аломати хитобу суол гузошт. Онҳое, ки ба аломати хитоби малик сазовор гардида буданд, дар сафи аввал менишастанд.

Ҳар кадом аз фиристодагони миллат, ки аз толори анҷуман ба сӯяш нигоҳи ишқу илтиҷо доштанд, ҷоҳу ҷалол, ному нишон, ҷоизаву унвон, гузашта аз ҳама дар толори Бузурги Миллат курсии худро дошт.

Аксари ин тоифа ним аср пеш ба зинаҳои пасту миёнаву болои мансаб соҳиб шуда, дар мақому мартабаи худ чунон мустаҳкам буданд, ки ҳич қувваву қудрат ононро аз ҷой беҷой карда наметавонист. Маҳз эшон такягоҳ, зӯру мадор ва парчамбардори қудрату салтанати мулкдор буданд.

Ҷашноро ба курсии барояш шинос, ки ҷойи муқимии яке аз қарибону ҳамсолонаш буд, нигарист. Курсӣ холӣ буд.

Қонуни нестандарҷаҳони маҳкумкунандаи пириву пиронро, ки бо дасти худи олиҷаноб эҷод гардида, тахти назораташ қарор дошт, дар остонаи ҷашн бори дигар дар матбуот чоп карданд. Ин ҳукмнома низ яке аз падидаҳои нубуғи олиҷаноб ба шумор мерафт.

Мувофиқи нишондоди ин қонун дар мамлакат касе ҳақи пир шудан надошт ва пирӣ дар ин ҳукмнома ҳамчун бемории сирояткунанда, балки монанди айбу гуноҳи нобахшиданӣ маҳкум ме-

шуд.

Миллат ҳамоно ба ин қонуни нестандарҷаҳон ҳамраъйӣ нишон дод. Дар сафи пеши қонунсипосон пирону барҷомондагон буданд. Эшон ҳамоно ба маҳкум кардани пирӣ пардохтанд.

Ин фасли охирини инсониро чунон маҳкум карданд, ки ҷавонӣ аз доштани сифатҳои надоштаи пирӣ шармандаву шармсор шуд. Ба амал татбиқ гаштани қонуни маликэҷод дар курсии бесоҳиби миёнаи толор низ маълум гашт.

Малик бори дигар ба курсӣ нигарист. Соҳиби курсии холӣ, ин марди хизматнишондодаи сохтор, ки ҳамсоли соҳибҷашни ҳамешабаҳор буд, метавонист бо ҳузури хеш, бо сурати пажмурдаву пойҳои шали заминрӯбаш синну соли воқеии мулкдорро низ ба намоиш гузошта, қонунро вайрон созад.

Холигии курсӣ хурсандаш кард. Аз дастёронаш миннатдор хаёлан ба рӯйи номи ҳамсоли ғайбзадааш хати батлон кашид. Барои оне, ки ба пириву барҷомондагӣ қонунан ҷанг эълон карда буд, алъон фарқ надошт, ки соҳиби курсӣ зинда аст ё мурда.

Муҳим он буд, ки як аломати номақбули дилгиркунандаву хотирхарошро сари вақт аз нигоҳи ҷавонпарасташ дур афканда буданд. Қаноатманд ба акси бузурги хеш, ки дар рӯбарӯяш худнамоӣ дошт, нигарист. Нигоҳи акс маломаташ кард:

– Ҳамсолатро аз толор берун кардӣ, аммо бо

худат, бо пирии худ чӣ кор мекунӣ? – Аз анҷуман рондани ҳамсоли фартутат оё маънии пириву бекорагии худатро надорад?

– Ман маликам! Маликон пир не, хаста мешаванд. Ӯ пир шудааст, пири безебу зишт. Дар мулки ман мавҷудияти пириву пиронсолон ва намоиш додани ин неруи мурда ба манфиати миллат нест, ҷавоби нигоҳашро гардонд бо нигоҳ. Нигоҳ суоли дигареро пеш овард:

– Оё аз худат пиру фарсудатар дар толор каси дигаре ҳаст?

– Мулкдор синну сол надорад!

– Ҳамсоли ту пир не, солор аст. Мебоист ҳамсоли рондаатро, инчунин чанд тани дигарро низ ба толор даъват карда, ба сафи аввал менишондӣ ва исбот мекардӣ, ки солорӣ зинҳор маънии афтодагиву афсурдагиро надорад. Бигузор халқ бовар бикунад, ки пирӣ ҷоиза аст, на ҷазо. То дирӯз дар пешгоҳи ҳар донишгоҳу мадраса, шаҳру деҳ, идораву коргоҳ бо хати хонову зебо шиорҳои рангоранге парафшонӣ доштанд, ки як ҷузъи сиёсати давлат ба шумор мерафтанд. Муаллифи ин шиорҳо низ худат будӣ:

– Ягона иқтидору сарвати мулк пирону солхӯрдагонанд!

– Ҷавонон ба пирону барҷомондагон такя кунед!

– Пирӣ хушбахтист!

Акнун, ки худ пир шудаӣ чаро ба пирону барҷомондагон ҷанг эълон мекунӣ? Баръакс, ба-

рои фиребi назарҳо, барои роҳ надодан ба афкори тоза дар ҷамъият ва дар чашми мардум пири фартут нанамудани худ ҳама пирону барҷомондагонро аз хонаҳояшон берун карда, сари курсиҳову идораҳо шинонда, соҳиби курсиву чавкӣ бояд кард!

– Аз дасташон ҳич кор намеояд! – беҷуръат ба нигоҳ бо нигоҳ эътироз кард соҳиби ҳар ду нигоҳ.

– Аз дасти худат низ коре намеояд, аммо бо ҳама карахтиву беҳунарӣ ним қарн аст, ки як мамлакати бесару бебарро сарварӣ мекунӣ!

– Пирӣ таҳқири ҷавонист! – аз нигоҳи маҳкумкунандаи ҷавонияш нигоҳ дуздида ба толор дӯхт соҳибҷашн. Ӯ гунаҳгор ба курсии холии ҳамсоли ба ҷурми пир шудан аз анҷуман ронда шуда нигарист. Чашмони ӯ нам гирифтанд:

– Маро бубахш, ошно! – дар дил аз ҳамсоли рондааш узр хост мулкдор. Агар шербачаҳои ба ҷойи салла калларо меовардагӣ туро накушта бошанд, ба курсии худ хоҳӣ баргашт.

Малик ҳамоно фармони нигоҳашро ба яке аз нукаронаш, ки дар гӯшае чун пайкараи сангин карахт меистод, равона кард. Ҳанӯз хурӯҷи навбатии шикамаш басанда нашуда, пиракии фартути ҳамсоли худро дид, ки дар курсии худ нишаста, миннатдору гунаҳгор ба малик менигарист...

Мулкдор одатан ба дафтари хотираи худ сабт кардани чизҳои нозарурро намеписандид. Хотирааш низ чизҳои нозарурро сабт намекард. Аз анҷумани гузашта то кунунӣ дар кадом курсӣ

нишастани пирамарди фартути ҳамсолашро беҳуда хотири хотирааш сабт накардааст. Дар толор набуданашро низ.

Ба толор баргаштани пиракии бегуноҳ озордида андаке хушҳолаш кард, ки гирди лабаш шакараки табассуми қаноатмандӣ дамид.

Малик одатан ҳангоми ба маҷлисгоҳ ворид гаштан аввал нигоҳи хираву сардашро ба сафи пеш пош дода, аз ҳусну ҷамоли духтарони нозанин коҳилона гули ноз мечид. Шаби пурфоҷиа, истеъмоли аз ҳад фаровони шароб, дарди сару шикам ин дафъа одати пешинаи ӯро барҳам зад.

Нозанинони сафи аввал, ки барои забт кардани ҷойи ифтихорӣ ва нафаси тозаву хуни тоза ворид кардан ба ҷисми аълоҳазрат бо бонувони аз даҳони салтанат монда, дар шоҳидии ҳама сангар гирифтаву ғолиб омада буданд, аз номеҳрубонии ҷашноро дилшикаста лаб мегазиданду оҳ мекашиданд.

Малик аз болои сари нозанинони меҳрташна нигоҳашро ба толор миннат кард. Мардум дар тӯли солҳо маънии ҳар нигоҳи маликро дар қисмати худу дигарон санҷидаву омӯхта, аксар ба суханони ӯ на, ба маънии нигоҳаш гӯш медоданд. Гапи нигоҳаш оламсозу оламсӯз буд. Ҳолдонҳо хуб медонистанд, ки сарнавишти мулку миллатро як нигоҳи гарм ё сарди малик ҳал хоҳад кард.

Алъон дар зери тирборону табассумборони нигоҳи соҳибҷашн вакилон дар курсиҳои худ хурду бузург, бузургу хурд мешуданд.

Воқеан маликро ҳунаре буд, нодир. Худро дар зарурат ҳамчун асбоби механикӣ мувофиқи хоҳиш тоб додаву хомӯш карда, ё ба кор даро-варда метавонист.

Мехост ҳамаро медиду мешунид, намехост бо чашмони кушода мехобид ва будану набудани касеро эҳсос намекард.

Ин ҳунари нодираш, ки байни омма ҳамчун сеҳру эъҷози худодод арзёбӣ мешуд, бо мурури солҳо гарчи кундтар шуд, ҳанӯз ба тамом аз байн нарафта буд.

Вакилон гули табассуми миннат карда ба рӯяшон пошидаро ҳанӯз баргаке начида, ҳамоно офтоби сурати соҳибҷашн зери абр пинҳон шуд. Рӯдаҳояш аз дигар сахту овоздор печид.

Дар бартараф кардани ин вазъияти фавқулоддаи дорои аҳамияти милливу давлатӣ ҳама ҳунарашро ба кор бурд, аммо ҳич кадом ба кор наомад.

Барномаи пешдастии анҷуман ба поён расид. Ҳар кӣ ҳар ҳунаре дошт ба намоиш гузошт, аммо ин дафъа ин ҳама ҳунарнамоиву ҷоннисорӣ аз ҷониби соҳибҷашн на танҳо унвону ҷоиза, балки як лутфи хушку холӣ маликро сазовор нашуд.

***Бо ҷамъияти рӯҳмурдаи меъдазиндадор***
***дар зери як осмон зистан гуноҳ аст.***

## 47

Оқибат навбати сухан ба соҳибҷашни воломақоми беназиру беқиёс расид. Шӯру қиёме, ки бо шунидани номи муборак дар саросари мулк, хоса дар толори деринтизор барпо гашт, ҳамто надошт.

Чӣ гуна ба минбар расиданашро ёд надорад. Ҳангоме, ки мардуми аз ишқи сӯзонаш бехуду шайдо зери пойҳои беҳолу заминрӯбаш ҷувол-ҷувол ҷормағзи қарсак мерехтанду дарё-дарё меҳр мепошиданд, ҷуз ғуриши дарди авҷгирифтаи рӯдаҳои печонаш садои дигареро намешунид.

Ҷисми фарбеҳу ишками дамидаашро андаруни шикофи минбар ҷо кардани соҳибҷашн вақти зиёдро гирифт. Маърӯзаи таърихии бо нигоҳи ангуштонаш интихоб кардааш дар тоқи минбар интизораш буд.

Ҷамоати кулли ҳаракатҳои маликро омӯхта, медонист, ки алъон маърӯзачии рақами як дасти рост ба ҷайби чап бурда, бафурҷа айнакашро берун хоҳад овард. Ҳамчунин ҳам шуд. Дасти рост сӯйи ҷайби чап печ хӯрд. Фосилае дасти нотиқ ҷайби ҷомаи аз осорхонаи таърихӣ берун овардаро, ки бӯйи нафталинашро нозанинони сафи

аввал ҳамчун накҳати атри гаронбаҳо мешамиданд, молид.

Дасти чап ба кӯмаки дасти рост расида, сӯйи ҷайби рост тоб хӯрда, кофтуков оғоз кард. Оне, ки нутқи таърихияшро миллат бо бетоқатӣ интизор буд, бо даҳшат дарёфт, ки чашми ҳамабинаш, айнаки тиллоияш дар ҷайби қабои нави кабобу шарбатхӯрдааш мондааст.

Тахмини ҳаросзояшро якбора авҷ гирифтани дарди шикамаш баландовову бадбӯй тасдиқ кард. Чун кӯдаки ҳангоми дуздӣ ба даст афтода музтар монд. Бидуни айнак на танҳо маърӯзаи дигарон навиштаро хонда наметавонист, балки филро аз баҳмут фарқ карданаш мушкил буд.

Ҳайрону музтар бехудона варақҳоро тагурӯ кард. Чашм нимроғ намудаву пешонӣ чин дода, оғози матнро хонданӣ шуд, аммо дар рӯйи саҳифаи сафед-сиёҳ ба ҷуз дудаи ҳарфҳо чизеро надид.

Умедвори рух додани мӯъҷизаи биноӣ бори дигар ба саҳифа нигарист. Дар хатхатаки сиёҳу даванди ҳарфҳо нигоҳаш каладав хӯрд.

Аҳли толор аз ҳоли ноҳинҷори пешвои худ бехабар бо даҳони бозу гӯшҳои рафида дам дарун кашидаву пуф карданро аз ёд бурда, нутқи таърихиро интизор буд.

Шонаи дасти чапаш ногоҳ сахт теғ зад. Дили пираш, аз соҳиби худ хаста буданашро бо сӯзанхалаи тӯлониву дардноке баён сохт. Дасту пояш суст шуд.

Имдодхоҳ нигоҳашро ба гӯшае, ки ёвари асосияш мебоист он ҷой даст рӯйи дил ба ҳар супоришаш омода бошад, нигарист. Касеро надид.

Сих задании зери шонааш тӯлонӣ, дард ҷонкоҳ шуд. Дигар имкони худу дигаронро фиреб доданаш намонда буд. Сутуни пойҳои ноустувораш ликок шуда, баданашро араҷи сард пахш кард.

Ӯро ҳарос зер кард, ҳароси хоси одамони аз ҳунари шиноварӣ бебаҳраи ба уқёнус афтода. Толори анҷуман гӯё уқёнусе буд, ки ӯро ба коми худ мекашид.

Бори дигар бо нигоҳи имдодхоҳ ёвари ҳушманди дастгоҳияшро, ки бо зиракии худ ҳаракати морро дар зери замин дарк мекард, ҷуст, аммо ӯ низ дар ҷояш набуд.

Нигоҳи беҳиссу беранги соҳибҷашн дар тахтаи минбар дармонд. Толор оқибат ба ҳоли аҷаби малик рафт, ки ҷӯшу хурӯши ишқаш суст шуда, чормағзпошиву ҳезумшикании кафҳо берабту бенизом гашт.

Дарди хирсак ба авҷ расид. Эҳсоси ҳаросу шармсорӣ, ҳисси бечорагиву нотавонӣ кори худро кард. Ногоҳ пардаи ғафсу сиёҳе худ аз худ пайдо шуда ӯро аз толор ҷудо кард. Пеши дидагонаш мӯрчаҳои сиёҳи ҳарфҳо ба кирми бешумор табдил ёфтанд. Кирмҳо ба ӯ менигаристанд, мижа мезаданд, нафас мекашиданд. Кирмҳо сару гардану дасту по баровӯрданд. Толор аз кирм пур шуд. Кирмҳо ба девору шифт часпиданд. Кирмҳо-ҳарфҳоро медуздиданд, кӯшиши чидану

ҷамъ кардани ганҷи ғаниматро мекард, аммо муваффақ намешуд.

Панҷаҳояш болои варақҳо чангак шуд. Ларзидани ангуштон ба варақҳо гузашт. Саҳифаҳоро зилзила гирифт. Зилзила дасту пою ишками дардмандашро фаро гирифт. Зилзила минбарро забт кард. Гапчинакҳои бешумор рӯбарӯяш чун саққоҳои тарканда ҳаракат-арғушт оғоз карданд. Гапчинакҳои сиёҳ ба ҷаҳор сӯ алвонҷ хӯрдаву ба ҳамдигар бархӯрда, садои гӯшхарош мебароварданд. Гапчинаки калоне, ки ба говзанбӯр монанд буд, пеши чашмаш ҳалқаи сиёҳе кашида, лабони хушкшудаашро лесида гузашт. Дар ин лесаки оҳанин нохост маззаи луқмаи охирини аз нӯги панҷшохӣ афтодаашро дарёфт. Нигоҳаш аз пайи луқмаи равғанини гоҳ пайдову гоҳ нест шаванда кашола шуд. Сарҳои бешумор, ки ба луқмаи равғанин монанд буданд, гарданҳоро тарк намуда, ба маънии « маро бихӯр!» пешорӯяш арғушти ҷунун оғоз карданд. Чанд сари сафеду сиёҳу зард пешорӯяш чун лаъличаҳои кайҳонӣ печутоб хӯрда, байни ду чашмашро ба нишон гирифтанд.

Чеҳрааш заъфаронӣ, сипас кабуди сиёҳ, баъдан хокистарранг шуд. Аз саҳифа, ки ба назараш карбоси кӯҳнаро мемонд, чашм канда, ба толор нигарист. Нигоҳаш низ ин лаҳза таъсири ҷодугарии худро магар гум карда буд, ки ҳозирон аз он ҳич гуна маънӣ набардоштанд.

Чеҳрааш заъфаронӣ, сипас кабуди сиёҳ, баъдан хокистарранг шуд. Як даста варақро, ки

маърӯзаи таърихӣ унвон дошт, байни панҷаҳои шахшуда фишурда, канда-канда, беҳолу нимҷон барои ҳич кас муроҷиат кард:

– Миллати бузургворам!

Миллат баробари шунидани сифати бузургворияш аз забони ягонаи олам кафзании шадид оғоз кард Гумон меравад, ки ҳолати бехудонаи кафзании сиёсии мардумро рӯҳшиносу равоншиносе ба тамом омӯхта бошад. Бидуни шубҳа кашфи ҳолати ҳоли омма дар чунин мавридҳо дар илми равоншиносӣ ҳангома эҷод хоҳад кард.

– Миллати азизам!

Миллати азиз дар ҷавоб аз ҳар сурохи бадан чунон хурӯши оташин сар дод, ки дару девори Кохи бузург ба кафидан расид:

– Миллати яккаву ягонаам!

Дигар на нотиқ чизеро ёд дорад, на миллати яккаву ягона. Ҳар ду беёд шуданд, яке аз беҳоливу бадбахтӣ, дигаре аз хушҳоливу хушбахтӣ.

Ӯ ҳазён мегуфт, гап мебофт, суханони беҳадафу бемантиқро толор бо гӯши ҷон мешунид. Ӯ ғози табассум мекашид, саққои мардумаки чашмони берӯҳашро ба толор бетартиб пош медод. Ҷамоат ба ӯ менигарист, ҷамоат аз ӯ чашм намекард.

Нигоҳи шахшуда, исти якбораву яхбастани нигоҳашро низ ҳозирон нодида гирифтанд. Аз минбар байни суханронӣ якбора ист карда, ба толор чанде озмоишкорона нигаристан ва таъсири суханонашро дар рӯҳияи ҳозирон санҷиданаш одате буд, санҷидашуда.

Дар чунин ҳолатҳо онҳое, ки дуздида – дуздида бо забони нигоҳ ба якдигар арзи ҳол мекарданд, якбора симои файласуфонаву ҷиддӣ ба худ гирифта, гӯшу ҳуш шуда, рост ба чашмони гӯяндаву шунавандаи нотиқ менигаристанд.

Онҳое, ки ноаён бо дидаи кушода ба нуқтае чашм духта, сари хоби худро мегирифтанд, якбора ҳушёр шуда, нури гурехтаи чашмонашонро ҷамъ карда, ба сӯйи нотиқ пош медоданд. Баъзеҳо пешакӣ ба ҷайби наворбардорони салтанатӣ ҳақи хидмат мегузоштанд, то ки эшонро дар хоб бедор нишон бидиҳанд.

Маҳз дар чунин ҳолатҳо наворбардорон нигоҳи маликро нуқтаи ист дода, акси нигоҳи вафои ҳозиронро барои таъриху наслҳои оянда сабт карда, сипас гаштаву баргашта ба намоиш мегузоштанд. Алъон низ даҳҳо суханчинакҳо ва дастгоҳҳои наворгирии худиву хориҷӣ ҳар сухан, ҳар ҳаракати ӯро сабт мекарданд.

Аз вуҷудаш оташе боло шуда, аъзои баданашро фаро мегирифт, месӯхт, об мехост. Оби фаровон, бидуни шириниву талхиву сӯзу оташ. Оби соф, як кӯза пур. Аммо онҳое, ки шаҳраги худро барои малик омода буданд теғ задаву хуну ҷонашонро нисораш бикунанд, аз одитарин хоҳиши малики хеш бехабар буданд.

Панҷаҳои чангакшудааш бо нигоҳи ташна, паймонаи пуробро ҷустанд. Бо панҷаҳои ларзон паймонаро ба лаб бурд. Ҳангоми ба лаби ташна наздик расидан паймона чапа шуд. Оби рехта аз

гиребон то кафшашро гулкорӣ кард. Анҷуман ин ҳолати ногуворро низ надида гирифт, зеро он чизе, ки барои мардум ҷурму гуноҳ аст, барои малик ҳусну ҷамол ҳисоб меёфт.

Забонаш чун мурғи бисмил дар ҳалқаш тапидан оғоз кард:

– Ман мехоҳам, ман омадам, ман меравам...

Суханони нотиқ бесарусомон шуд. Ҷамъият ҳамчунон парво надошт, зеро ба шунидани нутқи бемантиқу баландовои сарвари худ кайҳо одат карда буд. Барои раият суханронии малик на, минбарро соатҳо забт кардани аввалӣ ва сари по рост истода, то ба тахт нишастанаш бо доду фарёди бехудона каф задани дувумӣ муҳим буд.

Нотиқ ҳарза мегуфт, сухан мечид. Рангаш хокистарӣ, дасту пояш сард гашта, нӯги бинияш теғ кашид, лабони чун тарошаи лесакхӯрда хушку тунукаш ба ҳам часпиданд. Ба қандили бузурги сақф, ки солҳо бузургиву шаҳомати олампаноҳро дурахши ҳашамат медод, бехудона нигарист. Ба ҷойи шилшилаҳои булӯрини қандил луқмаҳои зарду равғанин тирвор сӯяш мепариданд.

Нигоҳи охирини малик ба толори беёду карахт пур аз гилаву озор буд:

– Эй мардуми карахт, малик мемирад! Ман мемирам!..

Ин фиғони лол низ аз раҳи охирин нури дидаи соҳибҷашни ба фано раҳнамо ба анҷуман таъсир накард.

Малики аз пару по монда, танҳо аз он сарозер намешуд, ки ҷуссаи дамидааш дар шикофии минбар дар монда буд. Байни маргу зиндагӣ сари по истоданаш дигар имкон надошт.

Дар кори анҷумани таърихӣ, ки ба саросари ҷаҳон мустақим намоиш дода мешуд, бори дигар ҳодисае рух дод, ки дар ягон гӯшаи олам мислашро ёд надоранд. Нотиқ нохост шитобзадаву бехудона ба синаву гарданаш чанг задаву харошида, гарданбандашро кушоданӣ шуд, аммо муваффақ нагашт.

Девонавор бо чанголҳои чангакшуда варақҳои маърӯзаи таърихиро харошидаву маҷақ карда, ба сару рӯйи вакилон пош дод. Зӯр зада, ҷуссаашро аз шикофи танги минбар берун кашидан хост, аммо натавонист. Ӯ хирси ба дом афтодаро мемонд, худро ба чаҳор сӯй мезад, наҷот меҷуст.

Оқибат толор ба маънии ҳаракатҳои бемаънии соҳибҷашн расид. Кафзаниву шиорзании бехудона якбора қатъ шуд. Ҳозиронро гӯё дар ҷой мехкӯб карданд. Касе ҳоли аз ҷой ҷунбидану ба малики худ мадад расондан надошт.

Малики мамлакат даступо задаву қоғаз маҷақ карда, зӯр зада, аз минбар ҷуссаашро раҳонидан хост ва ҷонсарак бо минбари тиллокории салтанат пеши дидаи аҳли ҷаҳон сарнагун шуд. Минбари бо малики мамлакат фурӯ афтода чанд нозанини дар озмуни зебоӣ ғолиб омадаро, ки сафи аввалро оро медоданд, пахш кард.

*Сиёсат зодгори кулли фитнаву риёст.*

**48**

Маркази матбуоти кишвар ҳамвора аз вазъи саломатии малик хабар пахш мекард. Салтанат бо санадҳои инкорнашаванда миллатро бовар мекунонд, ки саломатии соҳибҷашн олист ва ҳич гуна маргу фано, ҳич қуввату қудрат, ин шаҳсутуни дунёро аз пой афканда наметавонад. Барои тасдиқи дурӯғи сохтор аҳли илму адабу фарҳанг ба майдон ворид мешуданд. Хоса шоирон, ки пешаашон дар пойдевори муболиға қарор дорад, доди фиреб додану фиреб рост карданро медоданд ва чунон устодона дурӯғномаи сиёсатро рост мекарданд, ки гоҳе табибони аз сад ҷони малик ноумед, балки худи маликофар, ки ҷилду пӯстаки малики ба фано расидаро афшонда, барои ҷойнишинаш нав мекард, ба қудрату неруи зиндагиофар ва аз дигар сари қудрат расидани бемор бовар мекард:

*Бирав, эй ҳаҷр, эй бечораи васл,*
*Бимир, эй дард, эй ҳосиди ночиз,*
*Малики мо сафири офтоб аст,*
*Магар хуршед мемирад? На, ҳаргиз!*

Сохтору дастёрони варзидаву озмудааш дурӯғ мегуфт, тӯда бовар мекард. «Малики маликон аз меҳру муҳаббати бебаркаш андаке хаста шудааст. Хастагии ӯро ҳолати хуши хушбахтӣ эҷод кардааст...» маризии беноми соҳибҷашнро шарҳу эзоҳ

медоданд, нотиқони баландово аз баландгӯякҳои садо ва ойинаҳои симо.

Раият баъди шунидани чунин пёми хуш омода буд, лабу рӯй, чашму абрӯй, балки кафи пойи нотиқонро бибӯсад:

– Оре, такрор мекард мардум, бо нотиқ, малики маликонро ишқ хаста кардааст. Хастагии ишқ хушбахтист.

Ҷуз Дастгоҳ ҳама бар он буданд, ки олампаноҳ ба толор баргашта аз минбари баланди анҷумани бисёринтизор нутқи таърихии худро эрод хоҳад кард. Халқ ба паёми дар нимсухан кандашудаи малик, гузаштаву ояндаи худро решапайванд меёфт.

Фаъолияти расонаҳои хабарии бурунмарзӣ, ин шоҳидони ночори бо минбар сарнагун шудани маликро, ки асли воқеаро воқеъбинона шарҳ медоданд, дар саросари кишвар қатъиян манъ карданд. Масъалаи аз ид– мотам бо ҳар баҳона ноаён гусел кардани меҳмонони хориҷӣ низ ҳалли фаврӣ мехост.

Дар ин муаммо тозаҳушону чиргӯшон байни сатрҳои гуфтаи нагуфтаи ахбори дохиливу берунӣ нуктаи муҳимеро дарк мекарданд, дар дами сакароти мавт қарор гирифтани малики мамлакатро.

Мардуми дилшикаста андешаҳои пармагарро аз майнаҳои варамидаи худ дур афканданӣ шуда, интизори хабари тоза дар хиёбонҳо сар-сарӣ мегашту оби дидаашро талх фурӯ мебуд.

Баъзе бадгумонҳо низ буданд, ки кайҳо дар хаёл манаҳи мулкдорро баста, идомаи кори анҷуман ва фаъолияти вакилонро як бозии бемаънии сиёсӣ маънидод мекарданд.

Ҳунари умедвор буданро дар ноумедӣ аз омма бояд омӯхт. Халқ ноумед набуд. Кори анҷумани таърихӣ як дақиқа қатъ намегардид. Барои шукӯҳи бештаре додан ба ҷаласаи дар оғоз қатъгашта намояндагони навбанавро, ки аксар шербачаҳои низом буданд, ба пойтахт сафарбар мекарданд.

Садои бемантиқу мадҳушонаи кафзаниҳо, ҳамрадифи мусиқии мутантан ҳамчунон дар саросари кишвар баланд буд. Ба назар чунон мерасид, ки ин анҷуман, ин гуфтушуниди бепояву бемоя зинҳор поён нахоҳад ёфт.

Баъди дар занбар – тобут аз толор бурдани сару сарвари мулк гӯё дар шууру андешаи анҷуман гумоне нарӯид, гӯё дар толор ҳич дигаргуние ба амал наомад, аммо дар ҳавои мамлакат бӯйи ғализи номаълуме доман паҳн мекард, ки бӯйшиносон онро бӯйи борут ё бӯйи хун, ё ҳар ду, маънидод мекарданд.

* * *

Дар беморхонаи салтанатӣ, паси дарҳои фӯлодин малики мамлакат ҷон меканд. Миллат хумори ширро бо маҳтоб шикаста, наворҳои бешуморeро, ки соҳибҷашн андар онҳо ҷавон, хандон, саломат, хушбахт ва бо ҳашамату ҷовидона

зуҳур дошт, ошиқона тамошо мекард. Мардуми аз асл бенасиб кулли сидқу вафои оташини худро ба нусхаҳо мебахшиданд.

Дар вазъияти сиёсиву иҷтимоии мамлакат низ гӯё тағйироте ба назар намерасид. Ҳар як нуктаву нуқтаи ахбори вазъи ҳолати ҳоли соҳибҷашни дар дами сакароти мавт қарор гирифта, сараввал аз чашми сӯзани назорати Дастгоҳ гузашта, сипас пахш мешуд. Оммаи аз мавҷудияти ахбори дигаре бехабар, он чи аз садову симои мулк ба гӯшаш мерехт, ҳамчун савганд қабул мекард. Худо накарда, касе ба ин ё он сухан лаби шубҳа во мекард, фаврӣ ҳамчун хоину иғвогар маҳкум мешуд.

Бо вуҷуди ҳама эҳтиёткорӣ гоҳе нуктае ба мағзи одамони ҳушёру ҳушдор мерасид, ки аҳамияти ҳаётӣ дошт. Як-ду хабари сар-сарӣ бо ҳама шитобзадагии қосид ба гӯши ҳушҳо расидаву дармонд. Нотиқ аз байни барқияҳову варақаҳои барои қироат ба дасташ расида дар хондани яке аз барқияҳо дар поёни матн задаи мантиқиро бо зарба ва хитоби нишонгир ифода намуда, диққати аҳли толорро ба муҳим будани хабари расида ҷалб намуд.

«Як гурӯҳ намояндагони вилояти Н, ошиқони дидори мубораки малики маликон, дар нимароҳи сафар ба садама дучор шуданд. Аз эшон касе ҷон ба саломат набурд! Қурбониёни ҷодаи ишқро худо биомурзад!»

– Омин! – дасти дуо ба рӯй кашид миллат дар

саросари мулк. Тӯда ҷуз хабари сиҳатии офаридгори худ ҳич гуна паёму пайғомро хуш надошт. Аз хато ё барқасд матни лаҳзае пеш қироат шуда аз нав дар фазои толору мулк садо дод. Ин дафъа нотиқ барқияро чунон фоҷианок қироат кард, ки таъсираш ҳамоно аз раҳи гӯшу хун ба мағзи карахти омма расида дар монд. Шунавандагони ночори фоҷиаи ишқ ба худ наомада, шумхабари дигаре онҳоро дилшикаста кард:

– Як гурӯҳ дилбохтагони малики маликон, барои собит кардани вафои хеш ҳамакаса худро ба дор овехтанд:

– Худо раҳматашон кунад! – дуо кард анҷуман, бо овои хаста.

– Худкушта ҳаром мемирад! Ҳароммурда раҳматбоб нест! –эрод гирифт мӯйсафеде, ки аз ғами дар оташи дӯзах ҷовидона сӯхтани худкушон ба бадани фартуташ ларза афтода буд.

Фалсафаи мазҳабии пиракиро ҳамоно инкор карданд:

– Худкуш дигар аст, қурбонӣ дигар. Қурбонӣ шаҳид аст. Шаҳидони ишқ ба сафи худкушон ворид намешаванд!

Нотиқи зоғнафас худ бехабар дилшиканияшро давом медод:

– Як гурӯҳ, гурӯҳи калони … нотиқ забон хоидаву намояндагони кадом касбу кор будани ҳалокшудагонро муайян карда натавониста, шитобон гуфт:

– Як гурӯҳ, ки ба зиёрати малик ба сӯйи пой-

тахти мамлакат меомаданд, дар ними роҳ нопадид шуд, варақро қат кардаву барқияи дигареро ба даст гирифта, гуфт сухангӯ.

Чанд нафар дар ҷойҳои худ норозӣ ҷунбиданд:

– Агар миллат ҳамчунон бемақсаду бемаънӣ мурдан гирад мулк хароб мешавад! –зери лаб ғурунгид касе.

– Кӣ гуфт, ки мамлакат хароб мешавад? – ҳамоно суол кард афсари либоси одӣ дар бари амният аз таҳи бинии эътирозкунанда.

Табиист, ки касе соҳиби садо буданашро ба гардан нагирифт. Ҳич кас вориси эътирози хапакӣ буданашро ифшо накард. Ҳамоно ба ҷойи як нафар соҳиби эътироз чанд нафари дигарро аз толор берун карданд.

Нотиқ хатои содиркардаашро вақте дарк кард, ки чанги панҷаҳои оҳанин ӯро чун лӯъбатаки аз бозӣ берун афтода ноаён паси парда кашиданд. Ҳамоно ҷойи нотиқи бемулоҳизаро дигаре забт кард, сухангӯйи аз ҳаққу ҳақиқат тавбадор:

– Як киштӣ ҷонбохтагони водии ишқ ҳангоми убури дарё ба тӯфони шадид дучор омаданд. Бо эшон чӣ рух дод, нотиқ сарфи назар карда, аз худ он чиро, ки дастгоҳ мехост илова кард:

– Кадом тӯфон метавонад бо шиддати худ ба ишқи миллат ба малик баробар бошад?

– Ҳич гуна тӯфон! – ғуррид толор, ки агар алъон тӯфони Нӯҳ бархоста дунёро чапа мекард, барояш танҳо як нафар вуҷуд дошт, малик.

Нотиқони оташинсухан якдигарро чун мавҷи

дарё иваз карда бо даста – даста варақаҳои навхабар рӯйи саҳна меомаданд. Анҷуман – мулк гӯшу ҳуш буд. Вақте ки ҳушёрии сиёсиро хоб гирифта буду майли истироҳат дошт, яке аз нотиқони вақтрасида андак монда буд назми анҷуман, балки сохти сохтори фӯлодинро барҳам бизанад.

Ӯ барқияи наврасидаро, ки бӯйи тазоҳурот мекард, пешакӣ нахондаву насанҷида, мустақим қироат кард:

– Дар яке аз хиёбонҳои шаҳр, шабона гурӯҳи ашхоси касбу корашон номаълум гулхан афрӯхта, то рӯз рақсу бозӣ карданд. Хоинона чанд акси мубораки маликро ба оташ кашида, чунон ки пайдо шуданд, ҳамон сон ғайб задаанд.

– Хоинон! Душманон! Марг ба хоинон! Марг ба душманон! – барқияро дар каф ғиҷим кардаву мушташро болои сар бардошта, тазоҳуротгарони ношиносро аз номи худ аввалин шуда маҳкум кард нотиқ лаблабувор сурх шуда.

– Марг! Марг! Марг! – бо умеде, ки шояд оқибат толор эшонро бубинанду ба қадрашон бирасад, пеш аз ҳама сари овози нотиқро гирифтанд, собиқ занони хизматнишондода аз айвон, таҳти роҳбарии зани қурбоқамонанд.

Толори пакаргашта на танҳо шиорро тӯтивор такрор накард, балки хитоби нотиқу пиразанҳои хизматнишондодаро низ беҷавоб гузошт. Дар таърихи сиёсати ин мулки ҳарбӣ – сиёсӣ шояд бори нахуст чунин хиёнати гӯшношунидро

ҷамъият бидуни акси садо гузошт.

Нотиқ ба тайи хатои ислоҳнопазиру нобахшидании худ расид, ки ранги қирмизияш оҳаквор сафед шуд. Оне, ки бо дасти худ ҳукмномаашро имзо карда буд, сайдвор ба коми аждаҳо, ба паси саҳна пойҳояшро шохмола кард.

Дигар офтобро бо доман пӯшондан имкон надошт. Халқ ба таги воқеа расида, дилмондаву андӯҳгин мешуд. Мулк бо малики худ аз пой меафтод. Мамлакати дар назари аввал ободу оромро ларзаи ноаёне фаро мегирифт. Аз ҳар гӯшаву канори диёр хабарҳои ҳавлангези хунро таҳрикдиҳанда ба пойтахт мерасид. Миллат худро бо дасти худ мекушт. Ҳалокшудагон аксар бонувон буданд. Ин тоифаи ҳассос ҷудоии ногузирро бо падари фарзандони худ – малики маликон таҳаммул карда натавониста, шавҳаронро бе зан, бачагонро бе модар монда, ба гуноҳи азими ин дунёву он дунё – ба худкушӣ даст мезаданд.

Воситаҳои худкушии бонувон низ нав буд: яке худро ба мурдоб меафканд, ҳарчанд назди дараш рӯдбори пуршӯру покиза равон буд. Дигаре ахлоти мурғ мехӯрд, севумин ошёнаи даҳуми манзилашро нодида гирифта, ба қуллаи баландтарин боло гашта, сарозер ба поён парвоз мекард.

Худкушон ҳама як мақсад доштанд; пештар аз олампаноҳ ба он дунё расида, сояи худо дар заминро дар осмонҳо сазовори ҷоҳу мақомаш истиқбол бигиранд.

Дар ин бозии касифи сиёсӣ, бар алайҳи оммаи

содаву зудбовар онҳое ба саҳна меомаданд, ки на танҳо шаклу шамоилашонро, балки ному нишонашонро низ касе ёд надошт. Яке аз онҳо собиқ муовини малик буд, ки замоне « бо сабаби беморӣ», дари Қасрро аз пасаш баста буданд. Алҳақ, дар ҷое, чирку ифлосӣ зиёд аст, микроб низ зиёд мешавад. Ин марди курсихоҳу бешараф, ки мавриди мувофиқро мепоид, тунду шитобзада ба фаъолият пардохт. Фаъолияти чиркини ӯ айни муддао буд, зеро мавҷудияташ, ки дар айни ҳол воситаи пуркунии ҷойи холӣ буд, барои салтанат хатаре эҷод намекард.

Ин буд, ки Дастгоҳ давутози сиёсатмадори фаромӯшшударо суръат бахшида, сари оби тазоҳуроти берунаро, ки бӯяшро варақаҳои дар анҷуман қироатшуда баровардa буд, шитобон чим мезад. Фаъолияти фаъоли ҷонишини аз бойгонии сиёсат берун кашидаашро Дастгоҳ гӯё нодида мегирифт. Барои тӯда зуҳури ногаҳонӣ ва фаъолонаи ин пасуфтодаи беному нишон фоле буд, ки таъбир мехост.

Вакилон баъди сарозер афтодани малик дар толор пайдо шудани собиқ ноибашро чун нишонаи бад дарёфта, ба истиқболаш ними дунбаҳояшонро низ наҷунбонданд.

Рӯзи аввал чунин буд, аммо баъд, вакилон ба ҳузури ҷонишини наврӯзада одат карданд. Одаташон сиёсатзода буд. Зеро онон хуб медонистанд, ки агар дар пушти ин гумном такягоҳи абарқудрате набошад, на танҳо дар анҷумани

таърихӣ, балки аз дари ҳаммом ворид шуданаш имкон надорад.

Минбаъд дар суханрониҳои фозилонаву ҷасуронааш ҳикмате дарёфта, ба ӯ эҳтиром қоил шуданд. Дигар касе ӯро дашном намедод, аммо барои ба ӯ меҳр варзидану ошиқ шудан ҳанӯз на вақт доштанд, на имкон, на ишқи иловагӣ. Омма ҳанӯз якеро дӯст медошту мепарастид, – малики маликонро.

* * *

Аз рӯйи сиёҳи сиёсат пардаи касиф ҳавои афтодан дошт. Дастгоҳ барои созмон додани маъракаи оши худоии дастпарвари ба фанораси-даи худ омодагӣ мегирифт. Барраи қурбонӣ омода буд. Ин қурбонии лоли беминнат мардуми аз оламу одам бехабар буд, ки бори ҳазор аз дунболи орзуҳои хокӣ ва имони афлокӣ кӯркӯрона рафта, худро ба варта меафканд.

Анҷумани чанде пеш бо назму низом низ рафта – рафта ба се қисм тақсим шуд: ошиқони бовафои малик, ҷонибдорони манфиатхоҳи муовини салтанатталаб ва нозирону тамошобиноне, ки ба муқобили маҷро бел заданро камоли бехирадӣ мепиндоштанд.

Мардуми чанде пеш хушбахту хандон нияти ҷомаи ҷашнро бо қабои сангар иваз кардан дошт.

*Шаб фасли тирагии зулмат аст.*

**49**

Дили сунъӣ, гурдаи сунъӣ, ҷигари сунъӣ, хуни сунъӣ, шарёни сунъӣ, ҳама нигаҳдори ҷисми фарсудаву ба фано расида, ҳама зиндадори зиндагии бемаъниву бемантиқи оне буд, ки аз раҳи макру риё, аз рӯйи ҷасадҳои хунолуди қурбониёни сиёсат гузаштаву ба тахти чӯбине соҳиб гашта буд. Мирандаҳоро ҳангоми ба лаб расидани ҷон чӣ хаёлест, маълум нест, зеро ҳич рафтае аз он дунё барнагаштааст то аз азоби алими ҷонканӣ, ки дар ҳама афсонаҳову ривоятҳо якранг даҳшатнок аст, қисса бикунад. Аммо ҷонканро ҳангоми супурдани амонат ба ҳақдор қатрае об бояд ба лабаш чаконд, шояд ба он хотир, ки худи ҳаёт аз об пайдо шуда, оқибат дар қатраи обе ба фано хоҳад расид.

Малики мамлакати нестандарҷаҳон низ ҳангоми ҷонканӣ яқин об мехост. Лабҳои тунукшудаи хушку парсинбастааш гувоҳи ҳол буд. Ҷони ба лаб расида дар нӯги бинияш ист карда, гӯё ҷисми фарсудаву бекораи соҳибашро ҳангоми рафтанаш тамошо мекард. Аз ҷони равонаи малик ба ҷуз соҳиби аз забон монда, ки ҳама чиро мешуниду мефаҳмид, касе умед надошт.

Бемори дунёдӯстдор таноби ба кандан моили умрашро даҳпанҷа дошта, рафтани худро мушкил, истоданашро боз ҳам мушкилтар мекард.

Табибон вазифаи худро хуб дарк мекарданд. Онон бо хунсардии ҳарбиёна ҳаёту мамоти мулкдорро ба асбобҳои оҳанини қарни пештоз ҳавола карда, аз ракси мавзуни акрабакҳои зиндагинамо чашм намеканданд. Ин ҷо танҳо вақт ҳокими мутлақ буд, вақте ки шитобаш сафари пасмагарди беморро метезонд.

Миллати ғамзадаи бесарусомон аз дунё равшан чашм канда, ба ойинаи симо – аниқтар ба даҳони табибон, ки якдигарро иваз карда, аз вазъи саломатии олампаноҳ ҳамвора гузориш медоданд, менигаристанд. Рӯшоднамоии дурӯғини ҳоли малики бемор аз ҷониби табибони салтанатӣ барои ҷилави эҳсоси мардумро дар ихтиёр доштан ва дар зарурат таранг кашидан тарҳрезӣ шуда буд. Табибони гумному ношиносро аз пой афтодани соҳибҷашни олимақом якбора ба ситораҳои садову симо, балки ба шахсиятҳои маъруфи ҷаҳонӣ мубаддал сохт.

Ин хушбахтони аз бадахтии дигаре соҳибномгашта имкон медоштанд, чандин солу моҳ олиҷаноби бечораро дар дами сакароти мавт нигоҳ дошта, соатҳо аз ҳолати ҳолаш мутафаккиронаву файласуфона қиссаҳои дурӯғин мебофтанд.

Бо вуҷуди ҳама дурӯғҳои бефурӯғи тарҳрезишуда тӯда хоҳони донистани ҳақиқати ҳол сӯйи беморхона раҳ мекашид. Гирду атрофи беморхонаи салтанатӣ ба қалъаи касногузар табдил меёфт Халқи аз минбар сарозер афтодани са-

ру сарвари худро бо чашми худ дида, медонист, ки зинда минбарро чапа намекунад ва чапасар намеафтад, аммо ҳамоно андешаҳои сиёҳи худро дур афканда ба нур рӯй мегардонд, зеро касе бовар кардан намехост, ки малик низ мисли ҳама мирандаву фаношаванда аст.

Барои пурсидани ҳоли азизи дили худ рӯйканону мӯйканон, гирёну нолон ҷониби беморхонаи салтанатӣ медавиданд. Суръати эшон дар рӯбарӯи садди касмагузари сангин суст мешуд. Борҳо бо неруи таҳрикомези нафрат кӯшиши фатҳ кардани ин садди оҳанинро карданд, аммо зарбаи тозиёнаи низом аз ишқи авом сахттар буд. Ин садди сикандариро, ки аз азизи дилашон ҷудо мекард аз бунёд баркандан мехостанд.

Паси девори баланди дармонгоҳ, ҷудо аз малики худ халқ кӯдаки ятиму бесоҳиберо мемонд, ки ногоҳ волидайнашро гум карда, ба бозичаи дасти тақдир табдил ёфтааст.

Миллат зинҳор ба марги ҳаёту мамоти худ – малик бовар намекард. Пеш аз марги оличаноб ба дарёфти ошиқонаш бояд замину замон меларзид, рӯдхонаҳо маҷрои худро дигар мекарданд, кӯҳҳо меафтоданд, замину осмон ба ҳам мечаспид. Чун аз нишонаҳои фоҷиаовар ҳич кадом рух надода буд, касе ба марги қарибулвуқӯъи соҳиби мулк бовар намекард.

Аммо ҳар чизро аввалу охирест, боввариву эътиқодро низ. Якранг якдигарро иваз кардани

рӯзу шабҳо ва назди муштоқони худ зуҳур накардани мулкдор мардумро гумонбар сохт. Ҳарчанд касе ба сояи танаш аз шубҳаи худ арзи муддао намекард, аммо дар хоки гумон донаи шак ноаён неш мезад.

Ҳарчанд навори сарнагун шудани маликро на танҳо бори дигар нишон надоданд, балки ба намоиш гузоштани онро қатъиян манъ карданд. аммо ин манзараи мутаассиркунанда ҳар рӯз борҳо аз дидаи хаёли миллати ошиқ мегузашт ва рӯзи сафедро дар назарҳо ба шаби тор табдил медод.

Аҳли оламро низ ҳолати асрорангези мулки аҷоибулғароиб ба сари андеша мекашид, ки бесабаб набуд. Ин сарзамин, ки аз чаҳор як қисми сайёраро ташкил медод ва барҳам задани назми зиндагӣ дар ин марз, барои се қисми дигар табиист, ки бехатар набуд.

Касе асли бемории соҳибҷашнро намедонист, аммо мехостанд, азизтарин узви бадани худро ба ӯ бубахшанд, зеро бидуни ӯ ба ҳич будани худ шубҳае надоштанд. Ин буд, ки аз баҳри бачаву хонаву хону мон гузашта, бо ӯ пайвастан мехостанд.

Занони мулк зеботарин ва ҳассостарин узви худ– дили худро пешкаш мекарданд. Мардон вафои худро дар ато кардани гурдаву ҷигар ва дигар аъзои маҳрам ба намоиш гузоштан мехостанд. Ҷавонону наврасон гавҳараки чашми худро ба шавҳари беникоҳи модарони худ мебахши-

данд.

Миллати сари калобаашро гум карда, чӣ кор карданашро намедонист. Чорводорону орупарварон, кадуву нахӯдкорон ҳама дар барқияву мурочиатномаҳои худ ба унвони анчумани таърихӣ бо чашму гурдаву дилу чигари худ, меҳру вафо ва сидку сафои худро низ ба тарозуи ҳаёту мамот мегузоштанд.

Аҳли адабу фаҳанги дарборӣ, донандагони набзи чамъият, ки аз малики ба фано расида ҳама унвону нишону чоизаро дар баҳои ҳунари беҳунарии худ муфту маччонӣ рабуда буданд, алъон низ ангушт бар набзи ҳолат гузошта, барои истиқболи оне, ки бояд фардо аз роҳи хунину касифи сиёсат ба тахту точ мерасид, пешакӣ пойандози қирмизии хушомаду тамаъро фарох мегустурданд.

Гурӯҳ-гурӯҳ машварат ороста, мизони гумону тахминро барои баркашидани вазъ омода сохта, аз хидмати ситорашиносону пешгӯёну фолбинон истифода мекарданд.

Пеш аз дигарон донистан мехостанд, ки агар ин чуволи холӣ вопасин дами худро пуф карда, оламро падруд бигӯяд, кист он шаҳсавору талабгори тахту точ, ки мадҳияву илму амали худро аввалин шуда нисораш бикунанд. Ин буд, ки аҳли илму адабу фарҳанг чилде, ки андарунаш мурочиатномае бо чанд маъниву мазмун эчод карда буданд, таҳи каш дар сафи пеш меистоданд.

Рӯди мардумӣ ба сел табдил меёфт, сел ҳавои тӯфонӣ дошт. Гирдиҳамомадагон бетоқатона меҷунбиданд, меҷӯшиданд, якдигаро тела додаву зер карда, роҳи гузар меҷустанд ва ба сару сина муштзанону рӯю мӯйканон аз деворҳои боҳашамат чашм намеканданд. Деворҳо сарду хомӯш буданду омма оташину тарканда.

Касе набуд, ки яке аз ин тирезаҳои бешуморро ба рӯйи мардум боз бикунад ва баландово бигӯяд:

– Ҳой мардуми сода! Шумое, ки дар тӯли салтанатдории ин пайкараи сангин як нонатон асло дуто нашуд, чаро пеш аз ӯ аз пой афтодаед?! Чаро барои ҷасаде, ки кайҳо гӯр барояш даҳон во карда механдад, ин қадар нолаву шеван мекунед? Барои кадом қурбонӣ мегирйед? Барои худ? Меарзад барои худ бигирйед! Нола кунед худро! Зеро ҳич кас дар ҳич давру замон барои шумо, барраҳои қурбонии сиёсату сиёсатмадорон нагириставу нахоҳад гирист! Ин меравад, дигар меояд. Дигаре, ки пуштаи гӯри шумову фарзандонатонро сумзанон ба тахти салтанат менишинад.

Эй бечораҳои худо, барои ин ҷасади мушкилмур на, барои худ бояд гирист, эй мардуми сода, зеро шумо қурбониёни аввалину охирин нестед...

Асбобҳои сунъӣ мунтазам мусиқии даҳшатноки ҳастии сунъиро навохта, бо овои сарду пармагар гӯё самти роҳи бебозгаштеро ба бемор ёдрас мекарданд.

Нафасҳои вопасини дунёдор дар гулӯяш гиреҳшӯр андохта, дар найчаҳои димоғаш дармемонд. Ӯ ташна буд, ташнаи зор. Ҳар ҳуҷайраи бадани фарбеҳаш об мехост, об меҷуст, об металабид.

– Об! Об! Аз барои худо, як қатра об! Эй мардум, ним қарн бори қисмати шуморо кашидам, наход як пиёла обро сазовор набошам?!

Оташи ташнагӣ ҷонашро месӯхт. Як хона пур аз одам буд, аммо касе набуд, ки лабони хушкашро бо қатраобе намӣ бахшад. Бо гиряи беовоз об металабид, аммо касе ба додаш намерасид. Малик бо даҳшат дарк кард, ки намурда фаромӯшаш кардаанд. Кайҳо ӯро ба он дунё гусел карда, нафасҳои дар ин дунё фаромӯш кардаашро шумурдан намехоҳанд.

Ӯ ҳанӯз ҳукмфармои як кишвари бузург буд ва нисбат ба худ чунин бераҳмиро намебахшид. Чунин беадолатии маҳзи миллат неруи зинда монданро дар дили беҳоли бемори нимҷон таҳрик медод. Қудрати нафрат беморро қуввати ҷунбидану сар бардоштан ва симҳои бешуморро пора карда аз ҷой хестан ваъда мекард. Бо нафасҳои вопасини худ муборизаи нобаробарро байни маргу зиндагӣ оғоз кард.

Ҳанӯз силоҳи корагари таъсири нигоҳашро дар ихтиёр дошт. Барои нимроғ кардани мижгони ба ҳам часпидааш хеле заҳмат ба харҷ дода, зӯр зада, оқибат шириши мижаҳояшро канд.

Кулли нафраташро, ки дар вуҷудаш фаровон

буд, дар неруии манфии дидагонаш ҷой дода, ба набард омода сохт.

Аз роғи мижаҳояш пеши дидагонаш рӯшаноии сафеде хат кашид. Тори сар қандили бузургеро дид, ки бо садҳо ситораи булӯрин ба рӯяш менигарист. Бемор ҳамоно ин ситораҳои дурахшонро ҳадаф қарор дода, қувваи манфии нигоҳашро бар он равон кард. Ногоҳ чанд шилшилаи булӯрин якбора сахт таркид. Табибони аз асли воқеа бехабар таркиши саққоҳои булӯринро ба корношоям гардидани асбобҳои бадани бемор нисбат дода, мисли мурғи пойсӯхта гирди кати бемор давутоз оғоз карданд.

Лазари ҷазодиҳандаи дидагони нимроғи малики миранда бар алайҳи дастёрони бевафояш низ ба кор даромад. Азбаски ҳаракат кардану ба атроф нигаристанаш аз имкон берун буд, ҳар чӣ дар масоҳати таъсири нигоҳаш буд, воситаи интиқом қарор мегирифт.

Устоҳое, ки барои таъмир кардани чароғи таркида расида буданд, ҳамоно ҳадафи нигоҳи бемор қарор гирифтанд. Яке фаврӣ аз зинапоя сарнагун шуд. Дигаре ҷисми ҳамкорашро зер карда, сӯи ҳоҷатхона давид. Севумин аъзои баданашро хорида, хуншор кард.

Неруи нигоҳи бемор, ки аз табиати баду аъмоли бад ва кирдору рафтори касифаш маншаъ дошт, ҷон мегирифт, то ҷон бисситонад.

Ӯ чанде бо неруи манфии худ танҳо монд. Ин ҷини аз шишаи бадани касифи ӯ раҳоёфта, дигар

ором будан наметавонист. Ин буд, ки ба ҷустуҷӯи қурбонии тоза шитофт ва касеро пайдо накарда, ба ҷисми худи соҳиби мирандааш часпида, ҳамоно ҷисми миранда, асбобҳои сунъӣ ва кати оҳанинро такон дода, ба ларза овард. Соҳиби нигоҳи сӯхторэҷодкунанда чашм пӯшиду ҳамоно қувваи бадӣ ба дарунаш фурӯ рафт.

Устоҳо оқибат ба фурӯзон кардани қандил муваффақ шуданд. Рӯшноӣ хонаро фаро гирифт. Ин нури чашмсӯҳонкунанда ба бемор, ки дар дами ғори сиёҳи ин сару он сар қарор дошт, нафорид. Чароғи афрӯхта боиси дигарбора аз ниҳоди бемор фирор кардани неруи аҳриманӣ гардид. Таркиши нав сахттару гӯшкаркунанда буд. Аз нав қандилро таъмир карданд, боз таркид. Вақте ки чароғро аз тори сари бемор дур карданд, таркиш басанда шуд. Неруи манфӣ дигар онро ба нишон гирифта наметавонист.

Сарфармондеҳи фаромӯшшудаи қувваҳои мусаллаҳи мамлакат ҳанӯз бар алайҳи дастнигарони сангдил на ҳама қудрати силоҳи ҷазодиҳандаи худро корбаст карда буд.

Баъди аз сараш дур кардани қандили бузург бемор бекор монд. Пеши дидааш чизе наменамуд ва ин холигӣ метавонист воситаи интиқомситонияшро ба сифр бирасонад.

Табибон аз ин хонаи сеҳрноку бемори ҷодугар дуртар будан мехостанд. Мисли пештара ба хонаи бемор озодона даробаро намекарданд. Дар зарурат нӯг – нӯги по ба ҳуҷра даромада, кори

асбобҳои маснӯъиро медиданд ва сардарду шикампеч шитобон ҳуҷраро тарк мекарданд.

Соҳиби ҷозибаи нигоҳ аз байни ин табибони бемеҳри шӯҳратхоҳ якеро, ки дар меҳру самимият аз дигарон фарқ дошт, пазируфт. Ҳис кард, ки бо пайдо шудани духтари нозанин ҳамоно нафасгирияш ҳамвор, дардаш камтар, худ орому сокит мешавад. Духтар низ бо ҳайрат пай бурд, ки вақти ба ҳуҷра ворид шудан бидуни ихтиёр ба сӯйи ҷисми нимҷони малик медавад ва гӯё ӯро бо банд баста бошанд, аз назди кати бемор дур рафтан наметавонад.

Ин нозуки дардрабо сӯзандору мезад, фишори хуну набзи беморро месанҷид, ошиқона дасту пойи карахташро масҳ менамуд.

Ин амали содиқонаи духтар – духтур касеро ҳайрон намекард, зеро ӯ ва ҳамтоёнашро аз байни ҳазорон ҳамтоёнашон санҷидаву пазируфтаву аз дигар омӯзонда, махсус барои чунин хидматгорӣ ба кор қабул мекарданд. Табибони табобатхонаи салтанатӣ, ҳам бо илму амал, ҳам бо ҳусну назокат ва тарзи рафтору гуфтори зебо аз дигарон фарқ доштанд, хоса хидматгорони малики маликон.

Аммо бемори олиқадрро чунон намуд, ки ин амали хайрро духтури зебо, на аз рӯйи масъулият, балки ошиқона ба ӯ раво мебинад. Малики дар дами марг қарор гирифта, ба духтар – духтури нозанин, ба дармонбахши содиқи худ ошиқ шуд ва ин ишқ ӯро ба зиндагӣ ташнатар кард.

Табибон ҷасади нимҷони ташнаи зорро, ки бо ҳисси чандуми худ ҳама чизро медиду мешунид, зуд – зуд ба ихтиёри асбобҳои оҳанин ва духтар – духтур гузошта, ба конфронси матбуотӣ мерафтанд.

***Сафедро ба сиёҳ метавон табдил дод, аммо сиёҳро ба сафед, зинҳор!***

50

Табиби нозукадо кори мӯътадили мошинаҳои ҳолатсанҷро санҷида, маҷрои доруи ба тани бемор равонаро аз назар мегузаронд.

Духтар-духтур ҳангоми роҳ рафтан гӯӣ мерақсид. Ин рақси нозро мутахассиси соҳаи зебошиносӣ дар дами марг низ дида тавонист.

Дар ҳуҷра пайдо шудани ӯ дарди беморро кам мекард. Малики танҳо алъон ба ин дармонбонуи меҳрубону дилхон беш аз кулли доруву дармон ниёз дошт.

Духтар –духтур аз субҳ хеле пуркор менамуд. Шитобон ба ҳуҷраи бемор даромада, сӯзандору мезад, кори асбобҳоро месанҷид ва ҳамчунон саросема бадар мерафт. Бемор рафтанашро намехост. Барои дар канораш нигоҳ доштани ӯ неруи чашмонашро ба кор мекандохт, аммо ҳадафаш дар як ҷо ист карднаро дӯст намедошт, шитоб мекард, балки медавид.

Бемори олиқадр ҳузури ҷонбахши парии исонафасро пазмон арзи муддао кард:

– Об! Об!

Овои ташнагияшро ҷуз хоҳиши сӯзандааш касе нашунид. Духтар –духтури дилхон низ, бо даъвати ташнагияш оби рӯяшро набахшид. Ягона ҳамнафасу дилхоҳаш низ ба малики мамлакат, ки ҳанӯз намурда дар ғори бераҳмӣ гӯраш карда бу-

данд, бемеҳрӣ зоҳир намуд:

– Аз ташнагӣ мемирам! Об! Об!

Зорияш беҷавоб монд:

– Касе ҳаст, ё ҳама мурдаанд? – бо нигоҳи чашмони нимрогаш фиғони суол кард мулкдори фаромӯшшуда. Эй мардум, маро бо сидқу вафои дурӯғини худ куштед, куштеду гӯр кардани ҷасадамро фаромӯш кардед! Маро бо марг танҳо гузоштед! Ман мурдан намехоҳам!

– Ҳич кас мурдан намехоҳад! – шунид овози маликаро аз наздик.

– Рав, рав, ба ту ҷавоб! – бо нолише ҷавоби занро дод бемор. – Куҷоӣ, маликаи ман! Маро напарто! О, куҷойӣ???

Дармонбахши зебо аз дери дер оқибат рух намуда, ҷоми булӯрин дар даст болои бемор хам шуд. Накҳати атри бадани ҷавонаш ба ҷисми сардгаштаи маризи фартут гармии хунуке ато намуд. Лабҳои хушки бемор овои зиндагӣ боло карданд, ношунаво, аммо хоно:

– Куҷо будӣ? Дер кардӣ? Маро напарто, маликаи ман!

Духтар ӯро шунид. Рухсораҳои шодобашро ба рӯйи чун тарошаи хушки бемор часпонда, ӯро бӯсаборон кард:

– Танҳо ту маро аз марг наҷот дода метавонӣ, маликаи ман!

Духтури ҷавон бо атои неруву меҳри хеш сеҳр мекард. Зиндагӣ ба тадриҷ ба бадани бемор бармегашт.

Табиби ноз зери таъсири нигоҳи чашмони нимроғи миранда мислиа сбоби механикӣ амал мекард. Вақте ки ба бемори ташнаи зор наздик мешуд, ташнагияш мешикаст, ҳар гоҳ нирубахши нозанин аз ӯ дур мегашт, ташнагии ҷонкоҳ аз худ дарак медод. Ва фавран бо қудрати нигоҳ ӯро ба тарафи худ дав медод. Чун духтарак ба кати бемор наздик мешуд, бар тани нимҷонаш гармии гуворову ҷонбахше медамид. Бемор ба худ меомад ва ҳис мекард, ки маргу зиндагияш дар дасти ҳамин духтар-духтур аст, агар ӯро тарк бикунад, мемирад. Духтар – духтур низ гӯё дафтари хаёли ӯро бехато мехонд, ки ба амри хоҳишаш ҷавоб мегуфт. Духтараки шабеҳи садбарги тар сабзу хушрӯ дере нагузашта, ба себи дар шиннӣ зада монанд шуд, пажмурда, беранг.

Боре духтар – духтур аз пайи ҳоҷате берун рафта, дер кард ва аз нав ҳадафи тири ҷазо қарор гирифт. Ҳангоми аз наздаш гузаштани табиби бевафо лазар нигоҳашро рост ба дунбачаи дамидаи ӯ равона кард. Лазар чунон неш зад, ки фиғони духтар баромад ва мисли себи хубонӣ сурх шудаву маънии фиғонашро шарҳ дода натавониста, рӯйрост дунбачаашро молидаву нолида, хонаро тарк кард, аммо нафасе нагузашта, гӯё ӯро бо химчаи тар ба хона ронда бошанд, аз нав дарро кушода рост сӯйи бемори симпеч дав гирифт.

Қувваи кашиш дамодам шиддат гирифта, ниҳоли қомати духтарро сӯи кат хам мекард. Ҳар

гоҳ болои бемор хам мешуд, хурӯши дили сунъӣ ба шифт бар мехӯрд. Ҳар гоҳ лабони гулбарги духтарак ба лабони чун пӯстлох хушки бемор мечаспиданд, ҳаракат оғоз кардани баъзе аъзои ногуфтанияш аз назар пинҳон намемонд. Ӯ батадриҷ зинда мешуд.

Дар асл бемор бо чашмони нимроғ он чиро медид, ки дигарон бо дидаи боз дида наметавонистанд, ҳаракати ҳар узви бадани зиндагиофари духтур – духтарро. Ин буд, ки ҳангоми сари бемор хам шудани духтури нозанин маризи аз забон монда, ба ҷӯяи пистонҳои дамидааш нигоҳи ҷодугарашро равона карда, ӯро чунон бӯсид, ки гӯё мораш газида бошад, фиғонаш баромад.

Духтур – духтар бидуни ихтиёр бо оринҷу панҷаву бозу пистонҳои дамидаашро хорид, аммо шулуки нафси нигоҳи мурда – зинда ӯро сар надод. Аз назди бемор рафтанӣ шуд, аммо натавонист. Чашмони нимроғи бемор бо ӯ гуфтугӯ оғоз кард:

– Маро бибӯс, нозанин, бибӯс! Бӯсаат маро зинда мекунад. Ин мардум марги маро мехоҳанд, ту маро зинадагӣ бубахш! Ту маликаи ман, маликаи мамлакат хоҳӣ шуд!

Алифбои Морзеи лабони мирандаро духтар – духтур бехато хонд. Ин буд, ки ҳамчун соҳибдараки воқеӣ, балки чун маликаи ояндаи мамлакат сарви қоматашро ба рӯйи ҷасад хам намуда, беморро ба оғӯш кашид ва лабони ғунчаворашро ба лабони хушку сарди ӯ часпон-

да, дар чунин ҳолат гӯё шах шуд. Духтар аз зери нигоҳи махмур ба ҳамтоёни худ, ки аз нишасти матбуотӣ баргашта, ҳайрону музтар ба мантиқи ин манзараи аҷоибулғароиб расидан мехостанд, нигариста бо нимово гуфт:

– Халал нарасонед, раванда бар мегардад!

Ҳамкорон духтурро аз ҷисми бемор канданӣ шуданд, аммо натавонистанд. Ӯ бо имову ишора ҳамкоронашро аз наздаш ронд, аммо эшон аз ҷой такон нахӯрданд. Оташин шуда, ҳамкорони бефаҳмашро ба шарму ҳаё кашид:

– Ман маликро зинда мекунам, шумо ӯро куштан мехоҳед!

* * *

Дар рӯзҳои бо аҷал даст ба гиребон доштани малик яке аз рақибони қадимаи ӯ, ки якумр марги ӯро мехост, дар сари дастархон табассум дар лаб ҷон дод. Пеш аз рақиби худ ба он дунё рахти сафар бастанаш бемантиқ набуд. Оне, ки дар ин дунё ҷои сазовору қонунияшро аз хато ба рақиби худ дод, ҷойи аввали охираташро зинҳор аз даст додан намехост. Ним қарн пеш ӯ тазоҳурот карда хун рехт, аммо бо макру риё малики кунунӣ ба тахт нишаст. Зиндагӣ бидуни рақиби зӯровар барояш дигар мантиқу маънӣ надошт.

Мардуми ба марги ошиқон кайҳо одат карда, реҳлати рақиби маликро ниҳоят ба дил наздик қабул кард. Касе ба обу нони муфт даст намебурд. Иштиҳои миллат гирифта буд. Аҷали му-

лоимхунук рӯйрост дарбонии мулкро иддао мекард.

Ҷойи оҳанги суру шодиро дар толор – мамлакат низ ноаён мусиқии ҳузновар пахш мекард. Ровиён низ гӯё байни худ маслиҳат карда бошанд, пайи ҳам ашъори ҳасрату ғуссадорро қироат мекарданд. Номаву барқияҳо низ дигар мутантану шиордор набуданд. Нофи мардум аз ғами сангин мерафт, омма аз гиряи дарунакӣ беҳолу бемадор мешуд.

Хабари худро дар гесувони дарозаш овехтани духтараки маликпарасте байни анҷуман ғулғула андохт. Овои нолаву шеван шунаво шуд. Мардҳо мегиристанду занон сари овозашонро мегирифтанд.

Маҳз дар чунин лаҳзаҳои ноумедӣ хабари сари ҳол омадану чашм кушодани олампаноҳ ба толор расид;

– Малик ба миллат паёми шодбошӣ мефиристонад!

Ин хушхабарро миллат бо қафкӯбии беохир, бо гиряву ханда истиқбол гирифт...

* * *

Офтоб пеш аз фурӯ рафтан ҳамеша тулӯъи рӯшане аз худ зоҳир намуда, ғуруб ранги арғавонӣ мегирад. Сари ҳол омадани малик, ки байни ҳучраи беморхона ва Пули Сирот қарор дошт, ба ҳамин монанд буд:

– Кучоӣ маликаи ман! – бо нимово садо кард

ишқи охирини худро малик, ки пайи ҳоҷате аз ҳуҷра берун рафта буд.

– Ман бо шумоям, азизи дилам! – ҳамоно шунид садои сарди маликаро аз он сӯйи дунё. Малика танҳо набуд. Дар паҳлӯяш писари лоғару рангкандаш меистод.

– Рафтем! –сӯйи малик дастони шохвор хушку сиёҳашро дароз кард малика.

– Намеравам!

– Рафтану нарафтан дар ихтиёри мо нест, рафтем!

– Рав, рав аз ин ҷо! Бо бачаат рав! Ман намеравам! –бо нолиши дарунакие ронд соҳибдараки худро бо бачааш.

Маликаву писараш нопадид шуданд. Ногоҳ сахт гурусна монд. Чунонаш намуд, ки дар тамоми зиндагияш як бор серӣ таъом нахӯрдааст. Дар дами сакароти мавт, ҳамчун тӯшаи охират аз ин дунёи диданиву дӯстдоштаниву хӯрданӣ кабоби баррагӣ хост, кабоби баррагии сиркозада.

Хаёли кабоби сиркозадаи барраи серӯза даҳони хушкашро хушктар кард.

– Об! Нон! Кабоби барраи сиркозада!

Чунин буд охирин хоҳиши мулкдор аз уммати худ.

Малики мамлакат гушнаву ташна ҷон меканду мурда наметавонист.

Батадриҷ неруи кашишдораш қатъ гардид. Чашмонаш худ аз худ пӯшида шуд. Мижаҳояш ба

ҳам часпиданд. Ҳама ӯро тарк карданд. Зиндаҳо бо ӯ дигар сарукор надоштанд. Шабаҳи малика аз дигар дар рӯбарӯяш пайдо шуда, ҳокими мутлақи ҳуҷраи бемор шуд. Зан ангуштони мисли сим сахту сардашро ба ҷисми хамирвори шавҳараш халонида, боистеҳзо табассум мекард ва аз азоби ӯ лаззат мебурд. Фиғони беовояш дар дарунаш таркид. Ӯро дигар қуввати муқобилият ба хастагӣ намонд. Мижаҳояш ба ҳам ширеш шуданд.

Дар садои даҳшатноке баровarda, боз шуд ва саф – саф пайкараҳову нимпайкараҳои хурду бузурги сангину мисину фӯлодинаш якдигарро тела дода, ба хона ворид шуда, гирди беморро печониданд. Пайкараи боҳашамати осмонбӯсе шабаҳи маликаро бераҳмона зер карда, тори сари малики миранда рост шуд. Худро, – пайкараи оҳанинро, ки ҳамеша зери қадамҳои оҳанинаш пур аз гулҳои тару тоза буд, шинохт. Ин пайкараи муҳташами дар майдони марказии мамлакат қад афрохта, дар тӯли ним аср бо дасти ба пеш ёзондааш мардумро аз ҳич то ба ҳич кучо мехонд.

Пайкара ду дасти оҳанинашро ба китфони урёну бузмӯи бемор гузошта, ӯро ба тахтаи кат пахш кард. Дамодам сафи пайкараҳои хурду калон меафзуд. Пайкараҳо ҷониби ҷасади нимҷони соҳиби худ ҳаракат мекарданд.

Парандагони аксҳои хурду бузурги малик низ чун барги хазонрез беназму парешон ба ҳуҷра

даромада, дару девор, шифту фаршро фаро гирифтанд ва чун ширеш ба бадану сару рӯи соҳиби мирандаи худ часпиданд.

Ҳамин дам пайкараи асосӣ ҷисми асли худро чунон ба кат зер кард, ки ҷабрдида садои шикастани устухонҳои худро шунид. Пайкараи азим амр кард;

– Ман ҷон мехоҳам! Ҷонатро ба ман деҳ!

Дигар пайкараҳо низ бо як овоз хурӯш сар доданд;

– Мо ҳам ҷон мехоҳем! Мо ҷонатро мегирем!

Пайкараҳо болои ҷасади асли худ нишаставу устухонҳояшро шикаста, омодаи ситонидани ҷонаш шуданд. Ҷисмаш дар зери панҷаҳои пайкараи азимаш монд.

Фиғони устухонҳои шикастаашро барало шунид, аммо ҳанӯз аз зиндагк бӯи умеде дошт.

Шабаҳи маликаро ба кӯмак даъват кард. Шабаҳи мулкбону бошад, кайҳо патаки пойҳои азими яке аз пайкараҳояш гашта буд. Аз писари шоҳиди ҳоли харобаш ёрқ талабид. Ҷасади лоғари пайвандаш бошад, ба ҳоли зори падар менигаристу бафурҷа бинӣ мекофт.

Малик ҳамчун чӯҷаи зоғи зери кафшаш мондаву кафида, нафасгир даҳон воз мекарду ҷонсарак ҳавои тоза мехост.Ӯ чашмони косахонаро тарк кунундаашро ба шифт дӯхт. Ногоҳ дар шифти сафед аз кунҷое нуқтаи сиёҳе пайдо шуд. Нуқтаи сиёҳ ба тадриҷ ба баррачаи мушкине табдил ёфт, аъзои баданаш шикофи ғербол. Баррача чун тир

сурати рафидамонанди беморро нишон гирифт, худро аз шифт дангала кард. Сурати бемор мисли хамири турш шуда ба чор сӯй паҳн шуд. Чашмони косахонаро тарк кардааш сурати пешинро гирифт, Баррача мисли парранда ба пешонаи фарроху аз арақ тари малик нишаста ду дасташро монанди чопгар ба ду чашми бемори дар дами сакароти мавт қарор ёфта халонда гирифт. Ҳайвонаки зинда сиркозада гӯиё матни ҳукмномаи қатлро чоп мекарда бошад дар амали хеш хеле ҷиддқ ва боҳавсала буд. Чашмони дунёдор ба кафидан наздик расид. Найчаи нафасгирияш танг шуда нафас дар гулӯяш гиреҳ зад. Садои хир-хири бемор хонаро фаро гирифт. Иморат аз табибон пур шуд. Духтар-духтур дар сафи пеши ҳама меистод.

Накҳати бадани духтар-духтур беморро ҷонсарак кард. Пайкараи азим ҳанӯз болои тахтаи синааш нишаста, бераҳмона ӯро зер мекарду ҷон металабид.

Пайкараҳои хурду бузургаш, аксҳои гуногунаш ҳар кадом бар чашму биниву гулӯяш чанг зада, ҷон мехостанд.

Ногоҳ садои мутантани даф ба гӯш раксид. Пайкараҳои хурду бузург як тараф истоданд ва барои оне роҳ кушоданд, ки беш аз ҳама ҳаққи ҷонталабӣ дошт.

Дар остона духтараки деҳотии пойтосар хуншор пайдо шуд. Парии хунолӯд чанде пайкараҳои хурду бузургро бо нигоҳи озмоиш аз

назар гузаронда, сипас бафурҷа сӯйи ҷасади малик равон гашт. Ӯ дар даст халтаи сангине дошт, ки бораш қомати мавзунашро хам мекард.

Баробари ба кат наздик расидани духтарак даҳони бемор худ аз худ кушода шуд. Чашми пайкараҳо косахонаҳои сангиву оҳании худро тарк карданд. Духтарак даҳони халтаро боз карда, як каф хокро аз байни панҷаҳояш бафурҷа ба даҳони кушодаи малик рехта аз дигар кафашро аз хок пур кард. Халта аз хок холӣ шуд, аммо даҳони вози дунёдор ҳанӯз хок металабид.

Духтарак саросар ноқилҳои зиндагибахшро аз тани бемор канда партофт ва шарворашро поён карда, болои даҳони кушодаи малик нишаст.

Малик нафасгир шуд, нафас андарунаш печид, овози хиррияш ба шифт расид. Дунёдори дунёносер дар зери дунбаи пайванди ношинохтаву таҳқиршудааш монанди тӯб дам карда кафид. Ҳарчи аз дунёву нозу неъматаш дар халтаи таҳкашаш дошт, аз болову поён ихроҷ шуд. Малик аз худ як пӯшта ахлот гузошта рафт.

Бечора замин!..

***Гадоён шоҳ месозанд***
***то умре гадо бошанд.***

## 51

Гадои пири жулидамӯи фарсудалибосе, ки арвоҳи ҳазорсоларо мемонд, пойҳои сихвор борику урёнашро дудаста оғӯш карда, дар пояи пайкараи сангиву осмонбӯси малик ба мотам нишаста буд.

Аксҳои малики хандону ҷавону бемаргро чун охирин мероси ду дунё рӯбарӯяш гузошта,менигаристу мушт бар сар мезаду мегирист.

Гадои бенаво шояд бори аввалу охир кафи холияшро ба осмонҳо боло нанамуда, даҳони каҷкули тамаъашро бо умеди сахои андаки хокиён накушода, бо фоҷиаи худ бечораву ҳайрон монда буд.

Фоҷиаи гадо сода набуд. Ҳанӯз бадани малик сард нашуда, дасту пойи гадо хунук шуд.

Шоҳи ӯро ба мартабаи гадоӣ расонида, дигар вуҷуд надошт. Оне, ки бо шаҳомату салтанати худ шаборӯз гадо буданашро хотиррасонаш мекард, ба ӯ баробар шуда буд. Бе шоҳ гадо дигар дар олам кореву дилгармие надошт.

Гадо фоҷиаи ба фано расидани худро талху зор менолид, барои мартабаи аз даст рафтаи худ – гадоӣ нолаву афғон дошт.

Гадо пеш аз ҳама дарк кард, ки марги шоҳ

марги гадо низ ҳаст, зеро бидуни шоҳ мавҷудияти гадо маънӣ надорад. Фиғони гадо ба авҷ мерасид, хуну мағзаш оташ мегирифт, месӯхт.

Саркӯбиву рӯвумӯйканиҳои гадои бо шоҳи худ ба фано расида, шабушку ришку мағзлесакҳо, ин ҷондоракҳои хунмаку мисли худаш пиру зиштро аз макони меросияшон, сару риш ва ҷилди ҷиғелҳои обнарасидаву собуннадидаи гадо сарозеру беҷову сарсон кард. Ҷонваракҳо ғелида ба гиребону синаи соҳиби худ меафтоданд ва даҳпанҷа охирин воситаи будани худро медоштанд.

Ҷондорони часпак зинҳор хаскапаи пахолмонанди ришу мӯй ва ҷангали анбӯҳи ҷандапораҳои гадоро тарк карданӣ набуданд, зеро бидуни ин ҷилду ҷиғелу ҷанда, бидуни ифлосиву ношустагии ин тани афсурда онон низ вуҷуд надоштанд. Ин ҷондоракҳои касифи хунхор низ аз ҷудоии ногузир бо ҷоҳу ҷалоли муқимии худ чун соҳибашон ба фано мерасиданд.

Гадо даст бар сар мезад, мегирист, фиғон мекард. Нолааш рафта – рафта ба уллос табдил ёфт, ба уллоси гурги пири гуруснаву захмин дар шаби торики зимистон.

Шоҳидони ҳолати ҳол, ба ин ғамзадаи муфлис, ки дар мотами худу зодгораш ҷомаи пораашро садпора мекард, ҳамдарду дилсӯз нигариста, оқибат сари овозашро гирифтанд.

Гадо, ин соҳибдараки бесоҳиби мулкдор, бидуни зодгори худ як дам хоҳиши нафас кашидану

зистан надошт. Бо нигоҳи берӯҳ олами дӯстдоштаниро маломаткунон бо мадори сутуни пойҳои пайкараи шоҳаншоҳи ӯро ба гадоӣ расонда, аз хок боло гашт.

Як мушт хунхӯракони шилқин аз мӯву ришу гиребону доманаш ба рӯйи хок рехт. Гадо даҳ панҷаи хушку чиркинашро ба сӯйи осмонҳо шиғ намуда, ниёиш оғоз кард:

– Худоё, хонаамро сӯхтӣ, бехонумонам намудӣ, луқмаамро ба даҳонам хок кардӣ, ҷони аманататро ҳам бигир, ки дигар зиндагӣ кардан намехоҳам!

Мардумро дастбагиребон шудани гадо бо худой ва аз офаридгор даъво кардани чизи надошта ҳайрон кард:

– Оё гадо хонумон дорад?

– Магар манзили гадо таги осмону хонумонаш кафи холияш нест?!

– Шоҳи ман ҳам хонам буд, ҳам хонумонам. Бо ба фано расидани шоҳам, мани гадо дигар на инро дорам, на онро! – посух дод бечораи худо даст ба осмон бардошта:

– Худоё, чаро шоҳ мурдаасту гадо зиндааст?

– Марг ба гадои бешоҳ!

– Худоё, ҷони амонататро зудтар бигир.Дигар зистан намехоҳам. Бешоҳам зиндагӣ бароям ҳаром аст!

Гадо сар ба пойи оҳанини пайкараи осмонбӯси

офаридгори хеш ниҳода, зери лаб, ношунаво, барои худ ниёишашро, ки яқин талаби марги фаврӣ буд, идома дод.

Худой ниёиши ошиқи содиқро ҷиддӣ гирифт, ки аслро аз пайи нусха ба олами фано рухсат бахшид.

Гадо бо панҷаҳои чиркини беҷон сутуни пойи пайкараи фӯлодии маликро сахт дошта, ҷон дод.

***Москва.***
***Душанбе.***
***1990-2008***

# МУНДАРИҶА

Боби якум ............................................... 3
Боби дуввум........................................... 10
Боби севум ............................................ 18
Боби чорум ............................................ 23
Боби панҷум .......................................... 31
Боби шашум .......................................... 39
Боби ҳафтум .......................................... 46
Боби ҳаштум.......................................... 53
Боби нуҳум ............................................ 62
Боби даҳум............................................. 68
Бобби ёздаҳум ....................................... 75
Боби дувоздаҳум .................................. 83
Боби сездаҳум........................................ 90
Боби чордаҳум....................................... 96
Боби понздаҳум.................................. 109
Боби шонздаҳум................................. 122
Боби ҳабдаҳум.................................... 134
Боби ҳаждаҳум ................................... 140
Боби нуздаҳум .................................... 152
Боби бистум........................................ 157
Боби бистуякум .................................. 167
Боби бистудуввум .............................. 179
Боби бистусевум................................. 187
Боби бистучорум................................ 197
Боби биступанҷум.............................. 204
Боби бистушашум.............................. 211
Боби бистуҳафтум.............................. 217

Боби бистуҳаштум ................................ 226
Боби бистунуҳум .................................. 234
Боби сивум ........................................... 241

Боби сивуякум...................................... 247
Боби сивудуввум .................................. 255
Боби сивусевум .................................... 268
Боби сивучорум .................................... 276
Боби сивупанҷум .................................. 281
Боби сивушашум .................................. 286
Боби сивуҳафтум .................................. 295
Боби сивуҳаштум .................................. 305
Боби сивунуҳум..................................... 311
Боби чилум............................................ 315
Боби чилуякум ...................................... 320
Боби чилудуввум .................................. 327
Боби чилусевум..................................... 334
Боби чилучорум..................................... 343
Боби чилупанҷум .................................. 348
Боби чилушашум .................................. 356
Боби чилуҳафтум .................................. 363
Боби чилуҳаштум .................................. 369
Боби чилунуҳум ................................... 377
Боби панҷоҳум ..................................... 385
Боби панҷоҳуякум ................................ 393

ГУЛРУХСОР

**САКАРОТ**
(Роман)

Муҳаррири ороиш ва саффҳабандӣ
Ромиш Шералӣ

Ба чоп 27.04.2009 супорида шуд. Адади нашр 1000.
Ҷузъи чопӣ 25. Андозаи 60 х 84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Супориши №29.

ЧДММ «Эр-граф».
734036, ш.Душанбе, к.Р.Набиев, 218.
тел.: (+992) 37-881-15-16.